# МАҲВ КАРДАНИ КРИПТОНИТ

БЕЗАРАР ГАРДОНИДАНИ ЧИЗЕ,
КИ ҚУВВАТИ МОРО МЕДУЗДАД

ҶОН
БИВЕР

Дӯсти азиз!

Ин китоб тӯҳфаест барои шумо, ва ман дуо мекунам, ки ин паёме, ки дар саҳифаҳои он навишта шудааст, ҳаёти шуморо пурра дигар гардонад!

Ман бовар дорам, ки мо дар замони охир зиндагӣ карда истодаем ва дар дунё криптонити рӯҳонӣ мавҷуд мебошад ва он ҳар рӯз кӯшиш мекунад, ки қуввати мо, масеҳиёнро, бидуздад.

Бисёр имондорон, вақте ки такрор ба такрор аз он чизҳое, ки онҳоро бандубаст мегардонад озод шудан мехоҳанд, ноумед ва хаста мегарданд. Ин аз Худо нест. Ӯ нақша дорад, ки мо дар ҳар соҳаҳои ҳаётамон бо ғалаба зиндагӣ кунем, ва зиёдтар аз он, Ӯ ба мо қувват мебахшад, то монеаҳое, ки садди роҳи мо шуда метавонанд, бартараф кунем.

Ман дар ин китоб ба шумо воқеаи зиндагии худамро, ки барои пешравӣ кардан ва фаҳмидани ҳақиқатҳои муҳими Китоби Муқаддас роҳ кушодааст, нақл мекунам ва нишон медиҳам, ки чӣ тавр ба воситаи ин ҳақиқатҳо ҳаёти ман дигаргун шудааст. Шумо низ дорои имони зинда ва пурқувват буда метавонед. Чунин имон ба оламӣ атрофи шумо таъсир расонида метавонад. Вале дар навбати аввал шумо бояд бар криптонити рӯҳонӣ, ки дар ҳаёти шумо амал мекунад, ғолиб оед.

Дар бораи ин шаҳодат ва маводҳои дигари электронӣ, ки дар CloudLibrary.org мавҷуд мебошанд, ҷуръатмандона бо ҳамаи шиносҳоятон сӯҳбат кунед.

Бародари шумо дар Масеҳ,



Ҷон Бивер
JohnBevere@ymail.com

MESSENGER
INTERNATIONAL
MessengerInternational.org

# МАҲВ КАРДАНИ
# КРИПТОНИТ

Ҷон Бивер набии ҳақиқии замони мо мебошад, ки чӣ тавр бо воситаи файзи қувватбахш мағлуб кардани гуноҳро ба мо нишон медиҳад. Ӯ дар китоби нави худ криптонитро, ки дар ҳаёти ҳар яки мо вуҷуд дорад ва бар он танҳо бо муҳаббати Худо ғолиб омадан мумкин аст, ошкор месозад. Ҷалол ба Худо бод, ки Ӯ ба Ҷон ин кушоишро ато кард!

РОБЕРТ МОРРИС
Асосгузор ва шубони калони калисои *"Gateway Church",* Даллас/Форт – Уэрто, Техас. Муаллифи шоҳасарҳои *"Худое, ки ҳеҷ гоҳ намедонистам", "Дар ҳақиқат озод", "Ҳаёти пурбаракат"* ва *"Басомад"* (Frequency)

Ин китоб талаби боисрор ба Бадани Масеҳ мебошад, то аз он чизе, ки Худо барои мо тайёр кардааст, ба камтараш розӣ нашавад! Ман бовар дорам, ки хиради илоҳии Ҷон ва мақсади ӯ барои кӯмак кардан ба имондороне, ки дар ҳақиқат барои Худо зиндагӣ кардан мехоҳанд, ҳаёти одамонеро, ки ин номаро ба қалбашон ҷо мекунанд, дигаргун месозад.

ҶОЙС МАЙЕР
Омӯзгори Китоби Муқаддас ва муаллифи шоҳасарҳо

Дар китоби "Маҳв кардани криптонит" Ҷон Бивер ба таври возеҳ қалъаҳоеро, ки барои пурра дар Масеҳ амалӣ намудани қобилиятҳои мо халал мерасонанд, фош месозад. Ин китоби пурқувват ва самимӣ хонандагонро бо криптоните, ки дар ҳаёти онҳо мавҷуд аст, рӯ ба рӯ мекунад.

ҶЕНТЕЗИН ФРАНКЛИН
Шубони калони калисои *"Free Chapel"* ва муаллифи шоҳасарҳо аз рӯи "Ню-Йорк Таймс".

Паёмҳои илҳомбахши Ҷон Бивер оид ба принсипҳои Китоби Муқаддас, таълим ва муҳаббат ба одамон дар давоми даҳсолаҳо имондорон ва тамоми подшоҳиро рӯҳбаланд месозанд. Китобҳои ӯ дар чор сӯи олам дастрас мебошанд, таъсири ӯ ба ҳаёти одамон бошад, беандоза бузург аст. Ман барои муносибатҳои дӯстона ва итоаткории доимии вай дар кори навиштани китобҳо сипосгузор мебошам.

БРАЙАН ХЮСТОН

Асосгузор ва шубони калони калисои “Hillsong Church”

Мазаммат мекунад. Аз Рӯҳ пур месозад. Қувват мебахшад. Китоби “Маҳв кардани криптонит” бо файз ва ростӣ моро аз аз оқибати ҳалокатбори гуноҳ раҳо месозад. Ман бовар дорам, ки ин китоб барои насле, ки барояш ҳақиқат нисбӣ ва итоаткорӣ ғайримкон аст, кӯмак мекунад. Худоро шукр, ки Ӯ барои мо аз ҳама чизи беҳтарин, яъне озодӣ ва итоаткорӣ мехоҳад.

ЛУИ ГИГЛИО

Шубони калисои “Passion City Church”, асосгузори ташкилоти “Passion Conferences”, муаллифи китоби *“Ҷолёт бояд биафтад”*

Ин китоб ба монанди дигар китобҳои Ҷон Бивер олиҷаноб аст, бисёр одамонро ба ҳайрат меорад. Не, вай қобилияти нотакрори худро барои ҳаллу фасли масъалаҳои муҳим гум накардааст. Балки, баръакас. Файз дар ҳаёти ӯ – ба таври амиқ замонавӣ будан – боз ҳам бештар дар мисоли ин китоб маълумтар аст. Бисёриҳо ҳайрон мешаванд, ки чӣ тавр ӯ тавонистааст он чизеро ошкор кунад, ки дар пеши назарамон асту вале онро пайхас накардаем. Танҳо гуфтани он, ки ин китоб аҳамиятнок аст, сухани саҳл мебошад. Ҳар як имондор дар замони мо вазифадор аст, ки “Маҳв кардани криптонит”-ро бихонад.

БИЛЛ ҶОНСОН

Калисои “Байтил”, Реддинг, Калифорния,

Муаллифи китоби *“Худо нек аст”*

# МАҲВ КАРДАНИ КРИПТОНИТ

БЕЗАРАР ГАРДОНИДАНИ ЧИЗЕ,
КИ ҚУВВАТИ МОРО МЕДУЗДАД

ҶОН
БИВЕР

Killing Kryptonite by John Bevere, Tajik
© 2019 Messenger International
www.MessengerInternational.org
Originally published in English as Killing Kryptonite
Additional resources in Tajik by John Bevere are available
for free download at: www.CloudLibrary.org
To contact the author: JohnBevere@ymail.com

«Маҳв кардани криптонит» Ҷон Бивер, бо забони тоҷикӣ
© 2019 Messenger Internationai
www.MessengerInternational.org
Бори нахуст бо забони англисӣ таҳти унвони
«Killing Kryptonite» чоп шудааст
Маълумотҳои иловагии Ҷон Бивер бо забони тоҷикӣ
ба таври ройгон дар сомонаи: www.CloudLibrary.org дастрас аст
Суроғаи электронии муаллиф барои алоқа: JohnBevere@ymail.com

Ман ин китобро ба аъзоёни дастаи “Мессенҷер Интернешнл” тақдим мекунам.

Аз рӯи файзи Худо мо бо ҳамроҳии шумо миллионҳо нафарро бо Хушхабари Масеҳ дастрас кардем. Ин бидуни имон, истеъдод, меҳнати пурсадоқати шумо ғайриимкон мебуд.

Ман ва Лиза ба шумо эҳтиром дорем, аз ҳамкорӣ кардан бо шумо ҳаловат мебарем ва мунтазири он Рӯзе мебошем, ки Исо барои хизмати содиқонаатон шуморо бо мукофоти абадӣ қадр мекунад.

*Зеро кист умеди мо, ё шодмонии мо, ё тоҷи фахри мо дар ҳузури Худованди мо Исои Масеҳ дар вақти омадани Ӯ — оё шумо нестед? Оре, шумо ҷалол ва шодмонии мо ҳастед.*

–1 ТАСЛӮНИКИЁН 2:19, 20

Раҳмат бар шумо дастаи “Мессенҷер” 2019!

# МУНДАРИЧА

Сарсухан.....13

**ФАСЛИ 1. ҚУВВАТИ ЯК НАФАР**

1. Саволҳое, ки мо аз онҳо канорагирӣ мекунем.....19
2. Шинос шавед, криптонит.....29
3. Танҳо.....39
4. Криптонити сирояткунанда.....47
5. Дигаргуниҳо оваред.....55
6. Мотиватсия.....63
7. Қуввати ягонагӣ.....73

**ФАСЛИ 2. АЁН КАРДАНИ КРИПТОНИТ**

8. Аҳди никоҳ.....85
9. Зинокорӣ бар зидди Худо.....93
10. Дар пушти бутпарастӣ чӣ меистад?.....101
11. Бутпарастии имондорон.....111
12. Фишори сабук.....121
13. Криптонит.....129
14. Гуноҳ.....137

## ФАСЛИ 3. КОРИ КРИПТОНИТ

15. Қуввати гуноҳ (қисми 1)....147
16. Қуввати гуноҳ (қисми 2)....157
17. Фиребхӯрдагон....167
18. Исои қалбакӣ....175
19. Нуқтаи ҳаракат кардан....185
20. Тавба....195
21. Се подшоҳ....207

## ФАСЛИ 4. АЗ БАЙН БУРДАНИ КРИПТОНИТ

22. Рӯ ба рӯ....219
23. Таҳаммул....231
24. Муҳаббат ва ростӣ....241
25. Маҳв кардани криптонит....251
26. Гуноҳе, ки гуноҳ нест....261
27. Дари зиёфатхона....271
28. Бархез....281

Саволҳо барои муҳокима....291
Замима. Наҷот барои ҳама дастрас аст....301

# ДАР БОРАИ ИН КИТОБ

Китоби “Маҳв кардани криптонит”-ро мисли дигар китобҳо аз саҳифаи аввал то охир хондан мумкин аст. Ман ин китобро тавре навиштаам, ки он аз бобҳои кӯтоҳ иборат буда, хондани ҳар яке аз онҳо на бештар аз даҳ-понздаҳ дақиқаро дар бар мегирад. Ҳар як боб бо матни кӯтоҳ таҳти сарлавҳаи “Амал кунед” хотима меёбад, ки он барои дар ҳаёт истифода бурдани ҳақиқатҳо аз ин боб ба шумо кӯмак мерасонад. Илтимос, ба ин қисми китоб беэътиноӣ накунед, он барои омӯзиши китоб нақши муҳимеро дорад. Барои ҳамин ман ба шумо пешниҳод мекунам, ки дар як рӯз аз як боб бештар нахонед. Бо чунин тарз шумо пеш аз хондани боби навбатӣ амалиётҳои лозимаро анҷом медиҳед.

Дар охири китоби “Маҳв кардани криптонит” саволҳо барои муҳокима оварда шудаанд, ки шумо ин саволҳоро дар гурӯҳи худ муҳокима карда метавонед. Ман аз рӯи ин китоб курси интернетӣ ва китоби дарсии электроникиро ташкил додаам. Ҳардуи он имконияти хуберо барои чуқуртар омӯхтани ин мавзӯъ фароҳм меоварад. (Дар охири ин китоб шумо маълумотро дар бораи ин китоб ва курс гирифта метавонед.)

Агар шумо ин китобро ҳамчуни қисми курси “Маҳв кардани криптонит” омӯхта истода бошед, ман ба шумо маслиҳат медиҳам, ки бо гурӯҳи худ ҷамъ шуда, дар як ҳафта як дарсро тамошо ё гӯш кунед ва ба саволҳое, ки дар охири дарс оварда шудаанд, ҷавоб диҳед. Сипас бигзор пеш аз вохӯрии навбатӣ ҳар як аъзои гурӯҳ бобҳои дахлдорро бихонад.

Агар шумо савол дошта бошед, шарм надошта, ба ман ва ё ба гурӯҳи “Мессенҷер Интернешнл” муроҷиат кунед.

Аз саёҳати худ ҳаловат баред!

Ҷон

# САРСУХАН

Шояд, шумо аз шунидани ин суханон дар ҳайрат монед, лекин пештар ман ин қадар хоҳиши зиёди дар нисфи навиштани китоб боз истоданро надоштам ва баъдтар мефаҳмонам, барои чӣ ин хоҳиш пайдо мешуд. Лекин, биёед дар аввал мебинем, ки чунин як китоб бо номи "Маҳв кардани криптонит" ба пайравони Масеҳ чӣ вобастагие дорад? Иҷозат диҳед, ки ба таври мушахас фаҳмонида диҳам.

Бисёре аз мо бо калимаи "криптонит" аз наворҳои филми "Супермен" ошноӣ доранд. Ин ҳикоя, ки айнан ба як афсонаи халқи Амрико табдил ёфтааст, аз тарафи писарбачагони мактабхон бо номи Ҷерри Сигел ва Ҷо Шустер эҷод гардида, бори аввал дар моҳи июни соли 1938 дар маҷаллаҳои тасвирӣ чоп карда шуда буд. Ин қисса дар бораи шахси пурқудрате мебошад, ки дорои қобилиятҳои фавқулиқтидор буда, бар зидди бадӣ меҷангад ва он дар замоне, ки ақидаҳои миллатгароӣ ҳукмрон буд, талаботи хеле зиёде дошт. Маъруфияти Супермен бо шиддат зиёд мешуд ва тадриҷан вай на танҳо қаҳрамони маҷаллаҳо, балки ҳамчунин қаҳрамони барномаҳои радиоӣ, телесериалҳо ва филмҳои пурраметраж гардид.

Баъд аз якчанд вақт ин маҷаллаҳо дар бораи Супермен ба хонандагон дигар шавқовар набуд, чунки ин шахсият ҳеҷ нуқтаи заъфе надошт. Он гоҳ дар солҳои 1940-ум муаллифон ба қароре омаданд, ки элементи наверо бо номи криптонит дохил кунанд. Ин модда аз сайёраи худи Супермен буда, қобилиятҳои фавқуттабии ӯро аз байн мебарад. Дар зери таъсири криптонит Супермен қобилиятҳои худро гум карда, мисли инсони оддие мешуд.

Мо масеҳиён ҳам "криптонит"-и худро дорем, ки он қувват ва хислати Худоро дар мо аз байн мебарад. Ин чист? Ва чӣ тавр онро фаҳмидан мумкин аст? Таъсираш шахсан ба мо ва дар якҷоягӣ ба ҳамаи мо чӣ гуна мебошад? Он чӣ тавр барои наҷот додани мардуми гумроҳ ба мо монеа мешавад? Дар зери таъсири он мо чиро гум мекунем? Барои чӣ

он бо осонӣ ниқобҳои гуногунро ба худ мегирад? Ана ин аст баъзе аз он саволҳое, ки мо дар ин китоб дида мебароем.

Ин китоби бистуме аст, ки аз ҷониби ман бо мадад ва роҳнамоии Рӯҳулқудс навишта шудааст. Чӣ тавре, ки ман аллакай гуфтам, панҷ ё шаш маротиба дар вақти навиштани ин китоб ман аз давом додани он даст кашиданӣ будам. Аммо як саволе дар ҳаёти шахсии ман боз меистод, ки ман онро сарфи назар карда наметавонистам. Ман бо норозигӣ аз худ мепурсидам: “Наход ки аз сатҳи он ҳаёте, ки барояш офарида шудаам, ба сатҳи пасттаре розӣ мешавам?” “Оё мо ҳамчун калисо ҳузури пурқуввати Худоро барои тағйир додани ҷамъият дорем?”. Якчанд маротиба ман аз хоб бедор шуда, чунин суханонро ба забон меовардам: “Падар, ман бо боварии комил гуфта наметавонам, ки ин китоб ба ман маъқул аст. Ман корро аз болои ин китоб қатъ мегардонам”.

Ҳар дафъа ман қатъиёна “не” гуфтани Рӯҳулқудсро ҳис мекардам. Ва дар охир Ӯ ба ман боварӣ дод, ки ин китоб барои мустаҳкам кардани имондорон, бино кардани оилаҳои солим ва калисоҳо дар сар то сари дунё ҳикмати зарурӣ мебахшад. Принсипҳое ки дар он навишта шудаанд, бисёр шаҳрҳоро тағйир медиҳанд.

Баъд аз ин мулоқот ман навиштани китобро давом додам. Вақте, ки ман ба фасли хотимавии ин китоб, яъне ба ҳафт боби охирон расидам, он гоҳ самараи ин китоб аён гардид. Агар се фасли аввалро нахонда гузарем, таъсири фасли чорум хеле кам мешавад. Ин монанд ба он аст, ки ба кинотеатр рафта, танҳо бист дақиқаи охирини филмро, ки ҳалкунанда аст, тамошо кунем. Агар филмро аз аввалаш сар карда тамошо кунед, таассуроти шумо ва фоида аз он бештар мешавад. Одамоне, ки онро аз саршавиаш мебинанд, аз сидқи дил ба ғаму шодии қаҳрамонон шарик шуда, гиря ва ханда мекунанд.

Ин китоб аз чор фасл иборат буда, ҳар яке аз фаслҳо ҳафт бобро дар бар мегиранд, ки ҳамагӣ бисту ҳашт боб мешавад. Бо он мақсад чунин тақсимот карда шудааст, ки барои хонанда осон шавад. Шумо барои хондани як боб даҳ ё понздаҳ дақиқа сарф карда, ҳамагӣ дар давоми чор ҳафта хондани ин китобро пурра ба анҷом мерасонед. Ё ин ки шумо дар як ҳафта як бобро хонда метавонед ва дар давоми ним сол ин китобро пурра хонда тамом мекунед. Мо фақат кӯшиш кардем, ки барои шумо шакли аз ҳама қулайтаринро фароҳам биёварем, то ки ба ҳама гуна тартиби хондан мувофиқ шавад.

Ниҳоятан, ба ин нома ҳамчун як саёҳате муносибат кунед, ки шуморо аз криптонит муҳофизат карда, ҳикмат медиҳад, ки ба ин олам таъсир расонед. Пеш аз шурӯъ кардан, биёед дуо мехонем ва аз Рӯҳулқудс хоҳиш мекунем, ки чашмони моро кушояд, то ҳикмати осмониро, ки барои дар рӯи замин иҷро кардани рисолатамон қувват мебахшад, дида тавонем.

*Падар, ба номи Исо чашмонамро, гӯшҳоямро ва дили маро бикушо, то ки ман иродаи Туро дида, шунида ва ба ҳаёти худ қабул карда тавонам. Рӯҳи Муқаддас вақти хондани ин китоб ба ман иҷозат деҳ, ки роҳҳои Исои Масеҳро амиқ дарк кунам. Ман ба Ту ҳамчун ба Устодам назар мекунам. Ба воситаи ҳар як ҷумлаи ин китоб ба ман гап зан. Ва бигзор ҳаёти ман то охир дигар шавад. Омин.*

# ҚУВВАТИ ЯК НАФАР

# ФАСЛИ 1

# 1

# САВОЛҲОЕ, КИ МО АЗ ОНҲО КАНОРАГИРӢ МЕКУНЕМ

*Эзоҳ аз тарафи муаллиф:*

*Хонандаи азиз, агар шумо Муқаддимаро нахонда бошед, ман бо исрор ба шумо маслиҳат медиҳам, ки онро хонед. Он шуморо ба моҳияти ин нома раҳномоӣ мекунад. Бароятон сафари хуш таманно мекунам!*

Оё “Маҳв кардани криптонит” ин китобест дар бораи Супермен? Не, лекин дар байни саргузашти ӯ ва ҳаёти имондор шабоҳатҳои аҷоибе намудор мешавад. Биёед ин шабоҳатҳоро дида мебароем.

Супермен аз ин олам нест, фарзанди Худо низ аз ин олам нест.

Вай қобилияти фавқуттабиӣ дорад, ки шахсони оддӣ онро надоранд; мо ҳам дорои қуввати фавқуттабиие мебошем, ки одамон дар ҷаҳон онро надоранд.

Вай бо бадӣ меҷангад, мо низ бо бадӣ меҷангем.

Вай ҳамаи камбизоатон ва бечорагонро муҳофизат ва озод мекунад, мо низ бечорагонро муҳофизат мекунем ва асиронро озод мекунем.

Вай қувватро аз офтоб мегирад, мо қувватро аз Писар мегирем.

Суперменро фақат як чиз боздошта метавонад: криптонит – моддаи радиоактивӣ, ки аз сайёраи худи вай оварда шудааст. Дар замини мо низ як навъ“криптонит” мавҷуд мебошад, ки қобилияти боздоштани

фарзандони Худоро дорад. Бале, он дар замин офарида нашуда буд, балки вай аз ҳамон ҷое мебошад, ки дар аввал ҳамаи мо дар он ҷо будем. Криптонит на танҳо ба қобилиятҳои фавқутабиии Супермен зарба мезад, балки қуввати инсонии вайро низ кам мекард. Криптонити мо низ айнан ҳамон корро мекунад.

Он чӣ хусусияте дорад? Пеш аз он ки ман моҳияти онро ошкор кунам, ман ба тамоми он ҳикоя бисёртар равшанӣ андохтанӣ ҳастам. Афзалияти бузурги криптонит аз болои Супермен дар он мебошад, ки онро шинохтан душвор аст, бинобар ин вай аз маърази диққат берун шуда, таъсир зараровари худро мерасонд. Ҳамин тавр дар ҳаёти мо низ криптонит ҳам масеҳиёнро дар алоҳидагӣ ва ҳам якҷоя тамоми бадани Масеҳро заиф мекунад, вале бисёриҳо аз мавҷуд будани он бехабар мебошанд. Ин китоб барои он навишта шудааст, ки мо онро дарк карда, калидеро пайдо кунем, ки ӯро безарар гардонад ва аз таъсири баде, ки ба ҳаёти ҳар як имондор ва инчунин ҷамъияти имондорон расонида метавонад, маҳрум созад.

## Хоҳиши аз ҳама бузург

*Чиро мо бештар аз ҳама хоҳонем?* Ман барои он “мо” мегӯям, ки рости гап, ҳамаи мо як хоҳиш дорем. Мо ҳама комёб будан, дар соҳаи худ шахси аз ҳама беҳтарин будан, машҳур будан, дар оила хушбахт будан, аз муносибатҳои хуби дӯстона ҳаловат бурдан, солим ва сарватманд будан мехоҳем, то ки ҳар кори писандидаи худро амалӣ карда тавонем, оё чунин нест?

Ҳама чизҳое, ки дар боло номбар карда шуд, ҷолиб ва қисми зиёди онҳо дар ҳаёти мо аҳамиятнок мебошанд, лекин оё онҳо хоҳиши аз ҳама калонтарини моро инъикос мекунанд? Оё мо он шахсонеро намешиносем, ки ҳамаи ин чизҳоро доранд, лекин бо вуҷуди ҳамаи ин ба ҳар ҳол андаруни худ холигиро эҳсос мекунанд? Оё мо дар бораи ҳунарпешаҳои Ҳолливуд, соҳибони корхонаҳои бузург, варзишгарони касбӣ, мансабдорон ва дигар шахсоне, ки гӯё қуллаи бузурги комёбиро дастрас кардаанд, нашунидаем, ки ба ҳар ҳол ба онҳо чизе намерасад? Аз сабаби ин холигӣ баъзеҳояшон ба истифодаи маводи нашъаовар ё истеъмоли машруботи спиртӣ машғул мешаванд, саргузаштҳои аҷоибу ғароиб ва саргармиҳои ошиқона меҷӯянд. Баъзеи дигарашон бошад,

ба дин дода мешаванд, аз паи чизҳои рӯҳонӣ шуда, бо умеди он ки ҷои дарднок ва пурвоҳимаи холигиро андаруни худ пур созанд, ба ҳаракати мистикии “Асри нав” шомил мешаванд ё ба амалҳои симиёвӣ (оккултӣ – шарҳи тарҷ.) даст мезананд.

Агар мо бо худамон ростқавл бошем, он гоҳ ҳар яки мо дар умқи дили худ медонем, ки аз ин чизҳо дида, чизи бузургтаре мавҷуд мебошад. Қаноатмандии аслиеро, ки ҳар як шахс, ҳам мардон ва ҳам занон ба он эҳтиёҷ доранд, танҳо дар муносибати наздик бо Холиқ пайдо кардан мумкин аст. Новобаста ба он ки шумо дар бораи Худо чӣ фикр доред, ҷони шумо аз ҳама бештар дар олам муштоқи Ӯ мебошад. Одам қаноатмандӣ ва ҳаловатро танҳо ҳангоми якҷоя шуданаш бо Холиқи худ эҳсос мекунад.

Ҳақиқат дар он аст, ки Худо “фикри абадиятро дар дили одамизод ҷо додааст” (Воиз 3:11). Новобаста ба қуввае, ки барои фиреб додани мо саъй мекунад, дили мо муштоқи “Шоҳи абадӣ” мебошад (ниг. 1 Тимотиюс 1:17). Ана Каломи Худо дар бораи одам чӣ мегӯяд:

> “Зеро ки он чи дар бораи Худо донистан мумкин аст, ба онҳо маълум аст, чунки Худо ба онҳо маълум кардааст; Зеро ки моҳияти нонамоёни Ӯ, яъне қуввати ҷовидонӣ ва Илоҳияти Ӯ, аз хилқати олам ба воситаи дидани офаридаҳояш ба назар намоён аст, бинобар ин онҳо ҳеҷ узре надоранд” (Румиён 1: 19, 20).

Шахсе нест, ки дар бораи Худо надонад. Ҳар як мард ва ҳар як зан, вақте ки самимона ба дохили дили худ назар мекунад, он гоҳ мефаҳамад, ки дар кадом-як давраи ҳаёти худ вай ташнаи Худо буд. Ҳамаи мо дар дохили худ эҳсос мекунем, ки Ӯ дар ҳама ҷо ҳозиру нозир, қодир ва ҳамадон аст.

Ҳар касе, ки бо Ӯ муносибат дорад, медонанд, ки ҳузур, қувват ва шукӯҳу бузургиаш бемисол ва болотар аз ақл аст. Ӯ ҳамон қадар бузург аст, ки фариштагон, махлуқоти аз ҳама пурқувваттарин дар ин олам, пайваста бо тарсу ларз дар ҳузури Ӯ меистанд ва аз шукӯҳи ҳайратовари Ӯ ба тааҷҷуб афтода, нидо мекунанд. Ин махлуқоти бузург ончунон бо иштиёқ ва қувват Ӯро ҷалол медиҳанд, ки аз садои онҳо дарвозаҳои осмон ба ларза меоянд.

Ҳикмат, ақл, эҷодкорӣ ва дониши Худо аз идрок боло мебошад. Дар

тӯли асрҳои зиёд донишмандон сиру асрори офаринишро меомӯзанд, лекин он ҳама мураккабӣ ва ҳашамати онро то охир дарк карда наметавонанд.

Ҳеҷ кас қодир нест, ки муҳаббат, некӣ, раҳму шафқат ва меҳрубонии Ӯро бо пуррагиаш идрок ва эҳсос карда тавонад. Муҳаббати Ӯ бе ҳадду канор мебошад.

Ман дар давоми чил сол аз муносибат доштан бо Ӯ ҳаловат мебарам, лекин ба наздикӣ ман бори дигар аз фикри он ки Холиқамон моро аз маҳкумияте, ки мо худамон ба сари худ овардем, раҳо додааст, сахт дар тааҷҷуб мондам. Ӯ ба мо одамон қудрати идора кардани тамоми заминро дода буд, лекин мо онро бо дасти худ ба душмани ашаддиамон, шайтон ва хизматгузорони ӯ, супоридем. Худо пешакӣ дар бораи ин хиёнати мо бохабар буда, нақшае кашид, ки мутобиқи он Ӯ тайёр буд нархи гаронеро барои мо супорида, моро аз ғуломӣ ва зиндон озод кунад. Мо худро ба маҳкумият дучор кардем, лекин Ӯ Худашро ба хотири мо таслим кард, то ки ба мо озодӣ бахшад. Вай ин корро карда, Каломи Худро нашикаст, ин кор фақат дар ҳолате имконпазир буд, ки Худаш инсон шавад.

Аз барои он ки Худо ин оламро ба инсон супорида буд, Вай онро ҳамчун Худо аз нав гирифта наметавонист, онро фақат Писари Одамизод гирифта метавонист. Ҳикмати таваллуд ёфтани Исо аз Марями бокира дар ҳамин аст. Ӯ сад фоиз инсон шуд, лекин аз сабаби он ки Падари Ӯ Рӯҳи Худо буд, Вай асири табиати гуноҳкоронаи инсонӣ набуд. Исо Худое буд, ки дар ҷисм омад. Вай медонист, ки барои наҷот додани мо чӣ қадар азобу уқубатҳоро аз сар мегузаронад, лекин Ӯ моро ин қадар сахт дӯст дошт, ки Вай бо ихтиёри худ розӣ шуд, ки нархи озодии моро супорад.

Танҳо дар бораи некӣ, муҳаббати беҳамто, қувват ва бузургии Ӯ як китоби калонеро навиштан мумкин аст. Лекин китобе, ки шумо дар даст доред, бо мақсади дигар навишта шудааст.

## Саволе, ки мо аз он канорагирӣ мекунем

Мо фарзандони ин гуна Худои аҷоиб мебошем, барои ҳамин мантиқи оддӣ мегӯяд, ки мо бояд муҳаббати аҷоиберо аз сар гузаронем. Ин на фақат аз рӯи мантиқи солим мебошад, балки Навиштаҷот низ инро ба мо ваъда медиҳад:

- Табиати илоҳии Ӯ,
- Хислати пок,
- Муҳаббат ва омурзиши бешарт,
- Хурсандӣ ва осоиштагии беназир,
- Қуввати фавқуттабиӣ,
- Некӯаҳволӣ,
- Саломатӣ,
- Амният ва субот.

Саховати Ӯ бо ин рӯйхат тамом намешавад, дар ин радиф боз бисёр дигар ваъдаҳое мавҷуд мебошанд:

- Ҳикмати илоҳӣ,
- Дониш,
- Фаҳмиш,
- Маҳорат,
- Ақли равшан ва эҷодкорӣ.

Ҳамаи инҳо бояд ба ҳаёти мо бояд самара ва бурдборӣ биёваранд. Бо ибораи дигар, ба мо ганҷинае, ки дар осмон маҳфуз аст, ваъда дода шудааст. Ба хотир биёред, ки Исо гуфта буд, ки Подшоҳии Вай дар дохил шумо мебошад, барои ҳамин иродаи Ӯ чунон ки дар осмон аст, дар замин ҳам бояд иҷро шавад.

Ба ҳар ҳол аён аст, ки на дар сатҳи ҷамъият ва на дар шакли инфиродӣ ин натиҷаҳо дастрас нашудаанд. Агар мо ростқавлона ба ҳақиқат назар кунем, оё мо фарқияти калонро байни одамони Худо ва одамони ин ҷаҳон мушоҳида карда метавонем? Оё мо ҳамчун пайравони Исо фарқ мекунем? Оё мо дар байни ин торикӣ ҳамчун нур медурахшем? Ба фоизи ҷудошавии оилаҳо назар кунед, оё ин фарқият байни калисо ва ҷаҳон калон аст? Дар ҳоле ки муносибатҳо сатҳу сифати беҳтарро талаб мекунанд, оё мо ба ҳасад, ҷангу ҷидол, рашк, бадбинӣ ва ғайбат гирифтор шудаем? Оё мо ҳамчун одамони Худо бо ростқавлӣ, садоқат, ахлоқи пок аз ин ҷамъияти гуноҳкорон фарқ мекунем? Оё дар соҳаи ҳифзи саломатӣ ва иҷтимоӣ фарқ байни имондор ва беимон мушоҳида мешавад? Оё мо соҳиби дороӣ ва баракат ҳастем? Оё мо мӯҳтоҷиҳои дигаронро қонеъ гардонида, Хушхабарро ба тамоми олам паҳн карда метавонем?

Мумкин аст, ки суханҳои дар боло гуфташуда аз ҳад зиёд ҳавобаландона ва дастнорас метобанд. Тасаввур кунед, ки дар Аҳди Қадим даврае буд, ки нуқра ба як санги оддӣ монанд буд ва ҳеҷ арзише надошт, чунки дар ҳама чиз фаровонӣ буд (ниг. 3 Подшоҳон 10:21, 27). Ва ҳоло, баракс, дар Аҳди Нав ман хизматгузоронеро вомехӯрам, ки маоши худро нӯг ба нӯг мерасонанд ва инчунин роҳбарони калисоро вомехӯрам, ки хоҳиш кӯмак карданро ба тамоми шаҳр ва деҳот доранд, лекин аз набудани одамон ва ё маблағҳои зарурӣ барои ба амал баровардани чунин корҳо имкон надоранд. Оё дар ҳардуи ин ҳолат мо "дар замин, чуноне ки дар осмон" гуфта метавонем?

Исо ваъда медиҳад, ки агар мо Подшоҳии Худо ва адолати Ӯро ҷӯем, он гоҳ чизҳои боқимонда ба таври илова ба мо дода мешаванд. Мо дар ягон маврид мушоҳида накардаем, ки норасогӣ Исоро аз иҷро кардани ягон амал боздошта бошад. Афсӯс ки дар калисо оид ба сарват ва бурдборӣ таълимотҳои нодуруст пайдо шуданд. Баъд аз ин таълимотҳои нодуруст одамон ба хулосае омаданд, ки фаровонӣ хуб нест. Лекин агар мо худамон ҳеҷ чиз надошта бошем, оё мо ба дигарон чизе дода метавонем?

Агар мо худро барои ҷӯстуҷӯи Подшоҳии Худо бахшем, он гоҳ Вай барои паҳн кардани иродаи Ӯ дар рӯи замин моро бо ҳамаи чизҳои зарурӣ таъмин хоҳад кард. Худо роҳбари бад намебошад, Худо ҳаргиз роҳбари бад нест, Ӯ бидуни додани асбобҳои зарурӣ аз пайравони Худ иҷро кардани ягон вазифаро талаб намекард. Ва боз ҳам муҳимтар он аст, ки Худо Падари нек мебошад. Вай фарзандони худро баракат додан мехоҳад. Лекин Ӯ тарафдори он нест, ки молу мулк моро идора кунад. На пул, балки "дӯст доштани пул" решаи ҳамаи бадиҳо мебошад.

Дар замони қадим дар Исроил вақтҳое буд, ки дар сар то сари кишвар ягон нафар одами камбағал ва қашшоқ набуд. Навишта шудааст: "... Яҳудо ва Исроил ҳар кас дар зери токи ангури худ ва зери дарахти анҷири худ, аз Дон ва то Беэр Шобаъ дар тамоми айёми Сулаймон дар амният менишастанд" (3 Подшоҳон 4:25). Шаҳри Дон дар шимоли Исроил ва шаҳри Беэр-Шобаъ дар ҷануби Исроил ҷойгир шуда буд, барои ҳамин Навиштаҷот ба мо мегӯяд, ки дар тамоми кишвар шахси мӯҳтоҷе набуд. На ягон шаҳрванди алоҳида ва на ягон гурӯҳи одамоне набуданд, ки дар таъминоти давлат бошанд! Чӣ ба ин фаровонӣ оварда расонд?

Ин тасодуф набуд. Агар таърихи халқи Худоро дар Аҳди Қадим дида

бароем, он гоҳ мо дарк мекунем, ки бисёр наслҳо нашъунамо мекарданд ва аз ҷиҳати иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва низомӣ бисёр пурқувват буданд. Онҳо аз ҷиҳати захираҳо, ғизо ва сарват фаровонӣ доштанд. Душманон ба онҳо ҳамла мекарданд вале комёб намешуданд, чунки исроилён мағлуб намешуданд, вале, баръакс, ғалаба мекарданд. Дигар халқҳо некӯаҳволии онҳоро дида, ҳасад мебурданд. Дар хотир дошта бошед, ки аҳволи мо дар Аҳди Нав аз Аҳди Қадим бояд беҳтар бошад!

Исо намояндаи аҳди беҳтар мебошад, ки дар ваъдаҳои хубтаре асос ёфтааст. (ниг. Ибриён 8:6). Агар мо ба ҳаёти Ӯ назар кунем, он гоҳ мебинем, ки ҳокимон, амалдорон (боҷгирон), шахсони номдор, фоҳишаҳо, duздон, сарватмандон, бенавоён – ҳамаи ин одамон бо Ӯ вохӯрдан мехостанд. Исо ба ҳар ҷое, ки мерафт, тамоми шаҳрҳоро дигар мекард. Вай ҳеҷ вақт барои конеъ кардани мӯҳтоҷии дигарон норасогӣ надошт. Агар ба шогирдони Ӯ ягон кас зарар расониданӣ мешуд, ба вай муяссар намегардид, ки зарари ҷиддӣ расонад, баръакс вазъиятҳои ногувор аксар вақт бо комёбиҳои ҳайратовар анҷом меёфтанд.

Дар бораи аъзоёни калисои аввалин мегуфтанд, ки “Инҳо тамоми оламро зеру забар кардаанд” (ниг. Аъмол 17:6). Онҳо низ ҳеҷ камбудӣ надоштанд, барои он ки дар бораи онҳо навишта шудааст: “... файзи бузурге бар ҳамаи онҳо буд. Ва дар байни онҳо ҳеҷ каси мӯҳтоҷ набуд...” (Аъмол 4:33, 34). Онҳо ҳамин қадар шахсони шоиста буданд, ки аксар вақт сарлашкарон ва ҳокимони шаҳрҳоро ба он бовар мекунонданд, ки онҳо худоён нестанд ва ба онҳо саҷда карданд даркор нест. Ҳамаи одамони ҳамон замон дар симои онҳо қаҳрамононро медиданд. Онҳо одамонеро, ки аз касалиҳо ва заъфҳо азоб мекашиданд, озод мекарданд. Онҳо дар торикии ҷамъияти онвақта ҳамчун нур медурахшиданд.

Иҷозат диҳед, ки ба шумо боз савол диҳам: Оё ҳаёти мо аз тарзи зиндагонии ин олам, ки дар он умр ба сар мебарем, бисёр фарқ мекунад? Оё барои худ баҳона кофта таълимоти илоҳии худро, ки кушоду равшан дар Навиштаҳо омадааст, дигар намекунем, ва намегӯем, ки ин ваъдаҳо фақат ба калисои аввал дода шуда буду ба замони мо тааллуқ надорад? Муаллифони Аҳди Нав ба ин ҷавоб медиҳанд, лекин мо аз ин саволҳои мушкил мегурезем.

Чӣ мешуд, агар мо дар асл ба он чизҳое, ки дар Навиштаҳо гуфта шудааст, итоат мекардем?

Ман ҳеҷ касро бо ангушти худ нишон намедиҳам, ман фақат мехоҳам, ки ба як савол ҷавоб диҳед: Оё суханони "Бигзор Подшоҳии Ту биёяд, бигзор иродаи Ту чуноне, ки дар осмон аст, дар замин ҳам ба амал ояд" ҳамин маънoро дорад? Суханони Исоро раъд кардан мумкин нест: "...Подшоҳии Худо дар дохили шумо аст" (Луқо 17:21), Подшоҳии Ӯ дар инҷост, дар байни Бадани Масеҳ. Оё мо дар байни ҳамзамонони худ, чуноне ки Исо дар замони худаш мезист, зиндагӣ мекунем? Оё ба мо гуфта нашудааст: "Касе гӯяд, ки дар Ӯ собит мемонад, вай бояд тавре рафтор кунад, ки Ӯ рафтор мекард" (1 Юҳанно 2:6)?

Оё барои дастрас кардани мардуми ин олам мо ҳамчун калисои аввала босамар ҳастем? Оё мо мушоҳида карда метавонем, ки тамоми вилоятҳо дар давоми ду сол бо Хушхабар дастрас мешаванд? (ниг. Аъмол 19:10). Дар хотир дошта бошед, ки онҳо Интренет, Facebook ва шабакаҳои ичтимоӣ ва ҳатто радио ва телевизионро надоштанд. Лекин бо вуҷуди ин ҳар як кас, на фақат як шаҳр ё як халқ, балки тамоми минтақа Хушхабарро шуниданд.

Оё ҳамин хел ҳодисаҳоро мо дар замони худ мушоҳида мекунем? Биёед аз рӯи ҳақиқат гап мезанем.

Мо чунон сӯҳбат мекунем, ки гӯё филро дар хона намебинем: "Худо дар замони мо ин хел бо қувват амал намекунад". Гӯё ки мо Хушхабарро аз рӯи ҳолати худ маҳдуд кардаем. Гӯё ки мо аз ҳама чизе, ки ба қудрат, нашъунамо, комёбӣ, фаровонӣ, самарот ва саломатӣ вобаста аст, рӯй мегардонем. Мо мегӯем, ки чунин таълимот аз ҳад зиёд тундравона, бемувозинат ва ҳавобаландона аст. Ва бо ин рафтори худ мо аз саволҳои мушкил гурехта, баҳонаҷӯӣ мекунем, ки чаро мо ба воситаи Хушхабар ба тамоми олам таъсир расонида наметавонем.

Бинобар ин саволи ман дар бораи беғайратии мо мебошад, ки агар ҳама набошанд ҳам, бисёриҳо дар бораш фикр мекунанд. Лекин барои чӣ мо ин масъаларо муҳокима намекунем? Барои чӣ мо ба ин савол ҷавоб пайдо кардан намехоҳем? Шояд, беҷуръатии мо аз тарси он ба вуҷуд омадааст, ки ин масъала сирҳоеро ошкор мекунад, ки мо бо онҳо сарукор доштан намехоҳем? Лекин агар барои пайдо кардани ҷавоб саъй карда, аз рӯи он зиндагӣ накунем, он гоҳ мо пасттар аз он сатҳи зиндагие, ки ба мо ваъда шудааст ва мо ба он даъват шудаем, боқӣ мемонем.

Баъди бештар аз сиву панҷсоли хизматам, ба синни шастсолагӣ наздик шуда, барои ин саволро додан ман пур аз хоҳиш ва омодагӣ

ҳастам. Бештар аз ин, ман барои ин илҳоми илоҳӣ дорам. Ман боварӣ дорам, ки агар мо ба ин савол софдилона ва аз рӯи Каломи Худо муроҷиат кунем, он гоҳ тамоми пуррагии ҳаёт, ки мо ба он даъват шудаем, ошкор мегардад.

Агар шумо низ мисли ман ин саволҳоро хуш доред, он гоҳ биёед якҷоя ба ин сайру гашти рӯҳонӣ меравем. Ин сафари мо зуд тамом намешавад ва шояд он баъзан мисли як ҷарроҳии мушкиле, ки ҳангоми он духтур тамоми имкониятҳоро истифода мебарад, то ки ҳаёти беморро аз хатар наҷот диҳад, дарднок ҳам мебошад.

Рӯҳи Муқаддас дар бораи мо ҳам дар сатҳи инфиродӣ ва ҳам дар маҷмӯъ аз ҳар кадом ҷарроҳ ҳам бисёртар ғамхорӣ мекунад. Ҳангоми хондани бобҳои мушкил инро дар хотир дошта бошед.

Дар натиҷа шумо қувват, саломатӣ, хурсандӣ, муҳаббат ва қуввати ҳаётбахшро ба даст меоваред. Ман бовар мекунам, ки дар ин ҷавобҳо қобилияти дигар кардани ҳаёти одамон, шаҳрҳо ва тамоми наслҳо аст.

Агар шумо бо ман бошед, он гоҳ ба пеш!

## АМАЛ КУНЕД

Худо моро дар Номаи Яъқуб (1:22) огоҳ мекунад: “Пас иҷрокунандаи Калом бошед, на фақат шунавандагоне, ки худро фиреб медиҳанд”. Дар ин ҷо гуфта шудааст, ки аз Худо каломро шунида (аз Навиштаҷот, аз Рӯҳи Муқаддас ё аз шахсе ки таълимоти солим медиҳад), вале онро иҷро накунем, он гоҳ мо худамонро фиреб медиҳем.

Исботи имони мо на дар розигӣ бо чизҳои шунидаамон, балки ба воситаи амал кардани аён мегардад. Маҳз барои ҳамин супоришҳое, ки дар охири ин китоб дода шуданд, хеле муҳим мебошанд. Ҳар яки он барои қадам зада гузаштан ба сӯи ҳақиқатҳое, ки дар бобҳои навбатӣ ошкор мешаванд, мисли остона мебошад. Ин амали кӯтоҳе мебошад, ки вақти зиёди шуморо намегирад.

Агар шумо ба ҳар яки он вақт ҷудо кунед, он гоҳ шумо аз ин китоб манфиати зиёд мебардоред ва дар ҳаёти худ бисёр тағйиротҳоро мушоҳида хоҳед кард.

## III

Ҷавоб ёфтан ба он саволҳое, ки шумо худро аз онҳо дар канор мегиред, мисли ташриф овардан ба духтури дандон буда, ҷасорат даркор аст, то ки бо вуҷуди дарду нороҳатӣ аз табобати дандон фоидаи лозима гирифта шавад.

Ҳаёти шумо аз ҳаёти одамони ин ҷаҳон чӣ фарқияте дорад? Оё одамон дар гирду атроф мегӯянд, ки шумо мисли Исо зиндагӣ мекунед? Аз ин савол нагурезед, барои он кушода бошед. Агар шумо мисли Исо зиндагӣ мекардед, он гоҳ ҳаёти шумо то кадом дараҷа дигаргун мешуд? Аз кадом хислатҳои худ озод мешудед? Муносибати шумо ба одамоне, ки дар гирду атрофатон мебошанд, чӣ гуна таъғир меёфт? Ин ба муносибатҳои оилавии шумо то кадом андоза дигаргунӣ оварда метавонист?

Вақт ҷудо карда, фикрҳои худро нависед. Навиштаҷотро ҳамчун роҳнамои худ истифода баред. Он ба шумо мақсаде медиҳад, ки шумо ба сӯи он ҳаракат хоҳед кард. Ҳангоме, ки ҷавобҳои худро менависед, барои онҳо дуо кунед. Аз Рӯҳулқудс хоҳиш кунед, ки дар байни саволҳои шумо ба як чизе, ки алҳол дар ҳаёти шумо ба амал меорад, рӯшанӣ андозад. Аз Ӯ хоҳиш кунед, ки ба ин соҳа он қадар равшанӣ андозад, ки шумо барои таъғир додани он қувват пайдо кунед.

# 2

# ШИНОС ШАВЕД, КРИПТОНИТ

Дар боби аввалин мо кӯшиш кардем, ки бузургии Худоро дида бароем. Ман калимаи “кӯшиш”-ро истифода мебарам, чунки забони мо чӣ қадар бой ва муассир бошад ҳам, мо ҳатто як қисми бузургии Ӯро изҳор карда наметавонем. Ҳеҷ касе нест, ки дар ҷалол ва қувват аз Ӯ болотар бошад, ҳеҷ кас қодир нест, ки бо Ӯ баробар шавад. Худо ҳариф надорад ва касе бо Ӯ баробар ҳам нест. Ва Ӯ аз гузашта то оянда, аз азал ва то абад Подшоҳӣ мекунад. Ӯ аҷоиб аст.

Мо ҳамчун фарзандони Ӯ хуб дарк мекунем, ки ҳаёти мо бояд Худоро инъикос кунад ва Навиштаҷот дар ин бора ба таври возеҳ гуфтааст. Каломи Худо дар бораи писарон ва духтарони Ӯ мегӯяд, ки мо “... дар ин ҷаҳон мисли Ӯ рафтор мекунем” (1 Юҳанно 4:17). Ҳаввορӣ Юҳанно нагуфтааст: “Чӣ тавре ки Ӯ рафтор карда буд, мо низ дар ҳаёти осмониамон ҳамон тавр рафтор хоҳем кард”. Не, балки дар ҳамин ҷо дар рӯи замин ҳамчун Ӯ рафтор хоҳем кард! Ин суханон то умқи дили мо мерасад. Дар дигар ҷо навишта шудааст.

> “Ки бо онҳо ба мо ваъдаҳои бузург ва гаронбаҳо дода шудааст, то ки шумо ба воситаи онҳо шарики табиати илоҳӣ гардед...” (2 Петрус 1:4).

Як фикр кунед. Ба ману шумо табиати илоҳии Ӯ дода шудааст. Ин на

табиати одами аз ҳама машҳури ин дунё мебошад. Не, балки ин табиати Худи Худо мебошад, ва Петрус калимаи “илоҳӣ”-ро илова карда, дар ҳоле ки агар нафаҳмида бошем, моро ба ин бовар мекунонад, Дар ин ҷо калимаи Юнонии *theios* истифода бурда мешавад, ки маънои “танҳо ба Худо тааллуқ доштан ва аз Ӯ ба вуҷуд омадан”-ро дорад (луғати WSNTDICT). Калимаи “табиат” ин калимаи Юнонии *phusis* ки маънои “аниқ нишон додани моҳият, дохил ва таркиб”-ро дорад (WSNTDICT). Ин мафҳумҳоро якҷоя гузоред ва ин ба миён меояд: “Вай ба мо... ваъда дод, ки шумо ба воситаи онҳо қисми муҳим ва ҷудонашавандае шудаед, *ки фақат ба Худо таалуқ дорад”.*

Мо дар ҳақиқат аз Худо тавалуд шудаем!

Вақте ки воизон ба мисли суханони зайл луқмапартоӣ мекунанд, маро хавотир месозанд: “Байни масеҳиён ва гуноҳкорон ҳеҷ фарқияте мавҷуд нест; фақат ба масеҳиён гуноҳҳояшон бахшида шудааст”. Ин таълимоти бардурӯғ аст, ки ду чизи даҳшатнокро ҳамроҳи худ меорад: дар аввал ин гуна суханон кори Худоро, ки нисбат ба мо ба воситаи Исо анҷом додааст ночизу камаҳамият мешуморад, ва дуюм ваъдаҳои Худоро беқувват карда, халқи Худоро аз ғуломии ин ҷаҳон, ки ба он мо аз сабаби ҳавасҳои гуноҳкоронаи худ афтодаем, раҳо шудан намемонад.

Ҳатто табиат ин гуна таълимоти бардурӯғро раъд мекунад. Шумо ягон бор шунидаед, ки шер чумчуқ таваллуд кунад ё ин ки асп кирмро ба дунё оварад? Мо аз Худо таваллуд шудаем ва мо фарзандони Ӯ ҳастем. Ба мо гуфта шудааст: “Азизон акнун (ҳоло, на он вақте ки ба осмон мерасем) шумо фарзандони Худо шудаед...” (1 Юҳанно 3:2).

Аз он сабаб, ки мо азизони Ӯ ҳастем, мо бояд хислати хуб, муҳаббати бешарт, хурсандии нотакрор, осоиштагие, ки аз ақл болост, қуввати фавқуттабиӣ, дониши баланд ва фаросат дошта бошем ва ин рӯйхатро идома додан мумкин аст! Навиштаҷот ин гуна хислатҳоро ба мо ваъда мекунад, барои ҳамин ман боз саволи худамро медиҳам: “Барои чӣ ҳамаи инро мо дар ҳаёти ҳар яки худамон ва дар ҳаёти тамоми калисо намебинем?”

Пеш аз он ки ба ин савол ва ба саволҳои ба ин монанд ҷавоб диҳем, ман шуморо ба хондани ин китоб тайёр карданӣ ҳастам. Якчанд бобҳои навбатӣ шояд барои шумо дағалона ва манфӣ намудор шаванд, лекин ман боварӣ дорам, ки шумо ҷавоб пайдо мекунед ва ин ҷавобҳо шуморо қонеъ мегардонанд.

Тасаввур кунед, ки агар духтур бемории шахсеро аз ташхис гузаронида, ба вай диагнози саратони пӯст муқаррар кунад ва барои шифоии он амалиёти хурди ҷарроҳиро таъин намояд, нишондоди вай боиси нороҳатии шахси бемор шуда метавонад. Бемор ба шӯр меояд: “Чӣ балое ба сарам омад, ба касалии саратон мубтало шудам, ман умуман дар бораи ин шунидан намехоҳам ва муолиҷа кардан ҳам намехоҳам. Лекин барои наҷот додани ҳаёти худ ин корро мекунам”. Лекин дигар ҳолатеро тасавур кунед: агар духтур ба ин касалӣ аҳамият надода, ба шахси бемор фақат маслиҳат диҳад, ки танҳо аз хӯрдани баъзе чизҳо парҳез кунад, ба машқҳои ҷисмонӣ машғул шавад, ба ҳаёт муносибати мусбӣ дошта бошад ва аз ташвиши зиёдатӣ худдорӣ кунад, он гоҳ ин буғуми саратон торафт калон шуда, барои ҷарроҳӣ кардан дер мешавад ва марги бемор фаро мерасад.

Худо моро он қадар дӯст медорад, ки нисбат ба чизҳое, ки ба мо зарар мерасонад ва ҳатто ҳалок карда метавонад, бепарвоӣ зоҳир намекунад. Ӯ медонад, ки бо тарзи ҳаёти мусбӣ моро аз ин чизҳое, ки маҳдуд мекунад, озод кардан ғайриимкон аст. Беҳтараш бо ин мушкилӣ рӯ ба рӯ истода, онро бартараф кардан лозим аст. Ӯ Падаре аст, ки дар бораи саломатӣ ва некӯаҳволии мо ғамхорӣ мекунад.

Барои ҳамин дар вақти хондани боби навбатӣ дар хотир дошта бошед, ки барои муолиҷаи дуруст бояд аввал беморӣ маълум карда шавад. Натиҷаи он баракате мебошад, ки дар Навиштаҷот ваъда карда шудааст.

## Чӣ тавр ба савол ҷавоб додан

Агар Подшоҳии Ӯ дар дохили мо бошад, пас барои чӣ ин Подшоҳӣ, мисли он ки дар осмон аст, дар замин мавҷуд нест? Барои чӣ баъзе имондорони Аҳди Қадим иштирокчиёни аҳди “якум”, ки дар ваъдаҳои хурдтаре асос ёфта буд, нисбат ба мо хубтар зиндагӣ мекарданд? Навиштаҷот бисёр маротиба ба ин савол ҷавоб медиҳад! Ва яке аз ҷавобҳо дар номаи Павлус ба қӯринтиён омадааст:

> “Пас, одамизод бояд худро имтиҳон кунад, ва ба ин тариқа аз он нон бихӯрад ва аз он коса бинӯшад. Зеро, кас агар дар бораи Бадани Худованд мулоҳиза накарда, ба таври ношоиста бихӯрад ва бинӯшад, вай ба маҳкумияти худ мехӯрад ва

> менӯшад. Ба ҳамин сабаб бисёре аз шумо оҷиз ва бемор ҳастанд, ва бисёре мурдаанд. Зеро, агар худамон худро доварӣ мекардем, ба доварӣ дучор намешудем. Модоме ки ба доварӣ дучор шудаем, аз ҷониби Худодованд ҷазо мебинем, то ки бо аҳли ҷаҳон маҳкум нагардем” (1 Қӯринтиён 11:28, 32).

Павлус пайхас кард, ки қӯринтиён ба Таоми Шоми Худованд беэътиноӣ мекунанд, вале ин беҳурматии онҳо дар ягон чизҳои ночиз ва камаҳамият набуд. Дар вақти Таоми Шоми Худованд онҳо зиёфат мехӯрданд, на мисли он ки мо ҳоло Таоми Шоми Худовандро чун маросим мегузаронем. Баъдтар мо мефаҳмем, ки решаи ҳамаи мушкилиҳои онҳо, ки ҳар баду балоро ба сарашон овард, дар он буд, ки онҳо беитоатии худро фаҳмида бошанд ҳам, кори нодурусти худро идома медоданд.

Рафтори онҳо се оқибат дошт: нотавонӣ, касалӣ ва марги ҷисмонӣ. Дутои охираш маълум аст, вале аввалинаш чист? Баъзеҳо “нотавонӣ” гуфта, маънoии камқувватӣ ва беморӣ, беқувватӣ ва бемаҷол буданро мефаҳманд. Ин калима ба бисёр соҳаи ҳаёти мо вобаста мебошад. Умуман ин маънои онро дорад, ки мо ба иҷро кардани чизҳое, ки барои он офарида шудаем, нотавон мегардем.

Биёед ба Супермен бармегардем. Маводе, ки барои вай хатар дошт ва вайро нотавон мекард, криптонит ном дошт. Супермен қобилятҳои олиеро дошт. Вай амалҳои фавқуттабииро анҷом медод, донишҳои аз меъёр боло, эҳсоси нотакрор ва хислати хубро дошт. Лекин агар вай дар назди криптонит вақти дуру дароз мемонд он гоҳ ӯ беқуввату бемаҷол мегардид ва касал мешуд ва ҳатто мурданаш мумкин буд.

Моҳиятан, ҳаввории Павлус низ ба мо кору амали криптонитро дар калисо кушода медиҳад. Ин падида моро аз қувват маҳрум месозад ва аз ҳаёте, ки бо қуввати табиати илоҳӣ фаро гирифта шудааст, бозмедорад.

Шоҳ Довуд боре гирякунон иқрор шуда, гуноҳҳои худро эътироф кард: “...илики ман ба хушкии тобистон мубадал шудааст” (Забур 31:4). Дар тарҷумаи The Message чунин навишта шудааст: “Шираи зиндагии ман хушк шудааст“. Дар таронаи дигари Забур навишат шудааст: “... аз гуноҳи ман қувватам заиф ва устухонҳоям хушк шудааст” (Забур 30:11).

Яъқуб чунин менависад “...гуноҳ, ки ба амал омад, маргро ба вуҷуд меоварад. Эй бародарони маҳбуби ман, фирефта нашавед” (Яъқуб 1:15, 16).

Яъқуб ба имондорон муроҷиат карда мегӯяд, ки мо ба доми гуноҳ наафтем. Агар бо гуноҳ мубориза набарем, он ҳамон зарарҳоеро расонида метавонад, ки криптонит ба Супермен мерасонд, ва ҳатто то ба марг расониданаш мумкин аст. Бо ҳамин сабаб Павлус ҳамчун падари меҳрубон калисои қӯринтиён ва моро дар бораи таъсири криптонити рӯҳонӣ огоҳ кардааст.

## Огоҳии сахт

Аввалин чизе, ки ки дар ин оятҳо бояд қайд карда шавад, ин огоҳӣ мебошад. Павлус намегӯяд: "Ана ҳамин *аст* сабаби ҳамаи бемориҳо, нотавониҳо ва марги пеш аз мӯҳлат дар байни шумоён". Бо ибораи дигар, вай намегӯяд, ки ҳамаи озмоишҳо, касалиҳо ва марг дар натиҷаи гуноҳ мебошад. Мо, имондорон, одатан бо мушкилиҳо мубориза мебарем, чунки дар дунёи пургуноҳ, ки қувваҳои табиат ва рӯҳҳои нопокро дар назар гирифтан лозим аст, зиндагӣ мекунем.

Масалан, дар Хушхабар як ҳодисае тасвир шудааст, ки дар он Исо бо ҳамроҳии шогирдонаш шахси кӯри модарзодро вомехӯранд. Шогирдон пурсиданд: "Кӣ гуноҳ кард: ин одам ё падару модараш, ки вай кӯр зоида шуд?" (Юҳанно 9:2). Онҳо гумон мекарданд, ки одам танҳо бо сабаби гуноҳ кӯр таваллуд мешавад.

Исо ҳамон лаҳза ба онҳо ҷавоб дода гуфт: "Не, на вай гуноҳ кардааст ва на падару модараш". Исо ақидаи нодурусти онҳоро ба зудӣ ва қатъиёна рад кард. На ҳама касалиҳо, нотавониҳо ва марг аз сабаби гуноҳ ба амал меоянд.

Се нафар бо номи Алифози Темонӣ, Билдоди Шуҳӣ ва Сӯфори Наъмотӣ низ дар ҳамин ақида буда, Айюбро маҳкум мекарданд. Дар суханони айбдоркунандаи худ онҳо мегуфтанд, ки азобҳои Айюб аз сабаби гуноҳҳои вай мебошад (ниг. Айюб 5:17; 8:4-6; 11:13-15; 22:1-11). Ба ҳар ҳол то оғози азобҳои Айюб, Худо аз ӯ фахр карда, чунин суханонро мегуфт: "…мисли ӯ марди беайб ва росткор ва худотарсе, ки аз бадӣ дур мешавад, бар замин нест" (Айюб 1:8). Азобҳои Айюб аз сабаби гуноҳ кардан ва ё хатогиҳои вай набуд. Худо як муддате хомӯш буд ва дар охир ба Алифоз гуфт: "…Ғазаби Ман бар ту ва ду дӯсти ту оташ гирифтааст, чунки дар бораи Ман мисли бандаи Ман Айюб сухан нагуфтед" (Айюб 42:7) Вақте ки мо Худоро чунон тасвир мекунем, ки гӯё Ӯ инсонро барои гуноҳҳояш ҷазо медиҳад ва ислоҳ мекунад, гарчанде Ӯ дар асл чунин нест, он гоҳ мо зидди

хислати Худо айбномаи ҷиддие пешкаш мекунем.

Якчанд сол пеш аз ин, вақте ки ман имондори ҷавон будам, дар бисёр калисоҳо, ҳангоме ки одамон бо мушкилиҳо рӯ ба рӯ мешуданд, онҳоро ба содир намудани айбу гуноҳ муттаҳам мекарданд. Дар байни баъзе одамон то ҳол чунин ақидаҳо вуҷуд доранд, лекин хушбахтона ҳоло кам шудаанд. Таълимоти Китоби Муқаддас ва роҳбарии дуруст ин гуна ақидаҳои даҳшатнокро аз байн бурданд. Оҳанге, ки бо он одамон ин гуна ақидаҳоро ифода мекарданд бисёр зишт, маҳкумкунанда ва ҳатто нафратангез садо медоданд. Афсӯс ки ин гуна таълимотҳо баъзе одамонро аз имонашон дур кард.

Аз дигар тараф, мо бояд суханони Исоро дар бораи шахсе, ки сиву ҳашт сол фалаҷ буд ва шифо ёфт, дар ёд дошта бошем, ки гуфта буд: “Инак шифо ёфтаӣ; дигар гуноҳе накун, то ки ба вазъияти бадтаре дучор нашавӣ” (Юҳанно 5:14). Он чизе ки Исо гуфтааст, мо раъд карда наметавонем, гуноҳ дарро барои озмоишҳо ва оқибатҳои нохуш мекушояд. Исо ин одамро он қадар дӯст дошт, ки ҷони худро барои вай фидо кард. Маҳз аз сабаби муҳаббати бузурги худ Ӯ ин шахсро огоҳ кард.

Ҳангоме ки мо аз ҳалли ин гуна масалаҳо мегурезем, он гоҳ ин нишонаи он аст, ки ба мо муҳаббати ҳақиқӣ намерасад. Мо худро ба даст гирифта, хомӯш мемонем, ки мабодо дигарон моро шахси бетарбия, маҳкумкунанда ё айбдоркунанда нашуморанд, лекин бо хомӯшии худ мо ба дигар канор меғалтем. Дар ин вақт мо ба ҳамон ҳолате мемонем, ки Павлус дар бораи он менависад, ва бисёре аз мо бемор, нотавон шуда, ва пеш аз мӯҳлат мемирем. Оё ин муҳаббат аст? Оё ин ғамхорӣ аст?

Мо барои одамон ҷавобҳо дорем, лекин ба гуфтан шитоб намекунем, чунки аз якдигарнофаҳмӣ метарсем. Биёед ростқавл мешавем: муҳаббати мо ба чӣ равона шудааст? Оё мо калисоро ҳамчун Исо ва Павлус, вақте ки ин суханони ҳақиқатро мегуфтанд, дӯст медорем? Ё ин ки мо, эҳтимол, аз тарси он ки пайравони худро гум мекунем ё дигарон моро нодуруст мефаҳманд, тамоми диққатамонро ба худ ва обрӯи худ равона мекунем?

## Роҳи ман

Дар аввали хизмати худ ман ҳамеша саъй мекардам, ки дигаронро рӯҳбаланд кунам, ҳаддалимкон бо атрофиёни худ мулоҳизакорона муносибат кунам. Ман аз гуногунандешӣ мегурехтам, чуноне ки аз вабо

мегурезанд. Ман баъзан фиреб дода, суханони хубро мегуфтам, фақат мехостам, ки бо касе баҳсу талош накунам. Ана ин суханонро дар бораи Ҷон Бивер мегуфтанд: “Вай одами бисёр меҳрубон, ӯ яке аз шахсони хушмуомилатарини калисо мебошад”. Ин гуна суханон ба гӯши ман мефорид ва дили маро гарм мекард.

Боре дар вақти дуо Худо ба ман гуфт: “Одамон мегӯянд, ки ту яке аз шахсони хушмуомилатарин дар калисо мебошӣ, ин рост аст?”

Ман дар ҷавоб гуфтам: “Бале, ҳамин тавр мегӯянд”. Ва худ ба худ фикр кардам, ки фақат Худо аз ин розӣ бошад шуд, лекин аз овози Рӯҳулқудс ва тарзи суханронии Ӯ фаҳмидан мумкин буд, ки Ӯ дигар ақида дорад.

Ва идомаи сӯҳбат хавотирии маро тасдиқ кард. Вай гуфт: “Писарам, ту одамони ин калисоро дӯст намедорӣ”.

Ман аз шунидани ин суханон дар аввал карахт мондам ва баъд дар ҷавоб гуфтам: “Чӣ? Ман одамонро дӯст медорам, маҳз худи онҳо чунин мегӯянд.”

Ва баъд Вай илова кард: “Медонӣ барои чӣ ту дар ҳар сӯҳбат фақат суханони мусбӣ ва рӯҳбаландкунанда мегӯӣ?

“Барои чӣ?” – бо эҳтиёт пурсидам ман.

Ӯ дар ҷавоб гуфт: “Чунки аз он метарсӣ, ки туро рад мекунанд”

Ман дилшикаста ва афсурда шудам ва дар ҷавоб ҳеҷ чизе гуфта натавонистам.

Ӯ суханони Худро идома дода гуфт: “Агар ту дар асл одамонро дӯст медоштӣ, он гоҳ ҳатто бо вуҷуди он ки онҳо туро ва ё суханонатро рад мекунанд, ту ба онҳо ҳақиқатро мегуфтӣ”.

Дар ҳаёти ман лаҳзаи муҳими ҳалкунанда фаро расид. Ман ҳамон лаҳза дигаргун шуда, худро ба дигар канор задам. Акнун ман ҳақиқатро мегуфтам, вале дар тарзи сухангӯии худ ягон одоби хушбаёниро риоя намекардам, чунки ба ман аз ҳамаи чизи муҳим – муҳаббати ҳақиқӣ намерасид. Ман ба калисоҳои хурд рафта, хизмат мекардам ва афсӯс ки гӯсфандони он рамаро мезадам. Ба ақиб нигоҳ карда, ман аз он афсӯс мехурам, ки одамонро сарзаниш мекардам ва ба онҳо қатрае раҳм намекардам, ва ҳоло ба роҳбарони он калисоҳо дилам месӯзад, ки бад аз рафтани ман имондорони калисои худро аз нав шифо медоданд.

Соли 2001 ман дар яке аз калисоҳои калони Аврупо дар як конфронс хизмат кардам. Баъд аз якчанд моҳ ман аз манбаъҳои

гуногуни се қитъаи замин шунидам, ки шубони ин калисо ба пешвоёни аввали худ гуфтаст, ки ман бо гӯсфандон дағал муносибат кардам ва онҳоро бераҳмона задам. Вай ҳақ буд.

Ин хабари нохуш маро водор кард, ки пеши Худованд зону занам. Ман дар дуо ба Худо нола карда, мегуфтам, ки дили маро бо муҳаббат ва раҳмат нисбат ба одамон пур кунад. Ӯ ба дуои ман ҷавоб дод. Аввалин маротиба дар ҳаёти худ ман фаҳмидам, ки аз сидқи дил дӯст доштани он одамоне, ки барояшон хизмат мекунӣ, чӣ маъно дорад.

## На баъзеҳо, балки бисёреҳо

Дар хотир дошта бошед, ки Павлус калисои шаҳри Қӯринтро дӯст медошт. Суханоне, ки ӯ навиштааст, исботи ин гуфтаҳост: “Аз чӣ сабаб? Оё аз он сабаб ки ман шуморо дӯст намедорам? Худо медонад!” (2 Қӯринтиён 11:11).

Дар дигар қисми ин нома вай чунин менависад: “Зеро ки аз бисёрии андӯҳ ва дилтангӣ ба шумо бо ашки фаровон навишта будам, на барои он ки шуморо ғамгин гардонам, балки барои он ки муҳаббати зиёдеро, ки нисбат ба шумо дорам, дарк намоед” (2 Қӯринтиён 2:4). Ин калисо вайро нодуруст фаҳмид. Онҳо суханониислоҳкунанда ва огоҳкунандаи вайро нисбати худ ҳамчун норасогии муҳаббат қабул карданд, ва албатта ин гуна ҳодиса дар дигар калисоҳо низ рӯй доданаш мумкин аст. Бисёр одамон чунин рафтор мекунанд, ки ман пештар рафтор мекардам, ман одами сахтгир, сахтдил, қонундон буда, ягон хел муҳаббат, раҳмдилӣ ва ғамхориро намоён намекардам. Онҳо суханони зебое ва ибораҳои далеронаро гуфта метавонанд, лекин дар ангезаҳои худ хато мекунанд. Бисёр одамон қурбони ин гуна сӯистифода бурдани қудрат гаштанд. Аммо на ҳама ислоҳкунӣ ва огоҳкунӣ як хел мебошанд. Павлус баъзан дар ислоҳ кардан сахтгир аст, вай сарзаниш карда, корҳои хатои онҳоро фош мекунад, лекин ба ҳар ҳол вай инро аз рӯи муҳаббат ва дили пок ба ҷо меорад.

Андаке баъдтар дар ин нома Павлус чунин менависад: “Ман бо майли тамом барои ҷонҳои шумо моли худро сарф намуда, ҷони худро хоҳам дод, қатъи назар аз он ки ба бадали муҳаббати зиёде ки ба шумо дорам, аз ҷониби шумо ба худам муҳаббати камтаре мебинам.” (2 Қӯринтиён 12:15). Вай хафагии худро пинҳон намекунад. Онҳо муҳаббат

ва ғамхории амиқи ӯро дар бобати некӯаҳволиашон дарк накарданд, ва акнун Павлусро ҳамчун роҳбари сахтгир, ҳамчун шахсе қабул мекарданд, ки онҳоро ба зери итоати худ даровардан мехоҳад.

Илтимос, маро дуруст фаҳмед, ки гарчанде Павлус суханони сахтро гуфта, сабаби беморӣ, заъф ва марги пеш аз мӯҳлати онҳоро ошкоро гуфта бошад ҳам, инро вай аз рӯи муҳаббат ва ғамхорӣ нисбат ба онҳо ба ҷо овардааст.

Барои қабул кардан бисёр осонтар мешуд, агар вай "баъзе аз шумо" мегуфт, лекин ӯ дидаю დониста "бисёре аз шумо" гуфт. Оё ба ҳақиқатҳое, ки тавассути суханони вай ба мо ошкор шудааст, чашм пӯшида метавонем? Агар дар он вақт ин ба онҳо дахл дошта бошад, оё ҳоло ба мо низ дахл дорад? Агар ин ҳолат фақат ба онҳо дахл медошт, он гоҳ Худо иҷозат медод, ки ин ба Навиштаҷот дохил шавад? Магар ин ба мо низ дахл надорад? Алабатта, ҷавоб "ҳа" аст.

Исботи охирин: Павлус на танҳо ба маросими Таоми Шом дар калисо муроҷиат мекунад. Суханони вай, нисбат ба он ки ба назари аввал намоён мешавад, маънои ҷуқуртаре доранд ва худи ман дар давоми солҳо инро надида будам. Ва дар боби навбатӣ мо маънои суханони ӯро амиқтар таҳлил мекунем.

## АМАЛ КУНЕД

Баргашта, аввали ин бобро хонед, то ки ба хотири худ биёред, ки чӣ имконпазир аст. Дар хотир дошта бошед, ки шумо барои чӣ даъват шудаед: "... дар ин ҷаҳон мисли Ӯ рафтор кунед" (1 Юҳанно 4:17). Худо моро на дар ҳаёти оянда, балки дар ҳамин ҳаёт даъват мекунад, ки мисли Исо зиндагӣ кунем.

Аз рӯи гуфтаҳои боло шумо дар бораи ҳаёти ҳаррӯзаи худ чӣ фикр мекунед? То он вақте, ки шумо қобилияти худро дар Масеҳ дарк накардед, худро камқувват мешуморидед, вале акнун, ки онро дарк кардед, шумо худро қудратманд мешуморед ё заиф? Агар шумо худро камқувват ҳисоб кардед, пас ҷавоби хирадмандона додед. Чунки Худо мегӯяд, ки қуввати Вай ҳангоми нотавоноии мо амал мекунад (ниг. 2 Қӯринтиён 12:9).

Ҳангоме, ки мо сӯи Худо ҳаракат мекунем, Ӯ нотавоноии моро ба қуввати мо табдил медиҳад (ниг. 1 Петрус 5:5). Аз Худо хоҳиш кунед, ки

сабаби нотавоноии шуморо дар ҳаётатон ошкор кунад. Онҳоро нависед ва баъд аз Ӯ хоҳиш кунед, ки роҳҳои аз онҳо озод шуданро ба шумо нишон диҳад. Вақтро ҷудо карда, ин дастурамалҳои Худоро нависед, ки чӣ тавр ҳар нотавониро ба қувват мубаддал кардан мумкин аст.

# 3

# ТАНҲО

Бори дигар суханони Павлусро, ки ба калисои дӯстдоштааш навиштааст, мехонем:

> “Пас, одамизод бояд худро имтиҳон кунад, ва ба ин тариқа аз он нон бихӯрад ва аз он коса бинӯшад. Зеро, кас агар дар бораи Бадани Худованд мулоҳиза накарда, ба таври ношоиста бихӯрад ва бинӯшад, вай ба маҳкумияти худ мехӯрад ва менӯшад. Ба ҳамин сабаб бисёре аз шумо оҷиз ва бемор ҳастанд, ва бисёре мурдаанд. Зеро, агар худамон худро доварӣ мекардем, ба доварӣ дучор намешудем” (1 Қӯринтиён 11:28-31).

Дар ин боб мо ба суханони Павлус “дар бораи Бадани Худованд мулоҳиза накарда” диққат медиҳем. Дар аввал ман дар ин ҷо ду чизро қайд карданӣ ҳастам: нуктаи аввал дар он аст, ки вай дар ин ҷо на ба як шахси муайян муроҷиат карда мегӯяд, балки ба ҳар як шахс дар ин калисо муроҷиат мекунад, яъне ки ин суханон ба тамоми ҷамъомади шаҳри Қӯринт дахл дошт.

Дар даҳсолаҳои гузашта ба муносибати шахсии ҳар як нафар бо Исои Масеҳ диққати хосе дода мешуд. Албатта, ин соҳаи муҳими масеҳият мебошад. Лекин ба ягонагии ҷамъомади масеҳиён ҳамчун як бадан он

қадар аҳамият дода намешуд. Бо дигар суханон гӯем, ба ягонагӣ дар Масеҳ диққат дода намешуд. Муҳим аст, ки ҳар дуи ин соҳаро дар назар дошта бошем ва ба ягонтои он беаҳамиятӣ накунем.

Дуюм, биёед ин суханони Павлусро дар дигар тарҷумаи Китоби Муқаддас дида мебароем (New King James Version). Навишта шудааст, ки бисёре аз шумо бемор, нотавон ҳастанд ва пеш аз мӯҳлат мемуранд, “чунки дар бораи Бадани Масеҳ мулоҳиза намекунанд” (ояти 29). Таҳқиқоти ҳар ду ин тарҷумаҳо ба мо ҷавоби возеҳ медиҳанд.

Барои он ки ба асли моҳияти ин суханон сарфаҳм равем, мо бояд боби пеш аз ин омадаи номаи Аввал ба Қуринтиёнро кушоем, ки дар он Павлус дар бораи озодшавии халқи Исроил аз Миср ва вақти гузаронидаи онҳо дар биёбон сухан меронад. Дар байни ин суханҳо вай мақсади ба хотири онҳо расонидани ин воқеаҳоро мегӯяд: “Ҳамаи ин ба онҳо чун тимсоле рӯй дод, ва барои *тарбияти* мо навишта шуд, ки охирзамон насиби мо гардидааст” (1 Қӯринтиён 10:11). Павлус нафақат дарси таърих мегузаронад, балки моро аз чизҳои муҳим огоҳ карда, моро аз доварӣ нигоҳ медорад.

Ҳавворӣ дар бораи он ки чӣ тавр исроилиён аз биёбон мегузаштанд, мулоҳиза карда, онро аз шарҳи муносибатҳое, ки онҳо дар асоси аҳд бо Худо доштанд, сар мекунад. Вай мегӯяд, ки *ҳамаи* онҳо аз ҷонибӣ Рӯҳи Худо (абр) роҳнамоӣ мешуданд, *ҳама* аз Миср (рамзи ин ҷаҳон) халосӣ ёфтанд, *ҳамаи* онҳо таъмид гирифтанд (мо ба як Бадан таъмид ёфтаем), ва *ҳама* айни ҳамон як ғизои рӯҳониро истеъмол мекарданд, ва *ҳама* як оби рӯҳониро менӯшиданд (Каломи Худо). Дар ин ҷо диққат ба калимаи *ҳама* дода шудааст. Ва баъд вай хулоса карда мегӯяд, ки ин сахрае, ки ҳамроҳи онҳо буд, худи Масеҳ мебошад. Павлус аниқ нишон медиҳад, ки ҳамаи онҳо мисли як Бадан буданд ва ҳама ба як Худо тааллуқ доштанд, ки бо онҳо аҳд баста аст. Ҳамаи ин ба мо, ки Бадани Масеҳ ҳастем, бевосита дахл дорад.

Дар идома Павлус суханони мабҳуткунандаеро менависад: “Лекин бар аксари онҳо ҳусни таваҷҷӯҳи Худо набуд; зеро ки онҳо дар биёбон ба ҳалокат расиданд” (10:5). Худо моро хеле сахт дӯст медорад, муҳаббати Ӯ аз идроки болотар аст. Мо ҳеҷ вақт Ӯро маҷбур карда наметавонем, ки моро камтар ва ё бештар дӯст дорад. Аммо мо бояд қайд, кунем ки *ҳусни* таваҷҷӯҳ Ӯ ба мо аз рафторамон вобаста мебошад. Ана барои ҳамин Павлус дар дигар ҷой менависад, ки “... саъю кӯшиш менамоем,

ки ба Ӯ писанд оем” (2 Қӯринтиён 5:9). Барои ҳар яки мо, барои ҳамаи имондорон ин бояд мақсади аввалиндараҷа бошад.

Барои чӣ одамони Аҳди Қадим иҷро шудани ваъдаҳои Худоро дар ҳаёти худ надида ҳалок гардиданд? Павлус панҷ гуноҳро номбар мекунад, ки онҳоро ба мағлубият дучор кард: тамаъкорӣ (хоҳиши сахти ба даст овардани он чизҳое, ки аз ҷониби Худо намебошад ё чизҳое, ки Ӯ барои мо пешбинӣ накардааст), бутпарастӣ, алоқаҳои ҷинсии гуноҳолуд, озмоиши Худованд ва шикоятҳо. Баъд аз якчанд оят Павлус менависад:

> “Ба мулоҳизакорон сухан мегӯям: дар бораи он чи мегӯям, худатон мулоҳиза кунед; оё косаи баракат, ки онро баракат медиҳем, шарик шудан ба Хуни Масеҳ нест? Оё ноне ки пора мекунем, шарик шудан ба Бадани Масеҳ нест? Чунон ки нон яктост, мо низ, ки бисёрем, як тан ҳастем, зеро ки ҳамаамон аз як нон ҳиссае мегирем. Ба Исроил ба ҳасби ҷисм нигоҳ кунед: оё онҳое ки қурбониҳоро мехӯранд, *шарики қурбонгоҳ нестанд*?” (1 Қӯринтиён 10:15-18).

Дар ин ҷо Павлус боз мавзӯи Таоми Шоми Худовандро бардошта, онро васеътар фаҳмонида медиҳад, ки вай то ин вақт дар бораи он дар боби 11-уми Нома ба Қӯринтиён гуфта буд: “дар бораи Бадани Масеҳ мулоҳиза накарда”. Вай тасдиқ мекунад, ки мо бисёр ҳастем ва ҳамаи мо ба воситаи Исои Масеҳ муносибати шахсӣ бо Худо дорем. Аммо, аз дигар тараф, мо дар назари Худо *ягона* ҳастем. Дар суханони Павлус ин фикри асосӣ буд. Мо *Бадани ягонаи* Масеҳ ҳастем; мо *ягона* ҳастем, чунон ки Исроил ягона аст.

Барои ҳамин мо бояд савол гузорем: “Оё доварие, ки моро касал, нотавон ва ба марги бармаҳал мубтало кард, барои ҳар як шахсе, ки гуноҳ содир кард, таъин шуда буд ё барои ҳамаи Бадани Масеҳ дар Қӯринт?”. Маро нодуруст нафаҳмед, ман ба таври махсус қайд карданӣ ҳастам: натиҷаҳои гуноҳҳои шахсие ҳаст, ки инсон барои аъмоли нодурусташ худаш ҷавоб медиҳад, лекин ҳоло биёед диққати худро ба он ҳақиқат ҷалб мекунем, ки Павлус ба мо ошкор мекунад. Вай ба ҳамаи имондорон ба як бадан, ба як халқи бутун муроҷиат мекунад.

Дар ин ҳолат ӯ ба Бадани Масеҳ, ки дар шаҳри Қӯринт ҷой гирифта буд, муроҷиат кардааст.

## Рафтори тамаъкоронаи як шахс

Биёед ба исроилиён бармегардем, ки онҳо барои мо ҳамчун намуна мебошанд. Лекин фақат як насл пештарро дида мебароем, ки дар он ҷо Еҳушаъ ибни Нун халқро роҳбарӣ мекард. Ин гурӯҳи одамон ҳамчун як Бадан далерона аз дарёи Ӯрдун гузашта, ба замин ваъдашудаи худ омаданд. Вазифаи аввалин онҳо нобуд кардани шаҳри бузурге бо номи Ериҳӯ буд. Албатта ин вазифаи осон набуд, лекин Худо боз қуввати бузурги Худро зоҳир кард. Ӯ ба Еҳушаъ вазифаҳои мушаххас, аз ҷумла чунин амреро дод:

> “Валекин шумо аз чизи ҳаром эҳтиёт кунед, мабодо бо даст задан ба чизи ҳаром шумо нобуд шавед, ва ӯрдугоҳи Исроилро гирифтори ҳалокат карда, фалокате ба сари он биёред. Ва тамоми нуқра ва тилло ва зарфҳои мисин ва оҳанин вақф барои Худованд буда, ба ганҷинаи Худованд дохил хоҳад шуд”.
> (Еҳушаъ ибни Нун 6:17-19)

Ҳамаи чизҳое, ки аз Ериҳӯ забт карда мешуд, ба ганҷинаи хонаи Худованд тааллуқ дошт. Ҳамаи он фақат ба Худо тааллуқ дошта ба исроилиён манъ шуда буд, ки ягон чизро барои истифодаи худ нагиранд.

Дар вақти ҳамла ба халқи Худо осебе нарасид. Онҳо ҳама чизҳои зиндаро дар шаҳр мардон, занон, ҷавонон, гову, гӯсфандон, бузҳо, харҳоро бо шамшери худ несту нобуд карданд. Ва баъд онҳо шаҳрро оташ зада, ҳама чиз ба ғайр аз тилло, нуқра, мис ва оҳане, ки ба хазинаи хонаи Худо пешбинӣ шуда буд, аз байн бурданд. Аҷоибаш он буд, ки як нафар ҳам аз исроилиён на маҷрӯҳ шуд ва на вафот кард.

Мо бояд дар хотир дошта бошем, ки ин яке аз ҳамон шаҳрҳое буд, ки насли пештара ба он ҷосусӣ карда, дар бораи аҳволи он шаҳр ба Мӯсо ҳисобот дода буданд: “Лекин қавме, ки дар он замин зиндагӣ мекунад, пурзӯранд ва шаҳрҳояш ҳисордори азим аст...” (Ададҳо 13:29). Маҳз фарзандони насли аввал, ки ба воя расиданд, ба ин шаҳри мустаҳкам ҳамла карда, бидуни ягон талафот дар сафҳои худ онро пурра несту нобуд карданд. Дар ин муҳориба Исроил қуввати фавқуттабииро нишон дод. Аммо дар давомаш навишта шудааст:

> “Вале банӣ *Исроил* дар ҳаққи ғанимате ки ҳаром донista

> шуда буд, хиёнат карданд; ва Охон ибни Кармӣ ибни Забдӣ ибни Зораҳ, ки аз сибтӣ Яҳудо буд, аз он ғанимати ҳаром гирифт, ва хашми Худованд бар банӣ *Исроил* аланга зад" (Еҳушаъ ибни Нун 7:1)

Диққат кунед, ки Навиштаҷот намегӯяд, ки "шахсе бо номи Оҳон ҷиноят кардааст", балки гуфта шудааст, ки "банӣ Исроил ҷиноят карданд". Боз аҷоибаш он ки дар ин ҷо "хашми Худованд бар банӣ *Исроил* аланга зад" навишта шудааст. Дар ин ҷо "хашми Худованд бар *Оҳон* аланга зад" гуфта нашудааст. Исроил як ҷамъияти ягона ва бутун ба шумор мерафт ва агар як нафари тамаъкор беитоатӣ карда, аз амри Худованд баромада бошад, онгоҳ барои гуноҳи вай тамоми халқ ҷавобгар мешуд.

Баъд аз якчанд вақт натиҷаҳои фоҷианоки он кор аён гашт. Шаҳри навбатие, ки барои ҳамла овардан интихоб карданд, шаҳри Ой буд. Ин шаҳри хурд буд ва барои ҳамин роҳбарон гуфтанд: "... набояд тамоми қавм бароянд, балки тақрибан ду ҳазор нафар, ё тақрибан се ҳазор нафар бароянд ва онҳо Ойро торумор хоҳанд кард; тамоми қавмро ба он чо бурда заҳмат надеҳ, зеро ки онҳо кам ҳастанд. Ва аз қавм ба он ҷо тақрибан се ҳазор нафар равона шуданд..." (Еҳушаъ ибни Нун 7:3, 4).

Дар муҳориба ба Ериҳӯ тақрибан шашсад ҳазор нафар аскарон иштирок карда буданд. Ин нишон медиҳад, ки шаҳри Ой нисбат ба Ериҳӯ то чӣ андоза хурд буд. Аммо дар давомаш навишта шудааст:

> "... аз пеши мардуми Ой рӯ ба гурез оварданд. Ва аз онҳо мардуми Ой тақрибан сиву шаш нафарро куштанд ва аз пеши дарвоза то Шеборим онҳоро таъқиб карданд ва дар нишебӣ ба онҳо зарба расониданд; ва дили қавм гудохта гардида, об шуд" (Еҳушаъ ибни Нун 7:4, 5).

Оё ин ҳамон халқе аст, ки пеш аз ин шаҳри бузургтар ва пурқуввати Ериҳӯро бидуни ягон талафот дар сафҳои худ, несту нобуд карда буд? Лекин акнун бошад, аскарон сустӣ нишон дода, аз майдони ҷанг гурехтанд. Онҳо зери таъсири криптонит монданд.

Мутассифона, дар ин муҳориба сиву шаш нафар ҷон бохтанд, ҳол он ки дар ҷанги Ериҳӯ онҳо камқувват набуданд ва ҳеҷ кас ақибнишинӣ намекард ва бо вуҷуди он дар байнашон ҳеҷ кас маҷрӯҳ ва ё талаф нашуда буд!

Биёед дар бораи ин фикру мулоҳиза мекунем: Оҳон гуноҳ кард,

вале бо вуҷуди он ӯ ва наздиконаш ҳеҷ осебе надиданд. Аз дигар тараф, баъд аз муҳориба дар шаҳри Ой сию шаш падару модар хабари марги писарони худро аз майдони ҷанг гирифтанд, ба сию шаш зан шавҳаронашон барнагаштанд ва бисёр фарзандон аз падаронашон ятим монданд. Ва сабаб дар он набуд, ки писарон ва ё шавҳарони онҳо кори хатое карда бошанд, онҳо бегуноҳ буданд. Ҳамаи ин фоҷиа бо сабаби рафтори шахсе, ки аз дигар оила буд, рӯй дод!

Акнун Исроил дар тарс буд. Еҳӯшаъ ибни Нун ва ҳамаи роҳбарони қавм зону хам карданд. Шумо ин саҳнаро барои худ тасаввур мекунед? Онҳо дар ҳайрат монда, дод мезананд: "... Чаро ин қавмро аз Урдун убур кунондӣ, то ки моро ба дасти амӯриён супурда, ба ҳалокат бирасонӣ? Кошки мо азм намуда, дар он тарафи Урдун мемондем!" (Еҳушаъ ибни Нун 7:7).

> Ҷавоби Худовандро бишнавед: "... Бархез; чаро ту чунин бар рӯи худ афтодаӣ? *Исроил* гуноҳкор шуданд, ва ҳам аҳдеро, ки ба онҳо амр фармудаам, поймол карданд..." (Еҳушаъ ибни Нун 7:10, 11).

Худо намегӯяд, ки: "Як нафар аз байни шумо гуноҳ кардааст". Не, балки Вай боз такрор мекунад "Исроил гуноҳ кард!". Ҳеҷ кас намедонист, ки Оҳон гуноҳ кардааст. Ҳеҷ кас тамаъкории вайро надид. Лекин ба ҳар ҳол тамоми Бадан аз криптонити рӯҳонӣ азоб мекашид. Баъд Еҳушаъ ибни Нун фаҳмид, ки ин гуноҳи кӣ буд, ва аз Оҳон пурсуҷӯ кард ва ҷавоби Оҳон чунин буд:

> "Ман ҳақиқатан пеши Худованд Худои Исроил гуноҳ карда, чунин коре ба амал овардам: Вақте ки дар миёни ғанимат як ҷомаи зебои шинъорӣ, ва дусад сиқл нуқра, ва як сихи тиллоро, ки вазнаш панҷоҳ сиқл буд, дидам, онҳоро тамаъ намуда, гирифтам..." (Еҳушаъ ибни Нун 7:20, 21).

Еҳушаъ ибни Нун ва пешвоёни қавм Оҳонро барои гуноҳаш сахт ҷазо доданд ва вақте ки онҳо кори худро анҷом доданд, он гоҳ мо мехонем.

> "... ва оташи хашми Худованд фурӯ нишаст" (Еҳушаъ ибни Нун 7:26).

## Намуна

Ин воқеа аз Аҳди Қадим амсоли номаи Павлус ба калисои Қӯринт буда, дар он вай мегӯяд: “Ана барои чӣ бисёре аз шумо бемор ва нотавонанд ва бармаҳал мемуранд”. Мо дар боби навбатӣ мефаҳмем, ки гуноҳи як нафар на фақат ба як шахси муайян, балки ба тамоми калисо таъсир мерасонад.

Шумо савол доред, ки барои чӣ имрӯз дар калисо бисёр одамон касал, аз бемориҳои зиёд азоб мекашанд ва нотавон мебошанд? Бародарон ва хоҳарони азизи мо, гӯё ки аз бемориҳои худ озод шуда наметавонанд, ва ҳатто баъзеҳо пеш аз мӯҳлат мемиранд. Барои чӣ дар калисои мо ин қадар модарони танҳо, ки зиндагии вазнин доранд ва бечораю бенаво ҳастанд, зиёд мебошанд? Барои чӣ бисёр имондорон бекор мебошанд ё ин ки дар шароитҳои бисёр танг зиндагӣ мекунанд ва мӯҳтоҷи ёрдами давлат ҳастанд?

Ин рӯйхати камбудиҳоро, ки мо онҳоро ғалаба карда наметавонем, то беохир идома додан мумкин аст.

Дар давраи Сулаймон ягон бечораю бенавое ва ё бекорчие набуд, ки дасти худашро барои кӯмаки давлати дароз карда бошад. Дар замони китоби Аъмол одамон ба ҳеҷ чиз мӯҳтоҷие надоштанд, онҳо аз бемориҳо ва нотавониҳои худ ҳамон лаҳза шифо меёфтанд. Барои чӣ мо имрӯз инро мушоҳида намекунем? Оё имкон дорад, ки мо он чизҳоро аз сар мегузаронем, чуноне ки Исроил дар вақти муҳориба бо шаҳри Ой аз сар мегузаронид?

Боз як маротиба қайд кардан лозим аст, ки одам шахсан аз натиҷаи гуноҳҳои худ азоб кашиданаш мумкин аст. Оҳон дар натиҷаи доварӣ ҷазои худро дид, лекин тамоми Исроил низ дар натиҷаи ин кор зери таъсири криптонити рӯҳонӣ монд. Ман умедворам, ки таҳқиқи ин мавзӯъро идома дода, шумо маънои узви Баданаи Масеҳ буданро, бо ҳамон андозае, ки бо Исо муносибати шахсӣ доред, бештар дарк мекунед, ва мефаҳмед, ки рафтори мо ҳамчун як узви Бадан ба узвҳои дигари он ё баракат оварда метавонад ва ё сабаби машаққатҳо мегардад.

Дар охири ин боб гуфтанӣ ҳастам, ки мо ҳақиқатҳоеро меомӯзем, ки он озодӣ меорад, баъзан мо инро аз тарафи манфиаш назар карда, аз худамон пурсиданамон мумкин аст, ки ҳамаи ин барои чӣ ба ман зарур мебошад? Лекин дар натиҷа, вақте ки ростӣ рӯи об мебароянд, он

ҳақиқатҳо моро аз он чизҳое, ки пештар моро мебастанд, озод мекунад.

Исо гуфт: “Ва ростиро хоҳед шинохт, ва ростӣ шуморо озод хоҳад кард» (Юҳанно 8:32).

## АМАЛ КУНЕД

Шояд шумо филми “Гладиатор”-ро дида бошед ва дар хотир доред, ки ҷенерол Максимус дод зад: “Ба якдигар наздик истед! Мисли як нафар бошед!”. Ва шумо дидед, ки ин амал ба онҳо ғалаба овард. Ин сир нест, ки усули аз ҳама самараноки ҳарбӣ ҷудо кардан ва бад ҳукмронӣ кардан мебошад.

Исо дар бораи ин хеле хуб медонист ва таълим медод, ки хонае, ки аз ҳам ҷудо мешавад, устувор намемонад (ниг. Матто 12:25). Ҳангоме ки Бадани Масеҳ дар масъалаи садоқат ба Ӯ аз ҳам шудо мешавад, он гоҳ вай камқувват мегардад. Ин маънои онро дорад, ки аз ҳама чизи бузурге, ки шумо барои калисо карда метавонед, ин ба мақсадҳои Худо худро пурра бахшида, зиндагӣ кардан аст. Ин маънои онро дорад, ки ҳаёти рӯзмарра ва корҳои худро ба Худо ҳамчун нишонаи саҷда кардан ба Ӯ мебахшед.

Худо мехоҳад, ки Ӯ дар ҳаёти шумо на фақат саҳарии рӯзи якшанбе ҳузур дошта бошад. Агар шумо кор, оила, шавқ ва дигар чизҳоро ба Ӯ насупорида, дар ҳама чиз Ӯро ҷалол надода, зиндагӣ карда истода бошед, имрӯз тавба кунед. Аз Исо хоҳиш кунед, ки ба шумо тарзи зиндагии парастишкунандаро нишон диҳад. Ҳама он чизе, ки Вай нишон медиҳад, навишта гиред ва аз Рӯҳи Худо хоҳиш кунед, ки шуморо пур кунад, то ки шумо худро пурра ба Ӯ бахшида тавонед.

# 4

# КРИПТОНИТИ СИРОЯТКУНАНДА

> “Худо бадани моро чунин офаридааст, ки дар он мо, калисо, намунаи чӣ тавр дар ягонагӣ зиндагӣ карданро бубинем” (1 Қӯринтиён 12:25, аз тарҷумаи англисии MSG).

Дар бораи он фикр кунед, ки бадани шумо чӣ тавр офарида шудааст ва чӣ тавр тамоми узвҳо, гарчанде ки дар масофае аз якдигар ҷойгир шудаанд, бо якдигар пайваст мебошанд. Ангушти пой бо бинӣ вобастагӣ дорад, ҷигар бо зону вобаста аст, даҳон бо асаби тахтапушт ва ғайра. Ягон узве вуҷуд надорад, ки худ ба худ зиндагӣ карда тавонад. Дар ин ҳол вай узви бадани шумо ба шумор намерафт.

Агар ягон узв дард кунад, оё дар якҷоягӣ ба вай тамоми узвҳо дард намекунанд? Агар ба организми инсон вирус ва ё инфексия дохил шавад, он оҳиста-оҳиста тамоми баданро фаро гирифта, аз иштиҳо мемонад, камқувват мешавад, фикрронӣ суст мешавад, дард ва кашишҳо пайдо мешаванд. Аз дигар тараф, агар ҳолати ягон узв хуб бошад, тамоми организм инро эҳсос мекунад. Агар сар ва ё тахтапуштро молиш кунем, он гоҳ тамоми бадан ором шуда, онро эҳсосоти форам фаро мегирад. Ба ин молиш тамоми бадан бо хурсандӣ ҷавоб гардонда, ором мешавад.

Мо ҳамчун калисо ягона мебошем. Исроил, ки ба мо намуна мебошад, то он даме ки Оҳон қасдан гуноҳ карда, ҳам ба худаш ва ҳам

ба тамоми қавм зарар нарасонид, низ ягона буд. Исроил дар ҷанги шаҳри Ериҳӯ мағлубнашаванда буд. Лекин баъд аз якчанд рӯз ҳамон лашкар камқувват шуда, аз майдони муҳориба бо талафоти калон рӯ ба гурез ниҳод. Ба шакли мисол гӯем, халқ зери таъсири криптонити рӯҳонӣ монд. Оё калисои шаҳри Қӯринт инро аз сар нагузаронид? Агар аз наздик дида бароем, мо ба ин ҷавоб пайдо карда метавонем.

Чӣ тавре, ки пештар қайд кардем, дар калисои асри аввал расми қабул кардани Таоми Шом аз тарзе, ки мо имрӯз мегузаронем, фарқ мекард. Барои онҳо ин хӯрдани таом буд, барои мо ин маросим аст. Барои ҳамин дар ин матн суханони Павлус ба калисои ҳозиразамон на он қадар мувофиқ мебошад. Лекин ба ҳар ҳол мо бояд сабаби ин гуна рафтор кардани онҳоро дарк кунем.

Дар ҳолати онҳо чунин мешуд, ки баъзе одамон дар вақти хӯрдани таом аъзоёни дигари калисоро интизор намешуданд. Онҳое, ки аввал меомаданд, хӯрокҳо ва нӯшокиҳои хубро мехӯрданд ва ба дермондагиҳо фақат боқимондаҳо мерасид. Бисёр таърихшиносон ва олимони Китоби Муқаддас дар он ақида ҳастанд, ки ба бенавоён ва одамони сатҳи пасттари иҷтимоӣ беэътиборӣ карда мешуд. Биёед суханони Павлусро боз як бори дигар мехонем:

> “Зеро ҳар кас аз дигарон пештар хӯроки худро гирифта мехӯрад ва яке гурусна мемонад ва дигаре маст мешавад... Зеро кас агар дар бораи Бадани Худованд мулоҳиза накарда, ба таври ношоиста бихӯрад ва бинӯшад вай ба маҳкумияти худ мехӯрад ва менӯшад. Ба ҳамин сабаб *бисёре* аз *шумо* оҷиз ва бемор ҳастанд ва бисёре мемуранд” (1 Қӯринтиён 11:21, 29, 30).

Ба ду калимае ки дар ин порча ман ҷудо кардам, диққат кунед: *шумо* ва *бисёриҳо*.

Аниқ аст, ки Павлус дар бораи гуноҳи баъзе одамон мегӯяд (ояти 21), дар он ҳолате ки натиҷаи он ба бисёр одамон таъсир мерасонад ва бисёриҳо касал, бемадор ҳастанд ва ҳатто мемуранд (ояти 30). Бо Оҳон низ айни ҳамон тавр буд; баъзе одамон аҳкоми Худоро вайрон накарда, аз оқибати доварӣ ҷазо диданд, ки он аз сабаби беитоатии як нафар буд.

Ана ин чиз дар “Pillar”, тафсири Аҳди Ҷадид, чунин навишта шудааст:

> “Чунин гумон кардан лозим нест, ки беморон ва шахсони фавтида барои содир кардани ягон гуноҳ айбдор буданд, вале

чунон ки аксар вақт дар замони аҳди Қадим ба амал меомад, ҷазо ба сари тамоми аҳли ҷамоат рехта мешуд".

## Воқеаи монанд

Дар аввали номаи худ Павлус боз як гуноҳеро, ки ба тамоми ҷамоат таъсир расонида буд, зикр мекунад. Ӯ бо чунин суханон сар мекунад: "Овозае ба гӯшам расид, ки ҳатто дар байни шумо зино пайдо шудааст..." (1 Қӯринтиён 5:1). Чӣ воқеае рӯй дода буд? Шахсе буд, ки пайрави Исои Масеҳ будани худро эътироф мекард, худро фарзанди Худо, бародар дар Масеҳ, узви Бадани Масеҳ меҳисобид, вале дар баробари ин дидаю дониста ба гуноҳи ҷинсӣ машғул мешуд.

Дар ин ҳолат Павлус танҳо бо мазаммат кардани шахси гуноҳкор бас намекунад. Тамоми ҷамоати имондорон вайро чун бародар ва узви ҷамоат эътироф мекарданд, вале бо вуҷуди он роҳбарони ҷамоат гуноҳи вайро сарфи назар мекарданд ва ба ӯ аҳамият намедоданд.

Барои чӣ онҳо айби ӯро нодида мегирифтанд? Аниқтараш, онҳо намехостанд, ки рӯирост дар бораи гуноҳ гап зада, ӯро ранҷонанд. Эҳтимол, вай ягон шахси обрӯманд, яке аз роҳбарони ҷамоат, варзишгари маъруф ё одами саховатманде буд. Қӯринт дар он замон шаҳри бонуфуз ва маркази фарҳангу маданият ҳисоб мешуд. Шояд, ин шахс ҳунарпешаи машҳур дар Ҳолливуди ҳамон давра буд ё мусиқанавози шинохтае буд, ки дар сатҳи маъруфият мавқеи баланд дошт, ё овозхоне буд, ки дар гурӯҳи парастиш қисмати асосиро иҷро мекард. Китоби Муқаддас дар ин бора ба мо чизе намегӯяд, вале пай бурдан мумкин аст, ки агар ӯ аз ҷамоати имондорон мерафт, ба он таъсири бад расонида, ба рушди минбаъдаи он монеа мешуд.

Эҳтимол, сабабҳои дигар низ мавҷуд буданд. Шояд, онҳо фикр мекарданд, ки агар вай ҷамоатро тарк кунад, дигар аз шунидани Каломи Худо бебаҳра мемонад. Шояд, онҳо чунин далелҳоро пеш меоварданд: "Бигзор вай дар байни мо бошад ва Инҷилро гӯш кунад, назар ба он ки ба дунё рафта, аз шунидани Каломи Худо маҳрум шавад". Эҳтимол, мақсади асосии ҷамоат он буд, ки ҳар чӣ бештар одамонро ба ибодат ҷалб кунад, вале агар онҳо рӯирост гуноҳи вайро фош кунанд, ин мақсад иҷро намегардид. Боз онҳо метавонистанд, ки чунин андешаронӣ кунанд: "Ӯ ҳоло кӯдак аст, ба наздикӣ тавба кардааст, биёед ба вай вақт медиҳем". Ман боварӣ дорам, онҳо умедвор буданд, ки бо мурури

замон “ақли вай медарояд”, ва гуноҳашро тарк мекунад.

Павлус роҳбарони калисои қӯринтиёнро сахт водор мекунад, ки онҳо бояд он шахсро аз калисо ронанд. Лутфан, ба суханони ӯ таваҷҷӯҳ кунед:

- “Ва шумо мағрур шудаед, ба ҷои он ки мотам гиред, то он касе, ки чунин коре кардааст, аз миёни шумо бадар шавад” (1 Қӯринтиён 5:2).
- “Он шахс... ба шайтон супурда шавад” (1 Қӯринтиён 5:5).
- “Пас, хамиртуруши кӯҳнаро тоза кунед, то ки шумо хамири нав бошед...” (1 Қӯринтиён 5:7).
- “... Фосиқро аз миёни худ бадар кунед” (1 Қӯринтиён 5:13).

Дар як боби кӯтоҳ Павлус чор маротиба бар зидди як нафар одам эътироз баён кардааст! Диққат кунед, дар сенздаҳ оят ҳавворӣ чор маротиба ба ин ҷамоат фармон медиҳад, ки нафареро аз калисо бадар кунанд ва ҳатто сахт амр мекунад, ки “он шахс ба шайтон супурда шавад”. Ин суханон сахт ҳастанд! Дар ёд дошта бошед, ки Павлус ин калисо ва ин шахсро дӯст медошт.

Шумо мепурсед: “Дар ҳақиқат дӯст медошт? Имкон надорад!” Лекин мо ҳақиқатан медонем, ки Павлус вайро дӯст медошт, чунки ҳама Навиштаҷот бо муҳаббат навишта шудааст. Чунки он аз рӯи илҳоми илоҳӣ навишта шудааст, ва Худо муҳаббат аст (ниг. 2 Тимотиюс 3:16 ва Юҳанно 4:8).

Дар хотир дошта бошед, ки ин суханон на фақат ба роҳбарони калисо дар Қӯринт, балки ба тамоми аъзоёни калисо дахл дошт. Павлус ҳама вақт хоҳиш мекунад, ки номаи ӯро тамоми калисо хонад. Барои чӣ вай чунин қатъӣ ва рӯирост менависад? Биёед ҷавоби ин саволро хонем: “Оё намедонед, ки андак хамиртуруш тамоми хамирро метуршонад?” (1 Қӯринтиён 5:6). Мо бори дигар мебинем, ки гуноҳи як одам на фақат ба вай, балки ба тамоми ҷамоат таъсир мерасонад. Оятҳои баъдинаро мехонем:

> “Пас хамиртуруши кӯҳнаро тоза кунед, то ки шумо хамири нав шавед, чунки шумо бе хамиртуруш ҳастед, зеро ки *Фисҳи* мо, Масеҳ, барои мо забҳ шудааст. Бинобар ин идро на бо хамиртуруши кӯҳна, ва на бо хамиртуруши шарорат ва макр, балки бо фатири покӣ ва ростӣ ба ҷо хоҳем овард” (1 Қӯринтиён 5:7, 8).

Павлус ба мавзӯи марказии Таоми Шоми Худованд бармегардад.

Иди яҳудии Фисҳ дар атрофи барраи қурбонӣ тамаркуз мекунад. Зиёда аз ин, Барраи беайби Фисҳи мо Исои Масеҳ аст. Чуноне ки Фисҳи аввал хуруҷи Исроилро аз ғуломии Миср таҷассум мекунад, ҳамчунин марги фидокоронаи Масеҳ, мавзӯи маркази маросими Таоми Шоми Худованд, таҷассумгари озод гардидани мо аз асорати гуноҳ мебошад.

Дигар идҳо низ буданд: иди навбарҳо, ҳафтаҳо, хаймаҳо, иди навохтани карнайҳо, рӯзи кафорат. Ин идҳо рамзи соҳаҳои амиқтарини ҳаёти масеҳӣ мебошанд. Агар содда карда гӯем, Фисҳ ҷашни наҷот буд. Бинобар ин Павлус дар номаи худ дар бораи дохил шудани мо ба Подшоҳӣ ишора мекунад. Ӯ нишон медиҳад, ки Фисҳ набояд бо хамиртуруши кӯҳнаи шарорат ва макр ҷашн гирифта шавад. Бинобар ин рафтори одамро бо суханони "ҳоло кӯдак дар Масеҳ" шарҳ дода, мо ба худамон ва ба вай зарар мерасонем. Бисёр вақт ин баҳонаро барои нодида гирифтани рафтори одаме, ки "ба гуноҳ дода шудааст" истифода мебаранд, вале ин сохтакорие аст, ки ба гумроҳӣ мебарад, чунки дар калисо ба гуноҳе, ки дидаю дониста ва такрор ба такрор содир карда мешавад, набояд роҳ дода шавад. (Дар боби оянда ман мефаҳмонам, ки "гуноҳи дидаю дониста ва такроршаванда" аз "афтидан ба гуноҳ" чӣ фарқ дорад.)

Дуюм, ба он диққат диҳед, ки Павлус гуноҳи он одамро ба "хамиртуруш" монанд кардааст. Хамиртуруш чизе аст, ки ба хамир омехта шуда, онро барои пухтани фатир тайёр мекунад. Алоқамандона ба иди Фисҳ ба Исроил амри қатъӣ дода шудааст: "Ҳафт рӯз фатир бихӯред; аммо дар арафаи рӯзи якум хамиртурушро аз хонаҳои худ нест кунед, зеро ҳар кӣ аз рӯзи якум то рӯзи ҳаштум хамири турушшудае бихӯрад, он кас аз миёни Исроил *маҳв* карда хоҳад шуд" (Хуруҷ 12:15). Ибораи "маҳв кардан" мазмуни қатъӣ дорад ва ин аз огоҳии Павлус дида сахттар аст. Худо чунин дастур додааст, то ки ба Исроил ва ба мо нишон диҳад, ки бо Ӯ аҳд баста, ҳеҷ кас дар ҷамоат набояд "ба гуноҳ супурда" шавад. Ҳар кас бояд барои беитоатие, ки дидаю дониста ва такрор ба такрор нисбат ба Каломи Худо мекунад, тавба кунад, вагарна хамиртуруши гуноҳ ва зарари онро ба ҷамоати худ меорад.

Дар шарҳҳои Аҳди Нав "Pillar" чунин навишта шудааст:

> "Павлус таъкид мекунад (дар забони юнонӣ дар ин ҷо тартиби калимаҳои аз ҷиҳати маъно муассир истифода бурда шудаанд), ки агар нисбат ба бадӣ беаҳамиятӣ зоҳир карда шавад, он ҳатто ба воситаи қисми хурдтарини калисо, айнан ба

> воситаи як одам, ба тамоми ҷамоат ба таври ногузир, оҳиста, вале васеъ паҳн мешавад. Ин ё он гуноҳе, ки дидаю дониста дар калисо содир карда шудааст, ба оқибатҳои ногувор оварда мерасонад. Ҳамчун хамиртуруш дар хамир, гуноҳи пайхаснашуда ба тамоми калисо паҳн шуда, онро ба таври ногузир таъғир медиҳад”.

Ман, лутфан, дар як чиз ба ин шарҳ розӣ шуда наметавонам. Мавзӯи хамиртурушро таҳқиқ карда, ман мушоҳида намудам, ки хамиртуруш на *оҳиста*, балки *зуд* паҳн мешавад. Аммо як чиз дар ин шарҳ дуруст аст, ки хамиртуруши бадӣ калисоро ҳатман фаро гирифта метавонад.

Оё ин чунин маъно дорад, ки мо бояд ба тамоми одамоне, ки дар ҳаёти худ ягон гуноҳи такроршаванда доранд, дар ибодатҳо иштирок карданро манъ созем? Албатта не! Дар ҷамъомадҳои мо бисёр беимонон бояд иштирок кунанд, вале онҳо наметавонанд аъзои калисо бошанд, ва то вақте ки онҳо аз гуноҳи такроршаванда ва дидаю дониста содир карда истодаашон тавба накунанд ва ҳаёти худро пурра ба итоати Исои Масеҳ насупоранд, набояд роҳ дода шавад, ки худро аъзои калисо ҳисоб кунанд. Павлус ба таври возеҳ гуфтааст:

> “Ман ба шумоён дар нома навиштаам, ки бо зинокорон алоқа накунед. Лекин на умуман бо зинокорони ин ҷаҳон, ё бо ҳаромризқон, ё бо ғоратгарон, ё бо бутпарастон, зеро дар ин сурат шуморо лозим меомад, ки аз ҷаҳон берун шавед” (1 Қӯринтиён 5:9, 10).

Ба мо, пайравони Масеҳ, фармон дода шудааст, ки ба ҷаҳон барои наҷот додани одамон равем ва онҳоро ба калисо даъват кунем, то ки онҳо Каломи Худоро гӯш кунанд, вале ин маънои онро надорад, ки мо тарзи муросокорона ва маҳдуди ростиро дар бораи ҳолати рӯҳонии онҳо пешниҳод карда метавонем. Моро лозим аст, ки ба мисли Исо ба одамон аз Инҷил башорат диҳем, бо шахсони беимон дар як ҷо нишаста хӯрок хурем, бо онҳо дӯстӣ кунем, муҳаббат кунем.

Вале Павлус бо ин суханон одамонеро дар назар дорад, ки худро имондори масеҳӣ меҳисобанд:

> “Балки ба шумо навиштаам, ки бо касе алоқа накунед, ки худро бародар номида, зинокор, ё ҳаромкор, ё бутпараст, ё бадзабон, ё бадмаст, ё ғоратгар шуда мондан мегирад; бо чунин одамон якҷоя хӯрок ҳам нахӯред” (1 Қӯринтиён 5:11).

Маълум аст, ки Павлус на дар бораи он имондороне, ки “гуноҳ мекунанд”, балки аниқтараш дар бораи онҳое, ки худро масеҳӣ меҳисобанд, вале “ба гуноҳ дода шудаанд” сухан рондааст. Барои чӣ падари калисо дар ин бора чунин ҷиддӣ гап мезанад? Чунки ӯ, яқинан, калисоро дар ҳақиқат дӯст медошт. Ӯ намехост, ки бародарону хоҳарон “имондоронеро”, ки дар гуноҳ зиндагӣ мекарданд, *ҳимоя ва парасторӣ* намуда, худро ба машаққатҳо гирифтор кунанд.

Фақат тасаввур кунед, ки агар одам ба касалии гузаранда, ки бо роҳи нафас ба одамони гирду атроф сироят карда метавонад, мубтало шуда бошад, чӣ ҳолат рӯй медиҳад?

Ӯро дарҳол ба ҳолати карантин мегузаронанд. Бо ин тарз тамоми ҷамъият аз касалӣ муҳофизат карда мешавад. Агар ин корро накунанд, вирус чун оташ паҳн мешавад, ва тамоми шаҳр аз касалӣ ва оқибатҳои ногувори он азоб мекашад. Аз ҳама оқибатҳои паҳншудатарин кадомҳоянд? Ҷойҳои холии кор, паст рафтани истеҳсолот, муваққатан баста шудани хизматрасониҳо ва коҳиши иқтисодиёт ва ин на ҳамаи оқибатҳои нохушиҳост.

Ана, дар бораи чӣ тавр муносибат кардан бо шахсе, ки ба гуноҳ дода шудаааст, Павлус чӣ менависад:

> “Он шахс барои ҳалокати ҷисмаш бояд ба шайтон супурда шавад, то ки рӯҳаш дар рӯзи Худованди мо Исои Масеҳ наҷот ёбад” (1 Қӯринтиён 5:5).

Ин бародар, агар дигар нашавад, ба ҳалокати абадӣ гирифтор хоҳад шуд. Ана барои чӣ ман қаблан *“ҳимоя ва парасторӣ”* навиштам. Гап дар сари он аст, ки ҳар каси дидаю дониста гуноҳ мекардагӣ ба доми хатари бузурге афтодааст, ва агар бо он асос, ки вай худро дар назди Худо сафедшуда меҳисобад, ба вай иҷозат дода шавад, ки дар калисо бимонад, он гоҳ вай танҳо дар рӯзи ҷазо, вақте ки аллакай дер шудааст, мефаҳмад, ки аз ҳаёти ҷовидон маҳрум гаштааст.

Озмоишҳое, ки ин шахс берун аз ҳимояи Худо аз сар мегузаронад, яқинан ӯро маҷбур месозанд, ки ба худ ояд ва бо тамоми ҷону дил ба Исо баргардад. Маҳз ҳамин ҳолат бо шахсе, ки Павлус дар номаи Дуюм ба Қӯринтиён ҳамчун мисол меорад, рӯй дод. Маҳрумиятҳо ва душвориҳо қодир ҳастанд, ки моро ҳамчун писари гумроҳ бедор созанд. Вақте ки ӯ меваҳои талхи ҳаёти гуноҳкоронаи худро чашид, ба хона баргашт. Агар падар рафтори ӯро дуруст ҳисобида, ҳамеша ба вай пул медод, писар ҳаргиз дарк намекард, ки бо чӣ гуна исёнкорӣ зиндагӣ карда истодааст.

## Чуноне ки дар осмон...

Биёед ба моҳияти масъалаи асосӣ бармегардем. Дар ду боби охир ба таври возеҳ дидем, ки мо Бадани Масеҳ ҳастем, ва ҳамчун як Бадан мо ҳама метавонем, ки аз мушоракати ҳар як одам баракат гирем ё аз гуноҳи такроршавандаи вай азоб кашем.

Ин ҳақиқатро сарфи назар кардан ғайриимкон аст. Аллакай мо ба қадри кифоя муддати дароз оқибатҳои нохушеро, ки аз сабаби беаҳамиятӣ нисбат ба ин масъала рӯй медиҳанд, аз сар мегузаронем. Агар мо минбаъд низ аз мавзӯи мазкур канораҷӯӣ кунем, ин оқибатҳо барҳам намехӯранд.

Биёед далер шуда, аз ин саволҳои мушкил намегурезем. Тамоми осмонҳо ҳаводори мо ҳастанд! Мо барои пирӯзӣ даъват шудаем. Мо Калисои ғалабаовар, Бадани Масеҳ ҳастем. Чуноне ки Исо пирӯз аст, он чунон мо низ барои пирӯзӣ даъват шудаем. Беморӣ, заъф, қашшоқӣ, норасоии лавозимот ва амалҳои дигари душман ба назди Калисои Худованд сарафканда шаванд.

Мо баҳри он даъват шудаем, ки бо қудрат подшоҳӣ кунем, бо қувваи фавқуттабиӣ зиндагӣ намоем, то ки душмани осмонро ба зери пои худ сарнагун созем. Агар бар зидди мушкилиҳое, ки моро иҳота кардаанд, нотарсона мубориза барем, мо барои ин кор қодир хоҳем буд. Мо бояд ҷуръатмандона бовар кунем, ки ин дар замин низ, чуноне ки дар сомон аст, имконпазир мебошад!

## АМАЛ КУНЕД

Ин масъала хеле муҳим аст, ва мутаассифона, аҳёнан калисои ҳозирзамонро вомехӯред, ки ин ҳақиқатро дуруст арзёбӣ кунанд. Як фикр кунед, аввалан, Худо моро даъват кардааст, ки озод аз гуноҳ зиндагӣ кунем, пурра дар итоати Ӯ бошем. Дуввум, вақте ки имондорон бар зидди гуноҳ мубориза бурда наметавонанд, онҳо на фақат ҳаёти худро, балки ҳамчунин ҳаёти Бадани Масеҳро зери хатар мегузоранд.

Вақт ҷудо карда, дар бораи ин мавзӯъ мулоҳиза кунед. Бигзор ин ҳақиқатҳо барои шумо танҳо ҳамчун ақидаҳои нағз боқӣ намонанд. Ба онҳо диққат диҳед, дар бораи онҳо фикр кунед. Оиди онҳо дуо кунед, ва аз Худо талаб намоед, ки чӣ тавр истифода бурдани онҳоро ба шумо нишон диҳад. Бигзор ин ҳақиқатҳо ба қалби шумо чуқур фурӯ раванд ва барои шумо, на камтар аз Павлус дида, аҳамиятнок бошанд.

# 5

# ДИГАРГУНИҲО ОВАРЕД

Ба мисли бисёр одамони дигари даврони мо ман назар ба мавзӯи он ки мо, имондорон, як Баданро ташкил медиҳем, дар бораи муносибати шахсӣ бо Исо бештар мешунавам. Хеле ба наздикӣ ин ҳақиқат дар бораи калисо ба ман равшан шуд. Маро дуруст фаҳмед, албатта, ин ҳақиқат ба ман пештар ҳам шинос буд, лекин то ба ин дараҷаи ҳозира не.

Вақте ки Рӯҳулқудс чашмони маро барои фаҳмидани он, ки Бадани ягонаи Масеҳ будан чӣ маъно дорад, ба кушодан сар кард, ман бисёр вақт қӯшунҳои баҳрӣ, ҳавоӣ ва хушкигардро бо номи дастаи таъиноти махсуси қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоии ИМА тасаввур мекардам.

Як дӯсти ман аъзои қисми бонуфузи ҳарбӣ мебошад. Ӯ понздаҳ сол дар дастаи таъиноти махсус хидмат кардааст, акнун бошад вай инструктор аст. Чандин вақт дар бораи Бадани Масеҳ фикррронӣ карда, ба вай занг задам. Ман медонистам, ки дастаи таъиноти махсус бо пайванди мустаҳками бародаронаи худ машҳур аст, бинобар ин ман хостам, ки онро амиқтар омӯзам. Саволи аввалини ман ба вай чунин буд: “Дар даста шумоён бо ҳамдигар чӣ гуна муносибат мекунед? Чӣ тавр ба шумоён муяссар мешавад, ки чунин дастаи мустаҳкамро созмон диҳед? Асоси машқҳои шумо аз чӣ иборат аст?”

Вай зуд ҷавоб дод: “Ҷанговари дастаи таъиноти махсус дар бораи худаш аз ҳама охир фикр мекунед”.

Ба ман хеле писанд омад, ки вай чӣ тавр кӯтоҳ ва фаҳмо ба суханронӣ сар кард. Ман медонистам, ки ин занги телефон ба ман бисёр чизҳои навро кушода мегардонад, бинобар ин ба гапи вай халал нарасонида, ором гӯш карданро давом додам.

> “Мо бародари дар паҳлӯямон истодаро аз худамон қимматтар медонем. Мо ҳеҷ гоҳ аз пушти худ хавотир намешавем, зеро ба бародарони ҳамяроқи худ таваккал мекунем”.

Дар он лаҳза ӯ ба ман мавъиза карданро сар кард: “Агар ту ба боби шашуми Нома ба Эфсӯсиён назар кунӣ, мушоҳида карда метавонӣ, ки зиреҳи куллии Худо танҳо барои муҳофизати қисми пеши бадан дода шудааст, ва барои ҳимояи пушт чизе нест. Сабаб дар он аст, ки Худо ҳар яки моро барои он таъин кардааст, ки чун сарбози таъиноти махсус рафтор карда, пушти якдигарро ҳимоя кунем ва донем, ки мо ҳама як тану як ҷон ҳастем. Агар мо ин тавр фикр накунем, пушти маро танҳо як одам панаҳ мекунад – фақат худи ман. Вале, агар ҳамаи мо як ҷону як тан шуда амал кунем, ҳар як нафаре аз дастаи ман пушти маро муҳофизат мекунад.”

Сипас ӯ илова кард: “Аъзои дастаи таъиноти махсус ҳама корро ба хотири рафиқи худ мекунад. Мо ба ин усул аз таҳти дил бовар мекунем. Мо омӯзонида шудаем, ки дар бораи худамон на ҳамчун шахсиятҳои алоҳида фикр кунем, балки чун як тану як ҷон.

Новобаста ба он ки дар байни мо мутахассисони ботаҷрибаю варзидаи соҳаҳои гуногун – мутахассисон оид ба маводи тарканда, оид ба соҳаи алоқа, мерганҳо, табибон, мутахассисон оид ба мубориза бар зидди терроризм, оид ба силоҳ, оид ба тартиботи ҷамъиятӣ ва ғайра ҳастанд, мо ҳама як тану як ҷон шуда амал мекунем. Мо ҳеҷ гоҳ ба супориш бо чунин нишондод намеравем: “ Танҳо баъзе аз мо бармегарданд” ё “Фақат чиҳил фоиз аз мо бармегарданд”. Не, мо бо боварии он меравем, ки ба супориш сад фоиз аз мо рафта, пас аз иҷрои супориш сад фоиз аз мо бармегарданд”.

Ҳама чизеро, ки ӯ мегуфт, ман бо завқ гӯш кардам. Дар охир, ман пурсидам: “Шумо чӣ тавр ин рафторро ба сарбозони нав талқин мекунед?”

> “Инро талқин кардан ғайриимкон аст! – ҷавоб дод ӯ. – Курси ибтидоии тайёрӣ ва асосҳои корҳои таркониши зериобии таъиноти махсус/”гурбаҳои баҳрӣ” дар қувваҳои ҳарбӣ-баҳрии ИМА курси аз ҳама мураккаб ва заҳматталаб ҳисобида

> мешавад, бинобар ин қариб навад фоизи довталабон ё худашон мераванд, ё онҳоро хориҷ мекунанд. Танҳо як қисми хеле обутобёфта ва пурра муҷаҳҳази одамон боқӣ мемонанду халос. Ҳар яки онҳо рафиқи худро аз худ азизтар медонанд ва тайёранд, ки ҷони худро барои иҷрои мақсади аз ҳаёти худ дида заруртар фидо кунанд".

Сипас ӯ гуфт: "Ҷон, агар калисо ҳамин хел мебуд, он гоҳ чӣ мешуд?"

Мутаассифона, барои ман танҳо бо ӯ розӣ шудан мемонду халос. Вале ҳақиқат дар он аст, ки мо дорои лаёқати зарурӣ мебошем. Вақте ки мо аз олами боло таваллуд мешавем, ба даруни мо ҳисси хеле воқеии *табиати илоҳӣ* ҷо мешавад. Мавъизаҳое, ки мо мешунавем, яъне таълимоте, ки меомӯзем, бояд чунин рафторро дар мо эҷод кунанд. Вале агар мо фақат як намуди худбинонаи Инҷилро гӯш кунем, он гоҳ мо тамоман чизи дигар – ҷисми пургуноҳи худро тақвият медиҳем. Бисёр вақт аз ҳамин сабаб калисои ҳозира чунин шаклро ба худ касб кардаст. Бисёре аз моён танҳо суханони ба гӯш форам ва рӯҳбаландкунандаро шунидан мехоҳанд ва барои аз сар гузаронидани душвориҳо ҳавасманд нестанд. Мо бисёр чизҳоро аз даст медиҳем.

Дӯсти ман сарбоз аст, ва ӯ сустии калисои ҳозирзамонро дарк кард. Ӯ медонад, ки агар як нафар аз дастаи таъиноти махсус сустӣ кунад, бо душман созиш кунад ё мавқеи худро тарк кунад, аз сабаби танбалӣ ва бемасъулиятии вай тамоми аъзоёни дигари даста зарар мебинанд ё ҳалок мешаванд. Ба ҳамаи аъзоёни Бадани Масеҳ зарур аст, ки он чизеро ки дар даруни дӯсти ман реша мондааст, ба умқи дили худ ҷо кунанд.

## Дигаргуниҳо оваред

Оё дар ин мавзӯъ ҷиҳати мусбӣ мавҷуд аст? Бешубҳа! Бо Худо он ҳамеша мавҷуд мебошад!

Ман мефаҳмам, ки он ҳақиқатҳоеро, ки дар бобҳои қаблӣ кушода шуданд, шумо шояд аз тарафи манфӣ дида, рӯҳафтода ва маъюс шуда метавонистед. Агар дар бораи рафтори одамони дигар, ки ба ҳаёти шумо таъсири манфӣ расонида метавонанд, ба фикр фурӯ равед, пас ҳақиқатан ҳам ба ноумедӣ дучор шуданатон мумкин аст. Аммо ман ин ҳақиқатро бо он мақсад ба рӯшноӣ мебарорам, то бубинем, ки чӣ тавр мо ҳама якҷоя ҳадди фаровони азамат ва қудрати Ӯро, ки то ҳол дар замони мо дида нашудааст, қабул кунем

ва аз он бой гардем. Агар мо бо боварӣ кори наверо сар накунем, дигаргуниҳо рӯй намедиҳанд. Агар ин аз шумо ё аз ман сар нашавад, пас аз кӣ сар шавад? Худо моро даъват кардааст, ки дигаргуниҳо оварем!

Оё шумо ягон бор мушоҳида кардаед, ки бо шахси бовиҷдон, вале зоҳиран беитоат чӣ ҳодиса рӯй медиҳад, вақте ки ӯ ногаҳон барои дигарон масъулиятро ба дӯши худ мегирад? Бисёр вақт дар вай хислатҳои хуб намоён мешаванд. Масалан, ҷавонзанеро тасаввур мекунем. То шавҳар кардан, вай булҳавас, бемасъулият буда ва ҳатто баъзе вақтҳо рафтори беақлона карда метавонист. Рафтори вай танҳо ба ҳаёти худи вай таъсир мерасонд, на ба каси дигар. Вале баъдтар вай мардеро дӯст медорад, ва бо вай хонадор мешавад, ва кӯдак таваллуд мекунад. Вай акнун мефаҳмад, ки агар ҳаёти фориғболона ва беақлонаи худро давом диҳад, пас на танҳо ҳаёти худашро, балки ҳаёти шавҳар ва кӯдаки маҳбуби худро зери хатар мегузорад.

Бо ҳар яки мо низ бояд дар муносибат бо калисо ҳамин чиз рӯй диҳад. Мо бояд якдигарро сахт дӯст дорем.

Фаҳмиданамон зарур аст, ки беитоатии мо нисбат ба каломи Худо ба як дараҷае ҳассосе на танҳо ба худи мо таъсир мерасонад. Мо – аъзои Бадан! Шояд, маҳз аз ҳамин сабаб Павлус, вақте ки ба калисои қӯринтиён дар бораи маросими Таоми Шоми Худованд менависад, чунин мегӯяд:

> “Ҳама чиз барои ман ҷоиз аст, лекин на ҳар чиз фоиданок аст; ҳама чиз барои ман ҷоиз аст, лекин на ҳар чиз обод мекунад. Ҳеҷ кас нафъи худро толиб набошад, балки нафъи дигаронро” (1 Қӯринтиён 10:23, 24).

Ва боз Павлус ба калисои филиппиён чунин мегӯяд:

> “Аз рӯи рақобат ва шӯҳратпарастӣ ҳеҷ коре накунед, балки бо фурӯтанӣ якдигарро аз худ авло донед... Зеро дар шумо айни ҳамон ҳиссиёте бояд бошад, ки дар Исои Масеҳ буд” (Филиппиён 2:3, 5).

Исо ба ҷаҳон ҳамин тавр нигоҳ мекард, қалби Ӯ водор кард, ки омада, ҷони Худро барои мо фидо кунад. Ӯ Худро наҷот дода метавонист. Ӯ метавонист, ки фавҷи фариштаҳоро даъват кунад, то ки онҳо омада, Ӯро аз дасти ҷаллодонаш халос кунанд, вале Ӯ дар бораи мо фикр мекард. Ӯ аз Худаш дида, бештар дар бораи манфиатҳои мо фикр мекард.

Хабари хуш: вақте ки мо дар алоҳидагӣ бо итоат ба каломи Худо

зиндагӣ мекунем, мо баракат мегирем. Мо шояд ба воситаи беитоатии баъзе аъзоёни Бадан давраҳои ноқулай ва ҳатто мушкилро аз сар гузаронем, вале дар охир ҳамааш хуб мешавад.

Илёс мисоли хуби одамест, ки дар натиҷаи рафтори дигар одамон азоб кашидааст. Бар оқибати гуноҳи доимии Оҳоб ва Изобал, ва ҳамчунин бепарвоии исроилиён нисбат ба гуноҳ чанд сол борон наборид. Илёс назар ба давраи ҳукуматдории шоҳ Довуд ва шоҳ Сулаймон он қадар хӯроки хуб надошт. Ба ҷои ин вай маҷбур буд, ки дар давоми чанд муддат гӯшту нонеро, ки зоғон меоварданд, бихӯрад, – на он қадар дилкаш! Ин барои вай як парҳези дилгиркунандае буд бе сабзавот, асал, афшурдаи мева ва бисёр дигар хӯрокҳои лазиз, ки дар замони фаровонӣ дастрас буданд. Аз сабаби рафтори одамони дигар барои вай ин як имтиҳони вазнине буд. Вале Илёс қисми як миллат, як халқ, як бадан буд. Итоаткории ӯ оқибат дигаргуниҳо овард ва... борон. Итоаткории ӯ ба тамоми халқ баракат овард ва охири охирон шахсан худи вай баракат гирифт.

## Паймони сулҳ

Биёед боз як воқеаеро, ки дар давраи Илёс рӯй дода буд, дида мебароем, ва дар он мо аз сабаби рафтори баъзе одамон боз ҳам бештар азобҳоро мушоҳида карда метавонем. Исроил дар биёбон буд...

> “Ва Исроил дар Шиттим сокин шуд: ва қавм бо духтарони Мӯоб зино кардан гирифтанд. Ва онҳо қавмро бо забҳҳои худоёни худ мехонданд, ва қавм мехӯрданд, ва ба худоёни онҳо саҷда мебурданд. Ва исроилиён ба Баал-Фаӯр ангал шуданд; ва хашми Худованд ба Исроил аланга зад” (Ададҳо 25:1-3).

Навишта шудааст, ки танҳо “баъзе” исроилиён (дар тарҷумаи англисӣ – *Эзоҳ. тарҷ.*) зино карданд. Худо ба халқ гуфт, ки ба худоёни дигар саҷда накунанд, бо занони дигар ҳамхоба нашаванд, гуноҳи ҷинсӣ накунанд. Вале рафтори нопоки *баъзеҳо* ба тамоми ҷамоат (халқ) бало овард ва мо боз мебинем, ки на *баъзеҳо,* балки *бисёриҳо* ҷазо диданд.

> “Ва Худованд ба Мӯсо гуфт: “Ҳамаи сардорони қавмро бигир ва онҳоро барои Худованд зери офтоб ба дор бикаш, то ки шиддати ғазаби Худованд аз Исроил баргардад” (Ададҳо 25:4).

Мо боз мебинем, ки аз сабаби сардорони асосӣ *(баъзе)* ғазаби Худованд ба тамоми Исроил аланга зад. Онҳо як миллат, як халқ, як бадан буданд.

Тақрибан дар он вақт, ки Мӯсо дар бораи қатли ҳамаи сардорон фармон баровард, як исроилӣ бо номи Зимрӣ дар пеши назар Мӯсо ва тамоми халқ ба хаймаи худ зани мидёниро овард. Ҳама медонистанд, ки ин беитоатии рӯирост нисбат ба Каломи Худо буд. Зуд Финҳос, писари Элъозор ва набераи Ҳорун, найзаро гирифта, на танҳо Зимрӣ, балки занеро бо номи Козбӣ, ки ҳамроҳаш оварда буд, кушт. Дар давоми воқеа чун навишта шудааст: "... ва вабо аз банӣ-Исроил бартараф шуд. Ва мурдагон аз вабо бисту чор ҳазор нафар буданд" (Ададҳо 25:8, 9). Боз бисёр касон ҳалок шуданд, бисёриҳо зарар диданд, бисёриҳо таъсири бади рафтори *баъзе* одамонро эҳсос карданд. Қавм дар назди Худо *ягона* буданд.

Сипас Худо гуфт: "Финҳос, писари Элъозор, писари Ҳоруни коҳин ғазаби Маро аз банӣ-Исроил дур кард, чунки бо рашки Ман дар миёни онҳо рашк кард, ва Ман бани Исроилро бо рашки Худ маҳв накардам" (Ададҳо 25:11).

Рашки Финҳос рашки Худоро намоён мекунад – барои манфиати тамоми халқ. Маҳз Финҳос дигаргуниҳои мусбӣ овард. Кифоя буд, ки танҳо як нафар бар зидди гуноҳ бархезад.

Дар дили Павлус низ нисбат ба калисо дар Қӯринт рашки Худо ҷӯш мезад. Маҳз ӯ дар калисо барои ҳақиқат баромад карда, дигаргуниҳо овард. Ӯ Каломи Худо – шамшери Рӯҳро ба даст гирифта, рафтори як мардеро, ки бо гуноҳи ҷинсӣ зиндагӣ мекард, найза зад. Чуноне ки дар Аҳди Қадим Финҳос бо найзаи муқаррарӣ зарба зад, дар Аҳди Ҷадид ва то имрӯз мо низ далерона ба пеш баромада, ҳақиқатро эълон мекунем, ва агар ягон нафаре ё баъзеҳо дар ҷамоат гуноҳ содир кунанду дигарон худро шахси нодидаю ношунида вонамуд карда, гӯшу чашмони худро маҳкам пӯшанд ҳам, мо "бо найза" бармехезем.

Павлус дар ҳамон лаҳза дар бораи худ аз ҳама камтар фикр мекард. Ӯ аниқ чун рафиқи ман аз дастаи таъиноти махсус амал намуд. Ӯ манфиати одамони дигарро аз осудаҳолӣ ва маъруфияти худ болотар гузошт. Ӯ ҳатто аз тарафи калисои қӯринтиён пурра рад карда шуданаш мумкин буд. Вай барои онҳо сахт рашк мекард, ҳатто агар чунин менамуд, ки чӣ қадар ӯ зиёдтар онҳоро дӯст дорад, онҳо вайро ҳамин қадар камтар дӯст медоштанд.

Финҳос дар бораи худаш ғамхорӣ намекард, ӯ медонист, ки вайро ба бераҳмию бешафқатӣ ва ҳамдардӣ карда натавонистан, ба тундравӣ ва кӯҳнапарастӣ айбдор карда метавонанд. Вақте ки дигарон аз ҷояшон

наҷунбиданд, ягона ӯ ҷуръат кард, ки амал кунад. Дигарон чӣ мегӯянд ё чӣ фикр мекунанд? Барои вай ин муҳим набуд. Сарояндаи Забур чунин мегӯяд: “Ва Финҳос бархост...” (Забур 105:30). Шӯълаи муҳаббати Худо дар дили ӯ фурӯзон буд, ва ба халқи Худо ғамхорӣ мекард. Вай калисоро дӯст медошт. Ӯ роҳкушои дигаргуниҳо буд!

Мебинем, ки Худо дар бораи вай чӣ мегӯяд:

> “Бинобар ин бигӯ: Инак, Ман *аҳди осоиштагии* Худро ба ӯ медиҳам; ва он барои *ӯ* ва барои *насли ӯ* баъд аз ӯ каҳонати абадӣ хоҳад буд, чунки ӯ барои Худои худ рашк карда, банӣ-Исроилро кафорат намуд” (Ададҳо 25: 12, 13).

Бисёр солҳо ман Китоби Муқаддасро омӯхта истода, ба ин суханон диққати махсус медодам. На танҳо Мӯсо дар ин бора навиштааст, хеле дертар сарояндаи Забур низ мукофоти Финҳосро зикр кардааст:

> “Ва Финҳос бархоста, доварӣ кард ва он вабо аз байн рафт. Ва ин барои ӯ адолат ҳисоб карда шуд, аз насл ба насл то абад” (Забур 105:30, 31).

Дар ёд дорам, ки маро чӣ гуна ҳаяҷон фаро гирифт, вақте ки мукофоти бузурги ин ҷавонро, ки барои писанд омадан ба Худо ҷуръат карда, бархоста буд, дидам. Ин на як мукофоти муваққатӣ, балки мукофоти ҷовидонӣ аст, ки бо аҳд мӯҳр зада шудааст. Дар хотир дошта бошед, ки Худо ҳеҷ гоҳ аҳдҳои Худашро вайрон намекунад. Ин мукофот хеле бузург аст, он на танҳо ба вай, балки ба фарзандону наберагонаш дар наслҳои бисёр, ки баъд аз ӯ зиндагӣ кардаанд, таъсир гузоштааст – *аз ҷумла ба мо!* Ҳамаи наслҳои минбаъда ба хотири он ки ӯ бо ҷуръати бузург баҳри он чизе, ки дар назари Худо дуруст аст, бархост, мукофот мегиранд.

Вақте ки ман ин мисоли Финҳосро дидам, ба худ мақсад гузоштам, ки ҳатто агар оқибат чун Павлус аз ҳаққи муҳаббат маҳрум шавам ҳам, ҳамеша ҳақиқатро хоҳам гуфт. Ман мукофоти бузургро на фақат барои худ, балки барои Лиза, барои писарону духтарони мо дар тамоми наслҳои оянда мебинам. Ин аҳди осоиштагӣ аст, ки аз насл ба насл мегузарад.

Ман бо фараҳмандӣ мебинам, ки чӣ гуна бо шавқу рағбат писарони мо ба Худо хизмат карда истодаанд. То вақте ки онҳо ба воя мерасиданд, аз сабаби кори башорати Инҷил маро лозим буд, ки ҳадди ақал ними рӯзҳои сол дар хона набошам. Бо вуҷуди ин, албатта, аҳди осоиштагие,

ки Худо ваъда кардааст, барои онҳое, ки раҳкушои дигаргуниҳо мебошанд, нигоҳ дошта ва ба фарзандони мо гузаронида мешавад. Ман умедворам, ки ҳамон баракатҳо ба наберагони мо низ мегузаранд.

Оё мо баракатеро, ки дар рафтори нисбат ба ҳақиқат дуруст ниҳон аст, мушоҳида кардаем? Оре, ин аҳди осоиштагӣ аст. Ҳоло ки шумо барои дигаргуниҳо садои худро баланд мекунед, ҳоло ки боҷуръатона Худовандро пайравӣ менамоед, ин аҳде мебошад, ки на фақат ба мо, балки ба наслҳои мо тааллуқ дорад, ҳатто агар дигарон чунин намекунанд.

Оё мо якҷоя мебинем, ки шамшери рӯҳро бо муҳаббат бардошта, барои ҳақиқат бархостан чӣ қадар беҳтар аст, назар ба он ки лаб фурӯ баста, нигоҳ карда шинем, ки чӣ тавр гуноҳ моро асир мегардонад ва ба тамоми ҷамоати имондорон паҳн мешавад?

Барои ман ҷавоб маълум аст, аммо ман чӣ гуна қарор қабул карданро ба ихтиёри шумо вогузор мекунам.

## АМАЛ КУНЕД

Хабари хуше, ки шумо интизораш будед ин аст: барои ҳақиқат собитқадамона бархоста, аз рӯи муҳаббат ба Худо ва ба халқи Ӯ дуруст рафтор карда, шумо дар радифи одамоне қарор мегиред, ки ваъдаҳои ҷовидонӣ ва аҳдҳои пурбаракатро аз Худо гирифтаанд. Ин ваъдаҳои ҷовидонӣ ва аҳдҳои пурбаракат на танҳо равшангари ояндаи ин гуна одамон, балки равшангари ояндаи наслҳои онҳо мебошанд.

Оё шумо аз ин ҳам чизи нерӯмандтареро барои нафъи некӯаҳволии худатон тасаввур карда метавонед? Ҳеҷ гуна мероси моддии дунявӣ дорои чунин баракат нест, пулро дар давоми зиндагии як ё ду насл ба итмом расондан мумкин аст. Ҳеҷ гуна дониш ва ҳикматро пешакӣ ба чандин наслҳои оянда гузаронидан имконпазир нест. Танҳо меросе, ки асосаш аз рӯи ваъдаи Худост, чунин таъсири пурзӯр ва бардавом дошта метавонад.

Шумо чӣ гуна меросро ба наслҳои ояндаи худ боқӣ гузоштан мехоҳед? Чӣ гуна ёдгорие аз худ ба наслҳои оянда дар замин боқӣ гузоштан мехоҳед, ва дар осмон дорои кадом ном буданро орзу мекунед? Агар дар давоми умри кӯтоҳи худ дар замин барои муҳаббат ва ҳақиқат содиқона талош намоед, калиди беҳтаринро барои иҷро кардани чунин хоҳишҳо пайдо мекунед.

6

# МОТИВАТСИЯ

Чанд муддат пеш ман дар фиристодани паёмак аз телефони мобилиам душворӣ кашидам. Барои ҳалли ин мушкилӣ ман тамоми усулҳоро истифода бурдам: баъзе гузоришҳоро бастам, телефонамро хомӯш карда, аз нав ба кор даровардам, тамоми илоҷҳоро, аз ҷумла “анҷоми иҷбории кор” – амале, ки танҳо ҳангоми зарурат ба он даст мезананд, санҷида дидам. Сипас ман чораҳои боз ҳам мураккабтарро анҷом додам, вале ин мушкилии чигил ҳал нашуд.

Ин воқеа нишон дод, ки мо чӣ қадар сахт аз телефонҳоии мобилии худ вобаста ҳастем ва онҳо чӣ қадар нақши бузурге дар ҳаёти мо доранд. Чунин шуд, ки дар ҳамон вақт писари хурдии мо дар Ҳиндустон буд. Вай дар ҷамъомад мавъиза мекард ва ба шубонҳою роҳбарон китобҳо тақсим менамуд. Барои ӯ баъзе мушкилиҳо пайдо шуд, ва ӯ ба паёмак навиштан сар кард. Ман дар давоми чанд соат аз сабаби дуруст кор накардани телефон бе ҳеҷ ваҷҳ ба вай ҷавоб фиристода наметавонистам. Бештар аз понздаҳ дақиқаро барои навиштани паёмак сарф мекардам, вале телефон ногаҳон аз гузориш мебаромад, ва тамоми матни чидашуда нопадид мешуд, ва ман маҷбур будам, ки аз нав ҳуруфчинӣ кунам. Пас аз чор соат ба ман муяссар шуд, ки ба писарам паёмаки кӯтоҳе бифиристам, гарчанде ки бештар сухан гуфтан мехостам, вале телефон барои иҷро кардани талаби ман қодир набуд. Ҳоҷат ба баён

нест, ки ман чӣ қадар ғамгин шудам.

Ниҳоят, ман телефонро ба устоён-мутахассисон, ки кори онро аз ман беҳтар медонанд, бурдам. Ман дар давоми чанд рӯз тадбирҳои мухталифро барои ҳалли мушкилӣ анҷом додам, вале понздаҳ дақиқа нагузашта, онҳо сабаби мушкилиро муайян карданд. Ду соат пас ман бе ягон душворӣ ба фиристодани смс-паёмакҳо шурӯъ кардам. Маълум шуд, ки ман ба хатогӣ роҳ дода, тартиби кори телефонро халалдор кардаам. Агар ман илоҷ намеҷустам, чӣ мешуд? Агар ман ба мутахассисон муроҷиат намекардам, чӣ воқеа рӯй медод? Эҳтимол, ман то ҳол телефонеро, ки имкониятҳои маҳдудтар дошт, истифода мебурдам, ва мутаассифона, вақтро беҳуда сарф мекардам. Ин ба ман дар сӯҳбат кардан бо оила, ҳамкорон ва дӯстонам халал расонида метавонист.

Биёед боз як қадаме ба пеш мегузорем. Тасаввур мекунем, ки ман барои фиристодани паёмак ҳеҷ таҷрибае надоштам. Сӣ сол муқаддам ман ҳатто намедонистам, ки смс-паёмак чӣ аст, зиёдтар аз ин, дар бораи смартфонҳо чизе намедонистам. Ҳамагӣ қариб сад сол қабл зангҳои байниқитъавӣ куллан вуҷуд надоштанд. Дар он давра барои ман дар давоми чор соат ба Ҳиндустон дар як лаҳза ба писарам паём фиристодан шодии бузурге шуда метавонист. Ҳама гуна алоқа ба ҳар ҳол аз набудани он беҳтар аст. Агар ман аз усулҳои дастрас бехабар мебудам, барои ҳал кардани мушкилӣ чунин саъю кӯшиш намекардам ва монеаҳои дар сари роҳам пайдошударо бартараф намесохтам. Вале бо туфайли смартфон ман фоидаи бисёртар меёбам, маҳз аз ҳамин сабаб ман сахт ғамгин шуда будам.

Бе донистани қобилият барои муваффақ шудан ба чизе кӯшиш ва ғайрат пайдо намешавад. Бисёре аз мо дар бораи қуввати қисми ягонаи ҳарбӣ, чуноне ки рафиқи ман аз дастаи таъиноти махсус медонад, ҳеҷ чизе намедонем. Тасаввур кунед, ки агар дар дастаи вай халале ворид мешуд, ӯ чӣ гуна рафтор мекард? Ӯ на танҳо зиқ мешуд, балки ҳатто ҳалок шуда метавонист.

Агар қиссаи Аҳди Қадимро ба ёд оварем, оё шумо тасаввур мекунед, ки Исроил нисбат ба Оҳон чӣ қадар ғазбанок буд? Онҳо дар Ериҳӯ ғалабаи бузургеро бад даст оварданд, вале пас аз Ой ба онҳо лозим шуд, ки сию шаш нафар дӯстони азизи худро дафн кунанд ва оилаҳои қурбоншудагонро тасаллӣ диҳанд.

Оё ба худ тасаввур карда метавонед, ки Павлус чӣ қадар ғамгин шуд, вақте ӯ дид, ки қӯринтиёни маҳбубаш аз оқибати даҳшатбори

криптонити рӯҳонӣ, аз сустӣ, аз касалиҳои бедаво ва марги бармаҳал азоб мекашанд? Ӯ лаёқатҳои онҳоро хеле хуб медонист, вале онҳо кӯр буданд. Онҳо манфиатҳои шахсии худашонро аз манфиати ҷамоат болотар медонистанд.

Дар ҳаёти шумо чӣ гуна аст? Дар ҷамоати масеҳии шумо чӣ гуна воқеаҳо рӯй дода истодаанд? Ба назари ман, шумо ин паёми пур аз ташвиқро аз он сабаб хонда истодаед, ки дар умқи дили худ медонед – дар ҳаёти масеҳӣ чизи бузургтаре мавҷуд мебошад. Худо ин хоҳишро ба дили шумо ҷо кардааст. Шумо бисёртар шавқманд ҳастед, ки дар ҳузури Ӯ бо ҳаёти пурарзиш зиндагӣ кунед ва шоҳиди таъғироти муттасили рӯҳонӣ дар ҷамоат бошед, назар ба он ки аз нороҳатие, ки ба хотири ҳақиқат мекашед, канораҷӯӣ кунед.

## Нури шумо дурахшон шуд

Омӯзиши ин китоб фоидаи дукарата меорад: аввалан, самаранокии калисои шумо ба тавр қатъӣ меафзояд, дуввум, шумо шахсан бештар самар меоваред, аз Рӯҳ саршор шуда, бо Худо муносибати наздиктар пайдо мекунед. (Ҳоло мо асосан дар бораи ҷамоати калисо гап зада истодаем, вале баъдтар ба ҳаёти шахсии шумо таваҷҷӯҳ мекунем.)

Шумо алоқамандона ба ҷамоати худатон чӣ гуна биниш бояд дошта бошед? Ба мисли воқеае, ки бо смартфони ман рӯй дод, кӯшиши ҷавоб ёфтан ба ин савол дар мо хоҳиш ва шавқмандиро барои дарёфт намудан ва ислоҳ кардани чизҳое, ки барои ба пуррагӣ намоён шудани қобилиятҳои мо халал мерасонанд, бедор месозад.

Ишаъё нубуват мекунад:

> "Бархез, мунаввар шав, зеро ки нури ту омадааст ва ҷалоли Худованд бар ту тулӯъ намудааст. Зеро, инак, торикӣ заминро, ва меғ қабилаҳоро мепӯшонад, вале бар ту Худованд тулӯъ хоҳад кард, ва ҷалоли Ӯ бар ту зоҳир хоҳад шуд" (Ишаъё 60:1, 2).

Аввалан, ман гуфтан мехоҳам, ки Ишаъё на дар бораи осмон ва на дар бораи подшоҳии ҳазорсолаи Масеҳ, яъне он даврае, ки бино ба китоби Ваҳй Исо дар замин ҳазор сол подшоҳӣ мекунад, нагуфтааст. Набӣ ҳамчунин дар бораи осмон ва замини нав, ки Петрус

ва муаллифони дигар пешгӯӣ кардаанд, гап назадаст. Не, ӯ дар бораи он давра сухан рондааст, ки заминро торикӣ мепӯшад. Бинобар ин нубуввати мазкур, албатта, дар бораи замони ҳозира буда метавонад, ва, ман чунин фикр дорам, ки ҳамин тавр ҳам ҳаст.

Тибқи суханони набӣ, торикии ғафс на фақат нуқтаҳои алоҳидаи ҷуғрофиро, балки тамоми заминро мепӯшонад. Мо аз оғӯши Офаридгори худ дуртар шудан мегирем. Ман на фақат дар бораи атеистҳо, агностикҳо, одамоне, ки ба сеҳру ҷоду машғуланд, балки дар бораи бисёр одамоне, ки эътиқодманди масеҳият мебошанд, гап зада истодаам. Дар бораи ин давра Павлус ба таври мушаххас гуфтааст: "Зеро замоне фаро хоҳад расид, ки таълимоти солимро қабул нахоҳанд кард, балки бар тибқи ҳавасҳои худ барои худ муаллимоне хоҳанд баргузид, ки нутқашон ба гӯшҳо хуш ояд" (2 Тимотиюс 4:3). Дар идома вай дилшикаста мешавад: "Ва гӯшҳои худро аз ростӣ гардонда, ба қиссаҳо рӯ хоҳанд овард" (ояти 4).

Дар ин давра, тибқи суханони Ишаъё, имондорони ҳаққонӣ дурахшон мешаванд – фарқ мекунанд. Фақат тасаввур кунед: агар шумо ба хона даромада чароғро фурӯзон кунед, торикӣ зуд нест мешавад. Торикӣ рӯшноӣ намедиҳад, оё шумо ягон бор дар бораи якбора ҷило додани торикӣ шунидаед? Не, танҳо рӯшноӣ якбора дурахшида метавонад. Чӣ қадар торик бошад ҳам, рӯшноӣ ғалаба мекунад ва торикиро нобуд месозад.

Исо гуфтааст, ки мо нури ҷаҳон ҳастем. Мо бояд равшанӣ диҳем, мо бояд аз торикӣ пурзӯртар бошем, вале ин чӣ тавр имкон дорад? Мувофиқи суханони Ишаъё мо чунон медурахшем, ки беимонҳо ҷалоли Ӯро мебинанд.

Калимаи ибронӣ бо маънои "ҷалол" – кабод маънии азамат, шукӯҳ, сарват, фаровонӣ, шараф, ҳашамат ва қувватро мефаҳмонад. Калимаи охирин дар ин муқаррарот – "қувват", ё "вазн", маънои онро дорад, ки ин хусусиятҳо на камчин, балки фаровон мебошанд. Бо ибораи дигар, ин тамоми бузургии Ӯст. Павлус менависад: "Зеро Худое, ки гуфт: "аз зулмот нур бидурахшад, ҳамон аст, ки дар дилҳои мо бидурахшид, то ки бо дониши ҷалоли Худо дар шахси Исои Масеҳ моро мунаввар созад" (2 Қӯринтиён 4:6). Дар давоми суханаш чунин мегӯяд:

> "Лекин мо ин ганҷро дар зарфҳои гилин дорем, то маълум шавад, ки бартарии қувват аз они Худо бошад, на аз ҷониби мо" (2 Қӯринтиён 4:7).

Ба суханони “бартарии қувват” диққат диҳед. Азамат, шукӯҳ, сарват, фаровонӣ, шараф, ҳашамати Худо дар қалбҳои мо ба пуррагӣ медурахшанд. Ана барои чӣ вай менависад: “бартарии қувват аз они Худо бошад, на аз ҷониби мо”. Гап дар бораи қуввати маҳвкунандаи ҳама гуна торикие меравад, ки ба кори мо халал ворид кардан мехоҳад.

Вақте ки дастаи таъиноти махсус ба супориш мебарояд, сарбозон мағлубиятро ба нақша намегиранд ва воқеан ҳам одатан бо муваффақият бармегарданд. Мо аз дастаи таъиноти махсус дида, ваъдаи боз ҳам боэътимоде дорем. Он бо қуввати барои муваффақият боз ҳам бузургтаре маҳкам карда шудааст!

Барои он ки аҳамияти ҷалоли Худо дар давоми қисми боқимондаи китоб аз мо лағжида наравад, ман онро бисёр вақт бо суханони “азамати Ӯ” иваз мекунам (вале ҳамчунин дигар суханони муайянкунандаро, ки дар сархатҳои боло номбар карда шудаанд, дар ёд дошта бошед).

Ишаъё мегӯяд, ки азамати Ӯ бар мо зоҳир хоҳад шуд, на ин ки бар мо мефарояд. Аз куҷо зоҳир мешавад? Аз қалбҳои мо. Дар ёд дошта бошед, ки “ин ганҷро мо дар зарфҳои гилин дорем” (ояти 7).

Пас саволи ман ба шумо чунин аст: Барои чӣ қудрати бузурги Ӯ ба воситаи ҷамоати мо намудор намешавад? Барои чӣ беморон, заифон ва ҳатто одамоне, ки бармаҳал мемиранд, ин қадар бисёранд? Оё барои он нест, ки мо бо криптонити рӯҳонӣ созиш мекунем?

## Иқтидори ҷамоат

Иқтидори мусбии ҷамоат имрӯз чӣ гуна буда метавонад? Тавлиди калисоро ба хотир оред. Дар рӯзи Пантикост, шогирдон, ки ҳамагӣ 120 нафар буданд, дар хона пинҳон шуданд. Навишта шудааст, ки ҳама якдилона дар як ҷо ҷамъ омада буданд. Ин ягонагӣ чиро нишон медод? Баъди эҳёи Исо ҳадди ақал панҷсад нафар аз Ӯ супориш гирифтанд, ки ба болохона баромада, ваъдаи Падарро интизор шаванд (ниг. 1 Қӯринтиён ва Луко 24:33-53). Барои чӣ баъд аз даҳ рӯз фақат 120 нафар ҷамъ омаданд. Барои чӣ на ҳама интизор шуданд, бо он 380 нафари боқимонда чӣ воқеа рӯй дод? Дар бораи онҳо, ғайр аз он ки тибқи номаи Павлус ба қӯринтиён дар соли 56-уми қарни мо то ҳол зинда будани онҳо зикр карда шудааст, чизе гуфта намешавад. Мо танҳо пайхас карда метавонем, ки онҳо ваъдаи Падарро дар Ерусалим, чуноне ки Исо

фармуда буд, интизор нашуданд (ниг. Аъмол 1:1-15).

Оё он 380 нафар метавонистанд, ки супориши Ӯро ҳамчун як пешниҳоди хуб, вале ғайриҳатмӣ қабул кунанд? Оё онҳо гумон карда метавонистанд, ки иҷро кардани он хеле мушкил аст? Шояд, онҳо фикр мекарданд, ки ба Ӯ ҳамон тавре ки ба худашон қулай аст, хизмат карда метавонанд? Ман боварӣ дорам, ки ҳатто баъзе аз онҳо дар ким-куҷое дар бораи эҳёи Ӯ мавъиза мекарданд.

Аммо Рӯҳи Худо, ки ҳамчунин Рӯҳи ҷалол ном дорад (ниг. 1 Петрус 4:14), онҳоро пур накард. Фақат 120 нафаре, ки якдилона дар як ҷо ҷамъ шуда буданд, бо азамати Рӯҳи Худо тадҳин шуданд. Чӣ онҳоро бо ҳам муттаҳид мекард? Гап дар сари он нест, ки ҳар яке ақидаи худро доштанд, аниқтараш дар 380 нафар ақидаҳои гуногун мавҷуд буд. Ман фикр мекунам, ки онҳоро итоаткории собитқадамона ба Каломи Худо бо ҳам муттаҳид мекард, ва онҳо инро барои худ чун чизи ҳатмӣ қабул карда буданд.

Ҷалоли Худо (ки қуввати Ӯро дорад) онҳоро пур кард ва ҳамон рӯз бештар аз се ҳазор одам аз олами боло таваллуд шуданд. Онҳо даъватномаҳо тақсим накарданд, дар рӯзномаҳои яҳудӣ реклама чоп накарданд, усулҳои оммавиро дар шабакаҳои иҷтимоии интернет истифода набурданд ва телевизиону радиоро бо рекламаҳои худ пур нанамуданд. Зиёда аз ин онҳо вақти гузаронидани ҷамъомадро ба нақша нагирифта буданд. Бо вуҷуди ин азамати Худо ба тамоми шаҳр намоён шуд.

Каме дертар, баъди он ки як мафлуҷи модарзод шифо ёфт ва ҷаҳидаю давида ба маъбад ворид шуд, боз панҷ ҳазор одам (ба истисноии занону кӯдакон) аз олами боло таваллуд шуданд. Бағоят ҳайратовараш он аст, ки ин ҳама издиҳоми одамон ба Худо рӯ оварданд, гарчанде ки на Петрус, на Юҳанно ҳатто онҳоро ба тавба даъват накарда буданд, пеш аз он ки чунин корро бикунанд, онҳоро ҳабс карданд!

Тамоми шаҳри Иерусалим аз воқеаҳое, ки рӯй дода медоданд, ба изтиробу ҳаяҷон афтода буд. Бисёр одамон садои шамоли бошиддатро шуниданд. Сокинони шаҳр шуниданд, ки чӣ тавр шогирдон суханони ҳайратбахшеро дар бораи азамати Худо бо забонҳои хориҷӣ ва лаҳҷаҳое, ки пештар ҳеҷ гоҳ наомӯхта будан, ба забон меоварданд. Ҳар яке мӯъҷизаҳои бузургеро, ки ба номи Исо ба амал меомаданд, диданд.

Чанд рӯз пас, вақте ки онҳо якҷоя дуо мекарданд, биное, ки дар он ҷо ҷамъ омада буданд, ларзид. Китоби Муқаддас муболиға намекунад.

Агар навишта шудааст, ки бино ларзид, воқеан ҳам ҳамин хел буд. Аз ҳамаи имондорон қуввати бузург, фаровонӣ ва шифо ҷорӣ мешуд.

Навишта шудааст, ки “ҳеҷ эҳтиёҷманде дар байнашон набуд” (Аъмол 4:34). Мо мебинем, ки Петрус дар кӯчаҳо қадам мезанад, - на як кӯча, балки кӯчаҳо, ва Навиштаҷот мегӯяд, ки вақте сояи Петрус ба ҳамаи бемороне, ки ба ин кӯчаҳо оварда мешуданд, меафтид, онҳо “шифо меёфтанд” (Аъмол 5:16). Ин аст азамати Худо! Кошки ҳар як имондор ҳамин тавр ба беморхонаҳо рафта, шахсони беморро шифо медод.

Навиштаҷот дар бораи як мард ва зани вай нақл карда, мегӯяд, ки онҳо дар назди Худо беэҳтиромона рафтор карданд. Онҳо дар бораи яке аз хизматгузориҳои худ ба шубон дурӯғ гуфтанд ва ба замин афтода, мурданд. Хабари марги онҳо дар тамоми шаҳр зуд паҳн шуд, ва ҳамаи одамонро “тарси азиме” фаро гирифт, вале одамон ҳаввориёнро хеле иззату ҳурмат мекарданд (ниг Аъмол 5:1-13). Ин тарси солим ҳеҷ касро дур накард, балки, баръакс, бисёр касонро ҷалб намуд: “Мардону занони бисёре ба Худованд имон оварда, торафт бештар ба онҳо ҳамроҳ мешуданд” (Аъмол 5:14).

Ин гуна воқеаҳо на фақат дар Ерусалим рӯй медоданд. Пайравони Исо далерона шаҳодат медоданд, ва дар ҳама ҷо одамон наҷот меёфтанд ва шифо пайдо мекарданд. Филиппус, ки дар калисо барои тақсимоти хӯрок ба бевазанон масъул буд, худаш танҳо ба шаҳри сомариён рафт. Навишта шудааст: “... арвоҳи палид аз бисёр мубталоён наъра кашида берун мешуданд, ва мафлуҷону лангони бисёре шифо меёфтанд. Ва шодии азиме дар он шаҳр падид омад” (Аъмол 8:7, 8). Як шахси машҳури ин шаҳр, ки пештар ба сеҳру ҷоду машғул мешуд “... ҳамеша ҳамроҳи Филиппус буд, ва аз дидани аломот ва мӯъҷизоти азиме, ки ба амал меомад, дар ҳайрат мемонд” (ояти 13). Тамоми шаҳр ё аз ин воқеаҳо хабардор буд, ё ба назди Исо барои наҷот меомад.

Дар бораи як ҳодисаи дигаре навишта шудааст, ки Петрус зуд шахсеро, ки ҳашт сол боз фалаҷ шуда, дар бистари беморӣ мехобид, шифо дод. Навиштаҷот мегӯяд: “Ва ҳамаи сокинони Лидда ва Сорӯн ӯро дида, ба Худованд рӯй оварданд” (Аъмол 9:35). Дар ин ҷо на як шаҳр, балки ду шаҳр ёдрас карда шудааст, ва гуфта шудааст, ки “ҳамаи сокинон” наҷотро қабул карданд.

Дар Ёфо Тобито ном зане аз марг эҳё шуд, ва ин хабар дар тамоми шаҳр паҳн гардид, боз як минтақа дар зери таъсири ҳаввориён монд.

Охири охирон Петрусро ҳабс карданд, вале нисфи шаб ба назди ӯ фаришта омад.

Сардор ба замин афтода мурд, ва ҷисми вайро кирмҳо хӯрданд, чунки Худоро ҷалол надод. Азамати Худо торикиро дар тамоми мамлакат аз байн бурд. Дар ҳузури нур истодани торикӣ ғайримкон аст!

Дар тамоми шаҳру деҳаҳои ғайрияҳудӣ бо қуввати бузурге мӯъҷизаҳо рӯй медоданд, одамони зиёд наҷот меёфтанд. Зиёда аз ин, навишта шудааст, ки “...ҳамаи сокинони вилояти Осиё, ҳам яҳудиён ва ҳам юнониён, каломи Исои Худовандро шуниданд” (Аъмол 19:10). Гап на танҳо дар бораи чанд шаҳр ё деҳа, балки дар бораи минтақаи калон меравад. Ва *ҳама* шуниданд! Онҳо Facebook, Insagram ва Twitter надоштанд. Дар он давра интернет, алоқаҳои мобилӣ, телевизион ва радио набуданд. Автомобилҳо ва ҳатто велосипедҳо набуданд, то ки одамон аз як ҷо ба ҷои дигар сафар кунанд. Бо вуҷуди он ҳар як одам дар минтақаи худ Каломи Худовандро шунид! Ана чӣ ҳодиса рӯй медиҳад, агар калисо муттаҳид шавад, агар Каломи Худо дар калисоҳои масеҳӣ мавқеи асосиро ишғол кунад.

Ин азамати илоҳӣ аст, ки дар калисои аввала намудор мешуд. Аммо дар боби минбаъда мебинем, ки барои насли ҳамзамони мо Худо нақшаи боз ҳам бузургтареро муҳайё кардааст. Он чизҳое ки дар калисои аввала дидем, ба он азамат ва қуввати илоҳӣ, ки ҳангоми баргаштани Худованд ва Подшоҳ Исои Масеҳ дар замин намоён мешавад, баробар шуда наметавонад!

## АМАЛ КУНЕД

Мӯъҷизаҳои аҷоиби Аҳди Ҷадидро мушоҳида карда, ба осонӣ чунин фикр кардан мумкин аст: “Ҳа, ба онҳо ин кор хеле хуб муяссар мешуд, вале ман барин одам ҳеҷ гоҳ чунин корҳоро карда наметавонад”. Ана барои чӣ мазмуни ин боб хеле муҳим аст. Мӯъҷиза ва аломот на барои он рӯй медоданд, ки онҳоро одамони махсус ба амал меоварданд. Онҳо рӯй медоданд, чунки ин одамони оддӣ бовар мекарданд ва итоат менамуданд, ва азамати Худо дар байни онҳо афзун мегардид.

Агар азамати Худо дар байни ин гуна одамони нохонда, сермағал, ҷавон, бетаҷриба, ки ба корҳои муқаррарӣ андармон буда, фикру ақидаи

шахсии худро доштанд, зиёд шуда метавониста бошад, пас мо аниқ мутмаин буда метавонем, ки дар ҷаҳон ягон хел ченаке барои тасниф кардани қобилиятҳои мо мавҷуд нест. Гап дар он аст, ки то чӣ дараҷа мо ба Каломи Худо бовар мекунем ва итоат менамоем.

Оё шумо бовар мекунед, ки аз нав ин гуна мӯъҷизаҳо ва ҳатто бузургтар аз онҳоро дида метавонед? Агар дар калисои шумо мӯъҷизаҳо аллакай ба таври назаррас рӯй дода истода бошанд, оё шумо омодаед, ки дар ин ҷода боз ҳам пешравӣ кунед? Оё мехоҳед, ки ҳама он чизҳоеро, ки Худо ба шумо додан мехоҳад, пайдо кунед? Ҳангоми дуо кардан ҷавобҳои худро ба Худо гӯед. Сипас барои ҳама он чизҳое, ки худро нотавон ва дар ҳаёт ақибмонда меҳисобед, тавба кунед. Ташвишҳои худро ба Худо супоред ва қалбатонро ба Ӯ тақдим кунед, то ки Ӯ ҳамаи он корҳоеро, ки ба воситаи шумо ба амал овардан мехоҳад, карда тавонад.

7

# ҚУВВАТИ ЯГОНАГӢ

Исо пеш аз маслуб шуданаш имконият дошт, ки бори охирин на танҳо барои аъзоёни дастаи Худ, балки барои ҳамаи мо дуо кунад. Ӯ хоҳиши Худро бо чунин суханон сар мекунад: “Танҳо барои онҳо илтимос намекунам, балки низ барои касоне, ки ба василаи каломи онҳо ба Ман имон хоҳанд овард” (Юҳанно 17:20). Бешубҳа, ин дуо ба мо низ дахл дорад. Мо ба воситаи паёми онҳо, ё хонда, ё ба таври ғайримустақим, навиштаҳои онҳоро аз забони касе шунида, ба Исо имон овардем.

Исо Писари Одамизод аст, бинобар ин Ӯ қудрати талаб карданро дорад, то ки иродаи Падар дар замин, чуноне ки дар осмон аст, ба амал ояд. Дуои Ӯро бишнавед:

> “То ки ҳама *як* бошанд; чунон ки Ту, эй Падар, дар Ман ҳастӣ ва Ман дар Ту, онҳо низ дар Мо як бошанд, – то ҷаҳон имон оварад, ки Ту Маро фиристодӣ. Ва Ман ҷалолеро, ки ба Ман додаӣ, ба онҳо додам, то ки *як* бошанд, чунон ки Мо *як* ҳастем” (Юҳанно 17:21, 22).

Исо дуо кардаст, ки мо ҳама *як* шавем, то ҷаҳон бовар кунад, ки Исои Масеҳ Наҷотбахши тамоми одамизод аст. Ин паём ба ҷаҳони мо чӣ меорад? Ҷавоб – айнан *ҷалоли* Ӯро. Ин барои хидматгузории мо аҳамияти калон дорад. Ӯ ҷалоли Худро (азамати зоҳир намудаи Худро)

барои он касоне нигоҳ доштааст, ки дар ягонагӣ сокин бошанд. Моҳияти асосӣ дар он аст, ки *як бошем, чунон ки Ӯ бо Падар як аст.*

Чӣ тавр Ӯ ва Падар як буданд? Ӯ борҳо чунин гуфта буд: "... толиби иродаи Худ не, балки иродаи Падаре ҳастам, ки Маро фиристодааст" (Юҳанно 5:30), "Зеро аз осмон нозил шудаам на аз барои он ки ба иродаи Худ амал кунам, балки ба иродаи Фиристандаи Худ" (Юҳанно 6:38), "Инак, меоям, - чунон ки дар тӯмори китоб дар бораи Ман навишта шудааст, – то ки иродаи Туро, эй Худо ба ҷо оварам" (Ибриён 10:7). Ӯ бо Падар як буд, чунки иродаи Падарро меҷуст ва он кореро иҷро мекард, ки Падар мехост, ҳатто агар ин ноҳулай ва аз мӯд рафта буд.

Шогирдони аввал низ ҳамин гуна буданд. Ҳамон рӯзе, ки Худо азамати Худро ба воситаи онҳо ба ҷаҳон намоён кард, онҳо ҳама *якдилона* дар як ҷо ҷамъ омада буданд. Онҳо ҳамагӣ 120 нафар буданд, на даҳҳо ҳазор одамоне, ки дар давоми се соли хизматгузории Исо суханони Ӯро мешуниданд. Инҳо на ҳамон 380 нафар одамон буданд, ки Ӯро пас аз эҳё гардиданаш диданд, вале ба суханони Ӯ аҳамияти ҷиддӣ надоданд. Инҳо одамони дар имон бо ҳамдигар муттаҳид буданд.

Павлус бо зорӣ аз ҳар яки мо илтимос мекунад: "Ва саъю кӯшиш кунед, ягонагии Рӯҳро дар иттифоқи осоиштагӣ нигоҳ доред" (Эфсӯсиён 4:3). Сипас ӯ дар бораи бахшоишҳое, ки шахсан Исо ба Калисо – ҳаввориён, набиҳо, башоратдиҳандагон, шубонҳо ва муаллимон додааст, сухан меронад. Вазифаи онҳо дар он аст, ки калисоро баҳри расидан ба мақсад роҳнамоӣ кунанд:

> "То даме ки ҳамаамон ба *ягонагии* имон ва шиносоии Писари Худо, ба дараҷаи шахси комил, ба андозаи бузургии пурраи Масеҳ бирасем" (Эфсӯсиён 4:13).

Мақсади мо, ё рисолати мо аз он мақсад ё рисолате, ки калисои аввала дошт, яъне муттаҳид будан ва бо ин восита роҳбаладн азамати (ҷалол) Худо гардидан, ҳеҷ фарқияте надорад. Дигар роҳ вуҷуд надорад! Насли ҳозира бояд ягонагиро дар имон ва маърифати Худо пайдо кунанд. Ягона роҳи расидан ба ягонагии ҳақиқӣ ин итоат ба Каломи Худо мебошад ва ин айни ҳамон хислатест, ки Исо ва шогирдон доштанд.

Ба хотир биёред, вақте ки исроилиён муттаҳид буданд, онҳо пурра Ериҳӯро забт карданд. Дар давраи подшоҳии Сулаймон Исроил ҳамчун

миллат барои хатарҳои беруна дастнорас буд, ва мардумонаш дар давоми чандин насл осуда ва обод зиндагӣ мекарданд. Дигар мисолҳоро низ овардан мумкин аст, вале моҳияти масъала пурра фаҳмост.

Аз тарафи дигар, ҷиҳати баръакси масъаларо дида мебароем. Вақте ки Павлус доир ба он ки дар Қӯринт криптонити рӯҳонӣ мавҷуд мебошад, суханронӣ кард, дар аввал ӯ чунин гуфт: “Зеро, аввалан, шунидам, ки дар миёни шумо, вақте ки дар калисо ҷамъ мешавед, ихтилофот рӯй медиҳад...” (1 Қӯринтиён 11:18). Маълум аст, ки онҳо *як* набуданд! Саволе ба миён меояд: чӣ ба ягонагӣ халал мерасонд? Ишқбозии онҳо бо криптонит беитоатӣ ба Каломи Худо мебошад.. Ин аз беитоатие, ки Оҳон зоҳир кард, ҳеҷ фарқе надорад. Бар оқибати ин беитоатӣ Исроил ягонагӣ ва бехатариашро ҳангоми ҳуҷум кардан ба Ой аз даст дод.

Сипас Павлус якбора ба тарафи дигари масъала диққат дода, ба таври тазод сухан мегӯяд:

> “... Ба ин ман як қадар бовар мекунам. Зеро ки дар миёни шумо гуногунии ақидаҳо низ бояд бошад, то ки корозмудагон дар миёни шумо зоҳир гарданд” (1 Қӯринтиён 11:18, 19).

Барои чӣ зоҳир шудани корозмудагон ин қадар зарур аст? Ҷавоб ба ин савол аҳамияти калон дорад, чунки он роҳро ба сӯи ягонагие, ки дар имон ва шинохти Худо мавҷуд аст, мекушояд. Ин то ба ҳамон андозае зарур аст, ки ба хотири халқи Исроил ва рисолати вай зоҳир намудани итоаткории аксарияти одамон ва беитоатии Оҳон зарур буд. Ҳамон қадар зарур буд, ки аз 380 нафар шогирдоне, ки ба хона баргаштанд, 120 нафар шогирдони вафодор ҷудо карда шаванд. Барои калисои қӯринтиён ин масъала аҳамияти хеле калон дошт. Итоаткории *аксарият* ва беитоатии баъзеҳо бояд ошкор карда мешуданд, вагарна роҳ ба сӯи ягонагӣ баста *мегардид* ва ҷалоли (азамат) Худо дар Қӯринт намоён намешуд. Ғайр аз ин ба шоҳидони беайб дорую дармон овардан зарур буд. Гарчанде онҳо ба маросими муқаддас эҳтиром нишон медоданд, вале бо вуҷуди ин аз сабаби рафтори беэҳтиромонаи баъзеҳо азоб мекашиданд (заифу нотавон ва бемор буданд ва бармаҳал мемурданд).

Павлус аҳамияти ягонагиро чун хислати афзалиятнок хеле хуб мефаҳмид. Ӯ медонист, ки воқеаҳое, ки дар Ерусалим, Сомария, Антиохия ва шаҳрҳои дигар ба амал омаданд, пурра ба азамати Худо

вобаста буданд. Ана барои чӣ вай на фақат имондорони калисои қӯринтиёнро илтиҷо кард, ки ягонагиро нигоҳ доранд, балки имондорони Эфсӯс, Филиппӣ ва Қӯлассо, ҳамчунин имрӯз ҳамаи моро ба ягонагӣ даъват намудааст. Дар мисоли Исо мо мебинем, ки ғайр аз итоаткорӣ ба Каломи Худо роҳи дигаре ба сӯи ягонагӣ мавҷуд нест.

## Пурқувваттар

Имрӯз корҳо дар кадом ҳолат мебошанд? Оё чун пештара мақсади мо ягонагии имон аст? Бо иҷозати шумо мехоҳам, ки эҳсоси фаромӯшношуданиеро, ки дар вақти дуо аз сар гузаронидам, бароятон баён созам. Ман хеле возеҳ шунидам: "Фарзандам, китоби Аъмол дар муқоиса бо он коре, ки Ман дар калисо ва ба воситаи калисо қабл аз бозгашти Писарам ба амал меоварам, чун бозии бачагона метобад".

Ман дар ҳайрат мондам. Зиёда аз ин, ман ба гӯшҳои худ бовар накардам. "Падар, ба ман се далел аз Китоби Муқаддас лозим аст, то ки бовар кунам", – гуфтам ман ба Худо. Аҷоибаш он буд, ки ман, вақте ки инро аз Ӯ талаб намудам, ягон хел нороҳатиро ҳис накардам. Навишта шудааст, ки мо бояд ҳама чизро имтиҳон кунем (ниг. 1 Таслӯникиён 5:21). "... Бо гувоҳи ду ё се шоҳид ҳар сухан исбот хоҳад шуд" (2 Қӯринтиён 13:1).

Ана як ҷое аз Китоби Муқаддас, ки Ӯ ба ман нишон дод:

> "Зеро Худованди Лашкарҳо чунин мегӯяд: Боз як бори дигар, он ҳам баъд аз андак вақт воқеъ хоҳад шуд, ва Ман осмон ва замин ва баҳр ва хушкиро ба ларза хоҳам овард. Ва ҳамаи халқҳоро ба ларза хоҳам овард, ва неъматҳои ҳамаи халқҳо оварда хоҳад шуд, ва Ман ин хонаро аз ҷалол пур хоҳам кард, мегӯяд Худованди Лашкарҳо... Ҷалоли ин хонаи охирин назар ба аввалинаш бузургтар хоҳад буд, мегӯяд Худованди Лашкарҳо; ва дар ин макон Ман сулҳу осоиштагиро барқарор хоҳам намуд, мегӯяд Худованди Лашкарҳо" (Ҳаҷҷай 2:6, 7, 9).

Як воқеаи таърихӣ: Исроил солҳои зиёд дар асорат буд, аввалан дар Бобил, сипас асири форсҳо буд. Худо ба қалби подшоҳи форсҳо Куруш хоҳиши озод кардани ибриёнро андохт. Ибриён мехостанд, ки ба сарзамини худ баргашта, маъбади Худоро, ки аз тарафи Набукаднесар ва лашкари ӯ хароб карда шуда буд, аз нав бунёд кунанд. Бисёриҳо ба

ватани худ баргашта, садоқатмандона ба кори сохтмон шурӯъ карданд, вале аз сабаби манфиатҳои шахсӣ ва мухолифати сахти сокинони маҳаллӣ шавқу рағбаташонро нисбат ба кор гум карданд. Нубуввати Ҳаҷҷай, Закарё ва роҳбарони дигар зарур шуд, то ки ҷидду ҷаҳди одамон ба кори сохтмони маъбади Худо аз нав бедор гардад.

Инак, саволе ба миён меояд: ин набӣ дар бораи он маъбаде, ки дар ниҳоят бунёд карданд ё дар бораи маъбади дигар гап мезанад? Исо чунин гуфтааст: “... ин маъбадро вайрон кунед, ва Ман дар се рӯз онро барпо хоҳам кард” (Юҳанно 2:19). Новобаста ба он ки Ӯ дар миёнҷои маъбади физикӣ истода буд, на дар бораи он, балки дар бораи маъбади бадани Худаш сухан мегуфт. Биёед мулоҳиза мекунем.

Мувофиқи ақидаи шореҳони Китоби Муқаддас ва муаррихон маъбаде, ки баъд аз асорати ҳафтодсолаи Исроил аз нав сохта шуда буд, аз ҳашамату бузургии маъбаде, ки Сулаймон сохта буд, на аз ҷиҳати намуди зоҳирӣ, на аз ҷиҳати намоён шудани ҳузури Худо ҳеҷ афзалияте надошт. Ҳатто пас аз ҳафтод сол баъд аз он ки Ҳирод маъбадро аз нав сохт, он бо вуҷуди ин ҳам аз шукӯҳу шаҳомати маъбади Сулаймон бартарие пайдо накард. Аммо вақте ки подшоҳ Сулаймон ин маъбади физикиро тақдис кард, ҷалоли Худо ончунон бузург буд, ки ҳамчун абри ғализ ба он нозил шуд, ва коҳинон хизматгузориашонро идома дода натавонистанд. Таърих ба мо дар бораи намоёншаваии барҷастаи ҷалоли Худо дар маъбади аз нав барқарор кардашуда чизе намегӯяд.

Фарисиён суханони Исоро дар бораи хароб кардани маъбад ва дар се рӯз аз нав бунёд карда шудани он нодуруст фаҳмиданд, чунки онҳо фикр карданд, ки гап дар бораи маъбади физикӣ меравад. Дар ин ҳолат, агар мо бо назардошти он, ки Ҳаҷҷай дар бораи маъбади физикӣ нубувват кардааст, суханони ӯро маҳдуд созем, он гоҳ мо низ маънои онро нодуруст мефаҳмем.

Пас, дар бораи кадом маъбад ва кадом давру замон гап рафтааст? Павлус мегӯяд: “Оё шумо намедонед, ки маъбади Худо ҳастед, ва Рӯҳи Худо дар шумо сокин аст?” (1 Қӯринтиён 3:16). Ҳамон Рӯҳе, ки кайҳо пеш маъбади Сулаймонро пур мекард, дар мо зиндагӣ мекунад. Ман бовар дорам, ки Ҳаҷҷай дар бораи ҳамин маъбад сухан рондааст, ва калисо маъбади охирин мебошад, ҷалоли он (бузургии қувват ва ҳузури Худо) назар ба маъбади физикии пешина боз ҳам бештар аст.

Павлус менависад: “Зеро, агар чизи фонӣ ҷалол дошта бошад, пас

чизи бақодор хеле зиёдтар ҷалол дорад!" (2 Қӯринтиён 3:11).

Ҷалолеро (азамат ва қувват), ки дар Аҳди Қадим номоён мешуд, тасаввур кунед: рӯи Мӯсо аз ҳузури пурнури Худо чунон дурахшон шуд, ки маҷбуран онро бо парда пӯшонид, то ки ҷилояшро суст кунад. Ҳамон лаҳза, ки маскан бунёд гардид, ҳузури Худо чунон бо шиддат зоҳир шуд, ки ҳеҷ кас бо он наздик омада наметавонист. Баъд аз сохтан ва тақдис кардани маъбади Сулаймон ҳузури ошкорои Худо боз чунон нерӯмандона нозил шуд, ки коҳинон хизматгузориро идома дода натавонистанд. Ҳузури пурҷалоли Ӯ хеле ҳайратбахш ва дар ҳақиқат тасаввурнашаванда буд, аммо чуноне ки Павлус мегӯяд: "Зеро ки ҳатто он чи соҳиби ҷалол диниста шудааст, ба сабаби ин ҷалоли афзалиятнок, ҷалоле нахоҳад дошт" (2 Қӯринтиён 3:10).

Вале ба мо дар бораи давраи таърихӣ чӣ маълум аст, оё Ҳаҷҷай дар бораи калисо аз сар то охир сухан рондааст? Бо иборaи дигар, оё вай он давраеро, ки аз лаҳзаи сууди Исо то бозгашти Ӯро дар бар мегирад, дар назар дошт?

Боз як бори дигар Каломи Худоро, ки Ҳаҷҷай навиштааст, хонед:

> "... боз як бори дигар он ҳам баъд аз андак вақт, воқеъ хоҳад шуд, ва Ман осмон ва замин ва баҳр ва хушкиро ба ларза хоҳам андохт. Ва ҳамаи халқҳоро ба ларза хоҳам андохт, ва неъматҳои ҳамаи халқҳо оварда хоҳад шуд, ва Ман ин хонаро аз ҷалол пур хоҳам кард..." (Ҳаҷҷай 2:6, 7).

Ҷалоле, ки дар борааш Ӯ мегӯяд, дар замони ба ларза омадани халқҳо зоҳир мешавад. Муаллифи Нома ба Ибриён ин суханонро тасдиқ мекунад: "Дар он вақт овози Ӯ заминро ба ларза андохта буд, ва Ӯ ҳоло чунин ваъда додааст: "Боз як бори дигар на танҳо заминро, балки осмонро низ ба ларза хоҳам андохт. Иборaи "боз як бори дигар" маънои онро дорад, ки чизҳое, ки ба ларза меафтад, ҳамчун чизҳои офаридашуда, аз миён хоҳад рафт, то чизҳое, ки ба ларза намеафтад, боқӣ монад" (Ибриён 12:26, 27).

Нома ба Ибриён дар соли 68-уми қарни мо, хеле дертар аз воқеаҳое, ки ман дар боби гузашта тасвир кардам, навишта шудааст, яъне вақте, ки дар Ерусалим беморонро ба кӯчаҳо баровaрда мемонданд, сокинони шаҳрҳои зиёд ба Худованд имон меоварданд, минтақаҳои бузург Каломи

Худоро мешуниданд ва ғайра. Бинобар ин ваъдае, ки дар китоби Ибриён оварда шудааст, на ба давраи таърихии китоби Аъмол, балки аниқтараш ба оянда, ба як замони муайяне, ки тамоми махлуқот ба ларза меояд, тааллуқ дорад. Бояд қайд кард, ки насли охир бозгашти Худованд Исои Масеҳро хоҳад дид.

Дар тамоми Навиштаҷот як ҷиҳати махсусро мушоҳида кардан мумкин аст: Худо чизи аз ҳама хубро ба вақти охир мегузорад. Навишта шудааст: "Оқибати кор беҳ аз оғози он..." (Воиз 7:8). Исо ин хусусиятро ба воситаи дар тӯйи Қонои Ҷалил то ба охир нигоҳ доштани шароби хуб нишон медиҳад. Баъдтар Ӯ мегӯяд: "... ҳар кӣ ба Ман имон оварад, аъмолеро, ки Ман мекунам, вай низ хоҳад кард ва ҳатто бузургтар аз он ҳам хоҳад кард..." (Юҳанно 14:12). Барои чӣ "бузургтар" ба давраи баъд аз сууди Исо ба осмон таалуқ дорад? Чунки Ӯ ҳамеша аз ҳама беҳтаррашро ба охир боқӣ мегузорад.

Ин ҳамчунин ба Калисо низ тааллуқ дорад, охири он назар ба авввали он беҳтар хоҳад буд. Китоби Аъмол оғози пуршукӯҳеро нишон медиҳад, пас оё тасаввур кардан мумкин аст, ки шарафи Калисои давраи охир дар замин камтар хоҳад буд? Ба хотир оред, ки Павлус чӣ гуна ғаюрона моро таълим медиҳад: "То ки имони шумо на бар ҳикмати инсон, балки бар қуввати Худо қарор ёбад" ва "... Зеро ки Малакути Худо на дар сухан, балки дар қувват аст" (1 Қӯринтиён 2:5 ва 4:20). Қувват – ин қисми муҳими Малакути зоҳиргаштаи Худо дар замин мебошад.

## Таҷдид

Ҳамон рӯз Рӯҳулқудс ба ман ҷойҳои дигарро низ аз Китоби Муқаддас нишон дод. Ва аллакай аз оятҳои овардашуда фаҳмо аст, ки биниши масеҳии мо бояд васеъ гардад, зиёда аз он, ҳатто аз воқеаҳое, ки дар китоби Аъмол тасвир карда шудаанд, бояд бартарият пайдо кунад. Қайд кардан аҷоиб аст, ки ҳавворӣ Петрус аз Рӯҳулқудс пур шуда, гуфт:

> "... ва Ӯ Исои Масеҳро, ки бароятон аз аввал баргузида буд, бифиристад. То замони таҷдид кардани ҳама чиз мутобиқи он чи Худо бо забони анбиёи муқаддаси Худ гуфтааст, мебоист осмон Ӯро қабул мекард" (Аъмол 3:20, 21).

Биёед бо диққат ин суханонро дида мебароем. Аввалан, Исо бояд то он

даврае, ки чизе рӯй медиҳад, дар осмон бояд бимонад. Бо ибораи дигар, то ваъдаи Падар иҷро нагардад, Ӯ барнамегардад. Падар чиро ваъда карда буд, анбиё дар бораи чӣ пешгӯӣ карда буданд? Дар бораи аз нав барқарор кардани маъбад. Бо ибораи дигар, шукӯҳу шаҳомат, сарват, баракат, шараф ва азамати Худо дар замин на танҳо кам нахоҳад шуд, балки бо қуввати комил дар маъбади Ӯ ва ба воситаи маъбади Ӯ ошкор хоҳад гардид.

Оё мо алҳол инро мушоҳида карда истодаем?, Оё дар ҳақиқат калисо чунон пурқувват аст, ки шаҳрҳо ва минтақаҳои зиёд ба сӯи наҷот меоянд? Оё мо дида истодаем, ки чӣ тавр беморхонаҳо холӣ мемонанд? Оё мо дида истодаем, ки чӣ тавр кӯрон бино мешаванд, чӣ тавр одамони мафлуҷ роҳ мераванд, ҷастухез карда, медаванд ва Худоро ҷалол медиҳанд? Оё иморатҳо аз қуввати дуои мо меларзанд? Оё мо чунон баракатеро дар хидматгузориҳои худ ва дар калисоҳо мушоҳида мекунем, ки барои ба наҷот овардани одамон дар ҳама гуна кишварҳои ҷаҳон норасоии захираҳо мавҷуд набошад? Магар дар калисо одамон мӯҳтоҷие надоранд? Оё маҳз он чизе, ки дар ин бобат Ҳаҷҷайи набӣ гуфтааст, имконпазир аст?

> “Кист, ки дар миёни шумо боқӣ мондааст, ва ин хонаро дар ҷалоли аввалаи он дидааст? Ва он алҳол дар назари шумо чӣ гуна аст? Оё он дар назари шумо *ночиз* нест?” (Ҳаҷҷай 2:3).

Ҳаҷҷай ин саволро ба одамоне медиҳад, ки дар он замон ӯро гӯш мекарданд, чуноне ки имрӯз Худо ҳамин гуна саволро ба мо медиҳад. Биёед софдилона иқрор мешавем: дар муқоиса ба китоби Аъмол, ҳузури Худо, ки мо имрӯз эҳсос мекунем, *ночиз* ба назар мерасад! Агар мо инро дарк накунем, барои барқарор кардани қуввати бузурги Ӯ дар калисо бо шавқмандӣ саъй карда наметавонем. Баръакс, бо он розӣ мешавем, ки Калисои мо беқувват боқӣ монад.

Оё мо иҷозат медиҳем, ки криптонит моро аз ягонагӣ маҳрум созад? Илтиҷо мекунам, маро бишнавед, мо бояд барои нигоҳ доштани ягонагӣ дар Ӯ саъй кунем, ва мо танҳо ба воситаи имон ва итоаткорӣ ба Каломи Ӯ ба ин кор муяссар шуда метавонем.

Инак, самти кор возеҳ муайян гардонида шуд, биёед акнун ба мавзӯи идентификатсияи криптонит, ки ба рушди индивидуалӣ ва якҷояи мо ҳамчун одамони имондор халал мерасонад, бармегардем.

## АМАЛ КУНЕД

То вақте ки мо аз имкониятҳои худ бехабарем, дар бораи он ки чизи камро чун меъёр қабул кардаем, зиқ намешавем. Вале акнун ин бобро хонда, шумо аз имкониятҳои худ бохабар шудед, бинобар ин бояд интихоб кунед: ҳаёти сусту камқувват ва дорои таъсири маҳдудро қабул мекунед ё тамоми умр худро ба барои ба даст овардани зиндагии пур аз қувват мебахшед, то ки бузургии пурра ва ҳақиқии Исои Масеҳ дар шумо акс ёбад.

То он вақте ки шумо баҳри истифода бурдани имкониятҳо ба худ боварӣ ҳосил намекунед, амал карда наметавонед. Вақте ки амал намекунед, зиндагии шумо бе қувват ва бетаъсир мегузарад. Ин чунин маъно дорад, ки барои гузоштани қадами аввал шумо бояд нисбат ба Каломи Худо ва нақшаҳое, ки Ӯ барои ҳаёти шумо дорад, боварӣ ҳосил кунед.

Дар Нома ба Эфсӯсиён навишта шудааст, ки Исо моро бо суханони Худаш тақдис месозад ва пок мегардонад, то ки мо суханони худамонро барои ширкат кардан бо Ӯ дар ин кор истифода барем. Дар бораи ҳаёти пур аз қуввате, ки барои шумо пешакӣ муайян карда шудааст, ба таври хаттӣ ҷор занед. Масалан: “Исо барои дигар кардани ин ҷаҳон маро бо Рӯҳи муқтадири Худ пур кардааст”, “Худо дар ман азамати худро нишон медиҳад, то ки гуноҳкоронро ба тавба даъват кунам”, Ман барои он тадҳин карда шудаам, ки ба ҳамсолони худ намунаи ибрат шавам ва ба ҳусни корхонае, ки дар он машғули кор ҳастам, шукӯҳи тоза бахшам”. Ин ҳақиқатҳоро шиори ҳаррӯзаи худ гардонед ва мушоҳида намоед, ки бовариатон баҳри амал кардан чӣ қадар рӯз ба рӯз зиёд мешавад.

# ФАСЛИ 2

8

# АҲДИ НИКОҲ

Шояд, дар бобҳои оянда ба назари шумо чунин метобад, ки мо ба чизҳои бефоида дода шудаем, вале бовар кунед, баъд аз он ки мо якчанд ҳақиқатҳои муҳимро баррасӣ мекунем, боз дар бораи криптонити рӯҳонӣ, ки ба калисо таъсир мерасонад, сӯҳбат хоҳем кард.

## Никоҳи ба худ хос?

Ба як қиссае диққат кунед, ки ба назари ман, аз дигар мисолҳо дида ҷиҳатҳои пурэҳсос ва нотакрори муносибатҳоямонро бо Худо беҳтар нишон медиҳад.

Ҷавонмарде бо номи Ҷастин бо Анжела ном ҷавондухтаре як сол боз вомехӯрад. Дар назари ӯ Анжела олиҳаи ҳусн аст ва дорои хислати мафтункунанда мебошад. Ҷастин чунон сахт ошиқ шудааст, ки умри боқимондаи худро танҳо бо вай гузаронидан мехоҳад.

Ҷастин шоми махсусеро ба нақша мегирад. Дар як лаҳзаи дилписанд ӯ зону зада, қуттичаи хурдеро мекушояд ва ангуштарии зебоеро аз он гирифта, бо изҳори муҳаббат ба сӯи вай дароз мекунад.

Анжела ба ҳайрат меафтад. Вай рӯи худро бо дастони худ мепӯшад, қатраҳои ашк аз чашмонаш ҷорӣ мешаванд. Ӯ ҳиссиёти худро идора карда, хомӯшона ва бо иштиёқ сари худро меҷунбонад ва каме фикрҳои худро ҷамъ

карда, хурсандона ҷавоб медиҳад: “Бале, бале, бале, ман розӣ ҳастам!”

Пас аз чанд моҳе тӯйи онҳо баргузор мешавад. Баъд асалмоҳи пур аз муҳаббат ва шодӣ, воқеаҳои хурсандибахш ва тартиб додани нақшаҳо барои оянда ҷараён мегиранд. Ҳама чиз чуноне ки орзу карда буданд, ва ҳатто беҳтар аз он ба амал меояд.

Ҳаёт давом мекунад, ва Ҷастин аз фаҳмидани он, ки ҳамсари вай аз он дараҷае, ки ӯ мепиндошт, беҳтар аст, худро беҳад хушбахт ҳис мекунад. Анжела воқеаҳои шавқоваррро хуш дорад, ҳаётдӯст аст, табъи шӯх дорад. Вай ширинзабон аст ва бо хешу табори шавҳараш муносибати хуб дорад. Вай оқила, бофаросат, ва зоҳиран, аз шавҳари худ доимо як қадам пеш меравад. Вай ҳунарманд, бомаҳорат аст ва аз тахайюлот бенасиб намондааст. Ҷастин доимо фараҳманд аз он аст, ки рӯз ба рӯз хонаи онҳо аз ҳузури ҳамсари азизаш ҳусни тоза мегирад. Ҳамсараш аз вай дида хӯрокҳои болаззаттар тайёр мекунад, ва, ғайр аз ин, вай покиза ва ботартиб аст. Метавон гуфт, ки Ҷастин аз бунёди оила бо Анжела хеле хурсанд аст.Ояндаи онҳо хеле дурахшон метобад.

Пас аз чанд моҳи оиладорӣ, вақте ки баъзе одатҳо ташаккул ёфтанд, бегоҳирӯзие Ҷастин аз кор ба хона бармегардад. Вай умедвор буд, ки Анжела чун пештара ӯро бо оғӯши гарм ва бӯса пешвоз мегирад. Вай ҳамсари худро аввал дар меҳмонхона ҷустуҷӯ мекунад, баъд дар ошхона, ба пушти хона назар меандозад, ва ниҳоят вайро дар ҳуҷраи хоб пайдо мекунад.

Ҳамсараш, зоҳиран, ба ким-куҷо рафтанӣ аст. Дар ҳуҷра садои мусиқии дилнавоз танинандоз аст, бӯи гуворои атри вай ба машомаш мерасад. Ҳайратовар аст, ки зани ӯ аллакай қариб омода аст, ки аз хона барояд. Вай либоси зебоеро, ки ҳангоми ӯро ба тарабхона бурдан пӯшида буд, ба бар кардааст. Вай пуштгардон истодааст у намебинад, ки шавҳараш ба хона даромадааст. Ҷастин ба воҳима меафтад: “Эҳ не, наход ки ман фаромӯш кардам, ки мо имрӯз бояд ба ҷое равем? Ман бояд ба дӯкони гулҳо даромада, ба вай дастагулеро мехаридам!”

Ӯ хомӯширо бо саломи ҳаяҷоннок, вале хурсандона халалдор месозад.

– Салом, азизам.

Зан андаке безобита шуда, шодон ҷавоб медиҳад:

– О, салом маҳбубам.

Шавҳар бо саросемагӣ мепурсад:

– Ба назарам ман чизеро фаромӯш кардам. Магар мо барои ин шом нақшае доштем?

– О, не маҳбубам.

Ӯ каме ҳайрон шуда, ба вазъият зуд баҳо дода, ба хулосае меояд, ки ҳамсараш ба вай армуғоне тайёр кардааст. Шояд, вай як чизи махсусе дар хона ё армуғоне дар шаҳр омода кардааст. Акнун вай пурра либосашро пӯшидааст ва барои омода кардани чизҳои охирин банд аст. Шавҳар ба зани худ ширингуфторӣ мекунад.

– Ту хеле дилрабо менамоӣ!

– Ташаккур, азизам, - мегӯяд зан дар ҷавоб.

Ҷастин то ҳол намефаҳмад, ки ҳамсараш чӣ нақша дорад, ва ба вай савол медиҳад:

– Оё мехоҳӣ, ки ман ҳам либоси зебоямро пӯшам?

Анжела низ каме саросема шуда, ҷавоб медиҳад:

– Чӣ хеле ки мехоҳӣ.

Ҷастин то ҳол фаҳмидан мехоҳад, ки чӣ воқеа рӯй додааст.

– Охир ман ҳам бояд ба ту мувофиқ шавам. Ман намехоҳам, ки дар паҳлӯи ту бо либоси корӣ истам, дар ҳоле ки ту чунин зебо пӯшидаӣ.

– Маҳбубам, ман имрӯз чорабинӣ дорам.

– Ман мефаҳмам, аз ин рӯ барои ту ман ҳам либоси зебо пӯшидан мехоҳам.

Ҷастин боз дар ҳайрат аст.

Анжела вазъиятро ба шавҳараш фаҳмонидан хоста, мегӯяд:

– Не, азизам, ман имрӯз бо Тони меравам. Мо якҷоя таоми шом мехӯрем, кино тамошо мекунем ва ба меҳмонхонаи “Феэрмонт” медароем. Ман саҳар бармегардам.

– Тонӣ кист?! – хитоб мекунад Ҷастин.

– Вай рафиқи давраи мактабиам мебошад, - ҷавоб медиҳад вай, гӯё ки ҳеҷ воқеае рӯй надода бошад.

– Чӣ?! Ту наметавонӣ бо ӯ равӣ?

– Барои чӣ не?

– Чунки мо зану шавҳарем, ба якдигар ӯҳдадорем. Мо наметавонем, ки бо дигарон вохӯрӣ кунем!

– Ту ҷиддӣ гуфта истодаӣ? – мегӯяд зан. Ман то ҳол бо ҷавонони зиёд муносибати наздик дорам. Наход ту фикр кунӣ, ки ман аз сабаби бо ту хонадор шудан муносибатамро бо онҳо қатъ мегардонам?

– Албатта, зану шавҳар бояд чунин кунанд! Онҳо маҳз ба якдигар бо аҳди никоҳ пайванд мешаванд, - ҷавоб медиҳад Ҷастин бо алам ва бо садои қаҳрнок.

– Асабонӣ нашав, маҳбубам! – мегӯяд Анжела, ваъиятро фаҳмонидан хоста, ва шавҳари худро дар ин аввалин муноқишаи ҷиддии ҳамдигар ором карданӣ шуда. – Ту барои ман аз ҳама маҳбубтарин ҳастӣ. Ман бо ту вақти зиёди худро мегузаронам. Ман туро аз ҳамаи дигар ошиқони худ зиёдтар дӯст медорам. Вале ту охир зид буда наметавонӣ, ки ман бо онҳо дидорбинӣ кунам. Бо баъзеи онҳо ман якчанд сол вохӯрдаам, ман то ҳол онҳоро дӯст медорам ва бо онҳо вақт гузаронидан мехоҳам. Ин чӣ бадие дорад?

Албатта, шумо мефаҳмед, ки никоҳи онҳо ба ягон хубие намеанҷомад.

## Муқоиса

Ман медонам, ки ин воқеа бемаънӣ менамояд, вале барои дастгирии далелҳои Анжела иҷозат диҳед, ки ба шумо савол диҳам: “Магар Ҷастин барои вай аз ҳама маҳбубтар нест? Магар вайро ҳамсараш аз ҳама ошиқони дигари худ зиёдтар дӯст намедорад? Магар ишқи ӯ нисбат ба шавҳараш ҷӯш намезанад? Магар вай бо шавҳари худаш вақти бештари худро намегузаронад? Магар вай барои шавҳараш ҳамсари олиҷаноб нест?”

Фақат тасаввур кунед, охир мумкин буд, ки Ҷастин ба духтари бесомоне, ки хонаро ба тартиб овардан ва хӯрок пухтан наметавонад, хонадор шавад. Ба духтаре, ки ягон шавқмандӣ ва саъю кӯшиши оддӣ барои ҳаёти оиладорӣ надорад. Наход Ҷастин умедвор аст, ки Анжела дар ҳама чиз муддаои табъи ӯ амал карда метавонад? Танҳо чизе, ки лозим аст, ин иҷозат додан ба вай барои вақт гузаронидан бо дигар мардҳо. Вай бо вуҷуди ин ҳам навад нӯҳ фоизи вақти худро бо Ӯ мегузаронад, чаро вай ғамгин аст?

Албатта, барои бисёр одамон ин саволҳо ахмақона метобад. Зоҳиран, касе ба Анжела дар бораи асосҳои ҳаёти оиладорӣ чизе нагуфтааст. Ба вай нагуфтаанд, ки аҳди байни зану шавҳар маънои онро дорад, ки онҳо

акнун пурра ба ҳамдигар тааллуқ доранд. Вай бо як фикр дар сар ба ҳаёти оиладорӣ қадам ниҳодааст, Ҷастин бошад, бо фикри дигар. Анжела гумон мекард, ки ақидаҳояш ба вай фоида, лаззат ва бурдборӣ меоранд. Вай дар хонаи худ бароҳат зиндагӣ хоҳад кард ва дар баробари ин аз тамоми зебоиҳои муносибат, ки бо одамони дигар дорад, лаззат хоҳад бурд. Аммо чунин фаҳмиш аҳди никоҳи муқаддасро вайрон мекунад. Биёед ба ин ҳақиқат рӯшанӣ меандозем. Вақте ки зан либоси сафеди зебо дар бар карда, дар гузаргоҳи асосии калисо ё дар ягон ҷои баргузории маросими ақди никоҳ қадам мезанад, вай бо ин як чизи муҳимеро нишон медиҳад: ӯ дар зиндагии худ ба тамоми мардҳои дигар ва ба муносибатҳои маҳрамона бо онҳо падруд мегӯяд. Вай тамоми алоқаҳояшро бо ҷавонони дигаре, ки ҳаводораш буданд, меканад, ва ҳамчунин нишон медиҳад, ки дигар бо онҳо аз ҳоло то абад муносибатҳои ошиқона нахоҳад дошт. Ҳамчунин марде, ки дар охири гузаргоҳи толор мунтазири вай аст, чунин суханонро изҳор мекунад.

Иҷозат диҳед, ки шахсан ба шумо як савол диҳам. Агар шумо ба ҷои Ҷастин ба ҳамин гуна вазъият дучор мешудед, чӣ гуна рафтор мекардед? Агар шахсе, ки бо шумо оиладор шудан мехоҳад, пешакӣ, дар вақти номзад шудан мегуфт, ки дар ҳаёти оиладорӣ бо шумо чунин кирдорро маъқул мешуморад, шумо чӣ кор мекардед? Шумо хоҳиши бо вай хонадор шуданро рад намекардед?

Ман чунин гумон намекунам. Шумо шӯрида мегуфтед: “Бе ҳеҷ ваҷҳ!”

Барои чӣ ҷавоби шумо ин қадар қатъӣ буда метавонист? Ҷавоб хеле оддӣ аст – шумо намехоҳед, ки дар асоси ким-кадом шартҳои дигар аҳди никоҳ бандед. Шумо муқобилият нишон медиҳед, шумо ҳамроҳи зане (шавҳар), ки то охир ба шумо бевафо мемонад, тамоми умр зиндагӣ кардан намехоҳед.

Бинобар ин шумо ҳаргиз чунин шартҳои ақди никоҳро қабул намекардед ва чунин рафторро дар ҳаёти оиладорӣ дуруст намеҳисобидед. Биёед аз рӯи виҷдон савол медиҳем: Оё тасаввур кардан мумкин аст, ки Исо барои гирифтани арӯсе, ки ба мисли Анжела рафтор мекунад, бармегардад? Лаҳзае дар ин бора андеша кунед. Муносибати мо бо Ӯ ба муносибати байни зану шавҳар монанд аст. Павлус мегӯяд:

> “Аз ин сабаб мард падару модари худро тарк карда, бо зани худ хоҳад пайваст, ва ҳар ду як тан хоҳанд буд. Ин сир бузург

> аст, вале ман нисбат ба Масеҳ ва Калисо сухан меронам. Пас, бигзор ҳар яке аз шумо зани худро мисли худ дӯст дорад, ва зан аз шавҳари худ битарсад” (Эфсӯсиён 5:31-33).

Аз азал Худо аҳди никоҳро таъин кард, то ки бо ин васила ба мо муносибатҳои байниҳамдигарии моро бо Ӯ нишон диҳад. Исо дар Аҳди Ҷадид ҳамчун Домод тасвир карда шудааст, Калисо бошад – ҳамчун арӯси Масеҳ.

Пас, барои чӣ баъзан мо на танҳо худро сафед кардан мехоҳем, балки ҳатто рафтори Анжеларо бо Домоди мо ҷонибдорӣ мекунем? Ҳаворӣ Яъқуб дар ин бора хеле возеҳ гуфтааст.

Ана вай дар бораи одамоне, ки худро масеҳӣ меноманд, дар оятҳои зерин чӣ менависад:

> “Илтимос мекунед ва ба даст намеоваред, чунки на аз баҳри қасди нек илтимос мекунед, балки аз баҳри он ки барои ҳавасҳои худ истифода намоед. *Эй зинокорон!* Оё намедонед, ки дӯстӣ бо дунё душманӣ бо Худост? Пас, касе ки мехоҳад дӯсти дунё бошад, душмани Худо мегардад. Оё шумо гумон мекунед, ки Навишта бар абас гуфтааст: “Рӯҳеро, ки дар мо сокин аст, то ба дараҷаи рашк дӯст медорад”?. Ба Худо наздик шавед, ва Ӯ ба шумо наздик хоҳад шуд. Дастҳои худро бишӯед, эй гуноҳкорон, ва дилҳои худро пок кунед, эй дудилагон. Андӯҳгин шуда, гиря ва нола кунед. Бигзор хандаи шумо ба гиря ва шодии шумо ба ғусса мубаддал шавад” (Яъқуб 4:3-5, 8, 9)

Ин суханон хеле қатъӣ мебошанд. Зиёда аз ин, дар замоне, ки бевафоӣ дар муносибатҳо кори маъмулӣ ҳисобида мешавад, ин суханон талх ва нешдор, ва ҳатто аз ҳад зиёд муболиғаомез садо медиҳанд. Ман пештар ҳама чизро ба таври муболиғаомез баён мекардам. Дар вақти хулосабарорӣ, мисолҳои қатъӣ оварда, ба суханонам чунон сахтгирии барзиёд ва маънои аз ҳад берун васеъ илова мекардам, ки ҳаққонияти худро гум мекарданд. Даҳшатовараш он буд, ки дар натиҷа хешу табор ва дӯстонам ба суханони ман аҳамияти ҷиддӣ намедодагӣ шуданд.

Эҳтимол, ҳар яке аз мо дар ин ё он лаҳза чунин гуноҳ содир мекарданд. Волидайни ҷавон бисёр вақт ба фарзандони худ мегӯянд: “Агар бори дигар чунин кунӣ, ман туро ҷазо медиҳам”. Шояд, маротибаи

якум ё дуюм бача итоат мекунад, вале баъдтар, ин гуна рафтор карда, зуд мефаҳмад, ки ҳеҷ гуна ҷазо намегирад. Ва дигар ӯ суханони онҳоро ҷиддӣ қабул намекунад. Чунин аксуламалро мо дар мактабҳо, коргоҳҳо, дар ҳукумат, дар матбуот, дар байни дӯстон ва аъзоёни оила мушоҳида карда метавонем. Мо хеле зиёд нисбат ба танбеҳҳое, ки барои ҳимояи мо пешакӣ ба амал оварда мешаванд, назарногирона рафтор мекунем.

Мутассифона, ин гуна тарзи тафаккур ҳангоми шунидани суханони огоҳкунандаи Китоби Муқаддас дар мо маълум мешавад. Мо бояд дар хотир дошта бошем, ки Худо он чиро ки дар назар дорад, ҳамонро мегӯяд ва он чиро ки мегӯяд, ҳамонро дар назар дорад. Дар ёд доштан зарур аст, ки ҳамаи Навиштаҷот аз рӯи илҳоми илоҳӣ аст (ниг. 2 Тимотиюс 3:16). Бинобар ин, вақте ки мо Номаи Яъқубро мехонем, Гӯяндаи он Худи Худо мебошад.

Агар мо дар ҳақиқат ҳама чизе, ки дар ин ҷо навишта шудаанд, ба дил наздик гирем, моро эҳсоси худотарсӣ фаро мегирад. Масеҳие, ки ҳам ба Худо, ва ҳам ба ҷаҳон дилбастагӣ дорад, ба зинокор табдил меёбад. Ин сухани қатъӣ аст. Ҳамсарон мумкин аст, ки дар назди якдигар гуноҳҳои зиёд содир кунанд: ғайбат, тӯҳмат, дурӯғ гуфтан, дуздӣ, дод задан, муносибати дағал ва ғайраҳо. Ҳар яке аз ин гуноҳҳо ба муносибатҳои байниҳамдигарӣ зарар мерасонанд ва пӯшида намемонанд, аммо ҳеҷ яке аз гуноҳҳо ба мисли зинокорӣ чунин зишт нест. Маҳз барои ҳамин Ҷастин андӯҳгин ва нисбат ба Анжела хашмгин аст. Ӯ хиёнати бузургеро аз сар гузаронд, вале Анжела дар бевафоии худ ҳатто ҳеҷ як бадиеро надид.

Ҳаворӣ Яъқуб дар идомаи суханаш мегӯяд, ки мо зинокорони рӯҳонӣ гардида, худамонро ба душманони Худо мубаддал месозем. Ин хеле ҷиддӣ аст, ва маҳз худи мо барои кирдори худ ҷавоб медиҳем. Худо ҳаргиз намехоҳад, ки моро ба Худаш душман созад, чунки Ӯ моро хеле сахт дӯст медорад. Вале агар мо иштиёқманди ҳавасҳои дунявӣ гардем, худамонро ҳамчун душмани Худо номнавис мекунем.

Оё мумкин аст, ки нисбат ба ин суханон хунукназарона рафтор кунем? Оё мумкин аст, ки худро ба нодонӣ занем, ки дар Аҳди Ҷадид ин суханони Яъқуб мавҷуд нестанд ва онҳоро нодида гирем? Яъқуб танҳо як нафаре нест, ки дар ин бора навиштааст. Мо ин гуна суханонро дар номаҳои ҳаворӣ Павлус, ки дар бораи файзи Худо назар ба дигар муаллифони Аҳди Ҷадид бештар ваҳй гирифтааст, низ вохӯрда метавонем. Ҳамчунин дар бораи ин мавзӯъ ҳавории муҳаббат Юҳанно навиштааст, Петрус ва Яҳудо низ истисно намебошанд. Вале муҳимтар

аз ҳама, Исо баъд аз эҳё шуданаш бо чунин суханон ба калисоҳои Осиё муроҷиат кардааст.

Дар бобҳои оянда мо дида мебароем, ки чӣ тавр зинокории рӯҳонӣ моро душманони Худо мегардонад. Мо мушоҳида мекунем, ки чунин рафтор ва муносибат – ин дар ҳақиқат криптонит мебошад, ки дар бораащ ҳоло гап мезанем.

## АМАЛ КУНЕД

Худо рашкин аст. Дар ин бора бисёре аз мо ба воситаи Китоби Муқаддас медонем, вале бо вуҷуди ин бисёр масеҳиён вақт пайдо намекунанд, ки дар бораи рашки Худо андеша намоянд, ё чунин мешуморанд, ки Ӯ танҳо дар Аҳди Қадим ин гуна хислат дошт. Ин тамоман нодуруст аст. Маҳз марги Исо нишон медиҳад, ки муҳаббати Ӯ – ин муҳаббати Домоди бовафотарин аст.

Инак, шумо медонед, ки моро лозим аст, хоҳиш дошта бошем, то ки Худо нисбат ба мо рашкин бошад, на ин ки бепарво, ва мо аз Ӯ бояд талаб кунем, ки ба мо қобилияти пурфайзи бо ҳамин гуна иштиёқ ва сарсупурдагӣ ба Ӯ муҳаббат карданро ато кунад. Танҳо бо ин роҳ наздик будан имконпазир мегардад.

Қалби Худро таҳқиқ кунед. Муҳаббати шумо ба Исо то кадом дараҷа фавқулодда аст? Аз Рӯҳудқудс илтимос кунед, то ки нишон диҳад, ки кадом муҳаббати дигар дар ҳаёт шуморо бар муқобили Худо зинокор мегардонад. Агар Ӯ ягон чизеро ба шумо кушода гардонад, таъғироти зарурирро ба амал биёред. Ба муносибатҳои бемисоли худ бо Худо рӯҳияи тоза бахшед, дар ин бора андеша ронед, ончунон ки гӯё шумо аҳди никоҳи худро дар назди Ӯ таҷдид карда истода бошед, худро аз нав ба Ӯ супоред.

# 9

# ЗИНОКОРӢ БАР ЗИДДИ ХУДО

Суханони ҳаввории Яъқуб, – “Эй зинокорон! Оё намедонед, ки дӯстӣ бо дунё душманӣ бо Худост?” – чунон сахт ҳастанд, ки онҳоро дар калисоҳо дар вақти мавъизаҳо, дар ҷамъомадҳо ва сӯҳбатҳои алоҳида кам мешунавед. Вале бо вуҷуди ин чӣ тавр мумкин аст, ки онҳоро ба эътибор нагирем? Гуфтан нашояд, ки ба ин мавзӯъ дар Навиштаҷот кам аҳамият дода шудааст, чунки он дар Китоби Муқаддас хеле бисёр ба назар мерасад.

Агар мо суханони Яъқубро таҳқиқ кунем ва мазмуни огоҳкунандаи онҳоро ба диламон наздик кунем, пас мо ҳама гуна изтироб ва тарсро аз худ дур месозем. Ана чӣ тавр тамоми оят пурра садо медиҳад:

> “Эй зинокорон! Оё намедонед, ки дӯстӣ бо дунё душманӣ бо Худост? Пас касе ки мехоҳад дӯсти дунё бошад, душмани Худо мегардад” (Яъқуб 4:4).

Аввал ин ки Худо Худашро ба мо душман намекунад. Аниқтараш мо худамон ба душманони Ӯ табдил меёбем. Ба ҳар сурат, агар мулоимтар карда гӯем, баръакси маънoро мушоҳида мекунем, гарчанде ки ба ҳар ҳол фарқият вуҷуд дорад.

Мо ҳама шоҳиди мунокишаҳое шуда метавонем, ки дар натиҷаи амали

як тараф рӯй медиҳанд. Бо ибораи дигар, як иштирокчии муносибат ба дигаре ҷанг эълон мекунад. Ҳарчанд тарафи дуюм ҷанг кардан нахоҳад ҳам, ба мубориза кашида мешавад. Мисол, соли 1941 ҷопониҳо ба Перл-Ҳарбор ҳамла карданд ва бо ин восита худро ба Иёлоти Муттаҳида душман гардониданд. Амрико барои муноқиша кардан ҳеҷ гуна хоҳише надошт, вале Ҷопон бо сабаби амалҳои ҷангҷӯёнаи худ аз қаҳру ғазаби давлати пурқудрат зарар дид.

Яъқуб маҳз дар бораи ҳамин сухан рондааст. Худо ҳеҷ як хоҳиши ба одамон, ба фарзандони Худ зид шуданро надорад, вале агар мо исроркорона бо дунё дӯстӣ кунем, Ӯ аз муноқиша сар наметобад. Дар матни додашуда барои ифода кардани мафҳуми "душман" калимаҳои юнонии echtra ва echtros истифода бурда шудааст. Онҳо аз ҷиҳати маъно монанд мебошанд, вале фарқияти ягона дар он аст, ки якуминаш – ин исм аст, дуюминаш бошад – сифат. Шумо чунин меҳисобед, ки тарҷумонҳо калимаҳои сахт дағалро истифода бурдаанд? Шумо фикр мекунед, ки "душман" дар матни аслӣ он қадар дурушт садо намедиҳад? Ҳаргиз чунин нест. Дар як луғати юнонӣ ин суханон ба сифати муайянкунанда истифода бурда мешаванд: душман, душманӣ, душманона. Дар дигараш "дар душманӣ бо касе зиндагӣ кардан" навишта шудааст, дар саввумӣ чун "ҳолати ҷанг бо касе" тавзеҳ дода шудааст. Ман аз ин се луғати мӯътамад ҷонибдори чунин ақида ҳастам, ки ба ҷои калимаи "душман" дар ин оят ҳеҷ асосе барои истифода бурдани калимаи дигар мавҷуд намебошад. Ҷиддияти ҳама чизи навишташударо фаҳмидан хеле зарур аст.

Дар ин ҷо барои фаҳмонидани ҷиддияти суханони огоҳкунанда боз як ишорае мавуд аст. Яъқуб паёми худро такрор мекунад, ва бо ин васила хеле муҳим будани онро таъкид месозад. Такрор кардан ба услуби гуфтори адабии ибриёни қадим вобаста аст. Бо вуҷуди он ки ин матнҳои Аҳди Ҷадид бо забони юнонӣ аст, онҳоро ҳавvoриёни ибронӣ навиштаанд.

Дар забони англисӣ якчанд усулҳои таъкид кардани калима ва ибораҳои муҳим мавҷуд мебошад. Мо онҳоро бо ҳарфҳои ғафс, курсив, бо кашидани хатча махсус қайд карда метавонем, бо ҳарфҳои калон чоп мекунем ё барои таъкид кардани маъно аломати хитоб истифода мебарем. Ҳамаи ин усулҳоро барои он истифода мебаранд, ки диққати хонанда ба калима ё ҷумлаи муҳим ҷалб карда шавад. Вале муаллифони ибрӣ калима ва ибораро бо он мақсад ду бор менавиштанд, ки ба онҳо

диққати махсус дода шавад, ғайр аз ин онҳо калимаҳоро дақиқона интихоб мекарданд, то ки чизе муболиғаомез баён нагардад. Бо ҳамин тариқ, огоҳии Яъқуб на танҳо ҷиддӣ ва пурқувват аст, балки ҳамчун зарур ва аҳамиятнок қайд карда мешавад. Бо ибораи дигар нисбат ба онҳо беаҳамиятӣ зоҳир кардан дуруст нест.

## Зинокорон

Яъқуб дар тахти калимаи "зинокорон" чиро дар назар дорад? Якум, вай на ба ҳама одамон, вале ба ҳамаи имондорон муроҷиат кардааст. Мо инро аз он медонем, ки дар ҳама номаҳо чунин такрор мешавад: "Бародарон ва хоҳарони ман". Дуюм, зинокорӣ бар зидди Худо барои одами беимон ғайримкон аст, чунки беимон бо Худо аҳд набастааст.

Ба ин масъала ин тавр нигоҳ кунед: ман бо Лиза Бивер аҳди никоҳ бастаам, бинобар ин ман бар зидди Ҷейн Смит гуноҳ содир карда наметавонам, чунки ман бо вай аҳду паймон набастаам.

Танҳо он касон, ки Исои Масеҳро ҳамчун Худованд ва Наҷотдиҳандаи худ қабул кардаанд, бар зидди Худо зинокор ҳисоб шуда метавонанд. Ҳамаи дигарон аз Худо ҷудо карда шудаанд, аз Ӯ дур мебошанд, онҳо бо Худо аҳду паймоне надоранд.

Дар забони юнонӣ "зинокорон" – *moichos*, калимаест, ки ҷинси занонаро ифода мекунад, аммо дар забони англисӣ – ҷинси мардонаро. Агар "зинокорзанон" нависем, тарҷума дурусттар мешавад. Дар тарҷумаи шоҳ Яъқуб ва тарҷумаи Нави шоҳ Яъқуб кӯшиш карданд, ки ин фарқиятро бо навиштани "зинокорон ва зинокорзанон" рафъ кунанд.

Таассуроте нақш мебандад, ки тарҷумонҳои "Тарҷумаи нави зинда"ва тарҷумаҳои дигари маъруф бо душворӣ ҷинсӣ занонаи ин калимаро қабул доштанд. Шояд, онҳо нахостанд, ки хонандагон чунин гумон кунанд, ки Яъқуб танҳо ба занҳо муроҷиат мекунад. Вале давоми матни ин нома мефаҳмонад, ки Яъқуб ба ҳамаи имондорон муроҷиат мекунад. Дар шарҳҳои Китоби Муқаддас дар бораи он ки Яъқуб на танҳо ба занҳо муроҷиат мекунад, ақидаҳо фарқ доранд. Пас саволи он, ки барои чӣ дар тарҷума мо калимаи "зинокорзанон"-ро намебинем, на танҳо барои ман, балки барои шореҳони Китоби Муқаддас низ муаммо мебошад.

Боз сири калонтар дар он аст, ки ҷинси занонаи калимаи"зинокорон"

маънои умумии матни Навиштаҷотро аниқтар ифода мекунад. Худо бисёр вақт ба халқи худ муносибатҳои заношӯиро истифода бурда, муроҷиат мекунад ва бо ин васила нишон медиҳад, ки Ӯ шавҳар асту мо – зани Ӯ.

Анбиёи Аҳди Қадим бисёр вақт ҳамин тавр мекарданд. Ишаъё менависад: “Зеро ки Офаринандаи ту шавҳари туст, ки исми Ӯ Худованди Лашкарҳо...” (Ишаъё 54:5). Баъдтар, вақте ки Исроил бо бутпарастии худ ба Худо хиёнат мекард, анбиё дар бораи зинокории вай суханронӣ мекарданд. Ҳизқиёл менависад: “Ва бар ту чун бар заноне, ки зино мекунанд,... доварӣ хоҳам намуд...” (Ҳизқиёл 16:38). Худо ба воситаи Ирмиё сухан меронад: “... чунон ки зан ба ёри худ хиёнат мекунад, ончунон шумо низ, эй хонадони Исроил, ба Ман хиёнат кардед – мегӯяд Худованд” (Ирмиё 3:20).

Тамоми хизматгузории паёмбар Ҳушаъ хиёнати занро ба шавҳараш инъикос мекунад. Ӯ амр карда мешавад, ки бо фоҳиша хонадор шавад. Дар ин мавъиза, ки ҳаёти шахсии паёмбар мисол оварда мешавад, Ҳушаъ дар худ Худовандро таҷассум мекунад, зани вай, Ҷумар, дар худ халқи Худоро инъикос менамояд. Ин хеле зарур буд, то ки Исроил равшан бубинад, ки бутпарастии вай аз зинокории зани шавҳардор ҳеҷ фарқе надорад, ва ӯ на бо як нафар, балки бо якчанд ошиқони худ зино мекард. Исроил зани зинокор буд.

Яҳёи Таъмиддиҳанда рамзи ақди никоҳро истифода бурда, мегӯяд: “Касе ки арӯс дорад, домод аст; аммо дӯсти домод, ки истода, ба овози вай гӯш медиҳад, аз шунидани овози домод шод мегардад...” (Юҳанно 3:29). Боз ҳам Исои Масеҳ – ин Домод, халқи Худо бошад, арӯс аст.

Исо халқи Худоро “насли шарир ва зинокор” (ниг. Матто 12:39; 16:4) номида, айни ҳамон маъноро ифода мекунад. Дар ин ҷо Ӯ калимаи “зинокор”-ро боз дар ҷинси занона истифода мебарад, на дар ҷинси мардона.

Ҳаворӣ Павлус ин мавзӯъро идома дода, айнан мегӯяд, ки мо арӯс ҳастем, Исо – Домод (Эфсӯсиён 5:31). Инак, барои нишон додани муносибатҳои байни мо ва Худо маротибаҳои зиёд дар Навиштаҷот, яъне ҳам дар Аҳди Қадим ва ҳам дар Аҳди Ҷадид мебинем, ки Халқи Худо ҳамчун зан инъикос ёфтааст. Бинобар ин Яъқуб бо истифода аз ҷинси занонаи калимаи “зинокорон” ин рамзи доимии Китоби Муқаддасро давом медиҳад.

## Бутпарастӣ – ин зинокорӣ

Вақте ки дар Аҳди Қадим дар бораи он гуфта мешуд, ки Яҳудо ё Исроил бар зидди Худо зинокорӣ мекунанд, ин ҳама вақт ба бутпарастӣ алоқаманд буд. Бо ибораи дигар, одамон ба Худо хиёнат мекарданд. Мо бутпарастиро тасаввур карда, дар бораи ҳайкалҳо, қурбонгоҳҳо ва маъбадҳо, ки барои ибодати бутҳо сохта мешуданд, фикр мекунем. Аммо, вақте ки Исо одамонро зинокор номид, Ӯ ба мусаввараҳои худои дигар саҷда кардани онҳоро дар назар надошт. Гап дар сари он аст, ки онҳо аз Ӯ талаб карданд, то ки бо ягон мӯъҷизае Масеҳ будани Худашро исбот кунад.

Агар ба суханони Яъқуб таваҷҷӯҳ кунем, вақте ки ӯ халқи Худоро зинокорон меномад, ин куллан ба сохтани муҷассамаҳо, қурбонгоҳҳо ва маъбадҳо алоқамандие надорад. Аҷоибаш он аст, ки Яъқуб дар ин ҷо дар бораи он гап мезанад, ки Павлус ҳангоми ба калисои Қӯринт муроҷиат карданаш ба он ишора карда буд: худро аз дигар бародарону хоҳарон баланд гирифтани баъзе одамон (Яъқуб 2:1-13), тӯҳмат ва суханони бад дар ҳаққи дигарон (Яъқуб 3:1-12), бухл, ҳасад, ғуруру худписандӣ (Яъқуб 4:13-18), ҳирсу шаҳват (Яъқуб 4:1-3). Ҳамаи ин амалҳо нишони бутпарастӣ мебошанд.

Наход ки Навиштаҷот якбора номураттаб мешуда бошад? Наход ки халқи Худо ин дафъа барои ким-кадом чизи дигаре ба зинокорӣ айбдор карда мешавад, ин бутпарастӣ нест? Ҷавоб осон аст: “Ҳаргиз чунин нест”. Ҳама чиз дар Навиштаҷот алоқаманд ва мураттаб аст.

Вале имрӯз чунин ба назар мерасад, ки калисои муосир суханони огоҳкунандаи Исо, Павлус, Яъқуб ва дигар муаллифони Аҳди Ҷадидро ба назари эътибор намегирад. Ба таври оддӣ, мо бутпарастиро то ба дараҷаи парастиши муҷассамаҳо дар қурбонгоҳҳо ва бутхонаҳо бурда расондаем. Ҳақиқат дар он аст, ки бутпарастӣ ба андозаи комил дар масеҳияти муосир низ мавҷуд мебошад. Зиёда аз ин, шояд, дар мо назар ба кишварҳое, ки бутхонаҳо, муҷассамаҳо ва қурбонгоҳҳо месозанд, бутпарастӣ боз ҳам бештар бошад.

Вазифаи ман нишон додани он аст, ки бутпарастӣ дар фарҳанги муосир на танҳо ҳукмронӣ мекунад, балки ҳамчунин ҳамон криптоните мебошад, ки кайҳо пештар ба пешрафти Яҳудо ва Исроил халал ворид карда буд, ҳамон криптоните, ки дар борааш Павлус ба калисои қӯринтиён, Яъқуб ва муаллифони дигари Аҳди Ҷадид дар номаҳои худ навишта буданд.

Дар замони ҳозира ҳамин криптонит ба одамони алоҳида ва ҷамоати имондорон монеа мешавад, то ки тараққӣ накунанд ва азамати Худоро ба дунёи раҳгумзада ва миранда нишон дода натавонанд.

## Мотиватсияи ҷаҳон

Қабл аз давом додани мавзӯи бутпарастӣ, биёед гуфтори ҷуръатмандонаи Яъқубро таҳқиқ мекунем. Ӯ бо таассуф қайд мекунад, ки мо танҳо ҳавасҳои худро қонеъ кардан мехоҳем, ва сипас ин мақсадро бо "ҷаҳон" пайванд месозад. Ӯ ҳаддеро муайян мекунад, ки аз тамоми Аҳди Ҷадид мегузарад. Бо ибораи дигар, ҷаҳон мубталои ҳавасҳои худ аст. Ҳаворӣ Юҳанно чунин мегӯяд:

> "Зеро ҳар чи дар ҷаҳон аст: шаҳвати ҷисм, ҳаваси чашмон ва ғурури зиндагӣ – аз Падар нест, балки аз ин ҷаҳон аст" (1 Юҳанно 2:16).

Юҳанно ба ин оят ҳама чизро дохил мекунад, ӯ моҳияти ҳама чизҳои ҷаҳонро муайян менамояд. Бутҳо бисёранд, лекин ҳамаи онҳо ба яке аз категорияҳое, ки дар ин оят номбар карда шудаанд, дохил мешаванд. Барои он ки бо ҷаҳон зинокорӣ карда шавад, бояд бо иштиёқ хоҳони он чизе шуд, ки ба панҷ узви ҳиссиёт лаззат мебахшад ё худписандӣ ва ба Худо вобаста набуданро талқин мекунад. Бо тарзи дигар гӯем, ин ғурур мебошад.

Дар тарҷумаи The Message навишта шудааст: "ҳама чизро ба таври худ хостан, ҳама чизро барои худ хостан, хоҳиши худро шахси муҳим вонамуд кардан". Ин қувваи пешбарандаи ҷаҳон аст. Ин чунин маъно дорад: "Ман медонам, ки барои ман аз ҳама чизи беҳтарин чӣ аст, ва хоҳони он мебошам".

Аҷоибаш он аст, ки Худо бо иштиёқмандӣ ба мо аз ҳама чизҳои беҳтаринро додан мехоҳад. Ҳар як кас ин ҳақиқатро бояд маҳкам дар хотир нигоҳ дорад. Ин хеле муҳим аст, чунки ҷаҳон ба маъшуқаи васвасакоре шабоҳат дорад, ки бо тамоми қувват моро аз Худо ҷудо кардан мехоҳад. Ҷаҳон моро ба чунин фикр водор месозад, ки гӯё чизе, ки вай медиҳад, аз он чизҳое, ки Худо барои мо муҳайё кардааст, беҳтар мебошад ва бо ин восита моро ба худ ҷазб менамояд. Ана барои чӣ Яъқуб бо рашки бисёр ба мо менависад:

> “Эй бародарони маҳбуби ман, фирефта нашавед. Ҳар як инъоми нек ва ҳар як бахшоиши комил аз боло, аз ҷониби Падари нурҳо нозил мешавад, ки дар Ӯ таъғироте ва ҳеҷ дигаргуние мавҷуд нест” (Яъқуб 1:16, 17).

Яъқуб ба мо мегӯяд, ки ба васвасаи дунё бо ишитёқ дода шуда, фиреб хӯрдан нашояд. Номаи вай хеле возеҳ аст: *“Берун аз Худо барои шумо ҳеҷ чизи хубе мавҷуд нест”.* Агар шумо ин ҳақиқатро дар қалби худ ҳифз кунед, барои муқобилият кардан ба васвасаҳо ба шумо ёрдам медиҳад. Он чизҳо чӣ қадар хубу дилкаш, чӣ қадар хурсандибахш, дилписанд ва ҷоиз, чӣ қадар ҷаззоб ва маъруф бошанд ҳам, ва ба шумо чӣ қадар зиёд бахту саодат ва сарват ваъда кунанд ҳам, ҳеҷ аҳамияте надорад. Агар он чизҳо мухолифи Каломи Худо бошанд, барои шумо ҳеҷ фоидае дар онҳо мавҷуд нест. Дар охир онҳо шуморо ба ҷое мебаранд, ки шумо ҳеҷ гоҳ дар он ҷо будан намехоҳед, ва ин роҳ ба сӯи ҳалокат хоҳад бурд. “Роҳе ҳаст, ки ба назари кас *рост менамояд*, вале оқибаташ роҳҳои мамот аст” (Масалҳо 14:12).

Ҳар як одам бисёр роҳҳо ва самтҳои ҳаракати худро дорад, ки ба сӯи зинокорӣ бо дунё мебарад, вале ҳамаи онҳо як чизи умумие доранд: *“онҳо ба назари кас рост, хуб,* фоидаовар, судманд, оқилона *менамоянд.* Аммо агар онҳо ба хиради комили Навиштаҷот мухолиф бошанд, бо марг анҷом меёбанд.

Ман самимона бовар дорам, ки Худо некхоҳона моро ҳушдор медиҳад:

> “Пас, эй писарон маро бишнавед, ва ба гуфтори даҳони ман гӯш намоед. Дили худро ба роҳҳои ҷаҳон моил накун, ба тариқҳои ҷаҳон гумроҳ нашав, зеро ки *ҷаҳон* касони зиёдро ғалтонида маҷрӯҳ кардааст, ва мақтулони *ҷаҳон* аз ҳад афзунанд: хонаи *ҷаҳон* роҳҳои дӯзах аст, ки ба таҳхонаҳои мамот фурӯд меоянд” (Масалҳо 7:24-27; ман ба ҷои калимаи “вай” калимаи “ҷаҳон” навиштам).

Сулаймон бо навиштани ин суханон моро огоҳ намудааст, ки аз қабоҳати шаҳвонӣ дур бошем, аммо онҳо маънои чуқури пайғамбарона низ доранд: аз роҳҳои васвасакоронаи ҷаҳон эҳтиёт шавед, онҳо дилкашу ҷаззобанд. Барои чӣ бисёр халқҳо, дар радифи Исроил ва

Яҳудо, осон ба чоҳи марг меафтиданд? Оё мумкин аст, ки мо ин қадар зуд боварӣ дошта бошем, то фарз кунем, ки гӯё ин қувваҳо акнун дигар вуҷуд надоранд? Дар оғози боби оянда, мо мебинем, ки онҳо чӣ қадар воқеӣ ва васвасакор буда метавонанд.

## АМАЛ КУНЕД

Касе зино карданро ба нақша гирифта, оила бунёд намекунад. Қасами домод ва арӯс баъзан беҷуръатона менамояд, вале бо вуҷуди ин онҳо аз сидқи дил ба ваъдаи рӯзи никоҳи худ вафодор мондан мехоҳанд. Барои чӣ бисёр оилаҳо вайрон мешаванд, баъзеашон ҳатто бо сабаби зинокорӣ? Ба ин савол ҷавоб додан осон нест, лекин сабаби асосӣ дар он аст, ки онҳо дар мубориза бо қувваҳои вайронкунандаи иттиҳоди онҳо ҳушёриро аз даст медиҳанд. Муносибати шумо бо Худо – ин, ба маънии аслии сухан, ҳаёти шумост. Бе Худо ҳаёт нест. Бо вуҷуди ин ҷаҳон бо роҳи фиреб кӯшиш мекунад, ки бо вай зино кунем. Роҳи аз ҳама беҳтарини ҳушёрӣ бо тамоми дил Худоро пайравӣ кардан аст. Шумо чӣ кор карда метавонед, то боварӣ ҳосил кунед, ки худро пурра ба Худо супоридаед?

Тартиби рӯзи шумо чӣ гуна аст? Оё ҳар рӯз бо Худо вақт мегузаронед, барои хондани Калом, дуо ва рӯзадорӣ вақт ҷудо мекунед? Оё имконияти ба Худо хизмат карданро дар калисо, дар ҷои кор ё дар ҷамоати хонагӣ истифода мебаред? Оё Худоро бо кори худ ҷалол медиҳед? Ягон соҳаеро номбар кунед, ки дар он бар зидди зинокорӣ бо ҷаҳон пурқувват шудан мехоҳед. Нақшаи амалиётро тартиб диҳед, онро нависед ва ба амал кардан шурӯъ кунед.

10

# ДАР ПУШТИ БУТПАРАСТӢ ЧӢ МЕИСТАД?

Моро лозим аст, ки сирри бутпарастиро фош созем. Ин корро зуд ва ба осонӣ иҷро кардан ғайримкон аст, вале қуввати онро ошкор карда, дар бисёр дараҷаҳо ғолиб меоем. Фоидаи аз ҳама калон дар он аст, ки мо ҳама чизи заруриро барои дар ҳаётамон ифшо кардани он мефаҳмем. Бо ин восита мо бар криптонити рӯҳонӣ қудрат пайдо мекунем. Биёед аз дида баромадани решаҳои он сар мекунем.

Оятеро аз Китоби Муқаддас, ки дар боби аввали ин китоб оварда шудааст, ба ёд оред, – "фикри абадиятро дар дили одамизод ҷо додааст" (Воиз 3:11). Ҳар як одам дар сайёра бо ин сиришт таваллуд мешавад. Павлус инро бо чунин суханон тасдиқ мекунад: "Зеро, ҳар гоҳ халқҳое (беимонон), ки шариат надоранд, табиатан фармудаҳои шариатро ба ҷо меоваранд, онҳо шариат надошта бошанд ҳам, худашон барои худ шариат ҳастанд: рафторашон нишон медиҳад, ки амали шариат дар дилашон навишта шудааст; виҷдон ва афкорашон низ, ки якдигарро гоҳе айбдор ва гоҳе сафед мекунанд, дар ин бобат гувоҳӣ медиҳанд" (Румиён 2:14, 15).

Ҳақиқат чунин аст: ҳар як одам табиатан роҳҳои Худоро медонад, чунки онҳо аз таваллуд дар виҷдони мо навишта шудаанд. Мо инро бо Лиза аз таҷрибаи тарбия кардани чор фарзандамон мушоҳида кардем. Ҳанӯз дар овони хурдсолӣ, вақте ки мо ҳоло ба онҳо ёд надода будем, ки

“кадом кор дуруст нест”, бародарро зада, хӯрокро партофта, ба волидайн итоат накарда ё ҳамин гуна рафтор намуда, аз тарҳи рӯяшон маълум мешуд, ки худро айбдор меҳисобанд.

Дониш дар бораи Худо на танҳо дар қалби ҳар як одам мавҷуд мебошад, балки он боз ба ҳама махлуқот аён аст:

> “Зеро ки он чи дар бораи Худо донистан мумкин аст, ба онҳо маълум аст, чунки Худо ба онҳо маълум кардааст. Зеро ки моҳияти нонамоёни Ӯ, яъне қуввати ҷовидонӣ ва Илоҳияти Ӯ, аз хилқати олам ба воситаи дидани офаридаҳояш ба назар намоён аст, бинобар ин онҳо ҳеҷ узре надоранд” (Румиён 1:19, 20).

Дар бораи калимаву ибораҳое, ки бо хати курсив навишта шудаанд, андеша кунед: баъд аз ибораҳои “маълум кардааст” ва “ба назар намоён аст” ибораи “узре надоранд” зоҳир мешавад. Воқеият чунин аст, ки одам барои надонистан дар бораи Худо баҳонае надорад. Худо Худашро ба ҳар касе, ки софдилона ва самимона ҳақиқатро донистан мехоҳад, зоҳир кардааст.

Оё шумо боре аз худ пурсидаед: “Тақдири он касоне, ки дар минтақаҳои дури Африқо ҳеҷ гоҳ дар бораи Худо нашунидаанд, чӣ мешавад? Онҳо чӣ хел наҷот ёбанд? Чӣ тавр Худо онҳоро доварӣ мекунад?”

Ин саволҳо бисёр вақт ҳамчун эътироз ё баҳонае дар бораи он чизҳое, ки медонанд ё донистан намехоҳанд, пайдо мешавад. Онҳо дар умқи дили худ медонанд, ки Худо воқеист, вале ин ҳақиқатро рад мекунанд. Онҳо фаҳмидан намехоҳанд, ки дониш дар бораи Ӯ ба қар касе, ки ҳақиқатро меҷӯяд, дастрас аст. Рости гап, одамоне, ки чунин саволҳоро медиҳанд, бояд иқрор шаванд, ки онҳо Худоро рад мекунанд. Таронасаро тасдиқ мекунад, ки махлуқот беист дар бораи Худо башорат медиҳанд:

> “Осмонҳо ҷалоли Худоро эълон мекунанд, ва фалак аз амали дастҳои Ӯ хабар медиҳад. Рӯз бо рӯз сухан мегӯяд, ва шаб бо шаб фикр изҳор мекунад. На гуфтор аст, на сухан; овози онҳо ба гӯш намерасад. Садои онҳо ба тамоми замин меравад ва каломи онҳо то ақсои дунё...” (Забур 18:2-5).

Дониш дар бораи азамати бепоёни Худо дар тамоми олам беист дар

ҳар сония, дар ҳар дақиқа, ҳар соат, бисту чор соат дар як шабонарӯз, 365 рӯз дар як сол эълон карда мешавад. Ва шумо мегӯед, ки дар кимкуҷои Африқо ким-кадом одами "ҷоҳил" инро ношунида мемонад? Одам худро кар вонамуд карда, гӯё вай дар бораи мавҷудияти Худо намедониста бошад, зиндагӣ карда метавонад, аммо ин ҳақиқат дар қалби одамон аз давраи таваллуд на фақат ниҳон аст, балки ин ҳақиқат онҳоро рӯз ба рӯз, шаб то шаб даъват мекунад. То он даме ки одам бо далелҳои худ ором нашавад, то ба аблаҳ мубаддал шуда, худро фиреб надиҳад ва виҷдони худро хомӯш нагардонад, аз воқеияти вуҷуд доштани Худо гурехта наметавонад.

## Гардиши тақдирсоз

Гардиши тақдирсоз ҳамон вақт рӯй медиҳад, ки одам ё барои ҷустуҷӯ кардани Худои зинда қарор мекунад, ё ки барои ором кардани виҷдони худ ба худо ё худоҳо муроҷиат карда, ҳавасҳояшро "қонеъ" мегардонад. Шояд, шумо ҳоло фикр карда истодаед: "Ман дар ҷаҳони муосир зиндагӣ мекунам, дар фарҳанги мо ба худоҳо саҷда намекунанд. Мо муҷассамаҳо, бутҳо, бутхонаҳо ва ҳоказо надорем". Лутфан, сабр кунед, ва ман ба шумо нишон медиҳам, ки дар фарҳанги муосир, чуноне ки дар фарҳанги ҳама гуна халқҳои бутпараст дида мешавад, худоҳои гуногун ҳастанд.

Ин худоҳо аз куҷо пайдо шуданд? Мо бояд дар ёд дошта бошем, ки ҳамаи худоҳо ва бутҳоро одамизод офаридааст. Инсон маҷбур аст, ки донишҳои фитрии худро, ки оид ба Худо аст, якҷоя бо талаботе, ки дар муносибатҳои дуруст бо Худо буданро тақозо мекунад, қонеъ гардонад. Вақте ки намуди алтернативии илоҳият пайдо мешавад, ҳар касе, ки онро сохт, худаш қарор мекунад, ки ба ин худо чӣ гуна писанд ояд, то ки он худо хоҳиши созандаашро ба амал биёрад ё қонеъ гардонад. Ҳамаи ин аз талаботи фитрии парастиш кардан бармеояд. Хонед, ки Павлус чӣ мегӯяд:

> "Агарчи онҳо Худоро шинохта бошанд, Ӯро чун худо ситоиш накарданд ва шукр нагуфтанд, балки хаёлоти онҳо ботил, ва дили бефаросаташон тира шуд: бо вуҷуди он ки худашонро оқил номиданд, ақли худро гум карда, ҷалоли Худои бефаноро ба сурате табдил доданд, ки ба одами фонӣ, ба мурғон, чорпоён ва хазандагон монанд аст" (Румиён 1:21-23).

Ин ҷо дар маркази диққат сохтани тимсолҳо (бутҳо) нест, ин фақат оқибати мушкилоти бузурги инсониятро инъикос мекунад – одам Ӯро чун Худо ибодат намекунад. Дар ин ҷо муайян кардан зарур аст, ки ибодати "ҳақиқӣ" чӣ гуна аст? Агар мо фикр кунем, ки ин "суруди дилнавоз"-и гурӯҳи парастиш аст, мо комилан паёми асосиро ба назар нагирифта мемонем. Нишонаи аслии ибодати ҳақиқӣ – ин на мусиқӣ ва на суруд, балки итоаткорӣ аст.

Ман, ҳамчун муаллифи як қатор китобҳо, медонам, ки бояд дар аввал мавзӯи на он қадар шиносро таҳлил кунам, дар ҳоле ки агар ман дар бораи он муҳокимаронӣ карда истода бошам. Ё ки ман бояд аз луғат таъриф биёрам, ё ба мавзӯъ чунон равшанӣ андозам, ки маънои калимаҳо фаҳмо бошад. Ҳамаи муаллифон ҳамин тавр мекунанд, ва Худо истисно нест.

Якумин бор калимаи "ибодат" дар Китоби Муқаддас дар Ҳастӣ (22:5) зикр карда шудааст. Иброҳим ба хидматгорони худ муроҷиат карда мефаҳмонад, ки ӯ ва Исҳоқ дар кӯҳ чӣ кор кардан мехоҳанд. Иброҳим мегӯяд: "... ман бо писар ба он ҷо рафта ибодат мекунем". Ӯ камтар ба пеш рафта, чӣ кор кардан мехоҳад? Ба Худо суруди дилнавозеро мехонад ё навозандагону сарояндагонро ҷамъ карда, хидмати парастиш доир мекунад? Ҳаргиз не. Ӯ дар он ҷо амали итоаткориро ба Худо, ки се рӯз қабл аз ин Ӯ қурбонӣ кардани писари ягонаашро талаб карда буд, ба иҷро расонид. Дар "Тарҷумаи нави зиндаи" англисӣ дар Нома ба Румиён (1:21) калимаи "ибодат" истифода бурда шудааст, вале боз тарҷумаҳои дигаре ҳастанд, ки калимаҳои "ситоиш" ва "эҳтиром"-ро истифода бурдаанд. Ҳамаи ин калимаҳо маънои наздик доранд. Агар мо ба ягон кас беитоатӣ зоҳир кунем, бо ин корамон шарафи ӯро паст мезанем ва беҳурмат месозем. Мо метавонем, ки ба Худо суханони пуч гӯем, лоф занем ва Ӯро бо даҳонамон ситоиш кунем, дар васфи Ӯ сурудҳо нависем ва ғайра, вале агар он кореро, ки Ӯ аз мо мехоҳад, иҷро накунем, бо ин гуна рафторамон Ӯро таҳқир месозем, ва ин антоним ё маънои баръакси ибодат (эҳтиром) мебошад.

Рӯзе Худо ба халқи Худ гуфта буд: "Ман аз идҳои шумо кароҳат ва нафрат дорам... Ғавғои сурудҳои худро аз Ман дур кун ва навозиши барбатҳои туро Ман гӯш нахоҳам кард. Бигзор инсоф мисли об, ва адолат мисли наҳри бепоён ҷӯш зада ҷорӣ гардад!" (Омӯс 5:21, 23, 24). Ҳаёти росткорона – ин итоат ба қудрати Ӯ, на он аст, ки мо ҳаёти парҳезгорона меномем.

Дар Аҳди Қадим Худо ба Мӯсо дар бораи қурбониҳои мақбули Ӯ амрҳо фармуд. Халқ ба Ӯ ба сифати ибодат қурбониҳои гуногун оварда

метавонист: барра (ниг. Хуруҷ 29:39-41), гӯсола (ниг. Хуруҷ 29:10-14), гандум (ниг. Хуруҷ 29:41) ва бисёр чизҳои дигар. Ҳамчунин онҳо дар хайма ва маъбад ба сифати ибодат хушбӯиҳо, ки атри гуворо номида мешавад, сӯхта метавонистанд (ниг. Ибодат 2:2). Бо вуҷуди ин рӯзе Худо гуфт:

> "Ва Ман бар инҳо назар хоҳам кард: бар мискин ва шикастарӯҳ, ва бар касе, ки пеши каломи Ман ба ларза меояд. Касе ки гове мекушад, мисли одамкуш аст; касе ки баррае забҳ менамояд, мисли касест, ки гардани сагро шикаста бошад; касе ки ҳадяи ордӣ меовард, мисли касест, ки хуни хукро оварда бошад; касе ки лебӯно месӯзонад, мисли касест, ки пеши буте дуо гуфта бошад; чунон ки онҳо роҳҳои худро ихтиёр кардаанд, ва ҷонашон корҳои зишташонро хостааст" (Ишаъё 66:2, 3).

Ӯ бо тавсиф кардани одамоне шурӯъ мекунад, ки соҳиби баракатҳои Ӯ ҳастанд ва *дар назди каломи Ӯ ба ларза меоянд*. Ин тасвири одамонест, ки итоаткориро ҳамчун яке аз масъалаҳои муҳитарин қадр мекунанд. Онҳо касоне ҳоҳанд буд, ки дар назари Ӯ илтифот меёбанд.

Сипас Ӯ одамонеро тасвир мекунад, ки роҳҳои ба худ мақбули ибодатро (итоаткорӣ) интихоб кардаанд. Худо на танҳо ибодати онҳоро қабул намекунад, балки ҳамчунин онро ба қурбониҳои одамӣ (куштори ваҳшиёна), яъне ба қурбонӣ овардани саг, хуни хук ва дуогӯӣ ба бут баробар мекунад. Ин амалҳо дар назари Ӯ зишт мебошанд. Агар касе чунин қабоҳат содир мекард ё ба куштор даст мезад, аз ҷамоати Исроил ронда ё ба марг ҳукм карда мешуд. Ин сухани қавӣ ва ҳалкунанда мебошад! Бинобар ин равшан аст, ки ибодати онҳо тамоман ибодат набуд, гарчанде ки он ба ҳамаи нишондодҳои китоби Хуруҷ ва Ибодат мувофиқат мекард.

Дар Китоби Муқаддас, дар тарҷумаи The Message, чунин навишта шудааст: "Ибодати шумо амали гуноҳ аст".

Дар ёд дошта бошед, ки онҳо халқи Ӯ ҳисоб мешуданд, одамоне, ки соҳиби ваъдаҳои Ӯ буданд. Чаро дар бораи онҳо чунин суханони сахт гуфта шуда буданд? Аз сабаби ибодати худхоҳонаи онҳо, на аз рӯи итоаткорӣ ба Ӯ. Ин ба мо низ дахл дорад: мо метавонем, ки дар васфи Худо суруд хонем, дар ибодат иштирок кунем, дар асоси нишондодҳои Аҳди Ҷадид садоқати худро ба Худо изҳор намоем. Вале агар мо итоаткор набошем, ибодати мо мутлақо ибодат нахоҳад буд. Оё навишта нашудааст: "Ҳамчун бачагони

фармонбардор” бошед (ниг. 1 Петрус 1:14)?

Павлус ҳамчунин як мушкилии амиқ – ношукрӣ ба Худо, дилсардиро ба хотир меорад. Агар мо фикр кунем, ки ба мо ягон тарзи муайяни ҳаёт лозим аст, мо сазовори ин ё он чизҳои моддӣ ҳастем ё умедвори ягон мақому манзалат мебошем, худхоҳ мешавем, яъне ба шахси носипос табдил меёбем. Чизе ки набошад, охир мо бо ҷидду ҷаҳд меҳнат кардем, ба нақша гирифтем, орзу кардем, ки чиро пайдо кунем ё чиро бунёд намоем, бинобар ин натиҷаҳои меҳнати худро дида, мағруру ҳавобаланд мешавем.

## Рафтори муносиб

Дар натиҷаи ин гуна рафтор дар даруни мо хоҳиши итоаткорӣ, эҳтиром ва шукргузорӣ намудан на ба Худо, балки нисбат ба ким-кадом бутҳо зиёд мешавад, ва дар натиҷа дар ҳаёти одам, калисо, ва мамлакат бутпарастӣ пайдо мешавад.

> “Бинобар ин Худо онҳоро бо нафси шаҳвониашон ба нопокӣ гирифтор кард, ба тавре ки онҳо баданҳои худро бо ҳамдигар нангин карданд. *Онҳо ростии Худоро бо дурӯғ иваз карданд* ва парастишу ибодат карданд махлуқро ба ҷои Холиқе, ки то абад муборак аст, омин” (Румиён 1:24, 25).

Дар ёд дошта бошед, решаи ҳамаи ин чизҳо норасоии итоаткорӣ ва шукргузорӣ ба Худо мебошад. Акнун мо хоҳишҳои табиати гуноҳкоронаи худро парастиш мекунем (пайравӣ мекунем). Мо ба махлуқе, ки як вақтҳо аъло буд, вале акнун ба расвоӣ мубтало ва лаънатзада аст, тобеъ мешавем. Қутбнамои рӯҳонии мо ба созиш меравад, ростӣ бошад, ба дурӯғ иваз карда мешавад. Акнун тамоми хиради андӯхта дар асл аблаҳист. Чизе ки дар дунё табиӣ аст, дар асл ғайритабиӣ мебошад. Ин беист давом мекунад, ва некии ҳақиқӣ бадӣ номида мешавад, ва бадии ҳақиқӣ некӣ номида мешавад. Дар давомаш чунин навишта шудааст:

> “Аз ин сабаб Худо онҳоро ба ҳавасҳои нангин гирфтор кард...” (Румиён 1:26).

Баъди ин суханон дар якчанд ояти минбаъда (ин дар “Тарҷумаи нави

зинда”-и англисӣ аз 137 калима иборат аст) бисту ду намуди қабоҳати дар назари Худо манфурро номбар мекунад. Дар байни онҳо қатл, ҷидол, кина, тамаъ, беитоатӣ ба падару модар ва ҳамҷинсгароӣ номбар карда шудаанд. Ҳайратовар аст, ки Павлус аз он 137 калима панҷоҳу нӯҳтоашро (қариб чилу се фоиз) оид ба ҳамҷинсгароӣ истифода бурдааст, лекин аз барои қабоҳаткориҳои боқимонда як ҷуфт калимаҳоро бо худдорӣ аз ягон тавзеҳот ҷудо кардааст. Барои чӣ? Оё Худо ҳамҷинсгароёнро ба таври махсус ҷудо карда, ба мо иҷозат медиҳад, ки ба онҳо ҳамчун гуноҳкорони аз ҳама бадтарин муносибат кунем? Албатта не! Аниқтараш, ӯ ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки таваҷҷӯҳи одамон ба ҳамҷинсгароӣ – ин яке аз нишонаҳои равшани он аст, ки содиркунандагони ин гуна қабоҳат чӣ қадар сахт ба доми бутпарастӣ афтодаанд. Биёед ба суханони Павлус бармегардем:

> “Аз ин сабаб Худо онҳоро ба ҳавасҳои нангин гирифтор кард: занони онҳо ҷимои табииро бо ҷимои ғайритабиӣ иваз карданд; ҳамчунин мардон ҷимои табииро бо занон тарк карда, оташи шаҳваташон ба якдигар баланд шуд, ва мард бо мард ба кирдори нангин машғул шуда, сазои иштибоҳи худро дар вуҷуди худашон диданд (Румиён 1:26, 27).

Ҷамъияте, ки эътироф, шукргузорӣ ва итоаткориро ба Худо бас кардааст, ба эътироф кардани қабоҳати шаҳвонӣ, махсусан ҳамҷинсгароӣ, сар карда, сипас онро ҷонибдорӣ менамояд ва ниҳоят онро қобили қабул (дастгирӣ менамояд) мешуморад. Павлус ин гуна рафторро шармовар ва ғайритабиӣ меномад.

Ростиро бо дурӯғ иваз карданд, ки ин дар ниҳояти кор ба шармандагӣ оварда мерасонад.

Дар моҳи январи соли 2017 маҷаллаи National Geographic нашри ҳармоҳаи худро ба як мавзӯъ бо номи “Инқилоби ҷинсӣ” бахшид. Муҳаррирон барои нишон додани тамоюлоти гуногуни ҷинсӣ ва гендерӣ, ки одами фонӣ ба вуҷуд овардааст, як қатор одамонро ҷамъ карданд. Маҷалла бо муҳаққиқони пешқадами донишгоҳҳо ва омӯзишгоҳҳо дар мавзӯи ҳаёти ҷинсии одам мушовара анҷом дод. Дар байни истилоҳҳое, ки тамоюлоти ҳаёти ҷинсию гендериро муайяни мекунанд, инҳо буданд: агендер, квир, андрогин, трансгендер, тсисгендер, гендерквир, интерсекс, гетеросексуалӣ, бигендер, небинар интерсекс,

транслисарбача, трансдухтарбача ва ғайра. Ҳар қадар ки ҳамчун мӯд садо диҳад ҳам, дар воқеият ин ҳама истилоҳҳо ба категорияи ҷаҳолат ва фиреб дохил мешаванд.

Одамонеро, ки ин истилоҳҳоро фикр карда баромадаанд, муҳаққиқони доно, соҳибмаълумот ва замонавӣ меҳисобанд. Ҷамъияти мо, агар бо ин роҳи тарзи тафаккур қадам занад, то ба куҷо меравад? Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки Иёлоти Муттаҳида барои масъалаҳои алоқаманд ба ҳамҷинсгароӣ ва идентификатсияи гендерӣ бештар аз дусад миллиард доллар сарф кардааст*. Тасаввур кунед, ки ин захираҳои пулиро барои амалӣ намудани чӣ қадар имкониятҳо истифода будан мумкин буд. Ин захираҳоро барои таъмир кардани биноҳои мактабҳои давлатӣ, барои мустаҳкам кардани шӯъбаҳои полис, барои таъмири фурудгоҳҳо ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ, ва аз ҳама муҳимтар, барои кӯмак ба одамони бехона, модарони яккаву танҳо ва одамони маъюб истифода бурдан мумкин буд. Вале ҳамин қадар пули бисёр барои интихоб кардани тамоюлоти ҷинсӣ, ки ба нақшаи илоҳии офариниши одам мухолиф аст, сарф карда шудааст. Аз азал Навиштаҷот мегӯяд: "Ва Худо одамро ба сурати Худ офарид... онҳоро марду зан офарид" (Ҳастӣ 1:27).

Ӯ аст, ки ҷинсро муайян кард, Ӯ медонад, ки чӣ аз ҳама беҳтар аст, чунки моро дӯст медорад. Бо вуҷуди ин ҳамаи ин чизҳо дар зери пардаи хирад ба амал омада истодаанд, гарчанде, ки дар воқеият ин харҷи беақлонаи захираҳо мебошад. Бадтар аз ҳама ин аст, ки чунин корҳо одамонро ба рафтори нодуруст мебаранд ва онҳоро дар асорат, ки барои он офарида нашудаанд, нигоҳ медоранд.

Ҷамъияти мо, ба миқдори хеле ками одамон иҷозат дод, ки ин масъаларо ба маҳдудкунии ҳуқуқҳои нажодию гендерӣ алоқаманд созанд, ва ба ин васила ба дурӯғ, ки гӯё ин "ҳуқуқи инсон" бошад, фурӯхта шуд. Мо дар ҳақиқат бояд ҳуқуқҳои инсонро ҳимоя кунем, вале дар ин ҷо гап тамоман дар бораи чизи дигар аст, чунки ин одамон худро ба он чизе шабоҳат медиҳанд, ки барояш офарида нашуда буданд.

Мувофиқи пешгӯиҳои Павлус, вақте ки парастиш кардани Худо (итоаткорӣ) ва шукргузориро ба Ӯ бас мекунем, ин рафтори бемаънӣ

* Mat Staver: homosexuality Costs The Government Tens of Billions of Dollars Brian Tashman | April 16, 2015 12:40 pm — http://www.rightwingwatch. org/post/mat-staver-homosexua-lity-costs-the-government-tens-of-billions-ofdollars/

пайдо мешавад. Барои чӣ роҳбарон ин ақидаҳо ва тамоюлоти бардурӯғро фош намекунанд ва дар ин бобат гап намезананд? Мо аз ростӣ метарсем ва дурӯғу фиребро қабул мекунем. Мо бутпараст шудем, ва он ҷаҳони моро сахт ишғол кард.

Ҷамъият инро пешравӣ меномад, вале дар асл ин қадаме ба сӯи ҷаҳолат аст. Суханони Павлус, ки чандин асрҳо пештар навишта шудаанд, ошкор мекунад, ки решаи қабоҳати ҷинсию гендерӣ бутпарастӣ аст. Дар идомаи сухан ӯ оқибатҳоро номбар мекунад:

> “Ва азбаски онҳо Худоро бо ақли худ шинохтан нахостанд, Худо онҳоро ба афкори фосид гирифтор кард, то ки корҳои носазо кунанд. Бинобар ин онҳо аз ҳар гуна кизб, зино, макр, тамаъ, ва кина, ҳамчунин аз ҳасад, қатл ҷидол фиреб ва бадхӯӣ пур ҳастанд. Бадгап, тӯҳматчӣ, худобадбин, дилозор, худсито, мағрур ва бадандеш ҳастанд, ба падару модар итоат намекунанд. Беандеша, аҳдшикан, беилтифот, бадкина ва бераҳманд” (Румиён 1:28-31).

Барои мушоҳида кардани чунин тарзи рафтор дар ҷамъияти мо дуру дароз ҷустуҷӯ кардан, санҷишҳо ё тадқиқотҳои иҷтимоӣ гузаронидан шарт нест. Он рӯз ба рӯз паҳн шуда, ҳаёти одамонро нобуд месозад, оилаҳо ва халқҳоро ба ҳалокат мебарад. Ин рафтори фосиқона ва муносибати хайрхоҳона ба он боиси пӯсидани ҷамъият, вайрон гаштани муносибатҳо ва ҳар гуна ҷангҳо мегардад.

Агар ҳамаи ин то ба қадри кофӣ фоҷиабор нест, пас Павлус чунин хулосабарорӣ мекунад:

> “Агарчи доварии Худоро медонанд, ки кунандагони чунин корҳо сазовори марганд, бо вуҷуди ин на фақат худашон ин корҳоро мекунанд, балки кунандагони дигарро таҳсин менамоянд” (Румиён 1:32).

Ҳукумат, ВАУ, телевизион ва синамогарон, хидматчиёни ҷамъиятӣ, роҳбарон, одамони обрӯманд, ва ҳамаи ҷамъият хеле хуб медонанд, ки ин гуна рафтор ба нақшаи илоҳии офариниши одам зид аст, вале бо вуҷуди ин ҳамаи онҳо ба садои виҷдони худ ва фарёди тамоми махлуқот эътибор намедиҳанд. Барои хомӯш кардани виҷдони худ бошад, онҳо

дигаронро барои иҷро кардани чунин корҳо талқин мекунанд, то ки нидои ростиро дар қалбҳо хомӯш созанд.

Ҳамаи нишонаҳои рафтор, ки дар боло номбар шуданд, нишон медиҳанд, ки решаи мушкилӣ бутпарастӣ буда, аз он бармеояд, ки мо барои ибодат кардани Худо (ҷалол додан ва шукргузор будан) майлу хоҳиш надорем, гарчанде, ки Ӯ ба ин чизҳо сазовор аст. Эҳтироми мо ба Худо дар рафтори ҷавобии мо ба даъвати Ӯ ифода меёбад, на фақат дар суханони мо. Ин ба ҳама одамон дахл дорад, вале акнун биёед ба он диққат медиҳем, ки ин дар ҳаёти шахсе, ки бо Худо муносибат дорад, чӣ гуна рӯй медиҳад.

## АМАЛ КУНЕД

Ибодати мо нишон медиҳад, ки мо итоаткорӣ, эҳтиром ва шукргузориро ба Худо интихоб кардаем. Агар ягон ҷиҳати ибодати ҳақиқиро фаромӯш кунем, ба гумроҳӣ дучор мешавем, ки оқибаташ бутпарастӣ аст. Ин суханони ҳақиқат барои ҳар яки мо ва барои тамоми фарҳанг бо пуррагӣ рост ва боэътимод аст.

Аввалин амали равшани ибодатро дар Навиштаҷот мо дар ҳаёти Иброҳим мебинем. Ӯ ба Худо итоат карда, ба кӯҳ раҳсипор шуд, то ки писараш Исҳоқро қурбонӣ кунад.

Худо ба шумо иҷро кардани кадом корро амр фармуд? Шояд, вақте ки шумо Китоби Муқаддасро мехондед, Рӯҳулқудс ба шумо гап зад, ё Ӯ ба қалби шумо хоҳиши он амалеро гузошт, ки танҳо шумо иҷро карда метавонед. То кадом дараҷа ин боб тафаккури шуморо алоқамандона ба супоришҳои Худо дигаргун мекунад? Аз Худо талаб кунед, ки Ӯ шуморо барои иҷро кардани супориши бароятон додашуда ҳидоят ва роҳнамоӣ кунад ва шукргузорӣ карданро фаромӯш накунед, чунки Ӯ шуморо баҳри ин мақсад интихоб кардааст ва ҳар гоҳе ки шумо бо итоаткории худ Ӯро ибодат мекунед, ҳузури Ӯ бо шумо хоҳад буд.

# 11

# БУТПАРАСТИИ ИМОНДОРОН

Бутпарастӣ дар байни мардуми ҷаҳон ба ҳеҷ гуна хубие намеорад, аммо агар он дар байни одамоне, ки бо Худои зинда аҳд бастаанд, мушоҳида гардад, боз ҳам бештар аламовар аст.

Яъқуб ин намуди бутпарастиро зинокорӣ меномад. Чунки мо бо Худо аҳд бастаем, ва ба мисли касоне, ки ба зан ё шавҳари худ бевафоӣ мекунанд, агар мо ба ҳукми бутпарастӣ дода шавем, нисбат ба Шавҳари худамон, Худованд Исои Масеҳ хиёнаткор ҳисоб мешавем.

## Подшоҳ Шоул ва Амолеқиён

Биёед аз Аҳди Қадим сар карда, ба Аҳди Нав мегузарем. Исроил бо Худо аҳде дошт, ки аз падари худ Иброҳим мерос гирифта буд. Худо ба воситаи Самуили набӣ ба подшоҳ Шоул амр кард: "... акнун овози суханони Худовандро бишнав" (1 Подшоҳон 15:1). Дар иродаи Худо ҳеҷ хатое набуд, Офаридгор онро возеҳ ва равшан баён кард. Ба подшоҳ амр карда шуд, ки амолеқиёнро пурра нест кунад – ҳар як мард, ҳар як зан, ҳар як кӯдак ва ҳар як ҳайвонро. Азбаски Амолеқ ба Исроил, вақте ки аз Миср баромад ва хеле осебпазир буд, муқобил баромада буд, бо ин тарз мебоист интиқоми Худо иҷро мегардид. Подшоҳ Шоул зуд лашкар ҷамъ карда, ба сӯи Амолеқ

ҳамла намуд. Аммо дар давоми воқеа чунин навишта шудааст:

> "Ва Шоул Амолеқро аз Ҳавило то роҳи самти Шур, ки пеш аз Миср аст, торумор намуд. Ва подшоҳи Амолеқ – Аҷаҷро зинда дастгир кард, ва тамоми қавмашро бо дами шамшер кушт. Вале Шоул ва қавм Аҷаҷро, ва беҳтарин бузу гӯсфандон ва говон ва парвориён ва қӯчқорони фарбеҳ ва ҳар чизи хубро дареғ дошта, нахостанд талаф намоянд, ва фақат ҳар моли хароб ва камқимматро несту нобуд карданд" (1 Подшоҳон 15:7-9).

Шояд ба бисёр одамон чунин намояд, ки Шоул ба Худо итоат кард, аммо зуд баъди ин суханон навишта шудааст: "Ва каломи Худованд бар Самуил нозил шуда гуфт: пушаймонам, ки Шоулро Подшоҳ кардам, зеро ки Ӯ аз пайравии Ман рӯ тофта, суханони Маро ба ҷо наовард..." (1 Подшоҳон 15:10, 11). Шоул Худоро ҷалол надод ва итоат накард, гарчанде Ӯ ба ин сазовор аст. Шоул ба Худо вафодор набуд.

Ман як мардеро ба хотир меорам, ки дар тарбияи писари навраси худ душворӣ мекашид ва аз рафтори вай нороҳат буд. Вай на ҳама вақт он кореро, ки падараш мефармуд, иҷро мекард, баъзе вақт итоат менамуд, вале дигар вақт бо роҳи худ мерафт ва он кореро, ки худаш мехост, ҳамонро мекард; одатан ӯ барои якҷоя бо дӯстонаш вақт гузаронидан мерафт. Вақте ки падар бо вай сахтгирона сӯҳбат кард, писараш ранҷида, якбора ҷавоб дод: "Падар, сарзаниш карданро бас кун! Ман навад фоизи корҳоеро, ки ту мефармоӣ, иҷро мекунам. Чаро ту ин қадар сахтгир ҳастӣ? Барои чӣ ту ба навад фоизи корҳое, ки ман аз рӯи гуфтаҳои ту иҷро мекунам, аҳамият намедиҳию барои даҳ фоизе, ки иҷро накардам, айбҷӯӣ мекунӣ?" Падар аз ин суханони писараш ғамгин шуд.

Ман ба ин мард гуфтам: "Худо низ сахтгир аст". Ман воқеаеро, ки бо амолеқиён рӯй дода буд, ёдрас кардам ва гуфтам, ки Шоул, шояд, ҳадди ақал сад ҳазор мардон, занон ва кӯдаконро кушт. Ман боварӣ дорам, ки аз он миқдор гӯсфандон, бузҳо ва чорвои калон, ки боқӣ гузошт, зиёдтар нобуд кард. Бинобар ин бо боварӣ гуфта метавонам, ки Шоул аз навад фоиз зиёдтар корҳои фармудаи Худоро анҷом дод. Аммо Худо гуфт, ки Шоул итоат накард ва рафтори вайро "беитоатӣ" номид (ояти 23).

Дар асоси ин далели Китоби Муқаддас падар фаҳмид, ки вай рафтори писари худро беҳуда нодуруст наҳисобидааст.

Зиёда аз ин, ман боварӣ дорам, ки Подшоҳ Шоул барои иҷро кардани наваду нӯҳ фоизи фармудаҳои Худо наздик буд. Чаро Худо ба наваду нӯҳ фоиз корҳое, ки Шоул иҷро кард, аҳамият нидоду танҳо ба як фоиз корҳое, ки вай накард, аҳамият дод. Ба назари бисёр одамон ин интихобӣ менамояд, вале барои Худо итоаткории ҷузъӣ, ҳатто итоаткории қариб пурра, ҳаргиз итоаткорӣ набуда, балки беитоатӣ мебошад. Ин чунин маъно дорад, ки одам он шарафу ҷалолеро, ки ба Худо тааллуқ дорад, ба Ӯ тақдим намекунад.

Самуил ба Шоул, ки ба гумроҳӣ афтода, ба айби худ иқрор намешавад, сахтгирона муроҷиат мекунад. Вале Самуил аз вай дар бораи ҳайвонҳое мепурсад, ки барои қурбонӣ омода карда шуда буданд. Он гоҳ Шоул кӯшиш мекунад, ки айбро ба гардани одамон бор кунад, вале Самуил ӯро сарзаниш мекунад:

> “Зеро ки беитоатӣ мисли гуноҳи ҷодугарӣ аст ва муқобилият – мисли бутпарастӣ. Азбаски ту каломи Худовандро рад кардӣ, ӯ низ туро аз подшоҳӣ рад кард” (1 Подшоҳон 15:23).

Дар ин оят ба фикри дуюм таваҷҷӯҳ мекунем:“муқобилият – мисли бутпарастӣ”. Маънои муқобилият “тела додан” ё фишор овардан” мебошад. Шоул ростӣ ва итоаткории пурраро аз худ тела дод.

Калимаи “мисли”, ки бо хати курсив ҷудо карда шудааст, дар матни аслӣ вуҷуд надорад. Дар Китоби Муқаддас бо забони ибронӣ ин калима мавҷуд нест, тарҷумонҳо онро барои боз ҳам қулайтар хондан илова кардаанд. Тарҷумаи аниқтар ин тавр буда метавонист: “муқобилият – ин бутпарастӣ”.

Дар амал, вақте ки одам ҳақиқатро медонад, иродаи Худоро мефаҳмад, медонад, ки Худо чӣ мегӯяд, ва бо вуҷуди ин суханони Ӯро аз худ теле медиҳад ва итоат намекунад, ин бутпарастӣ аст. Барои чӣ вай ин тавр мекунад? Чунки иродаи худро, нақшаҳои худро, хоҳишҳо ва ниёзҳои худро аз Худо афзалтар медонад. Бут – ин ҳама он чиз аст, ки мо болотар аз Худо мегузорем.

Шоул бовар ва ҳатто эътироф мекард: “Ман ба Худо итоат кардам”, вале азбаски ӯ ба Худо то охир итоат накард ва хоҳишҳои одамонро (аниқтараш, хоҳишҳои шахсии худашро) аз каломи Худованд болотар гузошт, ин бутпарастӣ буд. Ин гуноҳ чашми ӯро чун парда пӯшида, ба он оварда расонд, ки вай Худоро беҳурмат созад.

Despite Ончунон ки ин ба тамоми инсоният дахл дорад, мутобиқи Нома ба Румиён, ҳамчунон ин ба Шоул низ дахл дорад. Решаи бутпарастии Шоул дар муҷассамаҳо, бутҳо, қурбонгоҳҳо ва бутхонаҳо набуд. Гап дар сари он аст, ки вай Худоро ба таври бояду шояд ҷалол надод, ба ваҳйи Худо беитоатӣ кард. Ин рафтори ҳалкунанда ба он оварда мерасонад, ки одам ба таври номаълум ростиро бо дурӯғ иваз карданро шурӯъ мекунад, аз ҳамин сабаб Шоул ба гумроҳӣ афтод.

Дурӯғ ӯро водор кард, ки “аблаҳона” рафтор кунад ва “корҳоеро, ки бояд намекард”, анҷом диҳад. Оқибати фоҷианоки бутпарастии Шоул ин буд, ки дар ҳаёти вай гуноҳ зиёд гардид. Ӯ ба шахси бахил, тамаъкор, беандеша, пурғазаб, бадхоҳи ходимони Худо ва қотил мубаддал шуд. Вай ҳатто, ба ҷои он ки ба Худо муроҷиат кунад, бо рӯҳи палид машварат кард. Бутпарастӣ ҳамчун решаи ҳамаи ин сифатҳои бад дар хислати Шоул намоён гардид.

Бисёр вақт одамоне, ки дар баробари муносибат доштан бо Худо, қонеъ гардонидани ҳавасҳои шахсиашонро аз он чизе, ки Навиштаҷот мегӯяд, болотар мегузоранд, беитоатии худро пайхас намекунанд. Бутпарастӣ барои онҳо ҳақиқатро пардапӯш ва тира мегардонад, чуноне ки бо Шоул ин тавр шуд. Мо ростиро бо дурӯғ иваз менамоем ва боварӣ дорем, ки Худо ба ҳар ҳол ҷонибдори мо аст. Ба назари мо чунин менамояд, ки Ӯ эҳсоси қалби моро дарк мекунад ва тарзи ҳаёти моро дастгирӣ намуда, рафтори моро дуруст меҳисобад, аммо дар асл мо ба Ӯ муқобилият карда, Ӯро душмани худ мегардонем.

## Қаноатмандӣ

Ҷиҳати дигари бутпарастиро ман бо шарҳи ду калимаи асосӣ нишон медиҳам. Якум – “осудаҳолӣ” (қаноатмандӣ). Ин шарҳ дар луғати Мериам-Уэбстер навишта шудааст – “эҳсос ё зуҳури қаноатмандӣ бо моликият, мақом ва ҳолати худ”. Калимаи юнонии “arkeo”бисёртар барои ифода кардани мафҳуми қаноатмандӣ истифода бурда мешавад, ва он бо маънои “қаноатманд будан, қонеъ гардидан, ром кардан, барои кӯмак расонидан ба ягон кас, моҳиру тавоно будан” фаҳмида мешавад (WSNTDICT).

Агар худи мо қаноатманд набошем, ба таври ҳаққонӣ хизмат карда наметавонем.

Норасоии ин кирдори нек моро маҷбур месозад, ки ба вазъият аз рӯи нуқтаи назари он, ки *ман аз он чӣ гуна фоида гирифта метавонам*, нигоҳ кунем. Суханҳо ва рафтори зоҳирӣ ба назар беғаразона ва ҳатто хайрхоҳона намудор шуда метавонанд, вале, агар мақсади онҳо қаноатмандӣ нест, эҳсоси манфиатҷӯёнаро дар қалби одам бедор мекунанд.

Павлус ба калисо гуфтааст: "На ин ки ба сабаби мӯҳтоҷӣ мегуфта бошам; зеро ман ёд гирифтаам, ки бо он чӣ дорам, қаноат намоям (Филиппиён 4:11). Аммо ӯ воқеан мӯҳтоҷиҳо дошт, ӯ дар ин бора аллакай ба одамоне, ки барояшон хидмат мекард, хабар дода буд, ки на барои фоидаи вай, балки барои фоидаи худашон ҳадяҳои қурбонӣ диҳанд. Вақте ки ӯ Нома менавишт, наметавонист, ки дурӯғ гӯяд ё муболиғa кунад, аз ин рӯ мо ҳадафҳои ҳақиқии ӯро медонем, вай ин суханонро ҳаргиз ба хотири "мулоимгуфторӣ" нанавишта буд. Ҳадафҳои ӯ он қадар пок ва беғаразона буданд, ки ҳатто новобаста ба мӯҳтоҷиҳои воқеие, ки аз сар мегузаронид, ӯ дар ҳақиқат пурра қаноатманд буд.

Ба ҳамин хотир ба мо, имондорон, навишта шудааст: "Аммо диндорӣ бо қаноатмандӣ манфиати зиёде дорад... Бинобар ин, модоме ки хӯрок ва либос дорем, аз он қонеъ хоҳем буд" (Тимотиюс 6:6, 8). "Манфиати зиёд" ба қаноатмандӣ алоқаманд аст, лекин мо на ҳама вақт ҳис мекунем, ки манфиати зиёде дорем. Қаноатмандӣ ба мо барои давом додани роҳ қувват мебахшад, то ки барвақттар аз гирифтани ҷавоб барои дуоҳоямон таслим нашавем.

Дар вақти дуо ман аз Худованд пурсидам, ки нигоҳи худро доир ба қаноатмандӣ ба ман ошкор кунад ва Ӯ ба қалбам садо дод: пурра розӣ будан бо иродаи Ман. Ҳаёти Худовандамон Исои Масеҳ таҷассуми ҳақиқии қаноатмандӣ мебошад. Мо ҳамеша дар суханони Ӯ мешунавем: "Ғизои Ман ин аст, ки иродаи фиристандаи Худро ба ҷо оварам ва кори Ӯро ба анҷом расонам" (Юҳанно 4:34). Қаноатмандӣ ва сарсупурдагии Ӯ ба иродаи Худо дар таронае, ки дар бораи Масеҳи мавъуд сароида шудааст, хуб намоён мешаванд: "Иродаи Туро, эй Худованд, ба ҷо овардан мехоҳам, ва шариати Ту андаруни дили ман аст" (Забур 39:9). Берун аз иродаи Худо Ӯ ҳеҷ гуна хоҳишу иштиёқе надошт. Иштиёқи Ӯ фақат ба ҷо овардани иродаи Падари Худ буд.

Қаноатмандиро бо худписандӣ аралаш кардан нашояд, чунки аз рӯи маъно байни ин ду чиз ҳеҷ алоқамандие мавҷуд нест. Навишта шудааст,

ки Исо "... бо фиғони пурзӯр ва бо ашкрӯзӣ дуо ва тазарруъ намуд" (Ибриён 5:7). Боре Ӯ мизи савдогаронро дар маъбад чаппа кард, дафъаи дигар, як шаб пеш аз азобҳои Худ, Ӯ хеле сахт хост, ки бо ҳавворибн таоми шом хӯрад. Ӯ одамонро гирифтори банди асорат, бемору афтодарӯҳ дида, ғамгин мешуд. Ӯ Сарбозе аз ҷониби ҳамаи мазлумон буд. Аммо вақте ки гап дар бораи эҳтиёҷу хоҳишҳои Ӯ мерафт, Ӯ хушҳол буд. Ӯ хоҳишҳои Худро ба назди Падар меовард, ва боварӣ дошт, ки Падар дар ҳаққи Ӯ ғамхорӣ мекунад. Аз қаноатмандии Ӯ чунин суханон тавлид мешуданд: "Чунон ки Падари Ҳай Маро фиристод, ва Ман ба василаи Падар зинда ҳастам". Қаноатмандӣ ба Ӯ он қадар бехатарӣ ва устувории пояндаеро мебахшид, ки аз ин ҷаҳон вобаста набуд. Аз ин рӯ Ӯ далерона гуфта метавонист: "Ман медонам, ки аз куҷо омадаам ва ба куҷо меравам" (ниг. Юҳанно 6:57 ва 8:14). Ба туфайли чунин худогоҳӣ Ӯро ба дигар тараф кашидан ё аз роҳ задан имконнопазир буд, Ӯ Хидматгузори комил буд.

## Тамаъкорӣ

Дуввумин калимаи муҳиме, ки барои шарҳ додани бутпарастӣ дахл дорад – ин "тамаъкор будан" (тамаъкорӣ) аст, ки тамоман баръакси қаноатмандӣ мебошад. Шумо ин калимаро дар суханронихои ҳаррӯза бисёр намешунавед, аз ин рӯ онро шарҳ додан зарур аст, то ки мазмун ва моҳияти онро дар Навиштаҷот дарк кунем.

Биёед аввал ба шарҳи англисӣ диққат мекунем. Тибқи луғати Уэбстер он чунин маъно дорад: "хоҳиши сахти гирифтани чизе, ки дигарон нек меҳисобанд, ва соҳиб шудан ба он". Агар ба забони юнонӣ нигоҳ кунем, мо бештар тарзи тасвиршавандаи шарҳро мебинем. Пеш аз ин биёед мебинем, ки Павлус дар Нома ба Қӯлассиён тамаъкориро бо кадом мазмун зикр кардааст:

> "Пас, модоме ки шумо бо Масеҳ эҳё шудаед, он чиро, ки дар афроз аст биҷӯед, ки он ҷо Масеҳ ба ямини Худо нишастааст; дар бораи он чӣ дар афроз аст, фикр кунед, на дар бораи он чи бар замин аст. Зеро ки шумо мурдаед, ва ҳаёти шумо бо Масеҳ дар Худо ниҳон аст. Вақте ки Масеҳ, ки ҳаёти шумост, зоҳир шавад, шумо низ бо Ӯ дар ҷалол зоҳир хоҳед шуд" (Қӯлассиён 3:1-4).

Павлус моро роҳнамоӣ мекунад, то ки дар ҳолати қаноатмандӣ монда тавонем. Вақте мефаҳмем, ки мо ба василаи Исои Масеҳ бо Худо аҳд дорем, дарк мекунем, ки мо ба ҳеҷ чиз мӯҳтоҷ нестем, куллан ба ҳеҷ чиз. Исо мегӯяд, ки "Малакут ба мо таааллуқ дорад", ва агар мо аввал Малакути Ӯро биҷӯем, дар навбати аввал, на дуввум ва на сеюм, пас ҳам гуна чизҳои зарурӣ ба мо ба таври илова дода мешавад.

Душман аз ҳама аввал ба зидди Исо маҳз дар ҳамин соҳа ҳуҷуми худро нигаронид. Дар вақти озмоиш дар биёбон шайтон кӯшиш кард, то Исоро водор созад, ки ҳалли эҳтиёҷоти худро на дар назди Падар, балки дар ким-куҷои дигар ҷустуҷӯ кунад. Шароит дар биёбон хеле пурмашаққат буд. Исо дар давоми чиҳил шабонарӯз рӯза дошта, ниҳоят гурусна монд. Ва душман умед дошт, ки Ӯро аз ҳолати қаноатмандӣ мебарорад ва ба тамаъкорӣ кардан маҷбур месозад, вале Исо рад кард. Баъд аз ин фариштаҳо зуд омада, ӯро парасторӣ намуданд! Душман нақшаашро дар бораи Исо амалӣ карда натавонист, вале ин маънои онро надорад, ки вай ин усулро бар зидди шумо ба кор намебарад. Вай моро ба нишон мегирад, то ки моро эҳсоси ғаму ҳасрат фаро гирад, ва мо ба ҷои он ки мо ҳалли эҳтиёҷоти худамонро дар Малакут пайдо кунем, онро дар ҷои дигар биҷӯем.

Павлус инро ба ҷӯяндагони Худо мегӯяд, на ба он касоне, ки барои расидан ба ҳавасҳои худ номи Ӯро истифода мебаранд. Аммо одамоне, ки бо шавқмандӣ ба Ӯ писанд омадан мехоҳанд ва иродаи Ӯро пайравӣ мекунад, касонеанд, ки фикрҳои худро ба сӯи мақсадҳои олӣ *равона мекунанд,* на ба ташвишҳои заминӣ. Рағбати мо иҷро кардани иродаи Касе аст, ки моро мефиристонад. Аз ин ҷо натиҷаи фавқуттабиӣ бармеояд – мо, ба мисли Исо, таслимнопазир мешавем, моро аз роҳ задан ғайримкон аст, ва мо дар ҳақиқат ходимони ҳаққонии Малакут мегардем!

Павлус идома медиҳад: "Пас андоми заминии худро: зино, нопокӣ, ҳирс ва ҳаваси бад ва тамаъкориро (ки он бутпарастист) бикушед. Ки барои онҳо ғазаби Худо бар писарони исён меояд" (Қӯлассиён 3:5, 6).

Нигоҳ кунед, ки Павлус чӣ мегӯяд: тамаъкорӣ, яъне ин бутпарастӣ аст! Ана ин аст калиди навбатӣ барои фаҳмидани он, ки дар асл бутпарастӣ чӣ аст. Онро дар кишварҳои бутпараст, ки одамон муҷассамаҳо, қурбонгоҳҳо ва бутхонаҳо месозанд, осон вохӯрдан мумкин аст, аммо дар "кишварҳои мутараққӣ" ташхис ва идрок зарур аст. Павлус мегӯяд,

ки аз қаноатмандӣ ба тамаъкорӣ гузашта, мо муносибатҳои бо Худо наздикро ба бутпарастӣ ва зинокорӣ иваз мекунем.

Биёед ба калимаи юнонии pleonexia, ки маънояш дар ин оят “тамаъкорӣ” аст, нигоҳ мекунем. Лутфан, иҷозат диҳед, ки ман ба шумо аз сарчашмаҳои боэътимод се шарҳи гуногунро пешниҳод кунам:

1. “Хоҳиши беандоза барои соҳиб шудан ба чизи бисёртар” (луғати Pillar).
2. “Кӯшиши аз ҳадди зарурӣ зиёдтар дорои чиз будан” (луғати BDAG).
3. “Майл барои аз худ буте сохтан, ки ғосиби рӯҳ аст” (луғати CCE).

Биёед диққати худро ба шарҳу тавзеҳи охирин равона мекунем: “Майл барои аз худ буте сохтан, ки ғосиби рӯҳ аст”. Агар мо дар бораи Малакут андеша накунем ва пеш аз ҳама онро наҷӯем, пас мо бо тарзи зиндагии дунявӣ умр мегузаронем. Мо барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти худ, ки гӯё ба назари мо бе онҳо рӯзамон намегузашта бошад, сахт давутоз мекунем. Мо ҳузуру ҳаловат, сарват ва фоидаи моддӣ, шӯҳрат, мақом, мавқеъ дар ҷамъият, обрӯ, шарикони фоидаовар, комёбӣ, қудрат, нуфуз, ҳавасҳо ва бисёр хоҳишҳои дигарро, ки дар одам ҳангоми аз худаш бут сохтан пайдо мешавад, ҷустуҷӯ мекунем. Мо агар қаноат накунем, ба доми тамаъкорӣ меафтем. Мо саъй мекунем, ки як илоҷе карда умр гузаронем, чунки аз он чизе, ки Худо ба мо медиҳад, оромӣ ва лаззат ёфта наметавонем. Мо ба нақша ва равиши кори Ӯ дар ҳаётамон муқобил мебароем.

Бешубҳа, қаноатмандӣ ва тамаъкорӣ ду қувваи бо ҳам зид аст. Қаноатмандӣ моро аз бутпарастӣ дур ва ба Худо наздик месозад, тамаъкорӣ бошад, аз Худо дур карда, ба бутпарастӣ мебарад. Инҳо калимаҳои фарққунанда ва аз ҷиҳати маъно бо ҳам муқобил мебошанд, ва мо баъдтар мебинем, ки фарқияти онҳо дар чист. Ба таври осон метавон мушоҳида кард, ки барои чӣ муаллифи Нома ба Ибриён дар изҳороти зерин хеле далер аст:

> “Хулқатон аз *зарпарастӣ* дур бошад, ва барои он чӣ доред *қаноат* кунед, зеро ки Худи Ӯ гуфтааст: “Туро тарк нахоҳам кард ва туро нахоҳам партофт”. Бинобар ин мо метавонем далерона бигӯем: “Худо мададгори ман аст, ва ҳаросон нахоҳам шуд. Одамизод ба ман чӣ метавонад бикунад?” (Ибриён 13:5, 6)

Мо дар боби оянда мушоҳида мекунем, ки қаноатмандии парҳезгорона ба мо дар ҳар гуна вазъиятҳои душвор ва фоҷианок дилпурӣ мебахшад. Он моро аз дому тузоқҳои ҷаҳон, ки барои доштани имондорон гузошта шудаанд, нигоҳ медорад. Қаноатмандӣ манфиати зиёд ва осоиштагие меорад, ки болотар аз фаҳмиш аст.

Тамаъкорӣ – ин, баръакс макони тарсу воҳима мебошад, ки аз ҳавою ҳавасҳо барзиёд пур аст. Ин ҳолатест, ки оқибаташ фиреб ва марг мебошад.

## АМАЛ КУНЕД

Мо бояд ҳақиқати Каломи Худоро аниқ ва равшан дарк кунем. Он барои мо навишта шудааст, бинобар ин ҳеҷ узре надорем. Ҳеҷ касе аз мо дар назди Худо бархоста, гуфта наметавонад: “Лекин Худованд, ман намедонистам!” Чӣ тавре ки Ӯ ба воситаи офариниш Худашро ба тамоми халқҳо ошкор кардааст, ҳамчунин Ӯ иродаи Худашро дар Китоби Муқаддас маълум намудааст, то ки мо ҳеҷ узру баҳонае надошта бошем.

Чӣ қадар гӯшхарош садо диҳад ҳам, итоаткории ҷузъӣ айни ҳамон бупарастӣ аст. шукргузорӣ мебояд кард, ки мо инро медонем. Агар мо донем, ки кадом озмоишҳоро бояд гузарем, мо ҳар дафъа онҳоро паси сар карда метавонем. Ин файзу раҳмати Худованд аст!

Мо дар он чизҳое, ки қисман итоаткор, саркаш ва тамаъкор будем, ба осонӣ гумроҳ шуда метавонем. Бинобар ин аз Рӯҳулқудс илтимос кунед, то он соҳаҳои ҳаёти шуморо, ки дар зери таъсири бад қарор доранд, бароятон ошкор кунад. Барои он соҳаҳое, ки Ӯ ба шумо нишон медиҳад, тавба кунед ва аз Ӯ илтимос намоед, ки шуморо пок созад. Ниҳоят, аз ӯ биталабед, ки ҳаёти шуморо аз қувват ва тароват пур кунад, то ки шумо Ӯро итоаткорона аз сидқи дил пайравӣ намоед.

12

# ФИШОРИ САБУК

Дар боби гузашта ман ду ҷиҳати гуногуни бутпарастӣ, яъне беитоатӣ ва тамаъкориро нишон додам. Биёед акнун ҳар дуяшро якҷоя дида мебароем, чунки онҳоро ҳамеша паҳлӯ ба паҳлӯ вомехӯрем, ва таҳлил мекунем, ки ҳар дуи онҳо чӣ тавр якҷоя кор мекунанд, он гоҳ мо беҳтар фаҳмида метавонем, ки шахси имондорро дар назди криптонит чӣ осебпазир мегардонад.

## Сенарияи мушкил

Подшоҳ Шоулро тасаввур кунед. Ӯ ба иродаи Худо қаноат накард. Аз сабаби саркашии худ ба тамаъкорӣ майл кард. Аввалин иштибоҳи ба мо маълумро Ӯ на бо амолеқиён, балки барвақтар аз он, ҳангоми ҷанг кардан бо фалиштиён содир намуд. Лашкари сершумори душман иборат аз се ҳазор ароба, ки шабеҳи танкҳои имрӯза буданд, бар зидди Исроил ҷамъ омаданд, шумораи сарбозони пиёда чун реги соҳили баҳр буд! Онҳо дар Михмос ӯрду заданд ва ба ҳуҷум омода шуданд.

Нерӯҳои мусаллаҳи Шоул дар муқоиса бо лашкари душман кам буданд. Қӯшуни Ӯ аз сарбозони наву камтаҷриба иборат буд.

Навишта шудааст:

> “Ва мардуми Исроил диданд, ки аҳволашон табоҳ шудааст, зеро ки қавм ба танг омадаанд. Ва қавм дар мағоракҳо, ва дар

> сӯроххо, ва дар миёни сахраҳо, ва дар бурҷҳо, ва дар ҳафраҳо пинҳон шуданд; ва баъзе аз ибриён аз Ӯрдун гузашта, ба замини Ҷод ва Ҷилъод омаданд; ва Шоул ҳанӯз дар Ҷилҷол буд, ва таоми қавм бо тарсу ларз назди ӯ шитофтанд" (1 Подшоҳон 13:6, 7).

Оё шумо тасаввур карда метавонед, ки Шоул чӣ қадар фишорро эҳсос мекард? Шумо роҳбар, сарвар, ва подшоҳ ҳастед, қӯшуни навташкили шумо бояд бо лашкари хеле ботаҷриба, пурқувват, ва аз ҷиҳати тавоноӣ афзалиятнок ҳарбу зарб кунад. Воқеаи аз ҳама даҳшатноке, ки бо Шоул рӯй дод, ин буд, ки сарбозони Ӯ аз майдони ҷанг тарсида, ба гурехтан сар карданд. Аммо пас аз андак вақт бояд қувваи ёрирасон расида биёяд, яъне набии бузург Самуил мебоист дар вақти муайяншуда омада, ба Худо қурбонӣ кунад. Ин бояд ба рӯҳи Шоул ҳамчун сарвар қувват бахшида, ӯро барои ҳарбу зарби дар пеш истода далерӣ медод. Аммо мушкилие пайдо шуд:

> "Ва ҳафт рӯз, то мӯҳлате ки Самуил таъин намуда буд, интизорӣ кашиданд, вале Самуил ба Ҷилҷол наомад; ва қавм аз пеши Шоул пароканда мешуданд. Ва Шоул гуфт: "Қурбонии сӯхтанӣ ва қурбониҳои саломатиро назди ман биёред!" Ва қурбонии сӯхтаниро баровард (1 Подшоҳон 13:8, 9).

Ба ҳеҷ кас пӯшида нест, ки Шоул барои қурбонӣ кардан аз ҷониби Худо ҳуқуқ надошт. Танҳо коҳинон қурбонӣ карда метавонистанд (Самуил ҳам набӣ буд, ва ҳам коҳин). Аммо агар аз рӯи инсоф гап занем, Шоул бо сарбозони худ чунин фикр карда метавонист, ки дар ин гуна вазъияти фавқулодда қоидаро вайрон кардан мумкин аст, зеро ба қавле – *"зарур бошад, раво бошад",* – мегӯянд.

Вале Самуил ба қавли худ устувор буд, ӯ ҳама гуна шубҳаро оид ба ин масъала решакан кард:

> "Ва ҳамин ки баровардани қурбонии сӯхтаниро анҷом дод, инак, Самуил омад; ва Шоул ба пешвози ӯ баромад, то ки ӯро табрик намояд. Ва Самуил гуфт: "Чӣ кардӣ?" Ва Шоул гуфт: "Чун дидам, ки қавм аз пеши ман пароканда мешаванд, ва ту дар мӯҳлати таъиншуда наомадӣ, ва фалиштиён дар Михмос ҷамъ шуданд, - ба дили худ гуфтам, ки алҳол фалиштиён ба муқобили ман дар Ҷилҷол фурӯд хоҳанд омад, дар сурате, ки ман ҳанӯз ба ҳузури Худованд илтиҷо набурдаам, бинобар ин ман ҷуръат намуда, қурбонии сӯхтаниро баровардам". Ва

> Самуил ба Шоул гуфт: “Беақлона амал кардӣ! Ҳукми Худованд Худои худро, ки Ӯ ба ту амр фармудааст, ба ҷо наовардаӣ, ва ҳол он ки алҳол Худованд подшоҳии туро бар Исроил то абад устувор мегардонид; вале алҳол подшоҳии ту устувор нахоҳад гардид; Худованд барои Худ шахси дигарро ба муддаои табъи Худ хоҳад талабид, ва Худованд Ӯро бар қавми Худ раис таъин хоҳад кард, зеро он чиро ки Худованд ба ту амр фармуда буд, ба ҷо наовардаӣ” (1 Подшоҳон 13: 10-14).

Рафтори анбиё чунин аст, ки онҳо ҳама гуна шубҳаро решакан карда, моро ба иҷро кардани аҳкоми Худованд бармегардонанд. Одамон ба осонӣ фаромӯш карда метавонанд, ки дар лаҳзаҳои мушкил Худо чӣ мехоҳад. Саҳлангорӣ ва норозигии Шоул, ки дар рафтори ӯ ифода ёфтанд, ба исроилиён аз он дарак доданд, ки дар лаҳзаҳои мушкил онҳо барои итоат кардан ё накардан ба Худо ҳаққи интихоб дошта метавонанд. Ин нодуруст аст! Итоат ба Худо дар ҳама вақт ва доимо муҳимтар аз ҳама чиз мебошад.

Саҳлангории Шоул ба тавр оддӣ нишони норасоии қанот дар хислати ӯ буд. Ӯ мехост, ки ҳама дар гирду атрофиёнаш дар таҳти назорат вай бошанд, вале шароит тамоман ба фоидаи ӯ набуд. Ӯ ба фишор, ки дилашро ба танг меовард, нафрат дошт, ва онро сабук кардан мехост. Эҳсоси норозигӣ ӯро аз оромише, ки ба он эҳтиёҷ дошт, маҳрум сохт.

Мо ҳама бояд як ҳақиқати оддиро дарк кунем: дар хидмати Худо мо ба мусибатҳо, озмоишҳо ва имтиҳонот дучор мешавем. Исо инро ба мо кафолат медиҳад: “Дар ҷаҳон ғаму кулфат хоҳед дошт” (ниг. Юҳанно 16:33). Мусибатҳо қуввати имони моро муайян мекунад. Агар мо мушоҳида кунем, ки имонамон ба ларза омада, ба суст шудан сар мекунад, пас ин чунин маъно дорад, ки вақти хитоб кардан ба Худо, ҷустани Каломи Ӯ ва даъват кардани Рӯҳи Ӯ расидааст. Чунин рафтор карда, мо аз санҷишҳо дар имон боз ҳам пурқувваттар шуда мебароем.

Имони мо моли гаронбаҳо буда, аз ҳамаи захираҳои рӯи замин қимматтар аст.

Тасаввур кунед, ки агар ягон кас ба шумо бизнес-плани бобарор ва пул барои маблағгузорӣ кардани он пешниҳод мекард, рафтори шумо чӣ гуна мешуд?

Шумо шикоят карда, мегуфтед: “Ин хеле мураккаб аст, заҳмати бисёрро талаб мекунад!”, ё шумо ин имкониятро маҳкам дошта, ба таври мақсаднок бо азму иродаи қавӣ барои амалӣ карданӣ ин нақшаи бебохт ҳаракат мекардед? Албатта, дар ин ҳолат ҳар касе аз мо бо умеди

даромади калон ба меҳнат кардан шурӯъ мекард.

Айнан ҳамин чиз дар вазъиятҳои мураккабе, ки мо ҳар дафъа дучор мешавем, рӯй медиҳад, ва ба ман бовар кунед, ки Худо ғамхорӣ мекунад, то ки шумо ба чунин вазъиятҳо дучор шавед. На барои он ки шуморо ғамгин созад, балки шумо *имони бузургеро чун мукофот* соҳиб шавед.

## Боз як сенарияи мушкил

Довудро, ки баръакси Шоул аст, тасаввур кунед. Ӯ бо мушкилиҳои боз ҳам зиёдтар рӯ ба рӯ шуда буд. Ӯро ҳама рад карданд, ва бо Ӯ танҳо шашсад нафар дӯстонаш боқӣ монданд. Он рӯз барои вай бебарор буд, аммо дар пеш ӯро санҷишҳои боз ҳам мураккабе интизор буданд. Онҳо ба Сиқлоҷ ба хонаҳои худ бармегарданд ва мебинанд, ки дар вақти набудани онҳо амолеқиён омада, тамоми чизҳои қиммат – занон, фарзандон ва моликияти онҳоро бо худ бурдаанд, чизҳои боқимондаро бошад, оташ задаанд. Ҳеҷ чизе боқӣ намондааст!

Оё тасаввур карда метавонед, ки Довуд чӣ гуна ҳиссиётҳоро аз сар мегузаронид? Ӯ дар биёбони Исроил бештар аз бист сол пинҳон мегашт. Дар давоми ин солҳо ӯ имконият надошт, ки бо оила ва дӯстони худ дидорбинӣ кунад ва якҷоя бо онҳо ба ибодат равад, аз муваффақиятҳо шодӣ кунад ё дар ҷашнҳои миллӣ иштирок намояд. Ӯ маҷбур буд, ки пинҳон шавад, ва баъзан аз сарбозони ботаҷриба ва бо таври махсус омӯзонидашудаи Исроил, ки вайро таъқиб карда, ба даст афтондан мехостанд, фирор кунад. Таъқибот он қадар хатарнок гардид, ки вай бо пайравони худ ва оилаҳои онҳо маҷбур буд дар сарзамини бегона ду соли пурра зиндагӣ кунад. Ин то кай давом мекунад? Куҷост мукофот барои хидмати Худо? Чандин бор Довуд имконият дошт, ки вазъиятро ба дасти худ гирифта, сардори Исроилро, ки Худо мутеъ намуда буд, бикушад. Он гоҳ тамоми бадбахтиҳои ӯ ва фишорҳо ба охир мерасиданд. Вале ӯ босадоқату қавиирода буд ва дар давоми чаҳордаҳ сол бо он чизе, ки дар ҳаёт дошт, қаноат мекард.

Акнун бозистед ва фикр кунед. Оё бо шумо чунин шуда буд, ки аллакай пас аз се ҳафтаи озмоиш таслим шудан хостед? Баъд аз се моҳ чӣ ё баъд аз се сол чӣ?

Се сол – ин барои бадбахтиҳои доимиро аз сар гузаронидан муддати дароз аст; аммо ин ҳам дар муқоиса бо он азобҳое, ки Довуд аз сар гузаронида буд, хеле ночиз аст. Шоул аллакай пас аз як ҳафта таслим шуд. Ӯ дар назари одамони худ, ки аз фармони Худо саркашӣ карда

буданд, ҳусни таваҷҷӯҳ ва ва мақоми баланд пайдо кардан хост. Ӯ содир кардани амалеро афзал донист, ки барои афзудани обрӯяш ва сабуктар кардани фишор имконият фароҳам меовард. Ӯ азму иродаи Худоро доир ба ин масъала ба ҳисоб нагирифт.

Ба саргузашти Довуд бармегардем. Ӯ бо одамони худ ба Сиқлоҷ баргашта мебинад, ки ҳама чизҳои ба қалби онҳо азизу қиммат нобуд шудааст. Вақте ки ин мардон чунин як воқеаи мудҳишро мебинанд, то ҳадди бемадорӣ чунон оҳу фиғон мекашанд, ки тамоман аз қувват мераванд. Довуд гумон карда метавонист, ки ӯ ба чоҳи бетаг афтодааст, вале ин ҳанӯз охири кор набуд. Дар пеш ҳоло санҷишҳои вазнинтаре мунтазир буданд. Акнун ин мардон, шашсад нафар дӯстони ӯ, чунон сахт ба хашм омаданд, ки қасди куштани ӯ карданд!

> “Ва Довуд бағоят ба танг омад, зеро ки қавм мехостанд ӯро сангсор кунанд, чунки тамоми қавм – ҳар яке барои писарону духтаронашон – талхком гардида буданд...” (1 Подшоҳон 30:6).

Дар ин гуна вазъияти хавфнок одамони Шоул рӯ ба гурез ниҳоданд. Ӯ худро танҳо ҳис кард, ӯ сахт барои сазовори эътироф, иззату эҳтироми ҳама будан эҳтиёҷ дошт. Ӯ ба ҷои он ки супориши Худоро иҷро кардан, илоҷи дигареро меҷуст.

Одамони Довуд рӯ ба гурез ниҳодан намехостанд, онҳо мехостанд, ки худи ӯро бикушанд! Довуд дар муқоиса бо Шоул ба вазъияти душвортаре афтода буд. Норозигии Шоул ӯро водор сохт, ки дар интизорӣ ба Самуил ӯ ба Худо эътимод накарда, роҳи осонтари ҳалли мушкилиро ҷустуҷӯ кунад. Довуд ба таври дигар амал кард:

> “Вале Довуд ба Худованд Худои худ таваккал намуда, қувват меёфт. Ва Довуд ба Абётори коҳин, ибни Аҳималик, гуфт: “Лутфан, эфӯдро назди ман биёр”. Ва Абётор эфӯдро назди Довуд овард. Ва Довуд аз Худованд пурсида гуфт: “Оё ин фавҷро дунболагирӣ намоям? Оё ба онҳо метавонам бирасам? Ва ба ӯ гуфт: “Дунболагирӣ намо! Зеро ки ҳатман ба онҳо хоҳӣ расид ва раҳо хоҳӣ кард” (1 Подшоҳон 30:7, 8).

Довуд аз мусибат гурехтан нахост, худхоҳӣ карда, нақшаи шахсии худашро фикр карда набаромад. Ӯ нагуфт: “Ба дилам зад! Ман ба ивази он, ки ҳамин қадар вақт ба Худо содиқона хизмат кардам, чӣ гирифтам? Ман

ба Ӯ солҳои беҳтарини ҳаёти худамро бахшидам. Вале Ӯ маро дар тобеияти золиме гузошт. Маҳз Ӯ зиндагии маро ба дӯзахи воқеӣ табдил дод!"

Довуд ҳеҷ гоҳ Худоро айбдор намекард. Ӯ барои дар қаср зиндагӣ кардан талош намекард. Дар вақти озмоишҳо вай имконият дошт, ки аз Шоул қасди худро ситонад ва ӯро бикушад, то тахту тоҷеро, ки Худо ба вай ваъда карда буд, соҳиб шавад. Вале на, ӯ Худоро интизор шуд, аммо Шоул чунин рафтор накард. Довуд худдорӣ мекард, аз ба тақдираш розӣ буд ва пеш аз ҳама фаҳмидани иродаи Худоро афзал медонист.

Вақти наҷот ва мадади Худованд албатта фаро мерасанд, вале то он дам барои беитоатӣ зоҳир кардан ба Худо имкон пайдо мешавад, ончунон ки дар биёбон, қабл аз он ки фариштаҳо омада, Масеҳро парасторӣ кунанд, шайтон Ӯро озмоиш карда, роҳи халосиро аз азоб ба Ӯ пешниҳод карда буд. Қариб ҳама вақт ҳамин тавр мешавад. Агар мо қонеъ ва ризоманд бимонем, он гоҳ барои таъмин намудани эҳтиёҷот ва пешбурди кор бо ихтиёри худ амал намекунем.

## Бозгашт ба воқеае, ки бо амалеқиён рӯй дода буд

Биёед ҳаёти Шоулро таҳлил мекунем ва ба воқеае, ки бо амлеқиён рӯй дода буд, таваҷҷӯҳ менамоем. Албатта, ин баъд аз вохӯрӣ бо фалиштиён ба амал омада буд.

Сабаби беитоатии Шоул дар воқеае, ки бо амолеқиён рух дод, дар чӣ буд? Барои чӣ вай, дар ҳоле ки фармони Худо ба вай пурра маълум буд, ба ҳаёти подшоҳи амолеқиён тараҳҳум кард ва ҳайвоноти фарбеҳро нобуд накард? Боз ғайр аз хислати тамаъкорона, ки аз саҳлангории Шоул ва аз беаҳамиятии ӯ ба иродаи Худо бармеомад, сабаби дигаре набуд.

Аввалан, барои чӣ вай подшоҳро зинда гузошт? Мағлуб кардани лашкари қавӣ – ин муваффақияти бузург аст, вале дар он давра, вақте ки подшоҳ дар ҷанг пирӯзӣ ба даст меовард, бисёр вақт ӯ подшоҳи мағлубгаштаро ба қасри худ меовард. Подшоҳи халқи шикастхӯрда дар кӯшки шоҳи музаффар ба ғанимати зинда монанд буд. Ҳар як нигоҳ ба вай ғалабаро аз болои як халқи пурра ба ёд меовард. Пешвоён ва хидматгорон ба чунин фикр боварӣ ҳосил мекарданд, ки сарвари онҳо чӣ қадар пурқувват аст. Ҳамаи ин барои мавқеъ ва мақоми худро мустаҳкам кардан як воситае буд, ва бешубҳа, барои сардоре, ки ба худ боварӣ надошт, аз ин кор фоида буд.

Дуюм, барои чӣ Шоул гӯсфандон, бузҳо, говон ва гӯсолаҳои фарбеҳро нобуд накард? Аз он сабаб ки ӯ дар назари сарбозони худ ва одамон

соҳиби обрӯю эҳтиром шудан хост. Агар вай ҳайвонҳои беҳтаринро, ки аз амолеқиён чун ғанимати ҷангӣ ба даст оварда буд, ба сарбозон тақсим карда медод, ӯ дар байни онҳо ҳамчун пешвои бузург ном мебаровард. Он гоҳ дар давраҳои оянда низ онҳо вайро ба хотир оварда, аз пурқувватии ӯ, аз усулҳои ҷангӣ ва хирадмандиаш ҳангоми мағлуб кардани як қавми пурра ифтихор мекарданд. Онҳо медиданд, ки Худо ҳамроҳи ӯст, ва ба қудрати ӯ шубҳа намекарданд.

Саул аз сабаби тамаъкории худ ҳамеша маҷбур буд, ки чӣ қадру манзалат доштани худашро исбот кунад. Ӯ ҳатто ба худ муҷассамае бунёд кард. Вақте ки набӣ омада, ӯро барои саркашӣ мазаммат намуд, Шоул нишон дод, ки вай дар бобати он ки дар назари пешвоёни худ, ва одамон чӣ гуна метобад, сахт ташвиш мекашад, вале аз беитоатӣ кардан ба Худо наметарсад (ниг. 1 Подшоҳон 15:30). Ба назари ӯ дер кардани Самуил, набии аз ҳама гиромитарин дар мамлакат, обрӯи вайро мерезонид, махсусан, вақте ки Самуил омада, вайро мазаммат кард. Ба ӯ ҷонибдорӣ ва бовариии роҳбарони қавм ва қудрат, ки дар асл ба вай аз тарафи Худо дода шуда буд, зарууртар аз ҳама чизи дигар ҳисоб мешуд. Ин тамаъкорӣ вайро ба саркашӣ ва беитоатӣ ба каломи Худо оварда расонд. Бо суханони дигар, Шоул ба иродаи Худо розӣ набуд.

## Манбаъ

Акнун равшан мегардад, ки бут барои мо ба манбаи қонеъ гардонидани ҳавасҳои тамаъкоронаи мо табдил меёбад. Ин хел чизҳо дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт ба амал омада метавонанд. Бут ҷоеро мегирад, ки дар асл ба Худо мансуб аст, ва барои мо сарчашмаи хушбахтӣ, ҳузуру ҳаловат, оромӣ, таъминот, қудрат, обрӯ ва ғайра шуда метавонад. Худо мегӯяд: “Бутҳо барои худ насозед...” (Ибодат 26:1). Мо барои худ бутҳо месозем ва на ҳама вақт аз санг, чӯб ва маъданҳои қимматбаҳо. Қуввати онҳо ба қалби шумо нигаронида шудааст.

Ҳама чизи дилхоҳ бут шуда метавонад, агар онро дар ҳаёти худ болотар аз Худо гузорем! Бут ҳамаи он чизҳоест, ки мо дӯст медорем ва хоҳонаш ҳастем, барояш эътимод дорем ва аз он миқдор вақте ки барои Худо супорида метавонем, барояш зиёдтар вақт ҷудо мекунем. Худованд ба зани ман ошкор кард, ки бутпарастӣ – ин ҳамон чизест, ки аз он қувват мегиред ва ба он қувват медиҳед. Вақте ки имондор ба қалби худ норозигиро роҳ медиҳад, ба бутпарастӣ меафтад ва роҳи қонеъ кардани

талаботҳои худро берун аз сарҳади итоаткорӣ ба Худо, шояд дар одами дигар, дар ким-кадом чизҳо ё корҳо меҷӯяд.

Хеле умедворам, ки акнун ба шумо фаҳмо шуд, ки бутпарастӣ – ин на фақат муҷассамаҳо, қурбонгоҳҳо ё маъбадҳои бутпарастӣ мебошад. Аз сабаби он ки мо ин гуноҳро фақат то ба ҳадди ин гуна тимсолҳо бурда расондаем, бисёриҳо огоҳиҳои ҷиддии Павлусро аз мадди назари худ дур мондаанд. Дар бобҳои минбаъда ошкор кардани ҷавҳари асосии бутпарастиро идома медиҳем ва қувваи харобиовари онро дар фарҳанги асри бисту як мушоҳида мекунем.

## АМАЛ КУНЕД

Моҳияти асосии бутпарастӣ аз он иборат аст, ки шумо аз ким-куҷое қувват ҷамъ мекунед ё ба ким-чӣ ё ба ким-кӣ, ғайр аз Худо қувват медиҳед. Бут барои мо сарчашмае мегардад. Ин ҳаргиз маънои онро надорад, ки ҳама бояд акнун зудтар аз кор хориҷ шаванд, то ки эътимоди худро ба Худо, ки ба ҷои соҳиби кор эҳтиёҷоти моро таъмин карда метавонад, нишон диҳем. Аммо бояд эътироф кард, ки Худо эҳтиёҷоти моро ба воситаи кор таъмин мекунад.

Мо мебинем, ки Худо ба воситаи оила ба мо муҳаббат ато мекунад, ва мо низ дар ҷавоб наздикони худро дӯст медорем, вале Худоро ҳамчун сарчашмаи муҳаббат эътироф ва эҳтиром мекунем. Ва, аз ҳама муҳимтар, мо Худоро ҳамчун сарчашмаи ҳаёт эҳтиром менамоем ва барои ҳамин ҳама гуна пешниҳодҳоеро, ки моро аз Ӯ дур сохта метавонанд, рад мекунем.

Умедворам, шумо акнун фаҳмида истодаед, ки бутпарастӣ – ин на фақат ибодат кардан ба бут мебошад. Аз Худо илтимос кунед, ки бутпарастӣ чӣ тавр ва дар куҷо ба шаҳр ва ҷамъияти шумо таъсир мерасонад, ва барои ин соҳаҳо тазарруъ кунед. Дуо кунед, ки Худо бо нури ҳақиқати Худ ба ин ҷойҳо равшанӣ бахшад, фарзандони Худро чун нур бифиристад ва Худро чун Худованд зоҳир кунад.

# 13

# КРИПТОНИТ

Биёед ба таври мухтасар мазмуни асосии чанд боби пештараро такрор мекунем.

Моҳияти бутпарастӣ – ин муҷассамаҳо, бутҳо, қурбонгоҳҳо ва бутхонаҳо намебошад. Онҳо фақат маҳсулоти иловагии масъалаи хеле амиқ мебошанд. Вақте ки инсон ба хотири қонеъ гардонидани талабот ва ҳавасҳои шахсие, ки ба иродаи Худо муқобил мебошанд, иродаи ошкорои Ӯро сарфи назар мекунад, ин бутпарастӣ аст. Нигоҳи ғалат ба Худо – ин меваи талхи тамаъкорӣ аст. Оқибат одаме, ки худро ба ҳукми бутпарастӣ месупорад, аз ҷониби Худо тарк мегардад ва ба табиати гунокоронаи худ супорида мешавад, то ки фирефтаи ҳавасҳои нопоки ҷисмонии худ шуда, корҳои нангин кунад. Шавқу рағбат ба ҳаловатҳо ва лаззатҳои дунявӣ ҳатман ба он бурда мерасонад, ки рӯзе марг меоварад, на ҳаёт.

То ҳамин андоза ин гуна ҳолат дар ҳаёти шахси имондор низ ба амал омаданаш мумкин аст. Вақте ки шахси масеҳӣ ба хотири қонеъ гардонидани ҳавасҳои пуршиддати худ он чиро ки Худо возеҳ нишон додаст, сарфи назар мекунад, худро ба ҳукми бутпарастӣ месупорад. Бинобар ин, моҳиятан, бутпарастӣ – ин беитоатии бошуурона нисбат ба иродаи Худо мебошад. Вақте ки имондор ба гуноҳ меафтад ва тавба мекунад, - ин масъалаи дигар аст. Шахси имондор ба гуноҳ дода шуда, бутпарастиро ба ҷо меоварад. Ин гуна мард ё зан ҳавасҳои худро аз

иродаи Худо болотар гузошта, барои худ буте меофарад.

Бутпарастӣ – ин криптонити рӯҳонӣ мебошад. Агар мо ба ақиб баргашта, дар бораи чанд мисол, ки дар бобҳои қаблӣ оварда шуд, фикррронӣ кунем, ба хулосае меоем, ки дар ҳар кадоме аз онҳо васвасаҳо ҷой доштанд. Оҳон дастури аниқ гирифт, ки ғаниматҳоеро, ки дар Ериҳӯ да ба даст оварда шуд, ба Худо бахшидан зарур аст. Аммо вақте ки айби ӯро фош карданд, ба гуноҳаш иқрор шуд: "Вақте ки дар миёни ғанимат... дидам, онҳоро тамаъ намуда, гирифтам..." (Еҳушаъ ибни Нун 7:21). Дар тарҷумаи англисии NLT навишта шудааст: "Ман онҳоро хеле сахт хостам".

Барои Оҳон хоҳишҳои ӯ назар ба талаботҳои Худо муҳимтар шуданд. Ба ӯ тарси парҳезгорона камӣ кард, ва ӯ дидаю дониста ба Худо беитоатӣ кард. Гуноҳи барқасдонаи ӯ ба ғайр аз *бутпарастӣ* чизи дигаре набуд, ва дар асл ҳам бошад *криптонити рӯҳонӣ* буд, ки на танҳо ба худаш ва оилааш, балки ба тамоми ҷамоат бало овард. Исроил суст шуд ва қавмҳои дигарро мағлуб карда натавонист.

Калисои қӯринтиён ба он чизҳое, ки Худо нишондода буд, беэътиноӣ зоҳир карда, аксар вақт ҳавасҳои ҷисмонии худро қонеъ мекарданд. Зиёда аз он, Павлус менависад: "Чунки шумо ҳанӯз ҷисмонӣ ҳастед..." (1 Қӯринтиён 3:3). Онҳо бахил буданд, дар байни онҳо ягонагӣ набуд, онҳо бо якдигар ҷанҷол мекарданд, ва дар маросими Таоми Шоми Худованд ҷамъ шудани онҳо на барои ба хотир овардани Исо буд. Онҳо барои қонеъ гардонидани иштиҳаи ҷисмонии худ ҷамъ мешуданд, бинобар ин дидаю дониста фармудаҳои илоҳиро вайрон мекарданд. Ана барои чӣ Павлус, ниҳоят, ба онҳо менависад: "Бинобар ин, эй бародаронам, вақте ки барои таоми шом ҷамъ мешавед, мунтазири якдигар бошед. Ва агар касе гурусна бошад, дар хонааш бихӯрад, то ки ҷамъ шуданатон сабаб маҳкумияти шумо нагардад" (1 Қӯринтиён 11: 33, 34). Аз сабаби тамаъкории онҳо бисёриашон сусту бемор буданд ва бармаҳал мемурданд. Онҳо на ончунон зиндагӣ мекарданд, ки сафирони Осмон зиндагӣ мекунанд.

Ин ба одамоне низ дахл дорад, ки барояшон Яъқуб навиштааст. Онҳо ба якдигар ҳасад мебурданд ва мағруру худписанд буданд, онҳо ҷанҷолу низоъ мекарданд. Яъқуб ба онҳо менависад: "Ҳавас мекунед – ва надоред" (Яъқуб 4:2). Боз мебинем, ки имондорон барои қонеъ гардонидани ҳавасҳои худхоҳонаашон айни ҳамон як гуноҳро содир мекунанд. Навиштаҷот онҳоро "зинокорон" ном мебарад, чунки

онҳо барои худ бутҳо сохта буданд. Ин чунин маъно надорад, ки онҳо муҷассамаҳо месохтанд, тӯморҳо меовехтанд, бутхонаҳо ва қурбонгоҳҳо барпо мекарданд. Гарчанде дар ин ҷо бевосита ёдрас карда нашудааст, аён аст, ки криптонити рӯҳонӣ ба ҳаёти онҳо роҳ ёфта, онҳоро аз зиндагии фавқуттабиӣ бо Худо бозмедошт.

Бутпарастӣ – ин на танҳо гуноҳ, ин гуноҳи *барқасдона ва дидаву дониста* мебошад. Моҳиятан, ин чунин маъно дорад, ки мо, новобаста аз фармудаҳои Худо, барои ба даст овардани чизе ё барои иҷро кардани коре, ки зарур мешуморем, саъй мекунем.

Ана чӣ тавр бар боғ ҳамаи ин чизҳо сар шуданд. Одам ва Ҳавво ба чизе, ки барояшон хуб, судманд, муфид, дилписанд ва донишафзо вонамуд шуд, иштиёқ пайдо карданд. Онҳо дидаю дониста ба Худо, ки возеҳу равшан барояшон сухан гуфта буд, беитоатӣ карданд.

Ҳамон лаҳзае ки мо ин гуна хоҳиш пайдо мекунем, фирефта мешавем. Мо самимона бовар мекунем, ки мо чун пештара дар назди Худо беайб ҳастем, гарчанде ки дар асл чунин нест. Ба Худо лозим меояд, ки ба назди мо сафир – ҳаввориӣ, набӣ, шубон ё рафиқеро, ки дӯстамон медорад ва дар ҳаққи мо хеле ташвиш мекашад, бифиристонад, то ки сухани ҳақро ба мо расонад. Аммо дар ҳамин ҳолат ҳам фиреб дар қалби мо қалъаи мустаҳкамеро барпо мекунад, ва гарчанде, ки вайрон кардани он имконпазир аст, кори осон нест. Дар боби аввали Нома ба Румиён гуфта шудааст, ки содиркунандагони чунин корҳо “ростиро бо шарорат поймол мекунанд” (ниг. ояти 18). Ҳақиқат дар бораи Худо ва роҳҳои Ӯ боздошта мешавад, аз ин рӯ фаҳмидан ва қабул кардани он душвор мегардад. Минбаъд ин одамон “... Ӯро чун Худо ситоиш накарданд ва шукр нагуфтанд, балки хаёлоти онҳо ботил, ва дили бефаросаташон тира шуд” (Румиён 1:21, 22). Ҳақиқат аз назарҳо пинҳон мешавад ва дар бораи Худо таълимотҳои нави таҳрифкорона, ки ба гуноҳ иҷозат медиҳад ва роҳи зиндагиро ғалат тасвир мекунанд, пайдо мешаванд.

Имондоре, ки ба доми бутпарастӣ афтодааст, аз одами беимон ҳеҷ фарқе надорад. Бишнавед, ки Яъқуб чӣ мегӯяд: “Иҷрокунандагони калом бошед, на фақат шунавандагоне, ки худро фиреб медиҳанд” (Яъқуб 1:22).

Вақте ки мо Каломи Худоро аниқ мешунавем ва иҷро намекунем, бо мо чизе рӯй медиҳад: пардае бо номи “фиреб” қалби моро мепӯшад. Он гоҳ мо сидқан бовар мекунем, ки дар назари Худо, Исо ва Малакут беайб ҳастем, гарчанде ки дар асл мо аз Худо рӯй гардонда, ба роҳи каҷ

равона шудаем. Маънои калимаи “фиреб”, яъне ин “ба касе маҷбуран чизи дурӯғ ва носаҳеҳро ҳамчун чизи рост ва саҳеҳ қабул кунонидан” (аз рӯи шарҳу тавзеҳи луғати тафсирии Мэриам-Уэбстер). Намедонам, ки оё ин чиз дар шумо тарси солимро, чуноне ки дар ман аст, бедор мекунад ё не, вале умед дорам, ки бедор мекунад. Ба беитоатии барқасдона беаҳамиятӣ кардан дуруст нест. Агар мо суханони огоҳкунандаи Аҳди Ҷадидро, бо баҳонаи он ки ҳама чиз аз рӯи файз, раҳмат ва муҳаббати Худо аст, ба назар нагирем, худамонро гумроҳ месозем. Аз хотир набароред, ки Худо дар Аҳди Ҷадид файзу раҳмат ва муҳаббати Худро намоён карда бошад ҳам, дар баробари ин хатари беитоатии бардавомро низ ошкор намудааст.

Мо наметавонем он қисмҳои Навиштаҷотро, ки ба мо маъқул аст, ҷудо карда гирем, ва он қисмҳоеро, ки ба мо маъқул нест, сарфи назар кунем ё партофта гузарем. Чунин тарзи тафаккур худ аз худ фиреб аст. Мо бояд ҳамаи панду насиҳатҳои Каломи Худоро қабул кунем. Мутаасифона, дар замони ҳозира мо дар калисои муосир мубталои вабо шудаем ва ростиро ба назари эътибор намегирем. Ин ҳаргиз на аз сабаби он рӯй медиҳад, ки худи Худо ростиро аз мо пинҳон медорад, балки сабаб он аст, ки дар калисо доимо бутпарастӣ мавҷуд мебошад.

Баъдтар Яъқуб давом медиҳад:

> “Зеро, касе ки каломро мешунаваду иҷро намекунад, ба шахсе монанд аст, ки тарҳи рӯяшро дар оина мебинад: ба чеҳраи худ нигоҳ карду рафт, ва дарҳол фаромӯш кард, ки он чӣ гуна аст” (Яъқуб 1:23, 24).

Одамоне, ки Каломи Худоро мешунаванду иҷро намекунанд, фаромӯш мекунанд, ки онҳо дар Масеҳ кӣ ҳастанд. Онҳо дар калисо, гурӯҳҳои хонагӣ, ё дар ҷамъомадҳо – дар он ҷойҳое, ки Каломи Худо мавъиза карда мешавад, бо тарзи махсус рафтор мекунанд, вале аз ин ҷамъомадҳо баргашта, аз ҳеҷ кадом як одами беимон ҳеҷ гуна фарқияте нишон намедиҳанд. Каломи Худо – ин оина аст, бинобар ин дар наздаш истода, одамон мувофиқи он рафтор мекунанд. Бо ҳамин тариқ оқибат онҳо водор мешаванд, ки таълимоти нодурустеро фикр карда бароянд, то фаҳмонида тавонанд, ки ба мисли ҳамаи дигар одамони ҷаҳон рафтор кардан ҳеҷ бадие надорад. Мо мегӯем: “Масеҳиён аз беимонҳо

ҳеҷ фарқе надоранд, ба ҷуз он ки мо бахшида шудаем, вале онҳо не" ё: "Худо медонад, ки табиати мо пургуноҳ аст, ва дар ин ҳаёт мо ҳеҷ гоҳ комилан пок зиндагӣ карда наметавонем. Ана барои чӣ Ӯ моро бо файзи Худ наҷот додааст".

Дар Навиштаҷот дар номаҳои ҷудогонаи Аҳди Ҷадид баъзе оятҳоро барои тасдиқ кардани чунин таълимот пайдо кардан мумкин аст, вале он гоҳ лозим меояд, ки бисёр одамон ба ин таълимоти дурӯғ бовар кунонида шаванд.

Моро лозим аст, ки қарор қабул кунем:

- Наход ки мо дар доми гуноҳ зиндагӣ кардан мехоҳем?
- Оё мо мехоҳем, ки таъсири криптонит мо, фиристодаҳои фақуттабиии Худоро аз қувват маҳрум созад?
- Наход ки мо хеле поёнтар аз он дараҷае зиндагӣ кунем, ки барояш офарида шуда будем, то ки фақат таълимоти дурӯғро пайравӣ кунем?
- Наход ки мо ба мисли ҳамаи одамони ҷаҳон зиндагӣ кунем, ва сипас осонакак аз ин ҳаёт ба осмон равем.
- Ё мо мехоҳем бубинем, ки чӣ тавр биниши маъбади (Калисои) пурҷалоли охирин, ки мо дар борааш аз бобоҳои пештара хондем, ба амал омада, Малакут васеъ мешавад?

Мо дар зери таъсири криптонит монда, қуввати муҳими фавқуттабиӣ, иштиёқ, ҳарорат ва қобилиятеро, ки бо воситааш ҷаҳонро дигар кардан мумкин аст, аз даст медиҳем. Мо, аслан, ҳақиқатро хомӯш мегардонем. Мо онро боздошта, Исоро аз назари ҷаҳониён пинҳон мекунем. Ана барои чӣ Павлус, ниҳоятан, ба қӯринтиён муроҷиат мекунад:

> "Ба таври бояду шояд эҳтиёт шавед ва гуноҳ накунед; зеро, барои хиҷил шуданатон мегӯям, ки баъзеҳо Худоро намешиносанд!" (Қӯринтиён 15:34).

Ӯ ба аҳли ин калисо мегӯяд, ки онҳо қобилияти чун Исо зиндагӣ карданро доранд, аммо то ҳол ба бутпарастӣ машғул ҳастанд. Онҳо ба монанди пештара фикр мекунанд. ки ба хотири корҳои муҳими худ ҳақиқати рӯирости Каломи Худоро ба назар нагирифтан мумкин аст. Онҳо гӯё бо Каломи Худо бозӣ мекунанд, ҳақиқатро дар ҳаёти худ хомӯш

кардаанд ва дар натиҷа лангида роҳ мераванд, қувват надоранд ва барои дигаргунӣ овардан ба ҷамъият таъсир намегузоранд.

Ин фоҷиаест дар сатҳи гуногун, вале бадтар аз ин, одамоне, ки бо ин бутпарастон паҳлӯ ба паҳлӯ зиндагӣ мекунанд, Худоро намешиносанд ва Исоро намебинанд. Ана чӣ тавр ин оят дар тарҷумаи синодалӣ садо медиҳад: "Чуноне ки лозим аст, ҳушёр бошед, ва гуноҳ накунед; чунки барои шармсор кардани шумо мегӯям, баъзе аз шумоён Худоро намешиносанд". Бо ибораи дигар, Павлус ба калисо мегӯяд: "Танҳо дар шумо одамони роҳгумзадаи Қӯринт Исоро дида метавонанд. Агар онҳо нишонаи қувваи эҳёкунанда ва табиати Ӯро дар шумо набинанд, дар ҳеҷ ҷои дигар дида наметавонанд. Чаро шумо ҳақиқатро хомӯш мегардонед? Шумо ин корро на танҳо ба зарари худатон ва калисоятон, балки ба зарари одамоне мекунед, ки дар ҷамъияти шумо то ҳол наҷот наёфтаанд".

Агар мо бо Худо пайванд бошем, пас мо бо худи ҳаёт дар сулҳу осоиштагӣ ҳастем.

Оё шумо фикр кардаед, ки чаро одамони гумроҳи гирду атрофамон ба мо эътибор намедиҳанд, ё фақат ҳамон вақт аҳамият медиҳанд, ки ягон чизи камаҳамияти ҳаёти мо ба онҳо писанд ояд? Шояд, ҳаҷв, фикрҳои оқилона, ҷашнҳои хоксорона ва боодобонаи мо, вақтхушӣ ва мусиқие, ки мо менавоем ба онҳо писанд меояд? Оё пеш ҳама онҳо Подшоҳи зинда ва тавоноро дар ниҳоди мо ё дар байни мо мебинанд? Калисои аввадаро тасаввур кунед: онҳоро доимо чунон "худоён" меномиданд, ки онҳо маҷбур буданд ба замин афтода, айнан фарёд зананд: "Не, мо худоён нестем! Мо фарзандони Худои Қодир мебошем".

Вақте ки мирисади лашкари румӣ ба назди пои Петрус афтод, ӯ гуфт: "Бархез, зеро ки ман низ инсон ҳастам" (Аъмол 10:26).

Павлус ба тамоми сокинони Лустра фарёд зад: "Чаро чунин мекунед? Мо худоён нестем!" (Аъмол 14:14, 15, тарҷума аз англисӣ, MSG).

Дар Малит фикри сокинон "... дигаргун шуд ва гуфтанд, ки ӯ Худое мебошад" (Аъмол 28:6).

Дар "Навигариҳои бегоҳӣ" дар Таслӯникӣ хабар доданд: "Онҳое, ки тамоми оламро зеру забар карданд, ба ин ҷо низ омаданд" (Аъмол 17:6).

Сокинони Ерусалим мегуфтанд: "Мардум онҳоро ситоиш мекарданд" (Аъмол 5:13).

Чунин навигариҳо дар Қӯринт набуданд, чуноне ки дар ҷамъияти кишварҳои ғарбӣ нестанд. Магар аз он сабаб нест, ки мо бо криптонит созиш кардаем? Ман фикр мекунам, ки мо ба вайрон шудани смартфоне, ки паёмакро ҳуруфчинӣ карда наметавонад, розӣ шудем. Беҳтар мебуд, агар ба мо мегуфтанд, ки он пурра аз кор баромадааст, то ки барои бе он зиндагӣ кардан ҳам розӣ шавем.

Ман ҳаргиз тарафдори он нестам, ки ба вазъияти мавҷуда розӣ шавем. Ман қобилияти ҳаётӣ, ҷидду ҷаҳд, қувват ва лаёқатеро, ки барои ба дунёи гумроҳ нишон дода тавонистани Подшоҳ ва Наҷотбахши зинда Худо ба ман додааст, аз даст додан намехоҳам. Ман боварӣ дорам, ки бисёр одамон аз ҳаёти якрангу бемаъно дилгир шудаанд, онҳо дар зиндагӣ хоҳони чизи бузургтаре мебошанд.

Ман эҳсос мекунам, ки аз рӯи супориши Худо вақти илоҳӣ барои навиштани ин нома ба шумо маҳз имрӯз аст. Агар шумо аз зиндагие, ки ғарқи ифлосӣ, хокрӯба ва партовҳои замони муосир мебошад, розӣ нестед, пас ин паёми ман барои шумо аст. Агар шумо талабгори ҳаёти барҷаста ва саршор аз қувват бошед, ин паём барои шумост.

Падари Осмонии шумо бароятон зиндагии дигареро хоҳон аст, ва на танҳо хоҳон аст, балки бо шавқи зиёд дидан мехоҳад, ки шумо чӣ тавр бо ҳаёти барҷаста зиндагӣ мекунед! Ӯ мехоҳад, ки шумо табиат ва қуввати илоҳиро бештар аз он андозае, ки худатон мехостед, бештар эҳсос кунед.

Худо ягон чизро боздошт намекунад. Агар моро ягон чиз боздошт кунад, ин фақат бутпарастии худи мо мебошад.

## III

Ба пеш ҳаракат карданро давом дода, мо моҳияти фиребро, ки дар калисои муосир бисёр одамонро кӯр кардааст, амиқтар дида мебароем. Мо мебинем, ки ба сифати масеҳияти муқаррарӣ чизеро қабул дорем, ки ба талаботи осмон мувофиқ нест.

Моро даъват, рисолат ва супориши бузурге интизор аст. Вақти он расидааст, ки хоби сакта ва беитоатиро аз худ афшонда, шукӯҳ, ҷалол, ҳашамат ва қувват, яъне Исои Масеҳро дар бар кунем.

## АМАЛ КУНЕД

Вақте ки мо қалби худро барои Каломи Худо мепӯшем, он гоҳ бутпарастӣ сар мешавад. Решаи ҳама гуна бутпарастӣ ҳамин аст. Маҳз барои ҳамин Худо ба қавми Исроил гуфт, ки дилҳоятонро тоза кунед, на либосҳоятонро. Ӯ толиби тавбаи рӯякӣ набуд, чунки тавбаи рӯякӣ қодир нест, ки решаи муамморо дигар кунад, – дилҳои сахти онҳо шунидани садои Худо ва пайравӣ кардани Ӯро бас карданд.

Дар боби 8-уми китоби Такрори шариат мо мебинем, барои чӣ Худо Исроилро интизомнок мекард: Ӯ мехост онҳо донанд, ки одам на танҳо бо нон зинда аст, балки бо ҳар каломе, ки аз даҳони Худо мебарояд. Мутобиқи Каломи Худо зиндагӣ кардан, садои Ӯро сарчашмаи зиндагии худ гардонидан – ҳамаи ин гарави ҳимоят аз бутпарастӣ ва ҳаёти пурқувват мебошад, ки ба он моро Ӯ даъват кардааст.

То кадом андоза овози Худо барои ҳаёти шумо аҳамиятнок аст? Кай бори охирин шумо барои қабул кардани қарор аз ӯ маслиҳат пурсидед? Вақте ки шумо дуо мехонед, танҳо худатон гап мезанед ё сӯҳбат мекунед? Айнан ҳозир вақт ҷудо кунед ва Худоро даъват кунед, ки бо шумо сӯҳбат кунад. Хомӯш нишаста, ба садои Ӯ гӯш диҳед. Бо сӯҳбат кунед, ва ҳангоме ки тамом кардед, он чизҳое, ки Ӯ ба шумо мегӯяд, бинависед.

14

# ГУНОҲ

*Гуноҳ.* Оё мо ҷуръат мекунем, то ки дар бораи он гап занем? Мо гумон мекунем, ки ин мавзӯъ ихтилофҳои хеле зиёд дорад. Барои чӣ мо намехоҳем, ки душмани худро рӯ ба рӯ донем ва барои чораҷӯӣ кардан имконият пайдо кунем, то ки бар ӯ ғолиб оем?

Мафҳуми "гуноҳ"-ро дар гуфтугӯҳо ва мавъизаҳо аксар вақт пардапӯшона истифода мебаранд ё барои эҳтиёт кардан аз эҳсоси дарднок, ки он дар айбҷӯиҳои шаръӣ, таълимотҳо ва мавъизаҳо оварда метавонад, аз истифода бурдани ин мафҳум худдорӣ мекунанд. Биёед мебинем, ки дар ин бора Навиштаҷот чӣ мегӯяд.

> "Балки гуноҳҳои шумо дар миёни шумо ва Худои шумо ҷудоӣ андохтааст..." (Ишаъё 59:2).

Дар забони ибрӣ калимаи "гуноҳҳо" – авон аст. Ин яке аз калимаҳои асосиест, ки барои ифода намудани мафҳуми гуноҳ дар Аҳди Қадим истифода бурда шудааст. Аммо дар луғати WSWTDICT ин калима "гуноҳеро мефаҳмонад, ки бадӣ мебошад, зеро ки ба андозаи хеле зиёд маънои қасдан таҳриф кардан ва ғалат маънидод намуданро медиҳад". Гуноҳи *барқасд,* ё чуноне ки мо онро ном бурдем – *криптонити рӯҳонӣ,* – моро аз Худо ҷудо мекунад. Он моро аз амалҳои некӯкорона, ки барои ҳаёти парҳезгорона зарур аст, дур месозад. Вақте ки мо бе ягон пушаймонӣ ба

гуноҳ дода мешавем, ба доми бутпарастӣ меафтем ва ба зани зинокор табдил меёбем.

Дар Аҳди Ҷадид барои ифода намудани мафҳуми “гуноҳ” калимаи hamartia (ҳамрешаи феъли hamartano) истифода бурда мешавад. Ин ду калима дар Аҳди Ҷадид бисёртар алоқамандона ба гуноҳ мавриди истифода қарор мегиранд. Аз рӯи луғати WSNDICT ҳар касе, ки ба hamartia машғул мешавад, “интиҳои ҳақиқӣ ва миқёси умумии ҳаёти худро, ки Худо аст, аз даст медиҳад”.

Як лаҳза китобро як сӯ гузошта, дар ин бора андеша кунед! Гуноҳ содир намуда, дар асл, мо аз хатти ҳаракат, ки аз он (агар аз рӯи ақл рафтор мекардем) ҳеҷ гоҳ дур намешудем, берун мебароем. Мо аз Сарчашмаи ҳаётамон ҷудо мешавем – хурсандӣ, оромӣ, хирад, қаноатмандӣ, некӯаҳволӣ ва бисёр чизҳои дигарро гум мекунем. Рӯйхатро беохир давом додан мумкин аст.

Аксар муаллимон шарҳ медиҳанд, ки гуноҳ ба *“нарасидан ба ҳадаф”* монанд аст. Чунин тасриф дақиқ аст, вале бо вуҷуди ин дар бораи маънои асосии калимаи “гуноҳ”, ки ман қаблан зикр кардам, фикрронӣ кунед, ва бигӯед, ки оё ба назари шумо, тасвияи “ба ҳадаф нарасидан” дар ҳақиқат табиати хатарноки гуноҳро фаҳмонида метавонад?

Дар Аҳди Ҷадид боз вариантҳои дигари мафҳуми гуноҳ, ба монанди ҷиноят, ҷурм, рафтори ноинсофона ва қоидавайронкунӣ истифода бурда мешаванд. Гарчанде ки ман нияти тадқиқ кардани ҳар кадоми ин калимаҳоро надорам, ҷиҳатҳои асосии гуноҳ ва қуввати дилфиреби онро, ки одамонро аз сарчашмаи ҳаёти ҳақиқӣ дур месозад, баён мекунам.

Гуноҳ ба қобилияти ҳаётгузаронӣ, муҳаббат, қувват, солимфикрӣ, иштиёқ ва мақсади мо ҳамла мекунад. Хато накунед, гуноҳ хатарнок ва зарарнок аст. Он дилписанд буда метавонад, вале танҳо барои вақти кӯтоҳ. Дар асл, ширкат дар гуноҳ – ин иваз кардани чизи мусбии кӯтоҳмуддат ба чизи манфии дарозмуддат мебошад, чунки гуноҳ моро бо оқибатҳои дарозмуддати марг неш мезанад. Ҷисми мо ба он майл дорад, вале чун махлуқи нав дар Масеҳ, ки табиати нави Худоро дорад, мо андарунамон барои содир кардани он хоҳиш надорем ва қудрат дорем, ки ҳаваси онро аз худ дур кунем.

Худо ба Қобил гуфт: “... гуноҳ дар сари остона аст, ва иштиёқманди туст, вале ту бар вай ҳукмфармо шав” (Ҳастӣ 4:7). Диққат диҳед, ки гуноҳ

ба воситаи ба ҳаёти инсон ворид шуда метавононад. Ин дар “ҳавас” ном дорад, ва Яъқуб менависад: “Баъд ҳавас, ҳомила шуда, гуноҳро ба дунё меоварад” (Яъқуб 1:15). Ин дар вобаста ба қарорҳое, ки нисбат ба ҳавасҳо аз тарафи мо қабул карда мешаванд, ё кушода, ё баста мебошад. Гуноҳ мехоҳад, ки моро таҳти назорати худ гирад. Вай низ хоҳиш дорад. Хоҳиши вай моро ғулом гардонидан аст. Исо огоҳ мекунад: “Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳар кӣ гуноҳ мекунад, ғуломи гуноҳ аст...” (Юҳанно 8:34).

Павлус суханони Исоро ба мо, имондорон, мерасонад: “Оё намедонед, ки ба ҳар кӣ шумо худро чун бандагон барои итоат таслим кунед, бандагони ҳамон кас гардида, ба вай мутеъ мешавед, хоҳ гуноҳе барои мамот бошад, хоҳ итоате барои адолат?” (Румиён 6:16). Агар ин нокифоя аст, Петрус дар бораи гуноҳи такроршаванда мегӯяд: “... ҳар кӣ касеро мағлуб карда бошад, ҳамон кас ғуломи ӯст” (2 Петрус 2:19). Дар ғуломӣ ҳеҷ чизи хубе нест ва гуноҳ хӯҷаини бераҳм аст. Бо вай бозӣ кардан нашояд, фаромӯш набояд кард, ки он марговар аст. Вай боз ҳам бештар ҳавасҳоро ба бор меоварад ва моро оҳиста-оҳиста ба сӯи ҳалокат мебарад.

Гуноҳ нияти ғулом гардонидани моро ошкоро нишон намедиҳад. Вай назарфиреб аст, дилҳоямонро сахт гардонида, моро идора мекунад (ниг. Ибриён 3:13), барои эҳсос кардан, қабул намудан ва шунидани роҳнамоии Рӯҳулқудс ба мо халал мерасонад. Гуноҳ, ба бутпарастӣ, ки зараровар аст, ҷалб карда, моро аз роҳ мезанад. Ба хотир оред, ки Худо ба Сулаймон шахсан ду бор зоҳир шудааст. Фақат тасаввур кунед! Бо вуҷуди ин баъдтар ин подшоҳ ба бутпарастӣ машғул шуд. Шумо мегӯед: Чӣ тавр одаме, ки Худоро дидааст, худоёни дурӯғро парастиш карда метавонад? Аз сабаби фиреб. Агар ин бо Сулаймон, ки Худоро дидааст, рӯй дода бошад, ин то чӣ андоза бо мо, ки Худоро надидаем, рӯй дода метавонад?

Гуноҳ – ин шӯхӣ нест. Вай пурқувват аст ва зуд қалби одамро дигар карда метавонад. Аз ҳама даҳшатовараш он аст, ки вақте қалбҳои мо фирефта шуда, сахт мегарданд, фикр мекунем, ки мо ҳақ ҳастем, гарчанде ки дар асл чунин нест. Мо ба кӯри раҳгумзада табдил меёбем. Ҳеҷ гоҳ ба чунин дӯрӯғ, ки мо бо файз пӯшонида шудаем, ва, гӯё агар гуноҳ содир кунем ҳам, дар охир ҳамааш аздусар хуб мешуда бошад, фирефта нашавед. Чунин муносибат кардан ба гуноҳ – бо оташ бозӣ кардан аст. Иҷозат диҳед, ки ба шумо фаҳмонам.

Гуноҳи *барқасдона* ба гуноҳи *доимо такроршаванда* мебарад. Раванди мазкур бо чунин тарз рӯй медиҳад. Мо аввалин бор гуноҳ мекунем, ва

виҷдонамон моро мазаммат мекунад. На бо овоз, балки аниқтараш бо эҳсоси нохуш. Қалби мо бо лафзи шифоҳӣ фарёд мезанад: "Ту ба ҳадаф нарасидӣ, ту ба роҳи каҷ равона шудӣ, ту ба воситаи тавба ва тазарруъ бояд роҳи худро рост гардонӣ!" Агар мо дар ин зина самимона тавба карда, аз гуноҳ рӯй гардонем, қалби мо пок мешавад, ва мо ба овози Рӯҳулқудс ҳассос мемонем. Дар Навиштаҷот гуфта шудааст: "Касе ки ҷиноятҳои худро пинҳон дорад, муваффақият намеёбад, вале касе ки иқрор шавад ва онҳоро тарк кунад, сазовори раҳм мегардад" (Масалҳо 28:13).

Аммо агар ба садои виҷдон беэътиноӣ кунем, қалбамонро парда мепӯшад (мо оиди ин дар бобҳои гузашта гуфта будем). Вақте ки мо бори дигар ба Худо беитоатӣ мекунем, аллакай нороҳатии сахтро эҳсос намекунем. Аниқтараш, танҳо овози хеле паст, ҳамчун "зиреба", ки моро аз дарунамон нороҳат мекунад, боқӣ мемонад. Мо шуниданро бас мекунем, чунки виҷдон тадриҷан ҳассосияташро гум мекунад. Бо вуҷуди ин мо ҳоло ҳам бахшиш талаб карда, агар дар ҳақиқат аз сидқи дил муносибати худро ба гуноҳ тағйир диҳем, аз нав барқарор шуда метавонем.

Вале агар ба овози мазамматкунандаи виҷдонамон беэътиноӣ карданро давом диҳем, пас боз як пардаи дигаре қалби моро мепӯшонад, ва қобилияти ҳис кардан боз кундтар мешавад. Бори дигар нисбат ба Каломи Худо беитоатӣ карда, мо нихтаи хеле сабуки виҷдонро ҳис мекунем. Ҳассосияти он қариб нест шудааст, бинобар ин шунидани овози Худо боз ҳам мушкилтар мешавад. Мо ҳоло ҳам бахшиш талаб карда, агар дар ҳақиқат за сидқи дил муносибати худро ба гуноҳ таъғир диҳем, аз нав барқарор шуда метавонем, вале акнун ба айби худ иқрор шудан хеле мушкил мегардад. Агар мо боз дафъаи дигар ба овози мазамматкунандаи виҷдонамон беэътиноӣ карданро давом диҳем, пас боз як пардаи навбатӣ қалби моро мепӯшонад. Ҳамин тавр бо мурури вақт дар охир виҷдони мо нисбат ба бутпарастӣ карахту беҳис мешавад ва онро пайхас намекунад. Мо ҳиссиёти пешинаро фаромӯш мекунем ва ҳассосиятро нисбат ба Рӯҳулқудс гум мекунем. Акнун мо мунтазам, мазамматро ҳис накарда, гуноҳ содир кардан мегирем. Мо ба ҳолати гуноҳи доимо такроршаванда афтода мемонем. Мо ҳоло ҳам бахшида шуда, аз нав барқарор шуда метавонем, аммо бо душворӣ дар мо чунин хоҳиш пайдо мешавад, чунки мо гуноҳро чуноне ки ҳаст, дида наметавонем.

Дар қадами минбаъда Худо набӣ, шубон ё рафиқеро барои кӯмак расондан ба назди мо мефиристад. Агар мо ба он фиристода гӯш

накунем, Худо боз як қадаме ба пеш мениҳад, то ки моро аз ғафлат раҳо кунад. Ӯ дар ҳаёти мо ба вазъиятҳои мушкил, озмоишҳо, ҳатто фалокатҳо роҳ медиҳад, то ки диққати моро ҷалб намояд. Довуд мегӯяд: "Пеш аз он ки ба залолат афтам, ман саҳв менамудам; вале акнун сухани Туро нигоҳдорӣ мекунам" (Забур 118:67).

Биёед иқрор мешавем, ки аз ҳама беҳтар мо аз Худо омӯхта метавонем, агар ба он чизҳое, ки Ӯ ба мо ошкор мекунад, гӯш андозем, аз гуноҳ дур буда метавонем. Вале агар мо чунин накунем, Ӯ аз рӯи муҳаббати бепоёни Худ бо мақсади омӯзонидан ва баргардонидани мо ба роҳи ҳаёт, мусибатҳо ва озмоишҳоро истифода мебарад. Ана дар тарҷумаи нави Китоби Муқаддас ин оят чӣ тавр навишта шудааст: "Пеш аз он ки Ту маро ҷазо додӣ, ман гумроҳ будам, вале акнун сухани туро нигоҳдорӣ мекунам".

Агар мо боз ба суханони Павлус, ки ба қӯринтиён гуфта шуда буд, таваҷҷӯҳ кунем, айни ҳамон кӯшишҳои Худоро барои ба роҳи рост баргардонидани мо дида метавонем. Ӯ ба калисои қӯринтиён муроҷиат мекунад: "Модоме ки ба доварӣ дучор шудаем, аз Худованд ҷазо мебинем, то ки бо аҳли ҷаҳон маҳкум нагардем" (1 Қӯринтиён 11:32). Худо умед дорад, ки ба воситаи озмоишҳо, азобҳо ва мусибатҳо, ки Ӯ ба ҳаёти мо роҳ медиҳад, диққати моро ба ҷалб мекунад, то ки мо аз роҳи мамот ба роҳи ҳаёт баргашта тавонем.

Андешаҳои ба ҳамин монандро мо дар суханони дигари Павлус, ки ба калисои қӯринтиён навишта буд, дида метавонем. Ӯ дар бораи шахсе, ки бо модарандари худ алоқа дошт, чунин гуфта буд: "Шумо бояд он шахсро барои ҷазои ҷисмонӣ, ба хотири наҷоти рӯҳи ӯ дар рӯзи Худованд Исо ба шайтон партоед (то ҳавасҳои ҷисм, ки ӯро ба гуноҳ тела медиҳанд нобуд карда шавад) (1 Қӯринтиён 5:5, тарҷума аз англисӣ, AMPC). Падари калисо навиштааст, ки "шумо бояд он шахсро партоед". Бо ин фармон ӯ на танҳо калисои қӯринтиёнро бар оқибати гуноҳи зуд паҳншаванда аз фосидшавӣ нигоҳ дошт, балки вай ин корро ба хотири ҳамон одаме анҷом дод, ки дар гуноҳ зиндагӣ мекард.

Худо фарзандони Худро самимона ва хеле сахт дӯст медорад. Маҳз барои ҳамин Ӯ, вобаста ба он ки мо то кадом дараҷа асири доми гуноҳ ҳастем, бо роҳҳои гуногун мехоҳад, ки моро аз ғафлат бедор кунад. Дар асл, аз ҳама чизи асосӣ барои Ӯ – ин тамоми ҳаёти мо мебошад, на ҳузуру ҳаловати ҳозира.

Дар Нома ба Ибриён суханҳое навишта шудааст, ки таъсири гуноҳро ба мо нишон медиҳанд:

> "... Ҳар бори гарон ва гуноҳро, ки моро фаро мегирад, аз худ дур андохта, майдони дар пеши мо бударо давон-давон тай кунем" (Ибриён 12:1).

Ба ибораи "моро фаро мегирад" таваҷҷӯҳ кунед. Гуноҳе, ки маро фаро мегирад, тамоман шарт нест, ки айнан ҳамон гуноҳе бошад, ки шуморо фаро гирифтааст. Дар мавриди ман ин на майпарастӣ, ҳирс, нашъамандӣ, ғайбат ё ягон ким-кадом гуноҳҳои ошкоро, балки порнография буд. Ин дар ҳаёти ман муҳорибаи хеле сахте буд, ва ман дар боби оянда нақл мекунам, ки ман чӣ тавр дар соли 1985 аз ин хӯҷаини бераҳм халос шудам. Фаҳмидан зарур аст, ки мо бештар дар зери чӣ гуна васвасаҳо қарор дорем, ва бояд илоҷе карда, роҳи онҳоро ба ҳаёти худ бандубаст кунем. Исо гуфтааст:

> "Ва агар дастат туро ба васваса андозад, онро бибур: барои ту беҳтар аст, ки маъюб шуда ба ҳаёт дароӣ, аз ин ки бо ду даст ба дӯзах равона шавӣ, дар оташе, ки хомӯшнашаванда аст... Ва агар поят ба васваса андозад, онро бибур... Ва агар чашмат туро ба васваса андозад, онро бикан..." (Марқӯс 9:43, 45, 47).

Исо намегӯяд, ки мо бояд айнан дасту поямонро бибурем ё чашмамонро биканем. Ӯ таъкид месозад, то мо бояд решаи имкониятҳоро барои гуноҳе, ки моро ба доми худ кашида метавонад, бибурем. Ман рафиқони зиёде дорам, ки дар вақтҳои пештара аз майпарастӣ азоб мекашиданд, кӯмак расонидан ба яке аз онҳо барои раҳоӣ аз тобеияти ин гуноҳ бароям шарафи бузурге буд. Акнун Ӯ ҳатто аз чашидани май худдорӣ мекунад, то ки аз нав ба васваса нафтад. Рафиқи ман медонад, ки ин гуноҳ метавонад вайро осонакак ғуломи худ гардонад. Вай ба суханони Масеҳ итоат карда, оқилонаи рафтор мекунад, ва ҳама гуна имкониятҳоеро, ки барои содир шудани гуноҳ мусоидат мекунанд, бартараф менамояд.

Аз тарафи дигар, дар вақти таҳсил дар донишгоҳ то имон овардан ба Исои Масеҳ ман май менӯшидам ва ҳатто баъзан бо бародарону рафиқонам аз ҳад зиёд майнӯшӣ мекардам. Боре дар вақти ҷашни мавлуд ман бо дӯстонам ба тарабхона рафтам. Онҳо хеле бисёр

нӯшиданд. Вақте ки ман дар соати яки шаб, баъд аз он ки рафиқонамро ба хонаҳояшон бурдам, ба хона омадам, модарамро вохӯрдам, ки маро мунтазир буд. Ман ба вай дар бораи чӣ тавр гузаштани шабнишинӣ нақл кардам, ва сипас фавран бо овози комилан табиӣ гуфтам: “Модарҷон, нӯшидан ба ман тамоман маъқул нест”.

Вай хандида, гуфт: “Ту дар ҳақиқат Бивер ҳастӣ”.

Ман дар ҳамон лаҳза дарк кардам, ки ҳеҷ гоҳ дар умри худ падарамро маст надидаам. Дар оилаи мо ҳеҷ кас май наменӯшид, бинобар ин барои Биверҳо ин гуноҳе набуд, ки осон ба доми худ кашад, ба истиснои дигар намуди гуноҳҳо. Кадом гуноҳе ки набошад, бояд ҳама гуна сабабҳое, ки барои ба ҳаёти мо роҳ ёфтани онҳо имкон фароҳам меорад, бартараф карда шаванд. Муаллифи Нома ба Ибриён дар идомаи суханаш чунин мегӯяд:

> “Ва он насиҳатеро, ки ба шумо, ҳамчун ба писарон гуфта шудааст, фаромӯш кардаед: “Эй писарам! Ба ҷазои Худованд беэътиноӣ накун, ва ҳангоме ки Ӯ туро мазаммат намояд, маъюс нашав. Зеро ки Худованд ҳар киро дӯст дӯст дорад, ҷазо медиҳад, ва ҳар писари писандидаи Худро мезанад” (Ибриён 12:5, 6).

Вақте ки мо бо иштиёқ ба гуноҳ машғул мешавам, Худо моро ҷазо медиҳад. Биёед ба таври мухтасар такрор мекунем, ки ин раванд чӣ тавр ба амал меояд. Қадами аввал ин аст, ки Ӯ моро бо Каломи Худ мазаммат мекунад. Агар мо итоат накунем, виҷдони мо кунд мешавад, он гоҳ аз тарафи рафиқ, шубон ё набӣ мазаммат карда мешавем. Агар мо беитоатиро давом диҳем, Ӯ ба ҳаёти мо мушкилиҳо, озмоишҳо, ва мусибатҳоро роҳ медиҳад. Фикр кунед: чаро ӯ дар ояти қаблӣ “ба ҷазои Худованд беъэтиноӣ накун” менависад, шояд ин мушкил бошад? Давомашро хонед:

> “... Худо ин корро ба манфиати мо, то ки дар қудсияти Ӯ ширкат дошта бошем, анҷом медиҳад. Ҳар ҷазо дар замони ҳозира на шодӣ, балки андӯҳ менамояд. Лекин оқибат ба онҳое, ки ба воситаи он таълим ёфтаанд, самари осоиштаи адолатро меоварад” (Ибриён 12:10, 11).

Диққат кунед, ки ҷазо дард меоварад! Пинҳон кардан лозим нест, ки

Худо барои фарзандони худ “химчаҳоро барои ҷазо” дареғ намедорад. Бинобар ин фикр кунед, ки чӣ қадар аблаҳист, агар мо аз паси ҳавасҳои худ, ки ба Худо писанд нест, рафтанро интихоб кунем. Дар ин бора фикр кунед: зеро аз он шод мебояд буд, ки аз гуноҳ худдорӣ намуда, эҳсоси дард намекунем, назар ба он ки аз гуноҳ ҳаловати муваққатӣ дошта бошем.

Рӯҳӯлқудс ба воситаи ҳавворӣ Павлус қӯринтиён, ҳатто шахсеро, ки ошкоро бо зани падари худ зино карда буд, ба роҳи рост ҳидоят кард. Худо бо умеди он ки моро ба роҳи ҳаёт баргардонад, ин корро давом медиҳад, то ки мо дар қудсияти Ӯ ширкат дошта бошем. Дар ин ҷо роҳи дуюм вуҷуд надорад. Ё мо ба Каломи Худо итоат карданро давом дода, аз пуррагии ҳаёт лаззат мебарем, ё ба сӯи бутпарастӣ, гуноҳи барқасдона (криптонити рӯҳонӣ), ки дар ниҳояти кор дарду машаққати беандоза зиёдро ба бор меоварад, майл мекунем.

## АМАЛ КУНЕД

Табиатан гуноҳ дилфиреб аст. Он худашро дилкаш нишон дода, одамро фиреб медиҳад. Бо иддаои он ки гӯё мо гуноҳи худро дар зери назорат нигоҳ медорем, он моро фиреб медиҳад, ҳарчанд мо дар асл намефаҳмем, ки агар онро тарк накунем, моро ба зери назорати худ мегирад. Вале аксар вақт аз он сабаб моро гуноҳ фиреб медиҳад, ки моро аз ҷалоли ҳақиқие, ки мо барои дар он зиндагӣ кардан даъват шудаем, дур месозад, ва ба муносибатҳои зиндае, ки мо бо Масеҳ дошта метавонем, халал мерасонад. Вале агар мо пурра дарк кунем, ки Худо ба воситаи ҳаёти мо чӣ гуна корҳои бузург ба амал оварда метавонад, чӣ тавр мо пур аз қувват, дорои таъсири фавқуттабиӣ дар озодӣ ва қаробат бо Ӯ зиндагӣ карда метавонем, ва боз бисёр чизҳои дигар, он гоҳ мо мефаҳмем, ки гуноҳ чӣ қадар назарфиреб аст.

Аз Худо илтимос кунед, ки ҳамаи соҳаҳои ҳаётатонро ба шумо нишон диҳад, то бидонед, ки шумо дар кадоми онҳо дурнамои ҳаёти худододаро зоеъ карда истодаед ва бифаҳмед, ки дар кадоми ин соҳаҳо гуноҳ ва созиш барои шумо бештар ҷозибанок гардиданд. Бигзор Ӯ ба шумо дар ҳамаи ин соҳаҳои ҳаётатон диди тоза ато кунад, ва он чиро ки Ӯ ба шумо ошкор мекунад, бинависед.

КОРИ КРИПТОНИТ

# ФАСЛИ 3

# 15

# ҚУВВАТИ ГУНОҲ (ҚИСМИ 1)

Дар аҳди Қадим Кобил огоҳ карда мешавад: “... гуноҳ дар сари остона аст, ва иштиёқманди туст, вале ту бар вай ҳукмфармо шав” (Ҳастӣ 4:7). Дар ҳаёти ҳар як одам ҳамин ҳолат рӯй дода метавонад. Гуноҳ моро ба ҳукми худ дароварда, ғулом гардондан мехоҳад, то ки худро маълум кунад. Гуноҳ – ин душмани қавӣ, фиребгар ва васвасакор мебошад.

Чӣ тавр мо бар он қудрат пайдо карда метавонем? Ба воситаи итоат ба иродаи Худо, Калом ва роҳҳои Ӯ. Бори дигар ба он нигоҳ кунед, ки дар аввали ояти 7 Худо ба Қобил чӣ мегӯяд: “Агар ту дуруст рафтор кунӣ, магар қабул карда намешавӣ? Вале агар нодуруст рафтор кунӣ, гуноҳ дар назди остонаи туст ...”. Итоати содиқона дари хоҳишро ба гуноҳ мепӯшад.

Суханони Павлусро, ки ба имондорон гуфта буд, ба хотир оред (дар ёд дошта бошед, ки вай одаме буд, ки дар бораи файзи Худо ваҳйи амиқ дошт):

> “Оё намедонед, ки ба ҳар кӣ шумо худро чун бандагон барои итоат таслим кунед, бандагони ҳамон кас гардида, ба вай мутеъ мешавед, хоҳ гуноҳе барои мамот бошад, хоҳ итоате барои адолат?” (Румиён 6:16).

Суханони Павлус ба он монанд аст, ки Худо ба Қобил гуфта буд. Вале дар байни онҳо як фарқияти калон мавҷуд мебошад. Дар Аҳди

Қадим рӯҳи одамон мурда буд. Аз одами ботинӣ қувваи ҳаётбахш ҷорӣ намешуд. Дар Аҳди Ҷадид ва ҳоло рӯҳи одаме, ки ба Исо имон дорад, зинда аст; ӯ бо Худо як аст ва табиати Ӯро дар худ дорад. Бинобар ин мо интихоб карда метавонем, ки ба одами ботинии худ итоат кунем ё ба одами зоҳирии худ, яъне ба бадани худ.

Файзи Худо низ кор мекунад, он на танҳо наҷот медиҳад ва мебахшад, балки боз моро мустаҳкам мегардонад, то ки ба ростӣ итоат кунем. Моро огоҳ мекунанд: "... файзро маҳфуз хоҳем дошт ва бо он Худоро ба таври писандида бо таъзиму такрим ва тарс ибодат хоҳем кард" (Ибриён 12:28). Файз барои итоат кардан ба Худо моро қувват мебахшад.

Петрус менависад: "Файз ва осоиштагӣ дар шинохтани Худо ва Исои Худованди мо бар шумо фаровон бод. Қуввати илоҳии Ӯ ҳамаи чизҳои барои ҳаёт ва парҳезгорӣ зарурро ба мо бахшидааст ..." (2 Петрус 1:2, 3). Дар ҳар ду оят ва бисёр оятҳои дигари Аҳди Ҷадид мо қуввати файзро дида метавонем, ки моро рӯҳбаланд мекунад ва мустаҳкам месозад. Ба мо табиати наве дода шудааст, ки аз бахшоиши файз рӯҳи тоза мегирад. Он на ба Қобил ва на ба ягон каси дигар дар Аҳди Қадим дастрас набуд.

Чаро ин қадар бисёр имондорон қудрати ҳукмрониро бар гуноҳ аз даст медиҳанд? Бояд дар хотир дошт, ки мо дорои қувват буда метавонем, вале, агар онро истифода набарем, аз он манфиат бардошта наметавонем. Худо ба ҳар яки мо имкони интихоб карданро медиҳад, ва Ӯ интихоби Худро ба мо маҷбуран талқин намекунад. Бинобар ин, агар имондори масеҳӣ ба Худо итоат накунад, гуноҳ бар вай ҳукмфармо мешавад. Чаро онҳо ба ин роҳ медиҳанд? Ин ҳамон вақт рӯй медиҳад, ки агар гуноҳ одамро бовар мекунонад, ки аз итоаткорӣ ба Худо дида хоҳишҳои ӯ зиёдтар фоида оварда метавонанд, ва маҳз аз ҳамин сабаб Павлус менависад: "... қуввати гуноҳ шариат аст" (1 Қӯринтиён 15:56).

Ин сухан сахт ва, гуфтан мумкин аст, ки ғайричашмдошт мебошад: шариат ба гуноҳ қудрат медиҳад, ки бар одам ҳукмфармо шавад. Эҳтимол, дар навбати аввал шумо фикр мекунед: ман дар зери шариати Мӯсо нестам! Аммо қайд кардан лозим аст, ки калимаи "шариат" дар Навиштаҷот на ҳама вақт бо маънои шариати Мӯсо фаҳмида мешавад. Яъқуб дар бораи "шариати шоҳона" (ниг. Яъқуб 2:8), ки дар бораи муҳаббат ба ёр мебошад, сухан меронад. "Шариати Худо" (ниг. Рум 8:7 ва Ибр 8:10) низ ҳаст, ки дар қалби имондорон навишта шудааст.

“Шариати Масеҳ” (ниг. Ғалотиён 6:2) ҳаст, ки ҳангоми бардоштани бори якдигар онро иҷро мекунем. Ва “шариати озодӣ” (ниг. Яъқуб 2:12) ҳаст, ки ба воситаи он доварӣ карда мешавем. “Шариатҳои” дигар низ ҳастанд. Дар номаи Якум ба Қӯринтиён (15:56) Павлус дар бораи ин шариатҳо ва дар бораи шариати Мӯсо нагуфтааст.

Пас, Павлус дар бораи кадом шариат, ки ба гуноҳ қудрати ҳукмронӣ карданро бар одам додааст, сухан меронад? Иҷозат диҳед, ки аввал ман инро ба таври мисол фаҳмонам. Вақте ки одам дар зери шариат, ки Павлус дар борааш ёдовар шудааст, қарор дорад, одатан ба майнаи ӯ чунин фикрҳо меоянд: “Ман набояд ин филмро тамошо кунам, чунки дар он суханҳои беодобона ва саҳнаҳои шаҳвонӣ мавҷуд мебошанд”, “Ман бояд даҳяк супорам”, Ман набояд ба он зан, ки дар рӯ ба рӯи ман нишастасту либоси дилфиреб пӯшидааст, нигоҳ кунам”.

Кадом шариат чунин фикрҳоро акс мекунад? Одаме, ки чунин мегӯяд, Каломи Худоро барои худ бештар ҳамчун як чизи маҳдудкунанда қабул мекунад, на ҳамчун фараҳ ва хурсандӣ. Ба назари ӯ Каломи Худо вайро банд карда, аз некиҳои ҳаёт маҳрум месозад, ки ин куллан ба суханони сарояндаи Забур муқобил мебошад: “Иродаи Туро, эй Худои ман ба ҷо овардан мехоҳам, ва шариати Ту андаруни дили ман аст” (Забур 39:9). Қалби одаме, ки “дар зери шариат” аст, аз шавқи иҷро кардани иродаи Ӯ фурӯзон намебошад (ниг. Юҳанно 7:17).

Аслан, чунин ибора маънои зеринро дорад: “Ман-ку мехостам ... вале Каломи Худо дигар чизро мегӯяд”. Алоқамандона ба ин дар Аҳди Қадим мисоли аҷоибе мавҷуд мебошад.

## Набии тамаъкор

Билъом набӣ буд. Ӯ овози Худоро мешинохт ва роҳҳои Худованд ба ӯ маълум буданд. Болоқ подшоҳе буд, ки аз болои мӯобиён ва мидён ҳукмронӣ мекард. Сокинони тамоми сарзамине, ки дар зери ҳукмронии ин подшоҳ мезистанд, ба ваҳшат афтода буданд, чунки халқи Исроил ба самти онҳо равона буданд. Исроилиён ба наздикӣ Мисрро, ки дар дунё аз ҳама давлати пурқувваттарин буд, шикаст доданд, ва аз баҳри Сурх убур карда гузаштанд. Иқтидори ҳарбӣ, соҳаи кишоварзӣ ва иқтисодиёти Миср ба ҳолати харобиовар дучор шуданд, ғайр аз ин ҳар як хонавода ба таври асрорангез нахустзодаи худро аз даст дод.

Пас аз аз он ки Исроил аз Миср баромад, ӯ аз тарафи амӯриён ба зиддият дучор шуд ва ба онҳо низ зарбаи ҳалокатовар зад. Акнун Исроил дар саҳрои мӯобиён ӯрду зада буд, ва қавм, пирон ва сардорон ба даҳшт афтоданд, чунки онҳо фикр карданд, ки Исроил он кореро, ки бо Миср ва амӯриён кард, бо онҳо низ хоҳад кард.

Ба подшоҳ Болоқ дар бораи набии машҳур ва пурқуввате бо номи Билъом, ки бо дуои баракати ӯ ҳама чиз дигар мешуд, хабар доданд. Вале агар Билъом ягон касро лаънат кунад, он гоҳ лаънат низ ҳамоно ба амал меомад. Подшоҳ Болоқ ба сӯи Билъом сардорони қавми худро бо пешниҳоди хуб ва бо чунин суханон фиристод: "Ва алҳол, лутфан омада, ин қавмро лаънат намо, зеро ки онҳо аз ман қавитаранд: шояд, комёб шавам, ва мо онҳоро зарба занем, ва ман онҳоро аз ин замин бадар ронам ..." (Ададҳо 22:6).

Билъом ба фиристодашудагон гуфт:

> "... Имшаб дар ин ҷо бимонед, ва чӣ тавре ки Худованд ба ман бигӯяд, ба шумо ҷавоб хоҳам гардонид. Ва сарварони Мӯоб назди Билъом монданд" (Ададҳо 22:8).

Ба калимаи "Худованд" диққат диҳед. Ӯ аз худоёни бегона маслиҳат наҷуст, чунки ӯ набии Худои ягона ва ҳақиқӣ буд. Ӯ Худои худро "Яҳве" номид. Ин номи Худо аст, ки дар Аҳди Қадим ҳеҷ гоҳ барои худоёни бегона истифода намебурданд.

Оё мо бисёр вақт Исо ва Худои Падаррро Худованди худ мехонем? Бо ин мо танҳо Холиқи худ, Ҳазрати Аъло, Касеро, ки барои мо ҷони Худашро фидо кардааст, дар назар медорем. Ба ҳамин монанд Билъом низ ба Худо муроҷиат кард.

Биёед бо диққат мехонем, ки Худо дар ҳамон шаб ба Билъом чӣ гуфт. Аҷоибаш дар он аст, ки Ӯ ҳатто интизор нашуд, ки кай Билъом Ӯро ҷӯё мешавад:

> "Ва Худо назди Билъом омада гуфт: "Кистанд ин касоне, ки назди ту мебошанд? (Ададҳо 22:9).

Дар асл, Худованд ба Билъом мегӯяд: "Ин одамон ба ман чӣ алоқамандӣ доранд? Онҳо бо Ман аҳде надоранд! Наход ки ту ҳақиқатан

ҳам аз Ман пурсидан мехоҳӣ, ки оё халқи Маро лаънат кунӣ ё не? Барои чӣ ту дар ин хусус дуо мекунӣ? Магар ҷавоб маълум нест?”

Чизҳое ҳастанд, ки дар бораашон дуо гуфтани мо лозим нест! Мо аллакай аз рӯи Китоби Муқаддас медонем, ки иродаи Худо чӣ гуна аст. Ба мо лозим нест, ки дуо ва пурсуҷӯ кунем, то бифаҳмем, ки бо дигар масеҳиён муносибат дошта бошем ё не. Худо аллакай гуфтааст: “Ва ҷамъомади худро тарк накунем, чунон ки баъзе касонро таомул шудааст...” (Ибриён 10:25).

Ба шумо дуо ва пурсуҷӯ кардан лозим нест, то бифаҳмед, ки ба он шахсоне, ки ба шумо хидмат мекунанд, ионат додан мумкин аст ё не, чунки дар Навиштаҷот гуфта шудааст: “Ҳамчунин Худованд фармудааст, ки воизони Инҷил аз башорат додани Инҷил зиндагӣ кунанд” (1 Қӯринтиён 9:14).

Ҳоҷати пурсидан нест, ки ба ҳамҷинсгарой машғул шудан ё дигар шахсонро ба он ташвиқ намудани шумо мумкин аст ё не. Худо аллакай ба таври возеҳ гуфтааст:

> “Оё намедонед, ки золимон вориси малакути Худо намешаванд? Фирефта нашавед: на зинокорон, на бутпарастон, на фосиқон, на бачабозон, на ливотагарон, на duздон, на ҳаромризқон, на бадмастон, на бадзабонон, на ғоратгарон – вориси Малакути Худо намешаванд” (1 Қӯринтиён 6:9, 10).

Аз Худо пурсидан зарур нест, ки аз супоридани андоз саркашӣ кардан мумкин аст ё не, чунки насупоридани андоз як навъи duздӣ мебошад. Ё ба хонаи дӯст ё дугонаи худ кӯчида, то аҳди никоҳ бо вай ҳамхоба шудан мумкин нест , чунки ин гуноҳи ҷинсӣ аст. Ё бо зани бегона алоқа кардан мумкин нест, чунки ин зинокорӣ мебошад, ва рӯихати ин гуна амалҳоро ба таври беохир давом додан мумкин аст. Дар Аҳди Ҷадид ба мо бисёр фармонҳо дода шудааст, ки ба воситаи онҳо иродаи Худо пурра маълум аст.

Бо суханони дигар, Худо зимнан мегӯяд: “Хуб, Билъом, азбаски ту ҳеҷ чизеро нафаҳмидӣ, ё аниқтараш, фаҳмидан нахостӣ, Ман иродаи Худамро ба ту равшан ва возеҳ мефаҳмонам ...” “... Бо онҳо нарав, он қавмро лаънат нанамо, зеро ки онҳо қавми муборакаанд” (Ададҳо 22:12).

Шарҳ додан лозим нест.

Акнун мебинем, ки ба фармони илоҳӣ Билъом чӣ ҷавобе дод:

> “Ва Билъом бомдодон бархоста, ба сарварони Болоқ гуфт: “Ба замини худ биравед, зеро Худованд намехоҳад ба ман изн диҳад, ки бо шумо биравам” (Ададҳо 22:13).

Бисёр касон ба Билъом кафкӯбӣ карда метавонистанд. Мо итоаткории ӯро ситоиш карда ва гуфта метавонистем: “Офарин, бародари парҳезгор! Аммо дар суханони ӯ ишорае мавҷуд мебошад, ки моро ба фикр кардан водор месозад. Ба суханони Ӯ диққат диҳед: “Худованд намехоҳад ба ман изн диҳад, ки бо шумо биравам”. Ӯ намегӯяд: “Худо иродаи Худашро ба ман равшан фаҳмонид, бинобар ин ман бо шумо намеравам”. Вале ӯ мегӯяд: “намехоҳад”.

Як ҳолатеро тасаввур кунед: ҷамъи дӯстони мактабӣ бо ҳамдигар сайругашт карда, ба тамошои кино рафтан мехоҳанд. Эми аз волидайни худ иҷозат мепурсад. Онҳо мегӯянд: “Эми, имрӯз мо таоми шоми оилавӣ дорем, ва мо мехоҳем, ки ту бо мо бимонӣ”.

Дӯстони Эми ба назди хонаи вай меоянд, то ки ӯро ҳамроҳи худ бибаранд. Вақте ки ӯ дари хонаро боз мекунад, онҳо мепурсанд: “Ту барои рафтан тайёрӣ?”

Эми бо маҳзунӣ ҷавоб медиҳад: “Ман наметавонам”. Бо ибораи дигар, вай мегӯяд: “Ман сахт мехоҳам, ки бо шумо равам, вале бояд барои шоми оилавӣ дар хона бояд бимонам”. Суханони волидайн намегузорад, ки вай хоҳиши худро ба амал биёрад. Суханони волидайн барои вай қонун мебошанд. Билъом маҳз ҳаминро мегӯяд.

## Кори фоиданок

Сарварони қавми Мӯоб ба назди подшоҳи худ баргашта, ҷавоби Билъомро ба вай расониданд. Аммо подшоҳ норозӣ шуда, ҷавоби онҳоро қабул накард. Ӯ дигаронро, сарварони боз ҳам зиёдтар обрӯмандро бо пешниҳоди боз ҳам зиёдтар саховатмандона ба назди Билъом фиристод, то ки ин корро иҷро кунад. Ана чунин аст суханони аниқе, ки подшоҳ гуфт: “Зеро ки туро бағоят иззату икром хоҳам кард, ва ҳар он чи ба ман бигӯӣ, ба ҷо хоҳам овард; лутфан, омада, аз барои ман ин қавмро лаънат намо” (Ададҳо 22:17).

Агар ҳамсояи шумо мегӯяд: “Ҳар чизе, ки дорам, ба ту медиҳам”, ин он қадар бисёр нест, вале агар подшоҳи як мамлакат ба шумо пешниҳод кунад, ин аллакай хеле бисёр аст.

Вақте ки ман дар синфҳои болоӣ мехондам, ҳунарпешаи мазҳакавӣ бо номи Флип Уилсон хеле маъруф буд. Ӯ як ибораи машҳуре дошт: “Шайтон маро маҷбур кард, ки ба ин кор машғул шавам”. Ин сухан хандаовар метобад, ва онро бисёр вақт такрор мекарданд, вале ӯ иштибоҳ мекард. Шайтон наметавонад имондорро барои иҷро кардани ким-кадом амал маҷбур созад. Дар Навиштаҷот возеҳ гуфта шудааст: “Балки ҳар кас саргарм ва фирефтаи ҳаваси худ гардида, ба озмоиш дучор мешавад” (Яъқуб 1:14). Фирефта шудан – ин ибораи асосӣ мебошад. Ҳеҷ кори дигареро шайтон наметавонад ба имондорон бикунад. Ва одам танҳо бо он фирефта мегардад, ки худи ӯ мехоҳад. Агар дар назди ман маводи нашъаовари какоинро бигузоранд, ман мегӯям: Инро аз ман дур кунед”. Маро бо ин фиреб додан ғайриимкон аст, чунки ман ҳеҷ гуна хоҳиши истифода бурдани маводи ғайриқонунии нашъадорро надорам.

Вале шайтон фиребгар аст, ва ӯ пинак намеравад. Ӯ девҳоро мефиристад, то ки на танҳо ҳаёти шуморо, балки боз ҳаёти падар ва модари шумо, бобову бибиҳои шуморо омӯзанд. Ӯ ҷойҳои нозуки авлоду аҷдоди шуморо алоқамандона ба хоҳишҳо медонад.

Ӯ ҳамчунин ҳаёти Билъомро омӯхта буд ва медонист, ки набӣ дар дил ҳирси сарвату обрӯ ва мақомро дошт. Ман бовар дорам, ки маҳз аз ҳамин сабаб шайтон ба ин подшоҳи шарир талқин кард, ки ба набӣ пешниҳоди боз ҳам зиёдтар саховатмандона кунад. Вале, бингаред, Билъом бо ҷуръатмандӣ мукофотҳои бузургро рад мекунад:

> “Агарчи Болоқ хонаи худро пур аз нуқра ва тилло ба ман бидиҳад, фармони Худованд Худои худро наметавонам поймол намуда, кори хурде ё бузурге бикунам” (Ададҳо 22:18).

Мо боз ба ҷасорати набӣ, ки бо вуҷуди пешниҳоди боз ҳам зиёдтар саховатмандона вайрон кардани амри Худоро қабул накард, кафкӯбӣ мекунем. Аммо боз дар калимаҳои асосӣ мебинем, ки набӣ озод нест. Ӯ ба ҷои он ки “ман намекунам” гӯяд, “ман наметавонам” мегӯяд. Ҳеҷ чиз дигар нашудааст. Ӯ ба мисли пештара бо воситаи Каломи Худо, ки барои ӯ қонун мебошад, маҳдуд гардидааст. Дар суханони зерин мо исботи ин гуфтаҳоро дида метавонем:

> “Ва алҳол, лутфан, шумо низ имшаб дар ин ҷо бимонед, то бидонам, ки Худованд ба ман боз чӣ хоҳад гуфт” (Ададҳо 22:19).

Чӣ? Оё пешниҳоди боз ҳам зиёдтар саховатмандона Худоро водор месозад, ки фикри худро дигар кунад? Наход дар ҳақиқат ба он бовар кардан мумкин аст аст, ки Худо бори аввал “не” гуфт, зеро медонист, ки подшоҳ ба воситаи фиристодагони навбатиаш ба Билъом боз ҳам зиёдтар иззату икром ва сарват пешниҳод мекунад? Чӣ қадар гумони бемаънӣ! Худо ҳаргиз аз Билъом нахост, ки пешниҳоди боз ҳам фоиданоктарро интизор шавад! Бинобар ин агар Ба билъом лозим набуд, ки дар ин бора бори аввал дуо кунад, пас зиёда аз ин бори дуввум низ лозим набуд! Зеро Худо, вақте ки фиристодагони аввал омаданд, ба таври возеҳ иродаи Худро маълум кард: “бо онҳо нарав”.

Вале бо вуҷуди ин Билъом азм кард, ки ин шаб дуо кунад. Бихонед, ки Худо чӣ мегӯяд:

> “Модоме ки ин одамон барои хондани ту омадаанд, бархоста, бо онҳо бирав; вале фақат он чиро ки ман ба ту хоҳам гуфт, ба амал овар” (Ададҳо 22:20).

Андак истед! Акнун Худо мегӯяд: “бо онҳо бирав”. Оё мо дуруст хондем? Чӣ воқеа рӯй дод? Аҷоиб, вазъият пурра дигар шуд!Билъом аз Худованд дастур гирифт, ки бо сарварони қавми Мӯоб равона шавад. Вай ҳамон кореро, ки Худованд амр фармуд, айнан иҷро мекунад. Ӯ хари худро зин зада, бо сарварони қавми Мӯоб равона мешавад. Ӯ ба дастури Худованд итоат мекунад. Аммо нигоҳ кунед, ки бадтар чӣ воқеа рӯй медиҳад:

> “Ва хашми Худо барои рафтани ӯ аланга зад ...” (Ададҳо 22:22).

Чӣ ҳодиса рӯй дод? Наход ки Худо ҳардамхаёл аст? Билъом аниқ кореро, ки Ӯ шаби гузашта ба вай амр фармуда буд, иҷро мекунад, ва ногаҳон хашми Худо барои ин кораш ба вай аланга мезанад. Чӣ тавр инро фаҳмонидан мумкин аст?

Дар Навиштаҷот мо ҷавоби мантиқиеро пайдо карда метавонем, ки ба ин масъала рӯшанӣ меандозад. Мазмуни ин ба он ҳақиқат бурда мерасонад, ки қуввати гуноҳ шариат мебошад. Боби оянда сабаби инро ба мо кушода медиҳад.

## АМАЛ КУНЕД

Бисёр имондорон бояд ин паёми умедбахшро бишнаванд: шумо метавонед пурра аз ҳукми гуноҳ озод шавед.

Оре, айнан чунин аст. Масеҳиён метавонанд аз гуноҳ болотар бароянд. Исо на танҳо барои он мурд, ки ба мо барои рафтан ба осмон чипта тӯҳфа кунад. Бо марги Худ Ӯ моро аз қудрати гуноҳ ва марг озод кард. Гуноҳ бар шумо қудрат надорад, вале шумо ба вай қудрат доред.

Ин танҳо бо файзи Худо имконпазир аст – бо қуввати илоҳии Ӯ, ки ба мо ато шудааст, то ки он чиро ки бо қуввати одамӣ имконнопазир аст, ба амал орад. Мо ба сӯи файз иҷозати озод дорем – мо ин қувватро дорем, вале агар истифода бурдани онро надонем, афзалияти онро аз даст медиҳем. Аксар вақт имондорон ин қувватро истифода бурда наметавонанд, чунки намедонанд, ки аллакай соҳиби он мебошанд.

Он оятҳои Навиштаҷотро, ки дорои ҳамин қувват будани шуморо нишон медиҳад, омӯхта, имрӯз бар зидди гуноҳ устувор гардед. Дар бораи ин ҳақиқат ҳамеша тафаккур кунед, то ки он барои шумо воқеӣ гардад. Дар ин масъала бо Худо як шавед, дар ҳар чизе, ки ба гуноҳ роҳ дода будед, тавба кунед, ва Ӯро барои он шукргузорӣ намоед, ки имрӯз шуморо озод намуд. Барои нокомиҳои гузашта худро бибахшед, ва аз Худо талаб кунед, то нишон диҳад, ки дар оянда Ӯ шуморо чӣ гуна дидан мехоҳад. Он чиро ки ӯ нишон медиҳад ё мегӯяд, бинависед.

16

# ҚУВВАТИ ГУНОҲ (ҚИСМИ 2)

Биёед ба Биломи набӣ, ки дар боби гузашта ёдрас карда будем, бармегардем.

Билъом дастури Худоро дар бораи нарафтан бо қосидон аз қавми Мӯоб ва мидён мегирад, аммо вақте ки гурӯҳи дуввуми фиристодагон, ки ин навбат назар ба аввала зиёдтар мӯҳтарамтар буданд, меоянд, вай боз ба ҳузури Худованд меояд. Ӯ умед дорад, ки ин дафъа ҷавоби тамоман дигар мегирад.

Оё бо шумо ягон бор чунин шуда буд? Оё шумо боре дар қалби худ медонистед, ки Худо аз шумо чӣ мехоҳед, вале бо вуҷуди ин, бо умеди он ки ҷавоби дигар пайдо кунед, ба ҳузури Ӯ барои дуо кардан омадед? Шояд, шумо ҳавасҳои гуноҳолуди худро бо чунин фикрҳо рӯпӯш мекардед: “Рафта дар ин бора дуо мекунам”, “Биёед барои ман дар ин хусус як бори дигар дуо кунем”.

Ман намедонам, шумо чӣ кор кардаед, вале ман дар ин хусус гуноҳ содир намудаам, ва дар ин боб баъзан дар бораи мисолҳои ғамангези ҳаёти худам накл мекунам.

Билъом аз ин подшоҳи пурқудрат ҳарисона иззату икром ва тӯҳфаҳо умедвор буд, вале ҷуръат намекард, ки «маҳдудиятҳои” амри Худоро вайрон кунад. Ӯ хеле хуб медонист, ки агар вай дидаю дониста саркашӣ

кунад, аз баракат маҳрум шуда метавонад. Баъзан ин донистан сабаби он мегардад, ки барои фиреби боз ҳам бузургтаре дар боз шавад.

Инак, ҳайрати Билъомро тасаввур кунед, вақте ки Худо ба вай мегӯяд: “Бархез ва бо онҳо равона шав”. Эҳтимол ӯ фикр кард: “Во аҷабо! Хуб шуд, ки ман боз дар ин хусус дуо кардам”.

Инак, Билъом субҳи дигар бархост ва он амреро, ки Худованд ба вай шаби гузашта дода буд, айнан иҷро кард. Бо тааҷҷуб мо давомашро мехонем: “Ва хашми Худо барои рафтани Ӯ аланга зад ... (Ададҳо 22:22).

Чӣ, магар Худо ҳардамхаёл аст? Албатта, ин саволи риторикӣ аст, чунки мо ҳама медонем, ки ин дуруст нест. Пас, чаро Худо ба хашм омад? Билъом айнан он кореро иҷро кард, ки барояш Худо фармуда буд, ва рафт. Аммо Худо аз ин ба хашм омад. Пас, сабаб чист?

Мо дар ин ҷо ҳақиқатеро дида метавонем, ки бисёриҳо намедонанд ва намефаҳманд, ман низ, пеш аз он ки инро фаҳмам, давраҳои санҷишҳоро аз сар гузаронидаам:

> *“Агар мо чизеро хоҳиш кунем (ҳавас кунем), ва бо вуҷуди он ки Худо иродаашро доир ба ин масъала аллакай ошкор кардааст (ба воситаи Каломи Худ ё дар дуо), мо талабидани онро идома диҳем, ҳатто Худо агар медонад, ки ин барои мо фоидаовар нест, онро ба мо медиҳад, вале дар охир мо барои ин доварӣ карда мешавем”.*

Ин суханон моро ҳайрон карда метавонанд, вале ин рост аст. Ман ба шумо дар асоси баъзе мисолҳо аз Китоби Муқаддас далелҳо меорам.

## Хоҳишҳои иҷобатшуда

Исроил ба худ подшоҳ талаб кард. Пирони қавм ба назди Самуили набӣ омаданд ва хоҳиши худро ба ӯ арз карданд. Онҳо гуфтанд: “Инак, ту пир шудаӣ, ва писаронат бо роҳи ту рафтор намекунанд; акнун бар мо подшоҳе таъин намо, то ки бар мо мисли халқҳои дигар, доварӣ кунад” (1 Подшоҳон 8:5).

Самуили набӣ дархости онҳоро ба Худо изҳор кард, ва Худо ба воситаи вай пиронро огоҳ кард, ки подшоҳ ба онҳо фоида намеорад. Ӯ онҳоро огоҳ кард, ки подшоҳ писарони онҳоро ба лашкари худ мегирад. Подшоҳ

писарони онҳоро барои рондани киштзораш, ғундоштани ҳосилоташ ва барои сохтани олоти ҷангиаш ва дигар лавозимот хоҳад гирифт.

Ӯ ҳамчунин духтарони онҳоро мегирад ва бо зӯрӣ онҳоро маҷбур мекунад, ки дар ошхона, дар новойхона кор кунанд, атрҳо тайёр кунанд ва корҳои дигарро иҷро намоянд. Подшоҳ ҳамчунин киштзорҳои беҳтарин, ангурзорҳо, боғҳои ниҳоли зайтун, гову гӯсфандонро барои худ талаб хоҳад кард ва ҳамаи инро ба хизматгорони худ хоҳад дод. Сипас Худо ба қавм гуфт, ки дар ниҳояти кор онҳо безор шуда, аз подшоҳе, ки худи онҳо талаб карда буданд, омада халосӣ меҷӯянд, вале Ӯ ба онҳо ёрӣ намедиҳад.

Дар давомаш навишта шудааст: “Вале қавм аз шунидани Самуил сар тофта, гуфтанд: “Не, бигзор бар мо подшоҳе бошад, ва мо низ мисли ҳамаи халқҳо хоҳем буд ...” (1 Подшоҳон 8:19, 20).

Инак, Самуил он чизеро, ки қавм сахт дархост карданд, ба самъи Худо расонид. Худо ба ӯ бар хилофи иродаи Худ ҷавоб гардонид: “... Овози онҳоро бишнав ва подшоҳе бар онҳо таъин намо” (1 Подшоҳон 8:22). Худо ба онҳо он чиро, ки дархост карданд, дод, гарчанде ки ин ба фоидаи онҳо набуд. Онҳо ба худ ҳокими мутлақеро талаб карданд, ки ба мисли ҳамаи подшоҳони минбаъда корҳоеро ба амал овард, ки Худо пешакӣ қавмро аз он огоҳ карда буд.

Ана боз ба як мисоли дигар диққат кунед. Исроил аз Миср мебарояд, ва Худо онҳоро бо нони осмонӣ, ки манно меномиданд, яъне ғизое, ки Навиштаҷот ба таври дигар “хӯроки фариштагон” меномад, сер мекунад (ниг. Забур 77:25). Манно он қадар серғизо буд, ки баъдтар Илёс ҳамагӣ ду пораи онро хӯрда, чиҳил рӯз беист бо қуввати худ роҳ рафт. Дар ҳаёти ман лаҳзаҳое мешаванд, ки ба чунин ғизо хеле эҳтиёҷ пайдо мекунам!

Аммо исроилиён аз чунин нон хаста шуданд ва гӯшт талаб карданд. Сарояндаи таронаи Забур менависад: “Талаб карданд ва бедонаҳоро фиристод ... (104:40). Худо дархости онҳоро ба таври аҷоиб иҷро кард. Дар Китоби Муқаддас навишта шудааст:

> “Боди шарқиро дар осмон вазонид, ва бо қуввати Худ боди ҷанубиро бархезонид. Ва бар онҳо гӯштро мисли ғуборе боронид ва мурғони болдорро мисли реги баҳр. Ва дар миёни бошишгоҳи онҳо, дар қарибии масканҳошон фурӯ ғалтонид” (Забур 77:26-28).

Худо на танҳо ба дархости онҳо ҷавоб дод, балки онро ба таври мӯъҷиза ба амал овард! Бо қуввати бузурги худ Ӯ садҳо ҳазор паррандаро ба ӯрдугоҳи онҳо фиристод. Исроилиён онҳоро шикор накарданд, онҳо ба сагҳо, аслиҳа, қафасҳо ва дигар лавозимоте, ки барои шикори паррандаҳо лозим аст буд, эҳтиёҷ надоштанд. Бедонаҳо ба таври оддӣ ба ӯрдугоҳи онҳо парвоз карда меомаданд, ва ба одамон танҳо лозим буд, ки онҳоро аз ҳаво дошта гиранд ё аз замин ғундоранд. Агар чунин воқеа имрӯз рӯй медод, хабарҳо дар бораи он зуд дар ҳамаи шабакаҳои интернет паҳн мешуданд ва дар сарлавҳаҳои рӯзномаҳо ҷои аввалро мегирифтанд. Худо кори беҳад бузургеро ба амал овард, аммо нигоҳ кунед, ки сароянддаи Забур чӣ менависад:

> “Ва хӯрданд ва хеле сер шуданд; ва мувофиқи ҳирсашон ба онҳо дод. Аз ҳирсашон даст накашиданд; ҳанӯз хӯрокашон дар даҳонашон буд, ва ғазаби Худо бар онҳо аланга зад, ва фарбеҳони онҳоро бикушт ва ҷавонони Исроилро нест кард” (Забур 77:29-31).

На худои бардурӯғ, на рӯҳи палид, балки Худо ба онҳо чизеро, ки талабиданд, ба таври мӯъҷизавӣ ато намуд, вале чун мехӯрданд, доварӣ ба сари онҳо омад.

Мо бояд дар ёд дошта бошем, ки Худо одамро офарида, ба мо иродаи озод дод, гарчанде пешакӣ медонист, ки мо на он чизеро интихоб мекунем, ки Ӯ бароямон хоҳон аст, ва интихоби мо қодир аст, ки ба таври ҳалокатовар ба мо таъсир расонад.

Масалан, писари ноқобилро дар хотир доред? Ӯ аз падар як қисми меросро талаб кард. Падар медонист, ки писараш барои дуруст истифода бурдани пул таҷриба надорад. Бо вуҷуди ин, азбаски писар сахт дархост кард, падар ба тақдир тан дод ва меросро ба ӯ бахшид. Дар натиҷа писар, ба мӯҳтоҷӣ дучор шуда, дар хукхона ҷо гирифт.

Дигар мисолҳоро низ аз Китоби Муқаддас овардан мумкин аст, вале ман фикр мекунам, ки шумо ҳақиқатро мефаҳмед. Вақте ки мо бо иштиёқ чизеро талаб мекунем, ки аз рӯи иродаи Худо нест, ба вазъияти ногувор ва ҳалокатовар меафтем.

## Модахари доно

Биёед акнун ба саргузашти Билъом бармегардем.

Ӯ барои вохӯрӣ бо подшоҳи Мӯоб раҳсипор мегардад. Бо ӯ ёрдамчиёни подшоҳ равонаанд, вале Худо барои интихоби вай хашмгин аст. Ногаҳон дар пеши Билъом фаришта пайдо мешавад. Фаромӯш накунед, ки фариштаҳо кӯдакони фарбеҳаки тиру камон дар даст намебошанд, балки махлуқоти бузургҷуссае мебошанд, ки қуввати азим доранд. Аз рӯи тахмини ман, вай аз ду то се метр қад дошт.

Фаришта бо шамшери луч пеши роҳи Билъомро гирифт, ва Худо ба таври мӯъҷиза чашми модахарро кушод. Ҳамон лаҳзае ки модахар махлуқи азимҷуссаро бо шамшери урён дид, аз роҳ ба киштзор ҷаҳид, то ки аз Ӯ худро канор гирад. Билъом бо ғазаб ҳайвонро зад ва ба роҳ даровард.

Фаришта боз дар сари роҳ, ки барои тоб хӯрдан танг буд, бозистод. Ин дафъа вақте ки модахар фариштаро бо шамшери бараҳна дид, ба зери Билъом хобид. Акнун набӣ сахт ба хашм омад ва ҳайвони худро задан гирифт.

Он гоҳ Худо даҳони модахарро боз кард, ва вай ба Билъом гуфт: “Ба ту чӣ кардам, ки маро ин се карат задӣ?” (Ададҳо 22:28). Билъом кӯфтани модахарро давом медод, ва ниҳоят, Худо чашми ӯро боз кард, то ки вай фариштаро бубинад. Ва набӣ хам шуда, саҷда кард.

Пештар ман фикр мекардам, ки ин фаришта яке аз фариштагоне буд, ки дар назди Худо хизмат мекунанд. Аммо аён аст, ки тарҷумонҳои Китоби Муқаддас (якҷоя бо онҳо ман низ) чунин меҳисобиданд, ки ин фаришта Худи Худованд буд. Аммо ман инро ба ихтиёри шумо ҳавола мекунам ва дар ин ҷо мақсад надорам, ки шуморо ба ин ё он тараф моил созам.

Фаришта ба Билъом гуфт:

> “Аз барои чӣ модахари худро ин се карат задӣ? Инак, ман баромадам, то ки ба ту мамониат расонам, зеро ки ин роҳ ба муддаои табъи ман нест; ва модахар маро дида, ин се карат худро аз ман канор гирифт; агар он худро аз ман канор намегирифт, ман ҳатто туро алҳол мекуштам, вале онро зинда мегузоштам” (Ададҳо 22:32, 33).

Ин модахар Билъомро аз марг наҷот дод! Агар он худро аз Худованд ба канор намегирифт, Билъом мемурд. Тахмин кардан мумкин мебуд, ки Билъом ба сарварони мӯобӣ ва мидёнӣ чӣ мегӯяд: "Дӯстон, ман бояд баргардам. Ба подшоҳи худ бигӯед, ки пулашро бо худ нигоҳ дорад. Вале ӯ чизи дигар мегӯяд: Билъом дар назди Худованд ба тавба кардан шурӯъ мекунад:

> "Ман гуноҳ кардам, зеро надонистам, ки Ту ба пеши ман дар сари роҳ истодаӣ; ва алҳол, агар ин дар назарат бад бошад, ман хоҳам баргашт" (Ададҳо 22:34).

Билъом ба гуноҳи худ иқрор шуд, вале зуд бо даҳони худилова кард: "агар ин дар назарат бад бошад".

Билъом, ту чиҳо мегӯӣ? То кай ин ҳама? Худи Худованд дар сари роҳи ӯ истод, вале вай ҳамоно чизи хостаашро гирифтан мехоҳад. Ӯ он қадар сахт муштоқи пул ва иззату икром буд, ки ҳатто нисбат ба мудохила ва ҷазои илоҳӣ ба мисли кӯр рафтор мекард. Бутпарастии вай дар назараш қалби Худоро хира кард.

Вақте ки ҳавасҳои мо аз итоаткорӣ ба Худо болотар меистанд, ва вақте мо худро бо фармудаҳои Ӯ басташуда эҳсос мекунем, маҳз чунин ҳолат ба мо рӯй медиҳад. Ба воситаи фиреб қуввати гуноҳ меафзояд. Чизе ки пештар аниқ бар зидди Худо буд, на он қадар назаррас менамоянд. Ба итоаткорон ин хуб фаҳмо аст, вале дар бутпарастӣ ҳатто онҳо барои ҳавасҳои пурҳарорати худ кӯшиши аз Худо дастгирӣ ёфтанро давом медиҳанд.

## Камбудиҳои ман

Вақте ки ман сӣ сола будам, Худо равшан ба ману Лиза нишон дод, ки ҳамкорӣ кардан бо як нашриёти хеле машҳур бар зидди иродаи Ӯ аст. Бори аввал пешниҳоди муҳаррири масъулро ман рад кардам, вале на ончунон ки Билъом дар вохӯрии аввал бо сарварони Болоқ рафтор карда буд.

Муҳаррир ҳар рӯз ба ман занг заданро давом медод. Ӯ мегуфт, ки паёми ман барои Бадани Масеҳ аҳамияти бузург дорад, ва нақл мекард, ки чӣ тавр муаллифони қариб номашҳур дар нашриёти ӯ китоби худро чоп карда, машҳур гардиданд. Ман дурӯғи вайро бо ҳама лашулушаш

фурӯ бурдам. То он вақт ду китоби ман аллакай аз ҳисоби шахсии худам чоп гардида, ба шумораи на он қадар зиёди хонандагон дастрас шуда буданд. Ман хостам, ки нуфузу эътибор ва таъсири ин нашриётро дошта бошам. Новобаста ба он ки Худо низ паёмеро, ки Ӯ ба ман дода буд, паҳн кардан мехост, вақти Ӯ ҳанӯз нарасида буд, ва паём низ на ончунон буд, ки бояд бошад ва на нашриёт. Ғайр аз ин ҳадафҳои ман нодуруст буданд: ман машҳур шудан мехостам, яъне аз сабаби ғурури зиндагонии худ ман мақом ва обрӯ меҷустам.

Ман сахт мехостам, ки китоби худро ба воситаи нашриёти маъруф чоп кунам, ва ҳамин тариқ ман ба дастури аниқи Худованд, маслиҳати ҳамсарам ва аломатҳо эътибор надодам, ва бисёр чизҳо нодуруст шуданд. Эҳсоси ботинӣ якҷоя бо огоҳиҳои Рӯҳулқудс хомӯш гардиданд, ва ба ивази он фиреби ҳаваси боз ҳам бузургтар омад.

Нашриёт дар дигар аёлат кор мекард. Мо бо Лиза қарор додем, ки вай ба он ҷо парвоз карда, аз номи ташкилоти мо шартнома мебандад, чунки рӯихати машғулиятҳоям ба ман имкон намедод, ки ин корро кунам. Вақти ҳамон саҳар, ки ҳамсарам бояд ба сафар мебаромад, яке аз писарони мо дар зинапоя қай намуда, гилемро то ошёнаи дуюми хонаамон олуда кард. Вақте ки мо рӯбучин мекардем, ҳамсарам бо ошуфтаҳолӣ гуфт: “Ҷон, наход ту намебинӣ, ки Худо намехоҳад, ки мо ин корро кунем?”

Ман бо далерӣ гуфтам: “Не, ин душман кӯшиш карда истодааст, ки шасти моро гардонида, аз иҷрои ин кор моро боздорад”. Агар ҳама балоҳо бо ҳамин тамом мешуд, шояд, ман ҳақ мебудам. Вале корҳо каҷу килеб мерафтанд, ман бошам ҳеҷ чизро пайхас намекардам. Ман бо қуввати гуноҳи худ фирефта шуда будам.

Ҳамон рӯз Лиза ба он ҷо парвоз кард ва шартномаро имзо намуд. Дар давоми чанд моҳи ҳаёти ман бесарусомонии комил ҳукмфармо буд. Оромӣ маро тарк кард, ба ҷои он азобу нобароридҳо омаданд. Дар давоми се моҳ кадом касалиҳоеро ман аз сар нагузаронидам – вирусҳои гуногун, зуком ва дигар заъфҳои ҷисмонӣ. Бо ношир корҳо бад ҷараён гирифтанд, мо дар бораи ягон чизе ба мувофиқа нарасидем ва хидматгузории мо ҳазорҳо долларро аз даст дод.

Новобаста ба ин дар байни ман ва Билъом як фарқияте буд: ман ниҳоят фаҳмидам, ки ҳаваси ҷонгудози ман маро кӯр кардааст ва иродаи Худоро аз ман пинҳон намудааст. Ман ба ҷазои илоҳӣ гирифтор шудам.

Суханони Павлусро ба хотир биёред: “Ба ҳамин сабаб бисёре аз шумо бемор ва оҷиз ҳастанд, ва бисёре мурдаанд. Зеро агар худамон худро доварӣ мекардем, ба доварӣ дучор намешудем. Модоме ки ба доварӣ дучор шудаем, аз ҷониби Худованд ҷазо мебинем, то ки бо аҳли ҷаҳон маҳкум нагардем” (1 Қӯринтиён 11:30-32). Ба ман озмоишҳои нодаркор лозим шуданд, то ки ниҳоят бутеро, ки худам офаридаам, бубинам. Ман барои саркашии худ тавба кардам, ва дар муддати кӯтоҳ ҳама чизҳо дуруст шуданд. Ношир зуд баъд аз ин хабар дод, ки бо мо муносибатҳои кориро қатъ кардан мехоҳад.

Тақрибан як сол баъд ширкати машҳури нашри китоб пешниҳод кард, ки китоби дигари маро дар бораи озодӣ аз ранҷишҳо чоп кунад. Худо ба ман ҳарф зад ва гуфт: “Ношири қаблӣ аз рӯи фикри ту буд, ин ношир аз Ман аст”. Ҳадафҳои ман низ ба туфайли ҷазое, ки пеш аз ин аз сар гузаронидам, дигар гаштанд. Акнун ман бо иштиёқ ба Худо итоат карданро хоҳон будам, то ки одамон озодии ҳақиқиро пайдо кунанд. Ин паёме буд, ки Худо паҳн кардан мехост, ва имрӯз фурӯши ин китоб таҳти унвони “Доми шайтон” беш аз ду миллион нусхаро ташкил додааст.

Ман гуфтан мехостам, ки сабақ омӯхтам ва дигар ин такрор накардам. Аммо вақте ки чил сола будам, ман боз иродаи ба ман равшани Худоро бо маслиҳати боисрори ҳамсарам ва хизматгузории мо сарфи назар кардам. Ин дафъа фиреб боз ҳам сахттар буд ва ҷазо бо озмоишҳо, дарду машаққатҳо хеле пуразоб буданд ва қариб 18 моҳ давом карданд. Ман боз фаҳмидам, ки барои худ бутеро сохтаам, ва барои ин тавба кардам, вале маро лозим шуд, ки нархи гаронеро бипардозам.

Ман пурра мутмаинам: агар Билъом худро ба Худо мекушод, дар оянда бисёртар бурд карда метавонист. Аммо ӯ аз бутпарастии худ барнагашт ва дар натиҷа дар зерии доварии Худо мурд (ниг. Еҳушаъ ибни Нун 13:22).

Азизон, ман намехоҳам, ки шумо ба мисли ман бо ин тарзи душвор сабақ гиред. Ман умедворам, ки ин паёми пурқувват барои рафъи ранҷу заҳмати нолозим, ки ман кашидам, ба шумо кӯмак мекунад.

## АМАЛ КУНЕД

Агар мо хоҳишҳои худро ба Худо тобеъ насозем, онҳо моро аз Ӯ дур мекунанд, ва, эҳтимол, Ӯ моро ба онҳо месупорад. Бисёр маротиба дар Навиштаҷот мебинем, ки Худо иродаи Худро возеҳ ошкор кард. Аммо вақте қавми Ӯ ким-кадом чизи ба Вай зидро хоҳон шуд, Ӯ хоҳиши вайро иҷро кард, ҳатто ки агар он гоҳ ба вай лозим шуд, ки аз озмоишҳо гузарад.

Худо ба мисли пештара дар ҳаёти мо инро ба амал меорад. Ҳатто ки агар ҳавасҳои мо ба иродаи Ӯ зид ҳастанд, Ӯ онҳоро қонеъ мегардонад, вале мо баракатҳоии даркориро ба даст намеорем. Ин моро ба ҷазои дарднок ва ногувор оварда мерасонад.

Вале ба мо ҳаргиз лозим нест, ки ба он гирифтор шавем. Баръакс, мо ба Худо, ки қодир аст корҳои некро барои мо анҷом диҳад, эътимод карда метавонем. Бисёр вақт Ӯ тамоми эҳтиёҷоти моро қонеъ гардонида метавонад, вале танҳо бо роҳи одилона. Агар мо Ӯро пайравӣ кунем, Ӯ моро ба роҳи пурбаракат ҳидоят мекунад, дар вақти Худ моро баракат медиҳад. Роҳи худро имрӯз ба Худованд супоред. Аз Ӯ илтимос кунед, ки на бо хоҳиши шумо, балки тибқи иродаи Худ шуморо роҳнамоӣ кунад. Аз Ӯ бипурсед, ки шумо имрӯз кадом қадамҳоро гузошта метавонед, то ки Ӯро садоқатмандона пайравӣ кунед. Онҳоро нависед, баъд аз он иҷро кунед.

# 17

# ФИРЕБХӮРДАГОН

Бо мақсади он ки аз масъалаи асосӣ дур наравем, биёед ба таври кӯтоҳ такрор мекунем, ки моҳияти бутпарастӣ аз чӣ иборат аст. Ин аз он маълум мешавад, ки одамон, хоҳ имондор ё беимон, талаботҳои равшани Худоро ба хотири қонеъ гардонидани хоҳишу ҳавасҳои худ, ки ба роҳҳои Ӯ мувофиқ нестанд, рад мекунанд. Бинобар ин Павлус менависад:

> “Зеро яқин бидонед, ки ҳеҷ як зинокор, ё нопок, ё тамаъкор, ки вай бутпараст аст, дар Малакути Масеҳ ва Худо мерос надорад. Бигзор ҳеҷ кас шуморо бо суханони ботил фирефта накунад, зеро ки барои ин ғазаби Худо бар писарони исён меояд. Пас, шарики онҳо нашавед” (Эфсӯсиён 5:5-7).

Ғазаби Худо ба беимон меояд, аммо Худо ҳамчунин имондореро, ки ба бутпарастӣ (тамаъкорӣ) моил шудааст, ҷазо медиҳад, то ки вайро боз ба роҳи Худ баргардонад. Вале агар шахси имондор саркаширо давом дода, чун Билъом ба Худо итоат накунад, оқибатҳои он чун марг хатарнок буда метавонад. Павлус имондоронро огоҳ мекунад: “... агар ба ҳасби ҷисм зиндагӣ кунед, албатта хоҳед мурд” (Румиён 8:13). Ҳаввории Яъқуб низ огоҳ мекунад: “Баъд ҳавас ҳомила шуда, гуноҳро ба дунё меоварад, ва гуноҳ, ки ба амал омад, мамотро ба вуҷуд меоварад. Эй бародарони

маҳбубуи ман фирефта нашавед” (Яъқуб 1:15, 16).

Бутпарастӣ ба монанди заҳрест, ки оҳиста ба марг мебарад. Ин криптонити рӯҳонӣ аст. Бо он бозӣ кардан лозим нест. Тӯри бутпарастӣ маҳин ва мустаҳкам аст, мо мисоли Билъомро омӯхта, танҳо дурахши қуввати онро мушоҳида кардем, вале акнун биёед қадаме ба пеш мегузорем. Огоҳии Худоро, ки ба сарварони қавми Исроил нигаронида шуда буд, бодиққат хонед:

> “Ва каломи Худованд бар ман нозил шуда гуфт: “Эй писари одам! Ин одамон бутҳои худро ба дили худ роҳ додаанд, ва васвасаи гуноҳи худро пеши рӯи худ гузоштаанд; оё месазад, ки Ман ба саволи онҳо ҷавоб гардонам?” (Ҳизқиёл 14:2, 3).

Мо боз равшан мебинем, ки бутпарастӣ танҳо бо муҷассамаҳо, бо қурбонгоҳҳо ва бутхонаҳо маҳдуд карда намешавад. Онҳо “бутҳои худро ба дили худ роҳ додаанд” гуфта, Худо барои шубҳаҳо ҷое намондааст. Ин санамҳое нестанд, ки дар зери дарахтон гузошта шудаанд. Не, ин бутҳое мебошанд, ки дар дили одамон ҷо гирифтаанд. Онҳо ҳавасҳоеро, ки бар зидди иродаи Худост, дар қалби худ ниҳон кардаанд. Худо суханашро идома дода, мегӯяд:

> “Бинобар ин бо онҳо сухан ронда, ба онҳо бигӯй: “Худованд Худо чунин мегӯяд: ҳар касе ки аз хонадони Исроил бутҳои худро ба дили худ роҳ диҳад, ва васвасаи гуноҳи худро пеши рӯи худ бигузорад, ва назди набӣ биёяд, - Ман, ки Худованд ҳастам, ба касе ки омадааст, бо вуҷуди бисёрии бутҳояш, ҷавоб хоҳам гардонид” (Ҳизқиёл 14:4).

Вақте ки одам бо бутпарастӣ баста гардидааст (ба ҳавасҳое, ки мухолифи иродаи илоҳӣ аст, гирифтор мебошад) ва ба назди коҳин барои маслиҳат, гӯш кардани панду насиҳат ё ҳама гуна таълимоти Китоби Муқаддас меояд, ҷавоб пайдо карда метавонад, вале ин ҷавоб ба иродаи Худо мувофиқ буда наметавонад. Ин ҷавобе буда метавонад, ки ба Билъом дода шуд. Мана ин оят чӣ тавр дар тарҷумаи “Китоби Муқаддаси стандартии нави амрикоӣ” садо медиҳад: “Ман, Худованд, меоям, то ки ба ӯ мувофиқи аъмолаш дар назди бутҳои бисёраш ҷавоб диҳам”.

Огоҳиро ба роҳбари хизматгузорӣ, ки аз мазаммат кардани шахсе, ки ба бутпарастӣ машғул аст, худдорӣ мекунад, ва мегӯяд, ки ҳама чиз хуб аст, гӯш кунед (анбиё ва коҳинон роҳбарони хизматгузорӣ дар Аҳди Қадим буданд; дар идомаи сухан ман калимотеро истифода мебарам, ки ба роҳбарони ҳозира дахл доранд):

> "Ва агар набие фирефта шуда, сухане гӯяд, Ман, ки Худованд ҳастам, он набиро фирефта намудаам, ва дасти Худро бар ӯ дароз карда, ӯро аз миёни қавми Худ – Исроил – барҳам хоҳам дод (Ҳизқиёл 14:9).

Ҳангоми дуо, ман баъзан дар бораи таълимотҳое, ки махсусан дар Ғарб ходимони ҳозира паҳн мекунанд фикрронӣ карда, сахт ғамгин мешудам ва гиря мекардам. Ман сӯи Худо овоз баланд карда, ҷавоб талаб менамудам, ки дар пушти паёмҳои сусти инҷилӣ, ки имрӯзҳо гуфта ва навишта мешаванд, чӣ меистад. Дар ҷавоб Рӯҳи Худо маро ба китоби Ҳизқиёл, бобҳои 13 ва 14 бурд. Ин бобҳо нишон медиҳанд, ки дар таълимотҳои ғалате, ки гуноҳи доимии бутпарастиро нодида мегиранд, чӣ ниҳон аст. Агар ходим, бо мақсади он ки пайравони худ ё шӯҳрату эътибори худро аз даст надиҳад, Инҷили пурраро мавъиза намекунад, пас ин тамаъкорие мебошад, ки ниқоб пӯшонида шудааст. Маҳз аз ҳамин сабаб дар замоне, ки таълимотҳои бардурӯғ авҷ мегирифтанд, Ирмиё хитоб мекунад:

> "Зеро ҳамаи онҳо аз хурд то калон ба тамаъкорӣ дода шудаанд, ва аз набӣ гирифта то коҳин, саросар козибона рафтор мекунанд" (Ирмиё 6:13).

Ман барои баррасӣ карданӣ таъсири амиқи заъфи рӯҳонӣ – криптонит – дар қисми калони калисои муосир шурӯъ кардам. Ман дар бисёр одамоне, ки худро имондор меноманд, норозигиро мушоҳида намудам. Аз ҳолати қалби онҳо ҳавасҳои соҳиб шудан ба чизҳое, ки "ба таври кифоя дар ҳаёташон набуд", тавлид мешуданд (аксар вақт ин талаботҳо ҳаққонӣ набуданд, вале иштиёқашон барои соҳиб шудан ба чизҳои бисёр ва беҳтар хеле бузург буд)

Роҳбарони гумроҳ, ки бо ҳавасҳои тамаъкоронаи худ бероҳа шудаанд, Навиштаҷотро тарзе таълим медоданд, ки гӯё ҳаёти

гуноҳкоронаи ҷӯяндагони ростиро намебинанд, ва дар баробари ин аз оятҳои нороҳаткунандаи Навиштаҷот, ки рафтори шариронаро маҳкум мекунанд, мегурехтанд. Чунин бутпарастӣ хизматгузоронро водор мекунад, ки ба паёмҳо ё маслиҳатҳое, ки рост бар зидди ҳавасҳои гуноҳолуд ва қувватбахшандаи бутҳои онҳо нигаронида шудааст, чашм пӯшанд.

Дар Аҳди Қадим Павлус ба мисли Ирмиё ва Ҳизқиёл дар бораи замони оянда нубувват мекунад:

> “Зеро замоне фаро хоҳад расид, ки таълимоти солимро қабул нахоҳанд кард, балки бар тибқи ҳавасҳои худ барои худ муаллимоне хоҳанд баргузид, ки нутқашон ба гӯшҳо хуш ояд”
> (2 Тимотиюс 4:3).

Ба ин давраи таърихӣ хуш омадед! Ҳама он чизе, ки ба ҷӯяндагон лозим аст, то ки суханони ба гӯшашон хушро бишнаванд, ин пайдо кардани “ходимоне” мебошад, ки низ тамаъкор шуда метавонанд.

Аз тарафи дигар, роҳбари худотарс, парҳезгор аз ягон панду насиҳати каломи Худо дур намешавад. Бояд Навиштаҷотро бо тамоми пуррагиаш қабул кард ва иҷро намуд, на қисмҳои алоҳидаи онро. Чунин роҳбар аз рост гуфтан ва ислоҳ кардан намеҳаросад, ва ба замми он рӯҳбаланд менамояд.

Ходимоне, ки дар бораашон Павлус мегӯяд, дар бораи обрӯи худ, намуди зоҳирӣ, рушд, лоиҳаҳо ғамхорӣ мекунанд. Онҳоро бо натиҷаҳои даркорӣ ва мукофотҳо розӣ кунондан мумкин аст, бинобар ин онҳо, ба ҷои он ки содиқона Каломи Худоро, новобаста ба он ки қабул мекунанд ё не эълон намоянд, ба ҳавасҳои шунавандагони худ мувофиқ карда, гап мезананд ва таълим медиҳанд.

## Танҳо як ходим ростиро баён кард

Еҳӯшофот, подшоҳи Яҳудо, бо Аҳъоб, подшоҳи Исроил хешованд шуд, ва иттифоқчии ӯ гардид. Барои Еҳӯшофот ин иттифоқ судманд набуд, чунки вай одами худотарс буд, вале Аҳъоб – бутпараст. Пас аз чанд вақт Еҳӯшофот барои ташриф овардан ба назди подшоҳи Исроил ба Сомария равона шуд.

Аҳъоб аз меҳмони худ хоҳиш кард, ки Яҳудоро якҷоя бо Исроил барои ҷамъ кардани лашкар даъват кунад ва ба Арам ҳамла орад. Еҳӯшофот

ҷавоб дод: "Барои чӣ не, албатта! Мо бо ҳамдигар бародаронем, лашкари ман дар ихтиёри туст, фармон деҳ. Мо, албатта, туро дар ин муҳориба дастгирӣ мекунем". Вале сипас илова кард: "Аммо дар аввал биё аз Худованд мепурсем, ки чӣ мегӯяд" (ниг. 2 Вақоеънома 18).

Инак, подшоҳ Аҳъоб чаҳорсад ходимон ва роҳбарони беҳтарини Исроилро даъват кард. Онҳо ходимони Баал, Ашераҳо, Шемоша ва худоёни дигари бардурӯғ набуданд, онҳо ходимони Худованд Худо буданд ( онҳо аз номи Яҳве нубувват мекарданд). Аҳъоб онҳоро пурсид, ки оё мумкин аст ба ҷанг равад ё худдорӣ намояд.

Ходимон бо як овоз ҷавоб доданд: "... Бирав, ва Худо онро ба дасти подшоҳ хоҳад супурд" (2 Вақоеънома 18:5). Ин роҳбарон омӯзонида шуда буданд, ки ба шунавандагон, махсусан ба одамони муҳим, танҳо паёмҳои мусбии рӯҳбаландкунанда гӯянд. Гарчанде онҳо ходимони Яҳве бошанд ҳам, ба тамаъкорӣ гирифтор шуда буданд, онҳо бутпараст буданд.

Гарчанде онҳо ходимони аз ҳама обрӯмандтарини Исроил ва паёмҳои онҳо барои ҳама баҳснопазир бошанд ҳам, ба Еҳӯшофот ин маслиҳат писанд наомад. Тарси Худо ба ӯ мадад кард, ки лаёқати шинохтани фарқиятро дар худ маҳфуз дорад. Ӯ пурсид: " ... Оё дар ин ҷо боз набии Худованд нест, то ки аз вай бипурсем?" (ояти 6). Ӯ медонист, ки гӯяндагон анбиёи Яҳве буданд, вале ба назари ӯ ким-чӣ нодуруст менамуд.

Аҳъоб ҷавоб дод: " ... Боз як мард ҳаст, ки ба воситаи вай аз Худованд пурсидан мумкин аст, вале ман аз вай нафрат дорам, зеро ки вай дар ҳаққи ман ба хубӣ нубувват намекунад, балки тамоми умри худ ба бадӣ; вай Микойҳу ибни Йимло мебошад" (ояти 7). Барои бутпараст ё ҷамоати имондороне, ки ба суханҳои хуш одат кардаанд, ходими ҳақиқи Инҷил комилан ҳамчун як шахси манфӣ ва миҷинг менамояд.

Микойҳу аз дигарон фарқ мекард, чунки аз Аҳъоб чизеро умедвор набуд ва тамаъ намекард.Ӯ аз одам дида бештар аз Худо метарсид ва таҳсини Худоро аз муваффақият афзал медонист. Ӯ медонист, ки Яҳве сарчашмаи вай буд, ва писанди Ӯ буданро беҳтар меҳисобид, назар ба он ки ба подшоҳе, ки зери таъсири криптонит афтодааст, писанд ояд. Ин хислат ба ӯ ёрӣ расонид, ки покиро нигоҳ дорад ва аз дурӯғ, ки дигар ходимонро маҷрӯҳ карда буд, худдорӣ кунад.

Он гоҳ Аҳъоб барои овардани Микойҳу одам фиристод. Дар ҳоле ки онҳо набии ҳақиқиро интизор буданд, ходимон дар назди ду подшоҳ

нубуват карданро давом медоданд. Яке аз онҳо – ибрӣ бо номи Сидқиёҳу аз қабилаи Бинёмин шохҳои оҳанин барои худ сохт ва гуфт: “Арамиёнро бо ин шохҳо хоҳӣ зад, то ки тамоман маҳв шаванд” (ояти 10).

Ва ҳамаи ходимон якбора ҳамовозӣ карда, гуфтанд: “Ба Рӯмот-Ҷилъод бирав ва комёб шав, чунки Худованд (Яҳве) онро ба дасти подшоҳ супурд” (ояти 11). Албатта, аз паси дигарон такрор кардан ва ҷудо нашудан осон аст, дуруст мегӯям? Ва агар ҳама розианд ва суханони туро тасдиқ мекунанд, мо боз ҳам бештар рӯҳбаланд мегардем ва бехатарӣ ҳис мекунем! Бале, онҳо хоҳиши аниқи қалби Аҳъобро тасдиқ карданд ва рӯирост ба хоҳиши вай, ки ғанимат ба даст овардан буд, мувофиқ гап заданд. Ин бутпарастӣ аст!

Дар ҳоле ки ҳамаи ходимон якдилона ба ду подшоҳ маслиҳат медоданд, қосид Микойҳуро ёфт ва гуфт: “Инак, анбиё бо як овоз суханони хуб дар ҳаққи подшоҳ мегӯянд; бигзор сухани ту низ мисли яке аз онҳо бошад, яъне ту ҳам сухани хуб бигӯй” (2 Вақоеънома 18:12).

Дар баъзе калисоҳои машҳур, ки маро даъват мекарданд, чунин суханонро шунидаам. “Ҷон, одамонро рӯҳбаланд кун. Паёми мусбиро мавъиза кун. Ба онҳо илҳом бахш ва тасаллӣ деҳ. Мо ҷамъомадро бо суруди рӯҳбаландкунанда анҷом медиҳем, то ки ту бо оҳанги илҳомбахш ҷамъбаст кунӣ. Мо мехоҳем, ки онҳо бо дили хурсанд раванд”. Гӯё ки ходими оддӣ паёми Подшоҳро вайрон карда метавонад! Агар мо паёми Ӯро дигар кунем, дигар қосидони Ӯ буда наметавонем, ки чун анбиёи Худо гап мезананд, ва ба одамони оддӣ табдил меёбем, ки танҳо суханони дилхушкунандаро аз ҳар ҷои Китоби Муқаддас ба забон меорем, то ки мувофиқи хоҳиши шунавандагон сухан гӯем.

Микойҳу бедудилагӣ ҷавоб дод, чунки вай ба дурӯғ дода нашуд: “Қасам ба ҳаёти Худованд, ки он чи Худованд ба ман бигӯяд, ҳамонро хоҳам гуфт” (ояти 13).

Эй Падар, роҳбаронеро бифирист, ки дар замони мо айнан чунин рафтор кунанд!

Вақте ки Микойҳу дар назди Аҳъоб истод, ба вай низ ҳамон саволро доданд, ки бисёр дигар ходимон аллакай ҷавоб дода буданд. Микойҳу бо писханд гап зад: “Биравед ва комёб шавед, чунки онҳо ба дасти шумо супурда хоҳанд шуд” (ояти 14).

Аҳъоб хафа шуд, ки Микойҳу ба ӯ механдад. Он гоҳ Микойҳу

алоқамандона ба вазъияте, ки онҳо диққат медоданд, каломи Худоро гуфт: "Тамоми Исроилро мисли рамае, ки чӯпон надорад, бар кӯҳҳо пароканда дидам. Ва Худованд гуфт: "Инҳо соҳиб надоранд, пас ҳар яке ба хонаи худ ба саломатӣ баргарданд" (ояти 16).

Аҳъоб ба Еҳӯшофот рӯ овард ва гуфт: "Оё ба ту нагуфтам, ки вай дар ҳаққи ман ба хубӣ нубувват намекунад, балки ба бадӣ?" (ояти 17).

Он гоҳ Микойҳу ба Аҳъоб сухани худро давом дода гуфт, ки оқибати вай чӣ гуна хоҳад буд.

> "Ва ӯ гуфт: "Пас каломи Худовандро бишнавед: ман Худовандро бар тахти Худ нишаста дидам, ва тамоми лашкари осмон ба тарафи рости Ӯ ва ба тарафи чапи Ӯ истода буданд. Ва Худованд гуфт: " Кист, ки Аҳъоб, подшоҳи Исроилро розӣ кунад, то ки вай ба Ромӯт-Ҷилъод рафта, фурӯ ғалтад? Яке ин тавр гуфт ва дигаре ин тавр гуфт. Ва рӯҳе берун омада, ба ҳузур Худованд истод ва гуфт: "Ман ӯро розӣ мекунам". Ва Худованд ба вай гуфт: "Чӣ гуна?" Вай гуфт: "Ман берун омада, рӯҳи козибе дар даҳони анбиё мегардам". Ва Ӯ гуфт: "Ту розӣ хоҳӣ кард ва муваффақият хоҳӣ ёфт; пас берун омада чунин амал намо". Ва инак, алҳол Худованд рӯҳи козибе дар даҳони ин анбиёи ту гузоштааст; вале Худованд дар ҳаққи ту сухани бад гуфтааст" (оятҳои 18-22).

Худо дар дили Аҳъоб бутпарастиро (тамаъкорӣ) дида, ба вай ҷавоб гардонд. Дар ин ҷо ҳақиқате оварда шудааст, ки дар борааш Ҳизқиёл навиштааст. Худо бутпарастиро на танҳо дар қалби Билъом, чунонки дар боби гузашта дидем, ва дар ин боб, чунонки дар мисоли Аҳъоб мушоҳида кардем, балки ҳамчунин касонеро, ки ин нубуввати дурӯғро ба забон меорад, маҳкум мекунад.

Аҳъоб паёмеро, ки шунидан мехост, шунид, вале суханони ҳақиқии Худоро, ки бехатарӣ ва халосӣ оварда метавонистанд, рад кард. Аҳъоб ба ҷанг рафт. Гарчанде ки ӯ либоси дигар пӯшид, то ки арамиҳо вайро нашиносанд, тири тасодуфие вайро зад, ва ӯ то ғуруби офтоб мурд. Аз одам пинҳон шудан мумкин аст, вале аз Худо – хеҷ гоҳ!

Имрӯз чӣ рӯй дода истодааст? Оё мо бехатарӣ, некӯаҳволӣ ва осудаҳолиро, ки Худо ваъда кардааст, хоҳонем? Ё мо мехоҳем, ки ба мо тамаллуқ гӯянд? Оё вақте ки моро бо сабаби дурӯғ нохушиҳои ҷиддӣ

фаро мегиранд, дар бораи “осоиштагӣ” шунидан мехоҳем?

Оё мо дар ин бора дар партави Китоби Муқаддас фикрронӣ карда метавонем? Чӣ беҳтар аст – бехатарии дарозмуддат дар итоаткорӣ ба каломи Худо ё баракати рӯякии муваққатӣ, дар ҳоле ки моро ҷазо ва доварии ногузир дар гӯшае интизор аст?

## АМАЛ КУНЕД

Бисёр одамон, ки худро масеҳӣ меноманд, танҳо суханони дилхушкунандаро шунидан мехоҳанд. Аз сабаби тамаъкорӣ ва тарс аз одамон ходимон ба пайравони худ танҳо суханони рӯҳбаландкунанда мегӯянд. Дар ин ҳолатҳо ҳама суханон ширину зебо садо медиҳанд, вале ин кифоя нест, ва онҳо роҳбарон ва пайравонашонро ба роҳи мақбул намебаранд.

Мо бояд ҳақиқатро бишнавем, гарчанде дар аввал он дарднок метобад. Новобаст аз он ки шунидани ростӣ чӣ қадар дарднок аст, ин аз озмоишҳои пуразобе, ки ба сабаби дӯрӯғ ба ҳаёти мо меоянд, беҳтар аст.

Шумо одаме буда метавонед, ки ҷӯяндаи ростӣ аст.

Аз Худо талаб кунед, ки алоқамандона ба ҳаёти шумо ростиро ошкор кунад, илтимос кунед, то соҳаҳоеро, ки аз нодонӣ ба дурӯғ роҳ додаед, нишон диҳад. Ҳақиқатҳоеро, ки Ӯ ба шумо ошкор мекунад, нависед ва дар давоми рӯзҳо ва ҳафтаҳои оянда дар бораашон фикр кунед. Сипас аз Худо талаб кунед, ки шуморо устувор гардонад, то ки шумо ҳақиқатро гуфта тавонед, ҳатто агар он оммафаҳм ва дилхушкунанда нест. Ҷанҷол хезондан лозим нест, вале ҳамчун Микойҳу ҷавоб дода тавонистан лозим аст: “Он чи Худованд ба ман бигӯяд, ҳамонро хоҳам гуфт”.

# 18

# ИСОИ ҚАЛБАКӢ

Шояд шумо ҳайрон шудед: "Исои қалбакӣ ин боз чӣ аст? Ин боб ҷузъиёти нозук ва муҳимеро, ки имондорро ба бутпарастӣ мекашад, баррасӣ мекунад. Ҷиҳати мазкур ба ошкор кардани он ҳақиқат кӯмак мекунад, ки чаро дар масеҳияти муосир ин қадар имондорони зиёд, дар алоҳидагӣ ва ҳамчунин тамоми калисо, осонакак тӯъмаи криптонити рӯҳонӣ мегарданд, ки қуввати онҳоро мерабояд.

## Шуморо назди Худ овардам

Чуноне ки ман қаблан зикр кардам, хуруҷи Исроил аз Миср рамзи наҷоти мо, хуруҷи мо аз дунё мебошад. Мӯсо исроилиёнро ба кӯҳи Сино бурд, ба он ҷое, ки ӯ бо Худо дар зери буттаи фурӯзон вохӯрда буд. Мӯсо мехост, ки қавми ӯ низ чунин вохӯриро аз сар гузаронанд. Барои чӣ ӯ зуд онҳоро ба замини мавъуд бурдан нахост, пеш аз он ки бо Касе, ки ин ваъдаро додааст шинос кунад? Ҳамон лаҳза ки ба Сино омаданд:

> "Мӯсо сӯи Худо баромад, ва Худованд ӯро аз кӯҳ даъват намуда, гуфт: "Ба хонадони Яъқуб чунин бигӯ ва ба банӣ-Исроил хабар бидеҳ: шумо он чиро ки ба мисриён кардам дидед, ва Ман шуморо бар болҳои уқобон бардоштам, ва шуморо назди Худ овардам" (Хуруҷ 19:3, 4).

Ба суханони Ӯ диққат диҳед: “шуморо ба назди Худ овардам”. Ин суханон ҳадафи илоҳии наҷоти моро аз дунё мефаҳмонад. Худо шуморо назди Худ овард. Ӯ хоҳони шумо аст, Ӯ муштоқи сӯҳбат бо шумо мебошад ва мехоҳад, ки бо шумо ҳамчун Падар ба писараш муносибат кунад.

Оё шумо тасаввур карда метавонед, ки Худо, вақте ки қавми Худро аз асорате , ки чанд садсола тӯл кашид, озод кард,чӣ хел шод шуд? Ман ёд дорам, вақте ки Лиза ба ҳар яке аз чор фарзандони мо ҳомиладор мешуд, ман таваллуди онҳоро бесаброна интизорӣ мекашидам. Ман нӯҳ моҳи дурудароз мунтазир мешудам. Ман мехостам, ки онҳоро ба рӯи дастонам гирам, мушоҳида кунам, ки онҳо чӣ тавр калон мешаванд, овози онҳоро бишнавам, хусусиятҳои шахсияти онҳоро дарк кунам ва бо онҳо чун падар бо писарон муносибат созам. Бо ибораи дигар, ман ташнаи онҳо будам.

Муносибати Худо ҳамин гуна буд, вале Ӯ на нӯҳ моҳ, балки вақти хеле зиёд интизор шуд!

Ба одамон лозим буд, ки бо таври муайян барои вохӯрии бомуваффақият омода шаванд. Худо гуфт: “Назди қавм рафта, онҳоро имрӯз ва фардо тақдис намо, ва бигзор онҳо либосҳояшонро шустушӯ кунанд, ва ба рӯзи сеюм тайёр бошанд, зеро ки рӯзи сеюм Худованд пеши назари тамоми қавм, бар кӯҳи Сино фуруд хоҳад омад” (Хуруҷ 19:10, 11).

Худованд ба қавми Худ гуфт: “Ман ташнаи шумоям, вале барои он ки вохӯрии гарм дошта бошем, шумо бояд чирки Мисрро аз либосҳоятон шуста партоед. Ман Падари шумоям, вале ғайр аз ин Ман Худои қуддусам ва бо шумо муносибатҳои рӯякиро тоқат надорам.

Бо одамони худхоҳ муносибатҳои амиқу муҳим доштан амри маҳол аст. Худо Худро пурра ба мо бахшид, Ӯ намегузорад, ки мо ҳамчун шахсони дунёвӣ, ки одамони гирду атроф ва муносибатҳоро бо онҳо барои қонеъ гардонидани хоҳишҳои худписандонаи шахсиашон истифода мебаранд, зиндагӣ кунем.

Дар Сино ду рӯз сипарӣ шуд, саҳарии рӯзи сеюм Худованд фуруд омад, то ки Худро ба одамон зоҳир кунад. Вақте ки Ӯ чунин кард, онҳо ба ақиб рафта, аз тарс ларзиданд. Онҳо ба Мӯсо гуфтанд: “Ту бо мо сухан бигӯ, ва мо хоҳем шунид, вале Худо ба мо сухан нагӯяд, мабодо бимирем” ( Хуруҷ 20:19).

Мӯсо ба даҳшат афтод. Чӣ тавр онҳо аз Касе, ки онҳоро аз ғуломӣ

наҷот дод, худро дур мегиранд? Чӣ тавр онҳо овози Офаридгорро шунидан намехоҳанд? Маҳзунии Худоро тасаввур кунед. Ӯ ин лаҳзаро дер боз интизор буд. Ӯ иштиёқ бар он дошт, ки акнун онҳоро, чуноне ки Мӯсоро мешиносад, хоҳад шинохт. Аммо онҳо ҳузури Ӯро рад карданд.

Ман тасаввур карда наметавонам, агар яке аз писаронам гӯяд: "Падар, ман намехоҳам, ки ту шахсан бо ман сӯҳбат кунӣ. Бигзор ягон нафар аз бародаронам ба ман суханони туро бирасонад". Чӣ қадар даҳшат!

## Барпо кардани каҳонат

Худо қарор кард, ки каҳонат барпо кардан зарур аст, чунки одамон шахсан бо Ӯ сӯҳбат кардан намехостанд. Коҳин – ин шахсест, ки аз номи Худо ба одамон гап мезанад. Дар байни ибриён аллакай пайғамбар Мӯсо буд, ки суханони Худоро ба одамон мерасонид. Аммо Худо бояд каҳонатро барои ташкили муносибатҳои давомдор бо халқ барпо мекард.

Сипас Худо гуфт: "Бирав, фуруд ой, ва баъд баро, ва Ҳорун ҳамроҳи ту бошад ... (Хуруҷ 19:24). Ҳорун аввалин коҳини Ӯ мегардад, гарчанде ин нақшаи аввалаи Ӯ набуд. Дар аввал Ӯ мехост, ки онҳо ҳама коҳинон бошанд. Вақте ки онҳо ба Сино омаданд, Ӯ гуфт: "ва шумо барои Ман мамлакати коҳинон ва халқи муқаддас хоҳед буд. Ин аст суханоне, ки ту бояд ба банӣ-Исроил бигӯӣ" (Хуруҷ 19:6). Ӯ мехост, ки ҳар як одам дар Исроил бо Ӯ сӯҳбат карда тавонад.

Худо ба Мӯсо амр кард, ки Ҳорунро ҳамроҳи худ ба кӯҳ барорад. Лекин мо сабте дар бораи он ки Ҳорун ба ин вохӯрӣ ҳозир шуд ё не, надорем. Бо кадом як сабабе вай дар ӯрдугоҳ бо халқ бимонд, Мӯсо бошад ба кӯҳ баромад ва дар он ҷо чил шабу рӯз бимонд. Барои чӣ Ҳорун бо ҳамроҳи ӯ нарафт. Шояд, ӯ худро дар байни одамон назар ба он ки бо Худо бошад, бароҳаттар ҳис мекард? Шояд, вай аз танҳо мондан бо Худо тарсид? Мо ҷавоби аниқро намедонем, вале аниқ медонем, ки Ҳорун кореро анҷом дод, ки аз ақл берун аст.

## Яҳвеи сохта

"Ва қавм чун диданд, ки Мӯсо дар фуромадан аз кӯҳ даранг мекунад, қавм назди Ҳорун ҷамъ шуданд ..." (Хуруҷ 32:1)

Чӣ воқеа рӯй дод? Якумаш, қавм хоҳише дошт, ки ба амал баровардан мехост. Дуюм, Ҳорун қобилияти роҳбарӣ дошт ва ин одамонро ба худ ҷалб мекард. Ин хеле масъалаи муҳим аст, чунки диққати одамонро роҳбари қавӣ, новобаста аз он ки вай ба Худо итоат мекунад ё не, ба худ ҷалб мекунад. Фақат ин нишона, ки аз паси роҳбар шумораи зиёди одамон мераванд, маънои онро надорад, ки ӯ Худоро ба таври ҳаққонӣ мешиносад. Бишнавед, ки одамон ба Ҳорун чӣ мегӯянд:

> “...Бархоста барои мо худоёне бисоз, ки пешопеши мо равона бошанд, зеро ин шахс, яъне Мӯсо, ки моро аз замини Миср берун овард, намедонем, ки ба вай чӣ ҳодиса рӯй додааст” (Хуруҷ 32:1).

Аввалан, ба чӣ диққат кардан лозим аст, – одамон намегӯянд: “зеро намедонем, ки бо Худо чӣ ҳодиса рӯй додааст”. Ин масъалаи муҳим аст, ки ба зудӣ ба он бармегардем.

Дуюм, ба он диққат диҳед, ки онҳо “барои мо худоёне бисоз” мегӯянд. Калимаи ибронии elohim бо маънои “худо”фаҳмида мешавад. Ин калима дар Аҳди Қадим бештар аз 2600 бор навишта шудааст. Бештар аз 2250 бор ин калима ба Худои Қодир дахл дорад. Масалан, сиву ду маротиба он дар боби якуми китоби Ҳастӣ вомехурад. Ояти аввалини Китоби Муқаддас мегӯяд: “Дар ибтидо elohim осмон ва заминро офарид”.

Боз як мисолро мо дар китоби Такрори Шариат (13:4) мебинем: “Худованд (Яҳве) Худои (elohim) худро пайравӣ кунед, ва аз Ӯ битарсед, ва аҳкоми Ӯро риоя намоед, ва бо овози Ӯ гӯш диҳед, ва Ӯро ибодат кунед, ва ба Ӯ бичаспед”. Шумо мебинед, ки Навиштаҷот номи Худовандро Яҳве меномад, баъдтар дар бораи Ӯ elohim навишта шудааст. Ӯ Худо, Ҳокими Мутлақ ва сарчашмаи асосӣ мебошад.

Аммо андаке бештар аз 250 маротиба дар Аҳди Қадим калимаи elohim барои тасвири худои бардурӯғ, ба монанди Доҷӯн (1 Подшоҳон 5:7) ё Баал (3 Подшоҳон 18:21) истифода бурда шудааст. Бинобар ин мо бояд ин калимаро алоқамандона ба мазмуни матн хонем, то бидонем, ки сухан дар бораи кӣ меравад.

Ҳорун ба дархости қавм ҷавоб медиҳад ва ба онҳо мефармояд, ки халқаҳои тилло биёранд. Ӯ он тиллоро мегудозад ва аз он гӯсола

месозад. Вақте ки гӯсола тайёр мешавад, одамон мегӯянд: “Ин аст худои ту, эй Исроил, ки туро аз замини Миср берун овард!” (Хуруҷ 32:4). Ёдрас мекунам, ки дар ибронӣ “худо” elohim мебошад. Аммо мо аз рӯи гапи онҳо, – “худое, ки туро аз замини Миср берун овард!”, фаҳмида метавонем, ки сухан дар бораи кӣ меравад. Онҳо хуб медонистанд, ки Кӣ онҳоро берун овард, онҳо аблаҳ набуданд. Тахмини мо бо ояти минбаъда тасдиқ карда мешавад:

> “Ва Ҳорун инро дида, қурбонгоҳе пеши он бино кард, ва Ҳорун эълон намуда гуфт: “Фардо ид аст барои Худованд” (Хуруҷ 32:5).

Калимаи “Худованд” дар матни аслӣ Яҳве мебошад. Дар тафсири CWSB навишта шудааст: “Ин калима ба номи шахсии Худои Исроил дахл дорад, махсусан ба номе, ки бо он Ӯ Худро ба Мӯсо зоҳир намудааст (Хуруҷ 6:2, 3). Аз рӯи анъана, чун нишонаи эҳтиром ба қудсияти Ӯ, номи Худоро талаффуз намекарданд. То худи давраи Эҳё дар матни Аҳди Қадим бо ибронӣ вайро бе садонок YHWH менавиштанд”.

Ин калима ба истиснои порчаи мазкур, дар ҳеҷ ҷои дигари Китоби Муқаддас алоқамандона ба худои бардурӯғ истифода бурда нашудааст. Дар ин ҷо ягон иштибоҳе мавҷуд намебошад. Аз ақл берун аст, ки чӣ тавр Ҳорун ва қавм ба ин гӯсола нигоҳ карда, онро Яҳве меноманд. Онҳо ин гӯсоларо Баал, Доҷӯн, Ашера, Ра, Нефтида ё бо номи ягон худои мисрӣ ном нагирифтанд. Онҳо намегӯянд: “Ин аст Ра, ки моро аз Миср берун овард”.

Ба хотир оред, ки онҳо чӣ гуфтанд: “Мо намедонем, ки бо Мӯсо чӣ рӯй дод”. Онҳо нагуфтанд: “Мо намедонем, бо Худо чӣ рӯй дод”. Онҳо мавҷудияти Яҳверо ва иштироки Ӯро дар ҳаёти худ рад намекунанд. Онҳо чун пештара эътироф мекунанд, ки Яҳува (Яҳве) онҳоро наҷот додааст ва халосӣ бахшидааст, шифо додааст ва ба онҳо ғамхорӣ намудааст. Онҳо, агар ба таври оддӣ гӯем, симои ҳақиқии Ӯро бо симои ба худ қулайи Яҳве, ки ҳар чиро ки хостанд, ба онҳо дод, иваз карданд.

Бо мисоли замони имрӯза диққат кунед: Мо бо Лиза бисёр вақт сафар мекунем, дар ташкилоти “Messenger International” мо дастаи кории хеле хуб дорем. Бинобар ин сархати навбатӣ танҳо мулоҳизаронии фарзӣ мебошад, чунки аъзоёни дастаи мо ҳеҷ гоҳ чунин рафтор намекунанд. Мо бо Лиза, ки роҳбарон ҳастем, ҳамеша принсипҳои худро дар кор ва маданияти рафтор нишон медиҳем, чунки онҳо барои мо хеле зарур

мебошанд. Мана, баъзе аз онҳо: мо аз даста нӯҳ соати босамарро талаб мекунем, гарчанде ки рӯзи корӣ аз ҳашт соат иборат аст. Мо мехоҳем, ки фазои корӣ бароҳат бошад, то ки ҳама самаранок кор кунанд, одамонро дӯст доранд ва ба ҳар як одам, ҳамкор ё роҳбар, ки барои иҷро кардани супоришҳои ҳаррӯза ва ҳарҳафтаина ба мо муроҷиат мекунанд, хизмат кунанд, ва ғайра, рӯйхатро боз ҳам давом додан мумкин аст. Директори иҷроияи мо, ки бо номи сохта Тим меномам, барои риоя гардидани намунаҳои мо дар вақти кор ва маданияти рафтор ҷавоб медиҳад.

Вазъиятеро тасаввур мекунем, ки мо бо Лиза дар сафар мебошем, ғайр аз ин директори иҷроия низ дар ҷои кор ҳозир нашудааст. Шахси дигар аз рӯи мақоми навбатӣ сардиректори молия Ҷордан (номи сохта) мебошад. Ҳамон лаҳза ки Тим меравад, Ҷордан зуд ба даста эълон мекунад: “Бачаҳо, Ҷон ва Лиза мехоҳанд, ки дар байни дастаи мо хурсандӣ бошад. Биёед диджейро даъват мекунем, бо чароғакҳои фурӯзон таҳти садои мусиқӣ ва дуд рақсу бозӣ ташкил менамоем ва шабнишиниҳоро чанд рӯзи дигар давом медиҳем. Тамоми он ҳама вақт, ки ҷашн давом мекунад, даста “эътироф” мекунад, ки онҳо аниқ он кореро ба амал оварда истодаанд, ки аз онҳо талаб карда шудааст. Онҳо доимо изҳор мекунанд: Мо хоҳиши Ҷон ва Лизаро иҷро карда истодаем – онҳо мехоҳанд, ки дар байни мо хурсандӣ бошад”. Сипас яке аз аъзоёни даста фарёд мекунад: “Дӯстон, Ҷон занг зада истодааст. Ман ба ӯ дар бораи шабнишинӣ нақл кардам, ӯ аз мо хеле хурсанд аст”. Маълум аст, ки ин дурӯғ мебошад, агар ман дар ҳақиқат занг зада мефаҳмидам, ки чӣ воқеа рӯй дода истодааст, ман аз ҳамаи аъзоёни даста сахт хафа мешудам.

Акнун тасаввур мекунем, ки Тим, директори иҷроия, аз мо пештар бармегардад. Ӯ низ хеле ғамгин мешавад. Вай мусиқаро, чароғакҳоро ва таҷҳизоти дудбарорро хомӯш мекунад ва рӯирост ба даста ҳар он чизе, ки дар фикр дорад, мегӯяд: “Ба Ҷон ва Лиза ин писанд намеояд. Шумо онҳоро нодуруст фаҳмидед!” Сипас ӯ сардори шӯъбаҳоро аз кор озод мекунад. Чунки онҳо ба ворид шудани маданияте роҳ кушоданд, ки муқобил ба он чизҳое мебошанд, ки мо сохтаем.

Акнун биёед ба рафтори Исроил, ки ин худои ба худ қулайро бо номи “Яҳве” офарид, нигоҳ мекунем.

> “Ва фардои он бармаҳал бархоста, қурбониҳои сӯхтанӣ тақдим намуданд, ва қурбониҳои саломатӣ забҳ карданд; ва қавм

> барои хӯрдан ва нӯшидан нишастанд, ва барои рақсу бозӣ бархостанд” (Хуруҷ 32:6).

Ин рӯзи идонаи Яҳве буд. Роҳбарон ва ҳамаи одамони боқимонда ба Ӯ қурбониҳо меоранд. Онҳо худашонро бовар кунонданд, ки бо корҳои худ ба “Яҳве”писанд меоянд. Онҳо фикр мекунанд, ки Ӯ ба ҳирси бепоён, айшу нӯш ва дилхушии пурҷӯшу хурӯши онҳо (ки ба фикри ман гуноҳҳои ҷинсиро низ дар бар мегирифт) зид нест. Онҳо гумон карданд, ки чунин рафтор барои Худо (Яҳве) қобили қабул аст, гарчанде ки дар асл он тамоман ба Ӯ писанд намебошад.

Акнун онҳо ба шакли аз ҳама пурфиребтарини бутпарастӣ гузаштанд. Онҳо нусхаи Яҳверо сохтанд, ки тамоман баръакси Ӯ мебошад. Ин сохтакорӣ ба онҳо имкон медиҳад, ки мувофиқи ҳавасҳои худ зиндагӣ кунанд ва ҳар кореро, ки мехоҳанд, анҷом диҳанд. Аслан онҳо аз халқҳои бутпараст, ки ба Худо ибодат (итоат) карданро рад мекунанд, ягон фарқе надоранд. Павлус мегӯяд, ки “хаёлоти онҳо ботил ва дили бефаросаташон тира шуд” (ниг. Румиён 1:21). Фарқи ягона дар он аст, ки халқҳои бутпараст худоёни худро бо чунин номҳо ба мисли Доҷӯн, Баал, Хапи, Аммит, Сопду ва ғайра мехонанд, гарчанде ки Исроил Худои худро Яҳве номид.

Баъд Худо ба директори иҷроия Мӯсо мегӯяд: “Шитоб намуда, фуруд ой, зеро қавми ту, ки аз замини Миср берун овардаӣ, фосид шудаанд. Аз роҳе, ки ба онҳо амр фармудаам, зуд дур шудаанд, гӯсолаи рехтае барои худ сохта, пеши он саҷда бурдаанд ва барои он забҳ карда, гуфтаанд: “Ин аст худои ту, эй Исроил, ки туро аз замини Миср берун овард!” (Хуруҷ 32:7, 8).

Мӯсо баргашт, Ӯ мебоист ҳисобот талаб кунад. Аввалан, аз Ҳорун, ки ба ҷои худ таъин карда буд, баъд аз роҳбарон ва, ниҳоят, аз қавм. Навишта шудааст: “Ва Мӯсо ин қавмро дид, ки лаҷомгусехта шудаанд, зеро ки Ҳорун онҳоро ба дараҷаи лаҷомгусехтагӣ расонида буд, ба дараҷае, ки пеши бадхоҳонашон расво хоҳанд шуд. Ва Мӯсо назди дарвозаи ӯрдугоҳ истода гуфт: “Ҳар кӣ ба тарафи Худованд бошад, назди ман ояд!” Ва ҳамаи писарони Левӣ назди ӯ ҷамъ шуданд” (Хуруҷ 32:25, 26). Онҳо низ, ба мисли мо, ба назди Худованд на фақат барои номи Ӯро хондан ва таронаҳо сароидан меоянд. Мо ҷониби Ӯро интихоб мекунем, азм мекунем, ки мутобиқи иродаи Ӯ ва фармудаҳои Ӯ зиндагӣ кунем.

Инак, дар назди мо чанд саволи муҳим пайдо мешаванд:

Оё мо барои худ “як Исоеро”наофаридаем, ки ҳама чизи ба фикрамон ояндаро ба мо медиҳад?

Оё эътироф мекунем, ки Ӯ барои мо хун рехт, моро наҷот дод ва аз ҷаҳон халос кард?

Дар васфи Ӯ оё сурудҳо намехонем, ки Ӯ барои мо ба осмон роҳ кушод, вале дар асл бошад, “Исои мо” на он Исо аст, ки дар дасти рости Падар нишастааст?

Оё мо барои худ як Исои қалбакиро насохтаем?

Оё дар калисо ба мисли исроилиён, ки аз Миср берун омаданд, одамони фиребхӯрда бисёранд?

Боз як саволи иловагӣ: кистанд он директорҳои ба Мӯсо монанд, ки аз кӯҳи Худованд фаромада, бо қалби пуроташ ва муҳаббат фиребхӯрдагонро мазаммат мекунанд?

Агар онҳо зоҳир нагарданд, фиреби мо боз ҳам қавитар мегардад. Криптонит сустии моро то ба марг истифода мебарад.

## АМАЛ КУНЕД

Дар замони ҳозира гуфтан осон аст, ки шумо ба Исо имон доред. Новобаста ба ин қисми зиёди одамон бар зидди масеҳият барангехта шудаанд, чунки фарқияти байни мо ва ҷаҳонро қариб намебинанд. Масеҳиён номи Исоро эълон мекунанд, сипас мегӯянд, ки Худоро эҳтиром менамоянд, гарчанде ки дар гуноҳ умр ба сар мебаранд, чунин имон ба Исо писанд нест. Чуноне ки Мӯсо Исроилро ба ҳисобот даъват карда, гуфт: “Ҳар кӣ ба тарафи Худованд бошад, назди ман ояд!” Вақти он расидааст, ки масеҳиёни ҳақиқӣ бархоста, бародарону хоҳарони худро ба сӯи ростӣ даъват кунанд.

Пайравӣ кардани Исо маънои пардохтани нархи гаронро дорад . Ҳаёти мо ба худамон тааллуқ надорад. Иродаи мо ба Худо тобеъ мешавад, ва ё Ӯ Худои мо маҳсуб намешавад. Мо бовар дорем, ки Ӯ ҳама чизҳои заруриро ба мо медиҳад. Ин аст даъвати масеҳият – биёед, наҷотро қабул кунед, вале шумо бояд барои худ бимиред ва офаридаи нав шавед.

Дар бораи даъвати ҳаққонии масеҳият фикрронӣ кунед. Фикрҳои

худро дар бораи ин мавзӯъ, яъне фарқиятро байни чизҳои нав, ки акнун донистед ва чизҳое, ки пештар медонистед, нависед. Сипас дар оилаи худатон ё дар калисо шахсеро пайдо кунед, ки дар ин бора бо ӯ сӯҳбат карда метавонед. Ин ҳақиқатро ба вай расонед.

19

# НУҚТАИ ҲАРАКАТ КАРДАН

Маълум аст, ки дар вақти баргаштани Мӯсо аз кӯҳи Худованд Исроил пурра ба бутпарстӣ афтода буд, гарчанде ки онҳо эътироф мекарданд, ки маҳз Яҳве онҳоро наҷот дод ва аз Миср берун овард. Чӣ тавре ки аллакай гуфта будем, решаи бутпарастӣ дар беитоатӣ ба он чизҳое мебошад, ки Худо аниқу равшан ба мо нишон медиҳад. Агар мо Исоро ҳамчун Худованд ва Наҷотбахши худ эътироф кунем, вале ба ҳукми Ӯ итоат накунем, ин ба як шакли аз ҳама пурфиребтарини бутпарастӣ табдил меёбад.

Биёед ба мисоли фарзии дастаи мо дар ташкилоти «Messenger International» бармегардем. Ҳамон замон ки директор Тим ба дафтари корӣ бармегардад ва дар он ҷо дилхушии фориғболонаро мебинад, вай ба директори молия Ҷордан хашмгин мешавад. Аммо Ҷордан осон ба Тим ҷавоб дода метавонад: “Охир мо он кореро ба ҷо меорем, ки Ҷон ва Лиза талаб кардаанд! Мо фазои пур аз шодиро фароҳам овардем!”

Аксуламали Тим чӣ гуна мешавад? “Дуруст, Ҷон ва Лиза фазои идонаро хоҳонанд, вале дар бораи дигар супоришҳое, ки ба мо дода шуд, – ҳаҷми кор барои нӯҳ соат дар давоми ҳашт соати корӣ, кушода будан ба ҳар як одаме, ки ба мо муроҷиат мекунад, иҷро кардани супоришҳои ҳаррӯза ва ҳама чизи дигар чӣ гуфта метавонед? Шумо ба як ҷиҳати талаботи корӣ аҳамият додаеду нишондодҳои боқимондаро сарфи назар кардаед”.

Оё мо дар калисои муосир чизи ба ин монандро намекунем? Ба назари ман, мо дар Аҳди Ҷадид дастурҳои ба ин монандро, ки писандамон аст, пайдо мекунем. Мо эълон мекунем, ки наҷот ба воситаи имон аз рӯи файз дода мешавад, ва мо ин файзро бо аъмоли худ дарёфт карда наметавонем, чунки Худо онро ба мо аз рӯи меҳрубонӣ медиҳад. Мо таъкид мекунем, ки якдигарро дӯст медорем, аз ҳаёт лаззат мебарем, ба якдигар хизмат мекунем, сурудҳои нави парастишӣ мехонем, мо ҳозиразамон, мо роҳбарони хуб мебошем ва ҷамоати солим барпо мекунем. Мо ҳамаи инро бо ҷӯшу хурӯш ва шавқу рағбат эълон менамоем. Ин ҳама усулҳои хуб мебошанд, ва инҳо дар Аҳди Ҷадид вуҷуд доранд.

Аммо оё мо ба аҳамияти фурӯтанӣ, қудсият, покдомании ҷинсӣ ва худдорӣ аз дигар гуноҳҳо, масалан, аз порнография беэътиборӣ намекунем?

Оё мо наздикону хешу табори худро ташвиқ менамоем, ки аз ҳамҷисngaрой, зино, майпарастӣ, ҳазлу шӯхиҳои дағал, суханони пучу бемаънӣ, кина, адоват, ғайбат ва дигар гуноҳҳо канораҷӯӣ кунанд ва мутобиқи фармудаҳо ва нишондодҳое, ки дар Аҳди Ҷадид мавҷуд мебошанд, рафтор намоянд?

Оё одилона аст, агар мо танҳо ба суханони Исо, ки ба стандартҳо ва фасодкориҳои ҷамъияти мо муқобил нестанд, тамаркуз намоем?

Оё мо метавонем Исоеро барои худ бисозем, ки урфу одатҳои пуршарорати моро мазаммат намекунад?

Оё мо метавонем ҳар чизеро, ки Ӯ бад мебинад, сарфи назар кунем ва таъкид насозем, ва танҳо ҳамон суханони Ӯро эълон кунем, ки ба ҷамъият дилхушӣ меоранд?

Оё метавонем роҳеро, ки сӯи ҳаёт мебарад, фарох намоем?

Наход мо ба он бовар карда метавонем, ки одам чанд калимаи ҷодугаронаро такрор карда,ба таври автоматӣ наҷот меёбад?

Наход ки мо Исои қалбакиро сохтаем, худои дигареро, ки ба Худои ҳақиқӣ монанд нест, фикр карда баромадаем, ва дидаю дониста аз саволҳо ва мавзӯъҳои мушкиле, ки дар Аҳди Ҷадид оварда шудаанд, мегурезем? Павлус изҳор мекунад, ки набояд касе инро сарфи назар кунад:

> “Бинобар ин имрӯз ба шумо шаҳодат медиҳам, ки ман аз хуни ҳамаатон мубарро ҳастам, зеро ки ҳеҷ як фурсатро аз даст надодаам, ки ба шумо иродаи Худоро бифаҳмонам” (Аъмол 20:26).

Павлус на танҳо суханони дилхушкунандаи Инҷилро мегуфт, балки барои эълон кардани ҳама он чизҳое, ки Худо ба мо ошкор кардан мехост, ҷаҳду кӯшиш мекард. Ӯ ба мисли роҳбари молияи мо нест, ки ба аъзоёни даста танҳо ҷиҳатҳои ба худашон маъқули хоҳишҳои ману Лизаро мерасонад. Мана боз ба як версия диққат кунед: “Ман бе махфӣ доштан тамоми иродаи Худоро ба шумо фаҳмондам”. Дар тарҷумаи дигар навишта шудааст: “Ман ҳеҷ гоҳ натарсидам, худдорӣ накардам ва шарм надоштам, ки тамоми мақсад ва нақшаю нияти Худоро ба шумо бифаҳмонам” (тарҷума аз англисӣ, *Amplified Classic*).

Агар мо таълимоти ба худамон ноқулайи Аҳди Ҷадидро сарфи назар кунем, мо ба монанди Павлус гуфта наметавонем: “Ман аз хуни шумо мубарро ҳастам”. Оё баръакси ин ҳақиқат шуда метавонад, агар мо аз башорат додани қисмҳои асосии Аҳди Ҷадид битарсем? Мо қудрат дорем, ки тамоми ростиро баён кунем, лекин мо аз ин канораҷӯӣ мекунем. Наход ки мо аз он метарсем, ки одамон ба ибодат ва ё гурӯҳи хонагӣ омадан намехоҳанд?

Ҳоло, аз он давраҳое, ки мо дар фарҳанги масеҳии худамон аз саволҳои мубрам, ки дар Навиштаҷот оварда шудаанд, канораҷӯӣ мекунем, бисёр солҳо сипарӣ шуданд, мо меваҳои талхи беаҳамиятии худро мечинем. Мутаассифона, бисёр одамон бо роҳи шарорат меравабд. Дар ин бора шумораи зиёди мисолҳоро овардан мумкин аст. Ман як ходимаи обрӯманд, дар байни ҷамъият машҳур ва сухангӯи маъруфро дар хотир дорам. Дар соли 2016 вай эълон кард, ки никоҳаш ба охир расид (чӣ тавр хоҳӣ, ҳамон хел бифаҳм). Вай аз шавҳари худ ҷудо шуд, ва ҳоло, вақте ки ман ин китобро менависам, ӯ бо зане зиндагӣ дорад ва эълон кард, ки бо вай издивоҷ мекунад. Ӯ доимо ба муштариёни худ дар шабакаҳои интернетӣ дар бораи ҳаёти якҷояашон маводҳо интишор мекунад. Дар яке аз саҳифаҳо вай сурати бӯсаи боэҳтироси худро бо он зан интишор кард ва дар тавзеҳот навишт, ки роҳи зиндагиаш вайро ба ин муносибатҳо овард, ки дар ҳар лаҳза “пок” аст. Навиштаҷот покиро чунин тасвир накардааст. Қалби ман дар бораи вай гиря мекунад. Ин “ходимаи Инҷил” фикр

мекунад, ки вай дар назди Худо ҳақ мебошад ва хоҳиши ба одамон ёрӣ додан, ба онҳо хизмат кардан ва онҳоро дӯст доштанро дорад, лекин ба ростӣ вай гумроҳ шудааст.

Нороҳатии боз ҳам бештарро шарҳу тавзеҳоти пур аз дастгирию таҳсингӯиҳои садҳо ҳазор пайравонаш ба вуҷуд меоранд. Маводҳое, ки вай интишор мекунад, нишон медиҳанд, ки вай аз ҷониби Худо баромад мекунад, муштариёни ӯ бошанд розӣ мешаванд. Маъруфияти вай ҳеҷ кам намегардад, балки боз ҳам зиёд мешавад. Мушоҳида кардани ин чӣ гуна талх, ғамангез, дарднок ва пурдаҳшат аст.

Боз як мисоли фоҷиабореро аз ҳаёти як роҳбари калисои инҷилии Амрико меорам, ки ба наздикӣ ба ҳамаи муштариёни худ ва калисо эълон кард, ки мо бе ягон шаку шубҳа қабул дорем, ки ҷуфтҳои ҳамҷинсгаро пайравони содиқи Исо мебошанд. Ӯ гуфт, ки баъд аз вақти зиёд гузаронидан дар сӯҳбати ҳамҷинсгароён ба ин қарор омад ва мушоҳида кард, ки муносибатҳои онҳо аз муносибатҳои байни марду зан ҳеҷ фарқе надоранд. Бе дидаю дониста сарфи назар кардани оятҳои муайяни Аҳди Ҷадид ва нодида гирифтани мазмуну мӯҳтавои Китоби Муқаддас ба чунин хулоса омадан ғайриимкон аст. Чуноне ки бо Ҳорун ва гӯсолаи тиллоӣ рӯй дод, бисёр одамон аз рӯи суханони роҳбар аз ростӣ рӯ мегардонанд.

Ин фиреби фоҷиабор аст. Дар фалсафаи хидматгузории Ғарб Исои қалбакӣ пайдо шуд, бинобар ин барои одамони гуноҳкор пайдо кардани Наҷотбахши ҳаққонӣ боз ҳам душвор гашта истодааст. Мо бояд савол диҳем: Оё Исои ҳақиқӣ ҳамин гуна аст? Оё муҳаббати Худо чунин аст? Наход ки муҳаббати ҳақиқӣ танҳо бо некӯкорӣ, таҳаммул ва кӯмак ба одамон муайян карда мешавад? Ҳама ин сифатҳо дар ҷамъияти мо дуруст, хуб ва машҳур мебошанд. Новобаста ба ин мо таърифи муҳаббатро, ки дар Навиштаҷот омадааст, сарфи назар карда наметавонем: “Зеро муҳаббат ба Худо ҳамин аст, ки мо аҳкоми Ӯро риоя кунем; ва аҳкоми Ӯ гарон нест” (1 Юҳанно 5:3).

Наход ки мо ба Инҷили нопурра розӣ шудаем, то ки таърифи ба худамон маъқули муҳаббатро фикр карда бароем?

## Зарурати тавба

Оё ин Инҷили ғалат аз сабаби набудани тавба пайдо нашудааст? Наход ин зан – муаллифи китобҳо, ин шубон ва бисёр дигар ходимон

боре ҳам нашунидаанд, ки барои пайравӣ кардани Исо бояд аз гуноҳ худдорӣ кунанд? Ё ба онҳо танҳо такрор кардани дуои оддиро таълим додаанд, ки барои мо намуна гардидааст: “Исо, ба ҳаёти ман дохил шав маро масеҳӣ гардон”?

Бишнавед, ки Павлус чӣ мегӯяд:

> “Ва чи гуна ман ҳар чизеро, ки фоиданок буд, аз шумо дареғ надоштам, балки дар пеши тамоми мардум ва хона ба хона гашта, ба шумо мавъиза намудам ва таълим додам, ва ба яҳудиён ва юнониён хотирнишон мекардам, ки назди Худо тавба кунанд ва ба Худованди мо Исои Масеҳ имон оваранд” (Аъмол 20:20, 21).

Танҳо як паём! Қадами аввал – ин зарурати тавба аз гуноҳ! Тавба – ин шарти асосӣ, то ки фарзанди Худо шавӣ, ин аз рӯи интихоби мо нест. Новобаста ба ин бисёр вақт ин дар намунаи тавзеҳи мо оид ба наҷот ва даъват ба он ёдрас намегардад.

Чанд сол қабл аз ин дар рӯзи аввали ид ман шунидам, ки Рӯҳулқудс ба ман гуфт: “Боби аввали Инҷили Марқӯсро бихон”. Ман зуд тамоми бобро хондам ва чизеро пайдо накардам, ки пештар нафаҳмида бошам. Рӯҳулқудс гуфт: “Аз нав бихон”. Ман боз як маротиба хондам ва ва чун бори аввал ҳеҷ чизи наверо мушоҳида накардам. Ӯ ҳамон суханонро бори сеюм, чорум, панҷум такрор кард. Ман он бобро чанд маротиба хондам... ва боз ҳам чизеро пайдо накардам. Ин тақрибан ҳафт бор давом кард. Ниҳоят, ман оҳиста хондан гирифтам, ва ин бор ҷумлаи аввал аз саҳифа ҷаҳида баромад:

> “Ибтидои Инҷили Исои Масеҳ, Писари Худо ...” (Марқӯс 1:1).

Суханони минбаъда ба ман роҳ кушоданд: “Инак, Ман қосиди Худро пешопеши Ту мефиристам, то ки роҳи Туро пеши Ту муҳайё кунад”. Қосид Яҳёи Таъмиддиҳанда буд. Ӯ хизмати “таъмиди тавбаро” иҷро мекард. Таъмид маънои пурра ғӯта заданро дорад, на қисман. Паёми Яҳё дар бораи тавбаи комил – ин ибтидои (нуқтаи ҳаракат) Инҷил мебошад. Ҳеҷ касе наметавонад бидуни тавбаи ҳақиқӣ ба муносибати ҳаққонӣ бо Исо мушарраф шавад.

Рӯҳулқудс он гоҳ ба ман гап зад: “Дар аввали ҳар як Инҷил дар бораи хизматгузории Яҳё нақл карда шудааст. Саргузашти Яҳё дар ягон китоби

Аҳди Қадим навишта нашудааст, чунки ин паём қисми муҳими Инҷили Аҳди Ҷадид мебошад".

Баъдтар Рӯҳулқудс диққати маро ба суханони Исо ҷалб намуд:

> "Зеро ки тамоми анбиё ва Таврот то вақти зуҳури Яҳё пешгӯӣ кардаанд" ( Матто 11:13).

Ман аз ҷоям ҷаҳида хеста фарёд задам: "Ин ҳақиқатан чунин аст!" Исо нагуфтааст: "зеро ҳама анбиё ва шариат то Ман (Исои Масеҳ) пешгӯӣ кардаанд". Не, чунки паёми Яҳё дар бораи тавбаи пурра – ин нуқтаи ҳаракати Инҷили Аҳди Ҷадид мебошад. Шумо ба муносибатҳо бо Исо танҳо баъд аз он муяссар мешавед, ки барои гуноҳҳои худ пурра тавба кунед.

Тавба – ин дари аввалин!

Ҳикояи моро дар бораи Ҷастин ва Анжела ва тасаввуроти нодурусти ӯро дар бораи издивоҷ ба хотир оред. Анжела бо ҳаводоронаш алоқаи худро накандааст. Вай шавҳари худ Ҷастинро хеле дӯст медорад, вай шахси наздиктарин аст, қисми зиёди вақти худро бо ӯ гузаронидан мехоҳад. Новобаста ба ин ҳеҷ кас ба вай нагуфтааст, ки барои бастани аҳди никоҳ бо Ҷастин ӯро зарур аст, ки тамоми алоқаҳояшро (қалбонӣ, эҳсосотӣ ва ҷисмонӣ) бо дигар мардҳо қатъ созад. Ин қарор бояд нуқтаи ҳаракат кардан ё ибтидои даромадан вай ба муносибатҳо ва бастани аҳди никоҳ бо Ҷастин гардад.

Вай ба қаҳр омадани шавҳарашро барои бо Тони нақшаи вохӯрӣ доштанаш дида, ба ҳайрат афтод. Барои чӣ вай ғамгин шуд? Зан фаҳмида наметавонист: *"Наход ки* вай рашк карда истодааст?" Бале, вай рашк карда истодааст, ва ба ин ҳақ дорад. Худо барои мо рашк мекунад, дигар хел шуда ҳам наметавонад. Мо ба аҳди Ӯ дохил шудаем, чӣ тавр мо ба он ошиқони худро ҷалб намуда метавонем?

Наход ки суханони аввали Яҳё дар Навиштаҷот тасодуфӣ мебошанд: "Тавба кунед, зеро ки Малакути Худо наздик аст" (Матто 3:2)?

Магар танҳо Яҳё дар ин бора сухан мегӯяд? Магар дар Аҳди Ҷадид дигар садоҳое, ки чунин суханонро мегӯянд, мавҷуд нестанд? Ҳаргиз! Суханони Исор хонед:

> "Тавба кунед, зеро ки Малакути Осмон наздик аст" (Матто 4:17).

Худованд ва Подшоҳи мо медонист, ки тавба хеле зарур ва ҳаётан

муҳим аст, то ки ба муносибатҳои дарозмуддат бо Худо ворид шавем. Ҳайратовар аст, ки Ӯ ин меъёрро барои муайян кардани мансубияти одамон ба Худо истифода бурдааст.

Андаке баъдтар Исо ба сарзаниш кардани шаҳрҳое сар кард, ки дар онҳо бисёр мӯъҷизаҳо нишон дода буду вале онҳо ба гуноҳҳои худ тавба накарданд ва ба Худо рӯ наоварданд (ниг. Матто 11:20).

Агар ҳама коре, ки одам карда метавонад, ин “ба Худо рӯ овардан аст”, пас Исо ба ягон чизи дигар таваҷҷӯҳ зоҳир намекард. Аммо, чуноне ки Анжела бояд ошиқони пештараи худро фаромӯш кунад, то ки худро пурра ба Ҷастин бахшад, ончунон мо низ барои гуноҳҳои худ тавба карда, бояд худро пурра ба Исо супорем.

Мо борҳо ин паёмро мебинем, чунки он меҳвари паёми Исо мебошад. Ӯ эълон мекунад: “Ман омадаам, то ки на одилонро, балки гуноҳкоронро ба тавба даъват кунам” (Луқо 5:32). Ба калимаи тавба диққат диҳед. Ин шарти ҳатмӣ аст. Дар ҷои дигар Исо ба гурӯҳи одамон мегӯяд: “ Не, мегӯям ба шумо; лекин агар тавба накунед, ҳамаатон ҳамин тавр нобуд хоҳед шуд” (Луқо 13:30).

Бе тавба ба Худо рӯ овардан мумкин нест – ин ҳақиқат аст.

Биёед мебинем, ки чӣ тавр шогирдони Исо Инҷилро мавъиза мекарданд, онҳо ҳангоми супориши аввалини таблиғотӣ чиро эълон карданд: “Онҳо равона шуда, ба мавъиза кардан оғоз намуданд, ки бояд тавба кард” (Марқӯс 6:12). Ин дар тарҷумаи нави русӣ чунин навишта шудааст: “Шогирдон равона шуданд ва ба одамон мавъиза намуда, онҳоро ба тавба даъват карданд” (Марқӯс 6:12, ТНР ).

Ба калимаи одамон диққат диҳед. Азбаски бе тавба наҷот нест, дар бораи он ба ҳама одамон нақл кардан зарур аст! Ҳатто сарватманд, ки дар дӯзах месӯхт, медонист, ки барои гуноҳҳо тавба кардан чӣ қадар зарур мебошад:

> “Аммо ӯ гуфт: Не, падарам Иброҳим! Лекин агар яке аз мурдагон назди онҳо равад, тавба хоҳанд кард (Луқо 16:30).

Баъд аз эҳёи Исо чӣ воқеа рӯй дод? Наход ки паём дигар шуд? Луқо ба шогирдонаш зоҳир шудани Исоро тасвир мекунад. Худованд онҳоро барои дилсахтиашон мазаммат мекунад, ва сипас ростиро мефаҳмонад. Ӯ суханони анбиёро, ки то омадани Ӯ гуфта шудааст, иқтибос меорад .

> “Ва ба исми Ӯ, аз Ерусалим сар карда, дар миёни ҳамаи халқҳо тавба ва омурзиши гуноҳҳо мавъиза карда шавад” (Луқо 24:47).

Анбиё пешгӯӣ карда буданд, ки омурзишро дар Наҷотбахш танҳо ба василаи тавба пайдо кардан мумкин аст, ва ҳаворӣ Петрус низ ин ҳақиқатро тасдиқ мекунад. Суханони аввали ӯро бихонед, вай ҷӯяндагони ғаюрро дар рӯзи Пантикост таълим медиҳад, ки чӣ тавр наҷот ёфтан мумкин аст:

> “Тавба кунед ва ҳар яке аз шумо ба исми Исои Масеҳ барои омурзиши гуноҳҳо таъмид бигиред, ва атои Рӯҳулқудсро хоҳед ёфт (Аъмол 2:38).

Мо боз мебинем, ки бе тавба ба Худо рӯ овардан ғайриимкон аст. Павлус чӣ мегӯяд? Наход ки ӯ паёми худро ба ғайрияҳудиён дигар кард? Ҳаргиз не:

> “... Ба рӯъёи осмонӣ беэътиноӣ накардам, балки дар навбати аввал ба сокинони Димишқ ва Ерусалим ва тамоми сарзамини Яҳудо ва низ ба ғайрияҳудиён мавъиза намудам, ки тавба карда, ба Худо руҷӯъ намоянд ва корҳое кунанд, ки сазовори тавба бошад” (Аъмол 26:19, 20).

Ба суханони “ки тавба карда” диққат диҳед. Ӯ намегӯяд, “то ки онҳо тавба карда тавонанд” ё “хуб мешуд, агар тавба мекарданд”. Ҳаргиз не! Ӯ мегӯяд: “ки тавба карда” (яъне тавба кунанд – шарҳи тарҷ.).

Павлус мефаҳмонад, ки Худи Худо барои наҷоти ҳар як инсон, хоҳ яҳудӣ бошад ва хоҳ ғайрияҳудӣ, ин шартро гузоштааст.

> “Хуллас, ҳоло Худо аз замонҳои ҷаҳолат сарфи назар карда, дар ҳар ҷо ба ҳама одамон амр мефармояд, ки тавба кунанд (Аъмол 17:30).

Агар шумо ба асосҳои таълимоти Исои Масеҳ нигоҳ кунед, пас, ман фикр мекунам, ки шумо пайхас мекунед, ки пункти аввал чӣ гуна мешавад:

> “Бинобар ин, таълимоти ибтидоии Масеҳро монда, сӯи камол шитоб кунем ва аз нав асос нагузорем ба тавба аз аъмоли беҷон ва ба имон ба Худо” (Ибриён 6:1).

Инҳо на ҳама оятҳо аз Аҳди Ҷадид мебошанд, ки фармони мазкур дода шудааст, вале ман ба таври кифоя аз онҳо мисол овардам, то нишон диҳам, ки барои гуноҳҳо тавба кардан зарур аст. Дар Худованди мо Исои Масеҳ бе тавба барои беитоатии худ ба Худо имон пайдо кардан ғайриимкон аст.

Бинобар ин мо худро масеҳӣ ҳисобида наметавонем, агар аз порнография даст накашем.

Мо худро масеҳӣ хисоб карда наметавонем, агар бо дӯстдоштаи худ то аҳди никоҳ алоқаи ҷинсӣ карданро бас накунем.

Мо агар худро имондор ҳисоб кунем, бояд аз ҳамҷинсгароӣ даст кашем.

Агар мо худро имондор ҳисоб кунем, мо бояд аз супоридани андоз саркашӣ карданро бас кунем.

Мо худро пайравони Исо ҳисоб карда наметавонем, агар ба ҳаёти худ фасоди ҷинсиро роҳ диҳем.

Агар мо айби дигаронро набахшем, худро масеҳӣ ҳисоб карда наметавонем. Рӯйхат бо ин тамом намешавад.

Агар мо ба таври ҷудогона ва интихобӣ муносибат карданро ба фармудаҳои Аҳди Ҷадид бо исрор ҷонибдорӣ кунем, пас мо "Исои қалбакиро" фикр карда баромадаем. Мо фирефта мешавем, имони мо фақат рӯякӣ аст.

> "Пас иҷрокунандагони калом бошед, на фақат шунавандагоне,
> ки худро фиреб медиҳанд" (Яъқуб 1:22).

Чӣ тавр ҷӯяндагони Худо ҳақиқатро шинохта метавонанд, агар мо ба онҳо нагӯем? Мо роҳбарон, наход гумон дорем, ки онҳо худашон бо ягон тарзе аз ин хабардор мешаванд? Агар мо ба онҳо фақат бо чунин даъват муроҷиат кунем: "Ту аз Худо рӯ гардондӣ? Ӯ туро интизор аст, то боз ба назди Ӯ баргардӣ. Бо ман якҷоя дуо кун", – наход ки ин муҳаббати ҳақиқӣ нисбат ба онҳо бошад?

Агар мо чунин фикр кунем, аз волидайни Анжела ва ҳамаи он одамоне, ки ба ӯ дар бораи никоҳ ва оиладорӣ таълим додаанд, ҳеҷ фарқе надорем. Онҳо ба вай, – "Агар ба Ҷастин шавҳар кардан хоҳӣ, бояд дигар ошиқони худро фаромӯш кунӣ", - гуфтанро фаромӯш кардаанд. Наход онҳо фикр карданд, ки дар охир худи вай ин чизҳоро фаҳмида мегирад? Акнун Анжела ҳайрон ва гаранг аст. Шавҳари маҳбуб ва содиқи вай Ҷастин ошуфтаю парешон аст.

Шунавандагон чӣ гунае ки набошанд, танҳо як Инҷили ҳақиқие мавҷуд мебошад, ки ба одамон бояд эълон кунем: аввалан, тавба кардан барои ҳамаи гуноҳҳои маълум, сипас ба Худо рӯ овардан. Бе тавба имони ҳақиқӣ вуҷуд надорад.

Дар башоратрасонии муосир имондорон ба одамоне, ҷӯяндагони Худо мебошанд, мегӯянд, ки бовар карда, дуо хонед, ва баъд пас аз чанд ҳафтае, моҳе ё соле аз гуноҳҳо рӯ гардонед. Вале мумкин аст, ки ин одамон хоҳиши худро барои тавба кардан гум мекунанд, чунки бовар доранд, ки аллакай наҷот ёфтаанд?

Анжела афсӯс мехӯрд, ки пеш аз шавҳар кардан ба Ҷастин ҳақиқатро намедонист. Мо низ агар ҳақиқатро, дар бораи он ки барои наҷот ёфтан чӣ зарур аст, нагӯем, имондорони ҷанҷолиро дар калисо зиёд мекунем.

## АМАЛ КУНЕД

Аҳди Ҷадид паёми возеҳ медиҳад: бе тавба аз гуноҳҳо наҷот нест. Алоқаи худро аз дунё наканда, ба Исо ба шавҳар баромадан ғайриимкон аст. Барои ҳаёти нав сар кардан, барои ҳаёти кӯҳна мурдан лозим аст.

Агар шумо ақалан барои як вақти муайян оид ба соҳаи алоқа бо ҷамъиятчигӣ мутахассис шуда кор кунед, зуд мефаҳмед, ки тамоми мулоҳизаҳои муҳими худро ба таври шаффоф расондан лозим аст. Агар ин тавр накунед, пас шунавандагони шумо, эҳтимол шуморо нафаҳманд, ва мақсади сӯҳбати шумо иҷро намегардад. Маҳз барои ҳамин Ӯ ба мо комилан равшан нишон дод, ки мо бояд тавба кунем!

То ҳозир, шояд, шумо аллакай чандин бор ҳангоми хондани ин китоб тавба кардаед, вале чунон ки ин боб таъкид мекунад, тавба чӣ қадар муҳим аст? Акнун, ки шумо инро фаҳмидед, дар ҳаёти шумо чӣ иваз мешавад? Чӣ тавр муносибати шумо бо дунё, бо наздикону хешу таборҳо, бо гуноҳкорон дигар мешавад? Аз Худо дархост кунед, ки амали мушаххасеро ба шумо нишон диҳад, то ки шумо дар ҷавоб ба он фаҳмиш, ки тавба чӣ қадар зарур аст, онро дар ҳаёти худ ба иҷро кардан шурӯъ кунед.Чун ҳарвақта он чизеро, ки Ӯ ба шумо мегӯяд, якҷоя бо нақшаи иҷрои ин амалҳо бинависед.

# 20

# ТАВБА

Дар боби гузашта мо борҳо аз Китоби Муқаддас хондем: “барои гуноҳҳои худ тавба кунед ва ба Худо рӯ биёред”. Азбаски тавба барои қабул кардани ҳаёти ҷовидон ҳатмӣ мебошад, на интихобӣ, биёед онро ба таври муфассал муҳокима мекунем. Ба ҳадде ки мо ин ҳақиқатро ошкор менамоем, мо ҳамчунин мушоҳида мекунем (дар боби оянда), ки тавба барои масеҳиён баҳри рушди муносибатҳои наздик бо Худо нақши муҳим мебозад.

Аввалан, фаҳмидан зарур аст, ки тавба дар Аҳди Ҷадид аз тавба дар Аҳди Қадим фарқ мекунад. дар Аҳди Қадим қавми Худо ҳангоми тавба кардан либоси жанда пӯшида, аз сари худ хокистар мерехтанд. Онҳо фарёди баланд мебардоштанд, ба замин меафтоданд ва бисёр вақт ашки зиёд мерехтанд, то ки тавба кардани худро нишон диҳанд. Ин аломати зоҳирии тавба ва баргаштан ба парҳезгорӣ ва итоаткорӣ буд. Аммо дар Аҳди Ҷадид мо мебинем, ки на ба аломати зоҳирӣ, балки ба ҳолати дил диққат дода мешавад.

## Тавба дар Аҳди Ҷадид

Дар Аҳди Ҷадид исми “тавба” (metanoia) ва феъли “тавба кардан” (metanoeo) ба таври муфофиқ бисту чор ва сию чор маротиба

вомехӯранд. Шарҳи аз ҳама оммавӣ ва машҳури ин калима "таҳаввули фикр" мебошад. Аммо агар танҳо бо ин ду калима тамом кунем, аз моҳияти аслии тавбаро нафаҳмида мемонем.

Қомуси Китоби Муқаддас "Baker Encyclopedia of Bible" мегӯяд, ки тавба – ин "таҳаввули воқеии фикр, на танҳо нақшаҳои шахсӣ, мақсадҳо ва ақидаҳо, балки аниқтараш, таъғири *тамоми шахсият* аз тарзи ҳаёти гуноҳкорона ба Худо мебошад" ( хати курсив илова карда шуд).

Ба ман ибораи тамоми шахсият хеле маъқул аст. Ман метавонам ақли худро дигар кунам, новобаста ба ин пурра мӯътақид буда наметавонам. Бо ин калимаҳо олимон нишон медиҳанд, ки фақат таҷдиди ақл ё зеҳн кифоя нест. Луғати "The Lexham Theological Wordbook" боз амиқтар шарҳ медиҳад ва изҳор мекунад, ки тавба – ин "равандест, ки дар он одам ақлу иродаи худро аз гуноҳ баргардонида ба самти Худо раҳнамун месозад".

Ақл, албатта, дар ҷараёни тавба иштирок мекунад, вале як худи он кифоя нест, тавба ирода ва эҳсости моро низ фаро мегирад. Он ба умқи дил, ки дар он мо ба пуррагии одами ботинии худ мӯътақидем, фуруд меояд. Исо мегӯяд:

> "Зеро ки аз дил хаёлоти бад, қатл, зино, фисқ, дуздӣ, шаҳодати бардурӯғ ва куфр пайдо мешавад; Ин чизҳо одамро палид мекунад; лекин бо дасти ношуста хӯрок хӯрдан одамро палид намекунад" (Матто 15:19, 20).

Рафтор, хоҳ он беихтиёрона аст ё хоҳ одатӣ, аз одами ботинӣ зуҳур мекунад. Агар барои тавбаи ҳақиқӣ фақат зеҳнро дигар кардан лозим бошад, пас Исо гуфта метавонист, ки рафтор аз ақли мо сар мезанад. Навиштаҷот мегӯяд: "... чӣ гунае ки ӯ дар дили худ мулоҳиза мекунад, худаш низ ҳамон гуна аст" (Масалҳо 23:7). Ҳаётфаҳмии ботинии мо рафтор ва аксуламалҳои мо ва дар маҷмӯъ худи моро муайян месозад.

Эҳтимол, шумо фикр мекунед: *"Ман намехоҳам, ки рафтори ман худи маро муайян кунад"*. Ман розӣ ҳастам, ин ҳақиқати талх аст, вале мо суханони Исоро сарфи назар карда наметавонем: "Онҳоро аз меваҳояшон хоҳед шинохт..." (Матто 7:16). Ҳақиқат дар он аст, ки моро рафтори мо муайян мекунанд, на мақсадҳои мо.

Танҳо ҳамин як донистани ин ҳақиқат қуввати Инҷилро нишон медиҳад, чунки он қудрат дорад, ки афкори моро дигаргун кунад,

ва бо ин васила рафторамонро низ таъғир диҳад. Қудрати ҳаққонии Инҷил на аз тарзи нави тафаккур ё аксуламалҳои пурэҳсос, балки дар дигаргуншавии амиқи идроку ақида, ки бо воситаи таҳаввули ҳақиқии рафтор намоён мешаванд, маълум мегардад.

Тавба ҳамон вақт рӯй медиҳад, ки мо барои ростӣ бедор мешавем ва аз таҳти дил боварӣ ҳосил мекунем, ки дарки ҳаёт ё рафтори мо хилофи хислати Офаридгор мебошанд. Ин фаҳмиши амиқ на танҳо ба дигаргуншавии афкору ақида, балки ба таҷдиди хоҳишу рафтор низ оварда мерасонад.

Вақте мефаҳмем, ки чизҳое, ки мо мехоҳем ва дӯст медорем, писанди Худо нестанд, мо дар умқи дили худ қатъиян азм мекунем, ки ин ҳама корҳоро тарк кунем ва ҳатто аз онҳо нафрат намоем.

Тавба – ин фурӯтании ҳақиқӣ мебошад, ва фурӯтанӣ ба файзи ройгони Худо, ки барои парҳезгорона зиндагӣ кардан қувват ва лаёқат мебахшад, роҳ мекушояд.

## Беимон

Ҳам имондор ва ҳам беимон тавба карда метавонад, вале камтар фарқ ҳаст. Биёед дар аввал ба шахсони беимон диққат мекунем.

Дар боби гузашта мо бисёр мисолҳоро аз Аҳди Ҷадид овардем, ки дар он Яҳёи Таъмиддиҳанда, Исо ва шогирдони Ӯ ба такрор мегӯянд: “Барои гуноҳҳои худ тавба кунед ва ба Худо руҷӯъ намоед”. Ин ду фармон ба якдигар зич алоқаманданд ва бе якдигар вуҷуд дошта наметавонанд. Ба таври дигар гӯем, яке бе дигаре ғайриимкон аст, чунки онҳо ба мисли ду тарафи як медал мебошанд. Тавба аз рӯи Китоби Муқаддас ин бо ҳама маъно рӯ овардан ба Худо аст. Шахсе, ки ҳақиқатан ба назди Худо меояд, мегӯяд:

> Ман ҳамчун як одаме зиндагӣ мекардам, ки барояш кадом чиз беҳтар буданро худаш интихоб мекунад, лекин акнун ман донистам, ки комилан гумроҳ шудаам. Аз ин пас бовар мекунам ва бо тамоми дил, ақл ва рафтор он чиро ки Худо бароям беҳтар мешуморад, қабул медорам.

Чунин шахс аз таҳти дил (яъне бо ақл, эҳсосот ва ирода) қарор

мекунад, ки იродаи Худоро иҷро кунад. Баракати ҷудонашаванда барояш он мешавад, ки ӯ минбаъд низ овози Худоро хоҳад шунид. Бори дигар суханони Исоро ёдрас мекунам: “Агар касе хоҳад иродаи Ӯро ба амал оварад, дар бораи ин таълим хоҳад донист ...” (Юҳанно 7:17). Шахси беимон тавба карда, аз худидоракунӣ рӯ гардонида пурра ба итоати Худо медарояд, ҳамин тариқ қалби ӯ барои шунидани овози Худо кушода мешавад.

Вақте ки шахсони беимон самимона тавба мекунанд, онҳо аз бутпарастӣ рӯ мегардонанд ва азм мекунанд, ки пурра ба иродаи Худо таслим шаванд ва ба Ӯ итоат кунанд. Моҳиятан, онҳо эълон мекунанд: “Ман дигар афкор, ақидаҳо, далелҳо, санадҳоеро, ки худро аз Каломи Худо баландтар мегиранд, қабул намекунам”. Павлус далерона эълон мекунад:

> “Зеро аслиҳаи ҷанги мо ҷисмонӣ нест, балки назди Худо боиқтидор аст барои хароб кардани қалъаҳо; мо дасисаҳо ва ҳар баландгириро, ки бар зидди дониши Худо қиём мекунанд, сарнагун месозем ва ҳар фикрро ба итоат Масеҳ асир мекунем” (2 Қӯринтиён 10:4, 5).

Аслиҳаи Худо – ин Каломи Ӯ, хирад ва ҳикмат мебошад. Аслиҳаи ҷисмонӣ – ин фалсафа, фарҳанг, анъанаҳо, қонунҳо ва тарзи ҳаёт мебошанд, ки дар ҷамъият қабул шудаанд ва ба каломи Худо зид ҳастанд. Шумо мепурсед: “Оё дар дунё аслиҳаи ҷисмонӣ вуҷуд дорад?” Бале, ин фишори доимӣ аз дӯзах ба воситаи системаи ҷаҳонӣ мебошад, ки масеҳиён ва беимононро ба созиш кардан маҷбур мекунад.

Дар порчаи дар боло овардашуда ба ибораҳои “хароб кардан” ва “сарнагун сохтан” диққат диҳед. Ин ибораҳо дар Аҳди Қадим, вақте ки одамон аз бутпарастӣ рӯй мегардонданд, бисёр истифода бурда мешуданд. Исроил бутҳои сохташударо хароб мекард, сарнагун месохт, несту нобуд менамуд. (Фаромӯш накунед, ки онҳо чи кор мекарданд; решаи бутпарастӣ – ин хулқи одатии гуноҳи маълум мебошад. Онҳо маҳз ҳамонро нобуд мекарданд, на фақат муҷассамаҳоро).

Павлус дар бораи ана ҳамин принсип гап мезанад. Мо Каломи Худоро барои нишон додани фикрҳои ҷисмонӣ дар мардону заноне, ки аз Масеҳ дур шудаанд, истифода мебарем. Ба туфайли ин шунавандагон тавба

мекунанд ва ҳама қалъаҳо, дасисаҳоро, ки зидди Худо ҳастанд ва ба қудрати Худо сар намефароранд, хароб (вайрон) мекунанд. Ана дар асл, тавба кардан аз гуноҳ, ба Худо рӯ овардан ва озодӣ ёфтан ана чӣ маъно дорад.

## Фарқият дар фалсафа

Ҳамин тавр, мо ба яке аз фарқиятҳои бузурги фалсафии хидматгузорӣ дар замони муосир, махсусан дар Ғарб наздик мешавем. Шумораи зиёди ходимон бар он ақидаанд, ки барои дастрас гардонидани гуноҳкорон бояд паёмҳои худро ба он ҷиҳатҳои Инҷил нигаронидан лозим аст, ки аз суханони мазамматкунанда иборат нестанд. Бо ибораи дигар, онҳо мехоҳанд, ки доимо дар мавқеи мусбӣ истода, дар бораи гуноҳҳое, ки тавба кардан лозим аст, сухан нагӯянд. Бо ин усул, донистаю надониста, мо ба фурӯшандае монанд мешавем, ки харидоронро ба афзалнок будани сифати маҳсулоти худ бовар кунонидан мехоҳанд, бидуни он ки камбудиҳоро низ ёдрас кунанд. Мутассифона, чунин тарзи тафаккур дар усулҳои дастрас кардани гуноҳкорон қариб одатӣ шуд.

Ин фалсафаи нодурусти хидматгузорӣ ду афзалияти равшан дорад. Аввалан, мо худро аз ҳама гуна имконияти “лату кӯб” кардани одамон маҳрум месозем. Расмиятпарастӣ раҳме надорад, аз сабаби хоҳиши баъзе одамон барои ҳақ будан, назорат кардани рафтори дигарон ва дар байни дигарон соҳиби нуфузу эътибор гардидан он бештар ба ҳарфи шариат диққат медиҳад. Расмиятпарастӣ, аз сабаби бераҳмии худ, қалби одамонеро маҷрӯҳ мекунанд, ки дар ҷустуҷӯи Худо раҳгум задаанд, чунки одамони алоҳида ё баъзе муассисаҳо, ки аз номи Исо баромад мекунанд, онҳоро “лату кӯб” кардаанд. Расмиятпарастӣ, шояд, сабаби асосии он гардид, ки одамон аз муносибатҳои ҳақиқӣ бо Худо рӯ гардонданд.

Исо оқибати “хизматгузории” расмияпарастонаро фош кард: “... Малакути Осмонро ба рӯи мардум мебандед, зеро ки худатон намедароед ва ба онҳое, ки даромадан мехоҳанд, монеъ мешавед” (Матто 23:13).

Ҳамин тавр, хоҳиши мо барои озод шудан аз расмиятпарастӣ дуруст аст, вале ба ҳадди дигар афтодан ҳам хуб нест. Наход мо аз тарси он ки боз аз ҳад гузашта, боиси осеб дидани мардум гашта метавонем, хидматгузории ҳақиқии Аҳди Ҷадид сарфи назар кунем? Наход мо аз

мазаммат кардани гуноҳ худдорӣ менамоем ва ба тавба даъват карданро бас мекунем, то ки аз ҳама гуна ишораи марбут ба расмиятпарастӣ канораҷӯӣ кунем? Оё якҷоя бо об бачаро ҳам рехта намепартоем?

Рӯирост гап задан лозим аст, чунки меъёри башоратдиҳӣ, ки имрӯз роиҷ гаштааст, ба Навиштаҷот мувофиқ нест. Чӣ тавр мо метавонем наҷотро бе тавба пешниҳод намоем, модоме ки Китоби Муқаддас возеҳ нишон медиҳад, ки тавба зарур аст. Оё одамоне, ки бо Инҷили маҳдуд кардашуда дастрас карда мешаванд, дар ҳақиқат наҷот меёбанд?

“Афзалияти” дуюми худдорӣ аз тавба дар он аст, ки навимонҳоро ҷамъ кардан осон аст ва имконият ҳаст, ки зудтар хидматгузории калон, калисо ё гурӯҳи хонагӣ таъсис дода шавад. Вале оё мо фаромӯш накардаем, ки иштибоҳи Ҳорунро бисёр одамон пайравӣ карданд. Магар миқдори пайравон робитаи моро бо қалби Худо нишон медиҳад? Ростӣ омили муайянкунанда мебошад, на аъзоён.

Наход мо фаромӯш кардаем, ки Исо чӣ гуна нархро супорид? Наход мо суханони чандин маротиба таъкид кардаи Ӯро дар бораи тарк кардани гуноҳ (инкор кардани худ) ва бардоштани салиби худ (итоати пурра ба Ӯ) фаромӯш кардаем?

Агар мо ба гуноҳи такроршаванда ишора накунем, одаме, ки Исоро қабул кардааст, бо тарзи ҷамъияти имрӯза зиндагӣ карданро давом медиҳад, на аз рӯи Каломи Худо. Дар ҷамъият бо шарики худ зиндагӣ кардан ва ҳамхоба шудани одам бидуни аҳди никоҳ, алоқаҳои ҳамҷинсгароёна доштан ва ҳатто байни худ аҳди никоҳ бастан, гарчанде ки ин дуруст нест, аз ҳад зиёд шароб нӯшидан, марихуана ва дигар маводи нашъадор истеъмол кардан, филмҳо, наворҳо ва барномаҳои дилхушкунандаи пастфитратона, ношоямро тамошо кардан ва ғайра кори оддӣ ҳисоб мешавад, ва ин ҳанӯз рӯйхати пурра нест. Ҳамаи ин машғулиятҳои ба инҳо монанд рӯирост ба фармудаҳои Аҳди Ҷадид мухолифат мекунанд.

## Намунаҳои осмон

Магар дар Аҳди Ҷадид фармудаҳо вуҷуд доранд? Бале, вуҷуд доранд, онҳо беш аз панҷсад мебошанд, ки моро ба афкор ва рафтори парҳезгорона даъват мекунанд. Ҳаввори Павлус, шахсе, ки дар бораи файзи Худо аз ҳама зиёдтар ваҳй гирифтааст, менависад: “Хатна ҳеҷ аст,

номахтунӣ ҳам ҳеҷ аст, балки аз ҳама муҳимтар риояи аҳкоми Худост" (1 Қӯринтиён 7:19).

Масалан, Худо возеҳ мефармояд, ки алоқаи ҷинсии бе никоҳ на танҳо манъ аст, балки боз боиси ҷазо мегардад. Порчаи зерин аз Навиштаҷот суханони беҳуда намебошанд.

> "Зеро инро яқин бидонед, ки ҳеҷ як зинокор, ё нопок, ё тамаъкор, ки вай бутпараст аст, дар Малакути Масеҳ ва Худо мерос надорад. Бигзор ҳеҷ кас шуморо бо суханони ботил фирефта накунад, зеро ки барои ин ғазаби Худо бар писарони исён меояд" (Эфсӯсиён 5:5, 6).

Дар ҷои дигар гуфта шудааст:

> "Бигзор никоҳ аз ҳар ҷиҳат ҳалол бошад, ва ҷойхоби он беайб; зеро ки зинокорон ва фосиқонро Худо доварӣ хоҳад кард" (Ибриён 13:4).

Ин суханон на танҳо ба алоқаи ҷинсии беникоҳ, балки ҳамчунин ба порнография ва дигар бадахлоқии шаҳвонӣ дахл дорад. Одамоне, ки Худоро меҷӯянд, агар мо ба онҳо нагӯем,чӣ тавр аз ин хабардор шуда метавонанд? Агар мо он одамонеро, ки барои Худо дастрас кардан мехоҳем, дар ҳақиқат дӯст дорем, оё аз онҳо ростиро пинҳон медорем?

Худо возеҳ гуфтааст, ки одамоне, ки ба зинокорӣ, ҳамҷинсгароӣ, дуздӣ, майпарастӣ (аз он ҷумла истифодаи ҳама гуна маводи нашъадор) ва ғайра, ки бисёриҳо ҷоиз медонанд, машғул мешаванд, ворисӣ Подшоҳии Худо намешаванд.

> "Оё намедонед, ки золимон вориси Малакути Худо намешаванд? Фирефта нашавед: на зинокорон, на бутпарастон, на фосиқон, на бачабозон, на ливотагарон, на дуздон, на ҳаромризқон, на бадмастон, на бадзабонон, на ғоратгарон – вориси Малакути Худо намешаванд" (1 Қӯринтиён 5:9, 10).

Расмиятпарастон, азбаски муҳаббат ва шафқати самимона надоштанд, зарари бисёр оварданд. Онҳо суханеро аз Аҳди Ҷадид гирифта, ба он фикру ақида ва қоидаҳои худро чун воситаи маҷбуран

мувофиқ гардонидани одамон ба рафтору кирдоре, ки худашон дуруст мешуморанд, илова мекарданд.

Оё мо бо аксуламаи худ нисбат ба ин масъала аз ҳадди даркорӣ нагузаштаем ва акнун тамоман аз эълон кардани фармудаҳои Исо, ки Ӯ худ изҳор дошта ва аз тарафи ҳаввориён сабт шуда буд, канораҷӯӣ мекунем ?

Чанде пеш ман доир ба ин порча аз номаи Якум ба Қӯринтиён дар як калисои калони машҳур мавъиза кардам. Баъд аз мавъизаи аввалини ман, ки аз пасаш дигар силсилаи мавъизаҳои ман бояд гуфта мешуданд, шубони Калисо аз ман хоҳиш кард, ки дигар дар мавзӯи ҳамҷинсгарой гап назанам. Тақдирро бинед, ки дар ҳамин лаҳза ба мизи дарсии мо як полис-зане, ки беш аз бист сол бо зани дигар муносибатҳои маҳрамона дошт, наздик шуд, ва бо ашкрезӣ гуфт: “Ба ман китоби “Некӣ ё Худо?”лозим аст, ки имрӯз дар борааш воиз гап зад. Ҷон имрӯз дар бораи ман сухан гуфт”.

Агар мо нигоҳ дошта истодани фалсафаи худро оид ба хидматгузорӣ давом диҳем, одамон аз куҷо дар бораи стандарти осмон хабардор мешаванд? Паёми Яҳёи Таъмиддиҳандаро ба ёд оред. Таълими Ӯ гуноҳро, ки дар ҷамъияти он давра аз ҳад зиёд буд, мазаммат мекард. Ба касе ки сарват андӯхта буд, мегуфт, ки онро ба камбағалон тақсим кунад, ба касе, ки дуздӣ мекард, мегуфт, ки дигар дуздӣ накунад, ба касе, ки заифонро озор медод, вай мегуфт, ки озор надиҳанд, ба коргарон бошад, мегуфт, ки бо маоши худ қаноат кунанд (ниг. Луқо 3:10-14). Одамон ба биёбони пуразоб мерафтанд, то ки суханони ӯро гӯш кунанд, чунки онҳо ташнаи ҳақиқат буданд. Суханони Ӯро шунида, онҳо қабул мекарданд ва гуноҳҳои худро эътироф менамуданд. Онҳо айнан ба мисли ҳамон полис-зан, ки оқибатҳои ногувори интихоби роҳи зиндагии худро дарк наменамуд, рафтор мекарданд.

Яҳёи Таъмиддиҳанда ошкоро Ҳиродус, подшоҳи Яҳудоро, ки бо зани бародари худ алоқаи ҷинсӣ дошта, Каломи Худоро вайрон мекард, мазаммат намуд. Баъдтар ба хотири сухани росте, ки гуфта буд, қатл карда шуд. Вале ӯ ба ҳокими пурқудрат писанд омадан нахост, аммо шоёни эҳтиром гардид. Агар Яҳё Ҳиродусро дар назди мардум барои гуноҳаш мазаммат намекард, зиёдтар умр ба сар мебурд. Вале дар бораи натиҷаи дарозмӯҳлат фикр кунед: андаке баъд Исо дар бораи Яҳё дар байни издиҳоми калони одамон бо

эҳтиром гап зад (ниг. Матто 11:7-15), ва акнун мукофоти ҷовидоние, ки ӯ дар Рӯзи Доварӣ соҳиб мешавад, тасаввур кунед. Яҳё ба хотири наҷоти гуноҳкорон дар эълон кардани стандарти осмон вафодор буд.

Вақте ки Павлус дар бораи айни ҳамон чизҳо менависад ва мавъиза мекунад, аз Яҳё ибрат мегирад. Паёми ӯ ба гунаҳкорон мисли булӯр шаффоф буд, ӯ даъват кард, ки ҳама "... тавба карда, ба Худо руҷӯъ намоянд ва корҳое кунанд, ки сазовори тавба бошад" (Аъмол 26:20). Ӯ ба Тимотиюс фармуд: "Ту ҳамчун воизи Калом бояд ба одамон нишон диҳӣ, ки дар чӣ онҳо ҳаёти нодуруст ба сар мебаранд." (2 Тимотиюс 4:2). Ба ходими дигар ӯ гуфт: "... бо тамоми қудрат мазаммат бикун, то ки ҳеҷ кас ба ту беэътиноӣ накунад" (Тит 2:15).

Павлус ба созишкорӣ ҷой намедиҳад. Боре ӯ барои мавъиза кардан ба роҳбари бонуфузи мамлакат бо номи Феликс ва ҳамсари ӯ Друсила имконияти аҷоибе дошт. Ҳаввории бузург, барои он ки ба онҳо мавъизаи хурсандибахшу рӯҳбаландкунандаро гӯяд, тамоман дигар хел рафтор кард. Мана дар ин бора чӣ гуфта шудааст:

> "Баъд аз чанд рӯз Феликс бо ҳамсари худ Друсила, ки занаки Яҳудӣ буд, омад ва Павлусро даъват намуда, суханони ӯро дар бораи имон ба Масеҳ гӯш кард. Аммо вақте ки ӯ дар бораи адолат, парҳезгорӣ ва доварии оянда сухан меронд, Феликс ба ҳарос афтода, ҷавоб дод: «Алҳол бирав, ва ҳар гоҳ фурсат ёбам, боз туро даъват хоҳам кард" (Аъмол 24:24, 25).

Дар тарҷумаи англисии Китоби Муқаддас AMPC боз ҳам возеҳтар навишта шудааст:

> «Вале ба ҳадде ки ӯ бо исрор дар бораи қудсият, покии ҳаёт (худдорӣ аз ҳавасҳо) ва довари оянда сухан гуфтанро давом медод, Феликс музтариб шуд ва, ба даҳшат афтода, гуфт: "Дафъ шав"».

Ҳикояро пурра хонда, мо мебинем, ки Феликс Павлусро даъват кард, чунки дар бораи Худо ва ҳаёти баъд аз марг шунидан хост. Ҳоким бо Офаридгори худ муносибат барқарор кардан мехост. Ӯро ба шахсе монанд кардан мумкин аст, ки барои донистан дар бораи Худо шавқ дорад ва ба калисо меояд, вале то ҳол наҷотро қабул накардааст.

Мавъизаи Павлус, маълум аст, ки Феликсро барои гуноҳҳое, ки ӯ аз он халос шудан намехост, мазаммат кард, бинобар ин вай ба даҳшат афтода, Павлусро аз назди худ бадар ронд.

Имрӯз вайро ба шахси бонуфузи беимон монанд кардан мумкин аст, ки аз толори ибодатхона бо суханони зайл мебарояд: “Ман дигар ба ин ҷо намеоям, маро суханони воиз тарсонид!” Чаро ӯ тарсид. Эҳтимол, ӯ аз гуноҳе, ки дар вақти мавъиза мазаммат карда шуд, рӯ гардонидан намехоҳад?

Агар Павлус мувофиқи фалсафаи ҳозиразамони Ғарб мавъиза мекард, пас паёми вай тақрибан чунин мебуд: «Феликс, Худо туро дӯст медорад. Ӯ Исоро ба марг супорид, то ки ту наҷот ёбӣ. Оё мехоҳӣ Ӯро ба дили худ қабул кунӣ? Агар розӣ бошӣ, аз паси ман ин дуоро такрор кун: “Исо, ба қалби ман дохил шав ва маро бачаи Худо гардон”». Ва бо ҳамин тамом.

Вале ҳамааш баръакс – Феликс аз суханони Павлус тарсид. Ҳаворӣ медонист, ки масеҳӣ шудани Феликс танҳо бо як роҳ имконпазир буд – ӯ бояд барои гуноҳҳои содир намудаи худ тавба мекард. Агар Павлус баъд аз мавъизаи дилхушкунанда, вале бе мазаммат якҷоя бо ӯ бо дуои гуноҳкор дуо мекард, Феликс фирефта мегардид. Ӯ гумон мекард, ки аз боло таваллуд шуд, вале дар асл ба мисли пештара бидуни наҷот бутпараст боқӣ мемонд. Моҳиятан, Павлус таъсири криптонитро ба калисо роҳ медод. Аммо ҳаворӣ, ки хидматгузори амини Исои Масеҳ буд, ба ин роҳ надод.

Ман медонам, ки ин ҳама ба ҳуш оваранда садо медиҳанд, аммо имрӯз мо, шоҳидони Инҷил, бояд айнан ҳамин гуна бошем.

## АМАЛ КУНЕД

Аксарияти калисоҳои муосир аз одамоне иборат мебошанд, ки ба воситаи “дуои наҷот” тавба кардаанд, ба ибораи дигар, онҳо фақат такрор карданд, ки қурбонии Исоро баҳри гуноҳҳои мо эътироф мекунанд ва Ӯро ба қалби худ даъват менамоянд. Тасаввур кунед, ки агар дар калисоятон дастаи роҳбарон одамонро ба тавба кардан аз гуноҳҳо ва рӯ овардан ба Худо даъват мекарданд, аҳволи калисои шумо чӣ гуна мешуд. Шумо чӣ фикр доред, чанд нафар боқӣ мемонданд?

Эҳтимол, баъзе одамон, махсусан роҳбарони калисо, аз худи чунин

як фикр норохатӣ эҳсос мекунанд. Аммо тасаввур кунед, ин одамони боқимонда чӣ гуна мешуданд. Аввалин бедории рӯҳонӣ ҳамон вақт ба амал омад, ки воизони бедорӣ ба калисо рафта, дар бораи тавба мавъиза карданд, шунавандагони паём бошанд, курсиҳоро дошта, бо оҳу фиғон, аз Худо наҷот талаб карда, тавбакунон ба байни қаторҳо меафтиданд. Маҳз ҳамон одамоне, ки тавба карданд (ҳазорҳо ҳазор) ҷаҳонро дигаргун сохтанд. Шаҳрҳои бисёр аз гуноҳ даст кашида, ба Худо рӯ оварданд.

Мавъиза дар бораи тавба, шояд калисоҳоямонро холӣ месозад, ё аз одамон пур мекунад. Аз Худо дархост кунед, ки ба шумо қудрати тавбаро ошкор намояд, ва сипас ба Худо дуо кунед, ки Ӯ онро дар ҳаёти шумо ва калисои шумо ба кор андозад.

21

# СЕ ПОДШОҲ

Дар арафаи навиштани ин китоб ба ман лозим шуд, ки шаш китоби Аҳди Қадимро аз нав хонда бароям.

Чиҳил соли охир ман бисёр вақт чор китоби Подшоҳон ва 2 китоби Вақоеъномаро такроран мехондам ва меомӯхтам. Вале ба наздикӣ ман дуо кардам ва аз пештара хеле бодиққаттар ва бо тартиб хондам. Ва ҳангоме ки Худо чашмони маро барои он чизҳое, ки пештар мушоҳида накарда будам, боз кард, ман ба ҳайрат афтодам.

Аз ин пас каме таҳлили илмӣ ва ҳатто дақиқона ҷараён мегирад, вале агар ман шарҳи мухтасари воқеаҳоро дар бораи подшоҳони Аҳди Қадим пешниҳод накунам, пас хулосаҳое, ки ман баровардам, фоидаи калон оварда наметавонанд. Дар вақти баррасӣ кардани ҳаёти ҳар як аз онҳо мо ҳақиқати бузургеро мебинем, ки агар фақат пурра шаш китобро хонем, он қадар хуб аён намешавад, чунки дар онҳо бисёр хатҳои сюжетии дигар кашида шудаанд.

Пештар ҳангоми хондани ин китобҳо ман ҳамеша фикр мекардам, ки ду гурӯҳи асоси подшоҳон ҳастанд – онҳое, ки “он чи дар назари Худованд мақбул буд, ба амал меоранд”, ва “бутпарастон”. Аммо бо мурури вақт ман фаҳмидам, ки се гурӯҳи подшоҳон буданд.

Ҳақиқат дар он аст, ки ҳеҷ яке аз онҳо он чи дар назари Худо мақбул буд, ба амал наовард. Ба ҷуз аз Еҳу, аммо, мутаасифона, дар охири умр

ӯ низ каҷ рафт. Биёед аз Яҳудо сар мекунем. Ба ғайр аз Шоул, Довуд ва Сулаймон дар Яҳудо ҳамагӣ бист подшоҳон ҳукмронӣ кардаанд. Дар байни подшоҳони шарир Раҳабъом, Абиём, Еҳӯром, Аҳазёҳу, Аталё (малика), Оҳоз, Менашше, Омӯн, Еҳӯоҳоз, Еҳӯёқим, Еҳӯёкин, Сидқиёҳу буданд. Дар давраи ҳукмронии ин подшоҳон Яҳудо аз мушкилиҳои бениҳоят бузург ва ҳуҷумҳо аз тарафи душманон, ки аксар вақт зада гардондани онҳо имконнопазир буд ва ба мамлакат зарари калон меоварданд, азоб мекашид.

Ҳамчунин подшоҳоне буданд, ки он чи дар назари Худо мақбул буд, ба амал меоварданд. (Мисол Довуд ва Сулаймон, гарчанде дар солҳои охири ҳукмрониаш Сулаймон фармудаҳои Худоро вайрон кард). Баъди тақсим шудани ду салтанат инҳо подшоҳӣ кардаанд: Осо, Еҳӯшофот, Еҳӯош, Амасё, Узиё, Ютом, Хизқиё, Йӯшиёҳу. Аммо ин рӯйхатро, ки аз ҳашт подшоҳ иборат аст, ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст. Якум – подшоҳоне, ки дар ҳаёти шахсии худ он чи дар назари Худо худ мақбул буд, ба амал овардаанд, вале баландиҳоро, ки қавм дар он бутпарастӣ мекарданд, барҳам надоданд.

Дар гурӯҳи дуюм подшоҳоне буданд, ки на танҳо дар ҳаёти шахсии худ он чи дар назари Худо мақбул буд ба амал оварданд, балки баландиҳоро низ барҳам додаанд. Дар замони ҳукмронии ин подшоҳон тараққиёти мамлакат дар муқоиса бо давраи ҳукмронии подшоҳони дигар ба таври назаррас маълум гардида буд. Биёед ҳар яке аз онҳоро дида мебароем:

1. Довуд. Дар давраи ҳукмронии ӯ дар мамлакат бутпарастӣ набуд. Ӯ бо тамоми иштиёқ одамонро даъват мекард, ки бо тамоми дил, ақлу ҳуш, ҷон ва ҷисм ба Худо хизмат кунанд. Ӯ дар ҷангҳо мағлуб намешуд. Ва подшоҳии ӯ хеле сарватманд гардида буд. Баъд аз худ ӯ писари худро подшоҳ таъин кард ва писараш бомуваффақият ба ҳукмронӣ сар кард.
2. Сулаймон. Дар давоми қисми зиёди ҳукмрониаш ӯ падари худ Довудро пайравӣ кард. Дар натиҷаи итоаткории вай на танҳо ҳаёти ӯ, балки ҳаёти фармонбардорони содиқи ӯ хеле гуворо буд. Навишта шудааст: “Ва Яҳудо ва Исроил , ҳар кас зери токи ангури худ ва зери дарахти анҷири худ, аз Дон то Беэр-Шобаъ, дар тамоми айёми Сулаймон дар амният менишастанд” (3 Подшоҳон 4:25). Тасаввур кунед, ки касе мӯҳтоҷи парастории давлат набуд, чунки

дар мамлакат фаровонӣ буд. Подшоҳии ӯ он қадар бузург буд, ки “аз ҳамаи қавмҳо барои шунидани ҳикмати Сулаймон меомаданд, – аз ҷониби ҳамаи подшоҳони замин , ки овозаи ҳикмати ӯ ба гӯшашон расида буд” (3 Подшоҳон 4:34). Зиёда аз ин, дар давоми он навишта шудааст: “Ва тамоми аҳли замин толиби дидори Сулаймон буданд, то ҳикматеро, ки Худо дар дили ӯ ниҳода буд, бишнаванд” (3 Подшоҳон 10:24). Боз навишта шудааст, ки ӯ “комёб гардид ва тамоми Исроил ба ӯ итоат карданд” (1 Вақоеънома 29:23). Дар давраи ӯ мамлакат тараққӣ мекард: “Ва подшоҳ тилло ва нуқраро да Ерусалим ба сангҳои кӯча баробар гардонид, ва чӯби арзро ба чӯби ҷумиз, ки дар пастӣ бисёр мерӯяд, баробар сохт” (2 Вақоеънома 1:15).

Аммо бо мурури замон Сулаймон ба Худо итоат намуданро бас кард ва бисёр занҳои аҷнабиро ба занӣ гирифт. Онҳо дили ӯро ба худоёни бегона моил карданд (гуноҳи дидаю дониста ва такроршаванда), ва дар натиҷа Худованд душманонро бархезонид, ва онҳо ба муваффақияти Сулаймон монеа шуданд ва подшоҳии ӯро ба изтироб оварданд (ниг. 3 Подшоҳон 11:14, 23). Дар натиҷаи беитоатии баръалои ӯ подшоҳӣ аз ҳам ҷудо шуд, писари ӯ ду қабиларо нигоҳ дошт, даҳтои дигараш пароканда шуданд.

Аз ин ҷо баъд ман танҳо ҳокимони Яҳудоро номбар мекунам:

3. Раҳабъом. Он чи дар назари Худо бад буд, ба амал овард.
4. Абиё. Он чи дар назари Худо бад буд, ба амал овард.
5. Осо. Ӯ бо ҷидду ҷаҳд Худоро пайравӣ кард. Ӯ на танҳо дар ҳаёти худ он чи дар назари Худо мақбул буд, ба амал овард, балки ҳамчунин талош кард, ки бутпарастиро аз байни халқи худ решакан кунад. Ӯ дар байни коҳинон танфурӯшии мардона ва занонаро манъ кард, ҳамаи бутҳоро маҳв кард, модари худ Маакоро барои сохтани бути Ашера аз унвони малика маҳрум сохт (ниг. 3 Подшоҳон 15:11-13). Ӯ ҳамчунин ҳамаи қурбонгоҳҳо ва бутҳоро нобуд кард, баландиҳоро барҳам дод, муҷассамаҳои Ашераро шикаст ва қурбонгоҳҳои бухурро барои худоёни бегона дар ҳамаи шаҳрҳои Яҳудо нобуд кард. Дар асл, Осо қавмро даъват кард, ки барои гуноҳҳои такроршаванда тавба кунанд. Ӯ фармуд, ки Худовандро ҷӯё шаванд ва ба фармудаҳо ва аҳкоми Ӯ итоат кунанд (ниг. 2 Вақоеънома 14:2).

Ба туфайли он ки Осо ба одамон тавба карданро аз гуноҳҳои

такроршаванда талқин кард, онҳо дар мамлакати худ ба некӯаҳволӣ расиданд: “... ва мамлакат дар ҳузури Ӯ оромӣ ёфт” (2 Вақоеънома 14:13). Осо бо сарбозони худ на танҳо лашкари душманро мағлуб кард, балки ҳамчунин дар ин муҳориба бисёр ғанимати ҷангӣ ба даст овард.

Мо роҳбари пурбаракатеро мебинем, ки на танҳо худаш шахсан ба Худо итоат кард ва аз гуноҳи дидаю дониста ва такроршаванда рӯ гардонд, балки дигаронро низ даъват кард, ки чунин рафтор кунанд.

6. Еҳӯшофот. Ин подшоҳе буд, ки ҳам дар ҳаёти шахсии худ ва дар роҳбари кардани кишвар он чи ба Худо мақбул буд, ба амал овард. Ӯ одамонро даъват кард, ки барои бутпарастӣ (гуноҳи маълум ва такроршаванда) тавба кунанд. Ӯ зинокоронро аз ҷумлаи мардон ва ҳам занон дар тамоми кишвар несту нобуд кард (3 Подшоҳон 22:46). Ӯ дар тамоми Яҳудо баландиҳо ва Ашераҳоро барҳам дод (ниг. 2 Вақоеънома 17:6). Дар соли сеюми подшоҳӣ ӯ ходимонро ба тамоми Яҳудо фиристод, то ки таълим диҳанд. Онҳо шариати Худоро нусхабардорӣ карданд ва дар тамоми Яҳудо гашта, мардумро таълим медоданд.

Натиҷаи роҳбарии Еҳӯшофот дар чӣ буд? “Ва тарси Худованд ҳамаи салтанатҳои кишварҳоеро, ки дар гирду пеши Яҳудо буданд, фаро гирифт, ва онҳо бо Еҳӯшофот ҷанг накарданд. Ва аз фалиштиён барои Еҳӯшофот ҳадия ва нуқраи хироҷ оварданд; Ва Еҳӯшофот торафт бештар қувват гирифта, бузург шуд... (2 Вақоеънома 17: 10-12). Дар давомаш навишта шудааст: “Ва Еҳӯшофот сарват ва шавкати бисёре дошт ...” (2 Вақоеънома 18:1). Лашкарҳо ба ӯ ва Яҳудо ҳамла меоварданд, вале Худованд онҳоро бо дасти ҳамдигарашон несту нобуд кард, ва Яҳудо дар натиҷа бисёр ғанимат ба даст овард.

Дар бораи ин подшоҳ Навиштаҷот ба мо мегӯяд: “Ва Худованд мамлакатро дар дасти ӯ устувор гардонид, ва тамоми аҳли Яҳудо ҳадияҳо барои Еҳӯшофот меоварданд, ва ӯ сарват ва шавкати зиёде дошт. Ва дили ӯ дар роҳи Худованд фахр менамуд ...” (2 Вақоеънома 17:5, 6).

Еҳӯшофот бо хонадони Аҳъоб, ки ҳама бутпараст буданд, иттифоқ баста, хатои бузурге содир намуд. Қариб буд, ки ӯ барои ин кораш ҳалок шавад, писари ӯ ба сабаби шарорат осеб дид. Набие бо номи Еҳу ӯро мазаммат кард: “Оё туро сазад, ки ба шарире ёварӣ намоӣ,

ва душманони Худовандро дӯст дорӣ?” (2 Вақоеънома 19:2). Аммо умуман Еҳӯшофот ва Яҳудо ба туфайли итоаткории Ӯ некӯаҳволиро аз сар мегузаронидан – ин чунин маъно дорад, ки ӯ гуноҳи такроршавандаи қавмро (бутпарастӣ) бе назорат намемонд.

7. Еҳӯром. Он чи дар назари Худованд мақбул буд, ба амал наовард.
8. Аҳазёҳу. Он чи дар назари Худованд мақбул буд, ба амал наовард.
9. Аталё. Он чи дар назари Худованд мақбул буд, ба амал наовард.
10. Еҳӯош. Дар бораи вай навишта шудааст: “Ва Еҳӯош... Он чи дар назари Худованд мақбул буд, ба амал овард... (2 Вақоеънома 24:2). Аммо дар бораи ҳукмронии ӯ тамоман қиссаи дигар навишта шудааст. Ӯ баландиҳоро нобуд накард. Бо ибораи дигар, ӯ қавми худро барои тавба аз гуноҳҳои доимиашон даъват накард. Дар натиҷа “... сарварони Яҳудо омада, ба подшоҳ саҷда бурданд; он гоҳ подшоҳ ба онҳо гӯш дод. Ва онҳо хонаи Худованд Худои падарони худро тарк намуда, Ашераҳо ва бутҳоро ибодат карданд...“ (2 Вақоеънома 24:17, 18).

    Одамоне, ки ӯ мебоист ба онҳо таъсир гузорад, ӯро ба гапи худ дароварданд, ва бинобар ин “... аз барои ин маъсияташон ғазабе бар Яҳудо ва Ерусалим ба вуҷуд омад” (ниг. ояти 18). Набӣ ба назди ӯ омад ва гуфт: “Чаро шумо аҳкоми Худовандро поймол мекунед? Шумо комёб нахоҳед шуд” (ниг. ояти 20). Ва дар идома навишта шудааст: “Ва баъд аз гузаштани як сол лашкари Арам ба муқобили ӯ баромада, ба Яҳудо ва Ерусалим дохил шуданд, ва ҳамаи сарварони қавмро аз миёни қавм куштанд, ва тамоми ғаниматеро, ки аз онҳо гирифта буданд, ба подшоҳи Димишқ фиристоданд. Агарчи лашкари Арам бо андак одамон омада буданд, Худованд лашкари бағоят сершуморро ба дасташон супурд, зеро ки Худованд Худои падарони худро тарк карда буданд. Ва Еҳӯошро низ шиканҷа карданд” (ояти 23, 24). Еҳӯош дар аввал аз дасти арамиён маҷрӯҳ гардид, ва баъд кушта шуд. Подшоҳии ӯ роҳбареро нишон медиҳад, ки гуноҳи такроршавандаро решакан накард ва ба оқибатҳои ҳалокатбори он гирифтор шуд.

11. Амасё. Навишта шудааст: “Ва он чи дар назари Худованд мақбул буд ба амал овард, аммо на бо дили комил” (2 Вақоеънома 25:2). “Аммо баландиҳо барҳам дода нашуд. Қавм ҳанӯз дар баландиҳо

қурбонӣ мекарданд ва бухур месӯзониданд» (4 Подшоҳон 14:4). Подшоҳии ӯ низ санҷишҳои бузургро аз сар гузаронид. Амасё адӯмиёнро мағлуб кард ва аз ин хеле мағрур шуд. Баъд аз ин ба подшоҳи Исроил Юош ситезаҷӯӣ кард. Юош ӯро огоҳ кард, ки ба қавми вай даст нарасонад. Амасё ба вай гӯш надод ва ба зидди Исроил ба ҷанг баромад, вале пурра мағлуб шуд. Худи ӯ асир афтод. Исроил баъд аз ин девори дарозиаш 180 метраи Ерусалимро хароб кард ва ҳамаи тилло ва нуқра, ҳамаи ашёҳои маъбади Худовандро бо худ бурд. Исроил тамоми хазинаи қасри подшоҳро ғасб кард, ва ҳамчунин гаравгонон гирифт. Амасё кушта шуд (ниг. 2 Вақоеънома 25:11-28). Мо боз роҳбареро мебинем, ки корҳои ба Худованд мақбулро шурӯъ кард, вале дар айёми ҳукмронии худ одамонро барои гуноҳи доимӣ мазаммат накард.

12. Узиё.Ӯ он чи дар назари Худованд мақбул буд, ба амал овард, ва то он давра, ки Ӯро ҷӯё буд, Худо ба вай некӯаҳволӣ медод. Ӯ подшоҳи қавӣ ва комёб гардид. Гарчанде дар Китоби Муқаддас, дар бораи он ки ӯ нисбат ба маконҳои бутпарастӣ чӣ гуна рафтор кард, чизе гуфта нашудааст, вале мо медонем, ки ӯ ба сабаби мағрурии худ аз касалии махав мурд.
13. Ютом. Дар бораи ин подшоҳ камтар навишта шудааст. Ӯ он чи дар назари Худованд мақбул буд, ба амал овард, вале дар замони ӯ одамон бо гуноҳ зиндагӣ карданро давом медоданд. Мутаассифона, дар давраи ӯ “...баландиҳо барҳам дода нашуд; қавм ҳанӯз дар баландиҳо қурбонӣ мекарданд ва бухур месӯзониданд... (4 Подшоҳон 15:35). Мо мебинем, ки оқибати ин чӣ шуд: “Дар он айём Худованд Расин, подшоҳи Арам, ва Фақаҳ ибни Рамалёҳуро ба Яҳудо фиристодан гирифт” (4 Подшоҳон 15:37).
14. Оҳоз. Он чи дар назари Худованд мақбул буд, ба амал наовард.
15. Хизқиё. Падари Хизқиё, Оҳоз, подшоҳи хеле шарир буд. Оҳоз дари маъбадро маҳкам кард ва ибодат ҳақиқиро қатъ гардонид. Аввалин коре, ки Хизқиё кард, – ӯ боз дари маъбади Худовандро кушод, онро аз ҳар палидӣ тоза кард ва таъмир намуд. Дар бораи ӯ навишта шудааст: “Ва он чи дар назари Худованд мақбул буд, ба амал овард, мисли ҳар он чӣ падараш Довуд ба амал оварда буд; Ӯ баландиҳоро барҳам дод, ва сутунҳоро шикаст, ва Ашераро маҳв намуд, ва мори мисинро, ки Мӯсо сохта буд, пора-пора кард, зеро ки то он айём

банӣ-Исроил барояш бухур месӯзониданд ...” (4 Подшоҳон 18:3, 4). Сипас ӯ аз нав иди Фисҳи Худовандро эълон кард. Ин воқеаи бузург буд, “Ва баъд аз анҷом ёфтани ҳамаи ин, ҳамаи исроилиёне, ки дар шаҳрҳои Яҳудо буданд, берун омада, сутунҳоро шикастанд, Ашераҳоро маҳв карданд, баландиҳо ва қурбонгоҳҳоро аз тамоми Яҳудо ва Бинёмин ва Эфроим ва Менашше то ба охир барҳам доданд; ва тамоми банӣ-Исроил, ҳар кас ба мулки худ, ва ба шаҳрҳои худ баргаштанд” (2 Вақоеънома 31:1).

Дар бораи Хизқиё навишта шудааст: “Ва ба Худованд часпида аз пайравии Ӯ дур намешуд, ва аҳкомеро, ки Худованд ба Мӯсо амр фармуда буд риоя мекард. Ва Худованд бо ӯ буд: ба ҳар чи ӯ иқдом менамуд, муваффақият меёфт ...” (4 Подшоҳон 18:6, 7). Арамиён ба ҷанги ӯ баромаданд, вале дар охир фариштаи Худованд ба ӯрдугоҳи арамиён омада 185 000 сарбозро ҳалок кард. Азбаски Хизқиё дар давраи подшоҳии худ бо гуноҳи ошкорои такроршавандаи қавм мубориза мебурд, дар зиндагии ӯ ва дар мамлакат ҳама чиз хуб буданд.

16. Менашше. Он чи дар назари Худованд мақбул буд, ба амал наовард.
17. Омӯн. Он чи дар назари Худованд мақбул буд, ба амал наовард.
18. Йӯшиёҳу. Ӯ ҳам дар ҳаёти худ ва ҳам дар роҳбарӣ подшоҳи хеле итоаткор буд. Дар бораи ӯ навишта шудааст: “Ва подшоҳ ба хонаи Худованд омад ва тамоми мардуми Яҳудо ва ҳамаи сокинони Ерусалим бо ӯ буданд, – коҳинон ва анбиё, ва тамоми қавм аз хурд то калон; ва ӯ ҳамаи суханони китоби аҳдро, ки дар хонаи Худованд ёфт шуд, дар гӯши онҳо хонд” (4 Подшоҳон 23:2). Сипас ӯ аҳдро нав кард ва ба коҳинон амр фармуд, ки аз маъбади Худо ҳамаи ашёҳоеро, ки барои ибодати Баал, Ашера ва ҳамаи лашкари осмон истифода бурда шуда буданд, гирифта дур кунанд. Ӯ онҳоро сӯхта ба қабри одамоне, ки бутпараст буданд, пошид.

    Дар бораи аъмоли ин роҳбар, ки барои нобуд кардани беитоатии доимӣ ба амал оварда шудаанд, бисёр навишта шудааст. Ман дар Китоби Муқаддаси худ ҳамаи калимаю ибораҳое, ки дар бораи корҳои Йӯшиёҳу барои нест кардани гуноҳи маълум дар Яҳудо хабар медиҳанд, қайд кардам: барҳам дод, хароб кард, сӯзонид, палид гардонид, бурид, шикаст, пора кард, ба хок яксон кард, пош намуд,

кӯфта гард-гард гардонид”. Ин суханон бисту ҳафт маротиба танҳо дар боби 23-юми китоби 4-ум Подшоҳон вомехӯранд. Дар бораи ин подшоҳ навишта шудааст: “Монанди ӯ пеш аз ӯ подшоҳе набуд, ки бо тамоми дилаш ва бо тамоми ҷонаш ва бо тамоми қувваташ, бар тибқи Тавроти Мӯсо, ба Худованд руҷӯъ карда бошад; ва баъд аз ӯ монанди ӯ ба майдон наомадааст” (4 Подшоҳон 23:25). Дар ҳаёти Ӯ ва қавме, ки ӯ ҳукмронӣ мекард, ҳама чиз хуб буд.

19. Еҳӯоҳоз. Он чи дар назари Худованд мақбул буд, ба амал наовард.
20. Еҳӯёқим. Он чи дар назари Худованд мақбул буд, ба амал наовард.
21. Еҳӯёкин. Он чи дар назари Худованд мақбул буд, ба амал наовард.
22. Сидқиёҳу. Он чи дар назари Худованд мақбул буд, ба амал наовард.

Саргузашти ин подшоҳонро хулосабардорӣ мекунем: агар ба ҳаёти онҳо ба таври умумӣ нигоҳ кунем, маълум мешавад: вақте ки роҳбарон парҳезгорона зиндагӣ мекарданд ва дар байни қавме, ки онҳо ҳукмронӣ мекарданд, ба зидди гуноҳи доимӣ (бутпарастӣ) мубориза мебурданд, он гоҳ ба мамлакат некӯаҳволӣ фаро мерасид. Вале рафти кор барои мамлакат тамоман дигар мешуд, агар подшоҳ парҳезгорона зиндагӣ мекард, вале дар баробари ин аз мубориза бар зидди гуноҳи такроршавандаи қавми худ худдорӣ менамуд.

Мо имрӯз бояд инро дар калисо омӯзем. Мо ба сари худ мушкилӣ меорем, агар одамонро фақат барои такрор кардани дуои гуноҳкор даъват кунем, вале ба тавбаи ҳақиқӣ водор накунем. Чӣ кор бояд кард, агар “навимонҳои” мо барои рӯ гардондан аз гуноҳҳои худ ҷуръат намекунанд? Бо ин мо ба ҷамоати худ бутпарастонро меорем.

Мо роҳбарон, ҳаёти парҳезгорона бурда метавонем, вале агар мо бар зидди гуноҳ дар байни одамон мубориза набарем, аз оқибати ногувори он гурехта наметавонем, ва оқибати кор он гуна мешавад, ки бо подшоҳон рӯй дод. Шояд, ба муваффақияти кӯтоҳмуддат ноил мешавем, вале кор бо некӣ намеанҷомад. Корҳои баъзе подшоҳон, ки бар зидди беитоатии қавми худ мубориза намебурданд, хуб ҷараён доштанд, вале дар охир камбудиҳои қобилияти роҳбарии онҳо дар зиндагии онҳо акс ёфтанд.

Агар мо, аз одамон тавба талаб накарда, Инҷилро мавъиза кунем, мо дар ҷои бутпарастон қарор мегирем, ки худро дар назди Худо ҳақ меҳисобанд. Бо ин тарз мо ҷамоати худро ба зери таъсири криптонит тела медиҳем.

## АМАЛ КУНЕД

Агар мо ба ҷузъиётҳо диққат кунем, манзараи бузургтарро аз пеши назарамон гум мекунем, бо ибораи дигар, мо дар паси дарахтон бешазоронро дида наметавонем. Ҳатто вақте ки мо каломи Худоро меомӯзем, махсусан агар давраи дурударози таърихӣ ба назар гирифта шавад, чунин ҳолат рӯй дода метавонад. Аммо пайгирии мавзӯъ дар давоми давраи тӯлонӣ дар таърих, чуноне ки мо дар ин боб анҷом додем, мисолҳоеро равшан мегардонад, ки ба таври дигар фаҳмидан мушкил аст. Мо бо ин тарз воқеаҳоро ба таври васеътар дида метавонем.

Чуноне ки воқеаҳои муфассали таърихи Исроил ва Яҳудо нишон медиҳад, вақте ки роҳбарон ҳаёти худро ба тартиб медароваранд ва ба таври ҳаққонӣ дар бораи он чизҳое, ки Худо бар онҳо қудрат бахшида буд, масъулятро ба зиммаи худ мегирифтанд, Худо ба онҳо некӯаҳволӣ медод. Масъулияти шумо на танҳо дар ҳаёти шахсии шумо, балки дар ин соҳа низ таъсири бузург дошта метавонад ва нишон медиҳад, ки чӣ тавр Худо аз номи шумо кор мекунад. Аз Худо дархост кунед, ки доираи таъсири шуморо ошкор кунад ва хирад бахшад, то ки шумо дар он барои нигоҳ доштани қудсият масъулиятро ба зимма гиред. Ҳар чизеро, ки Ӯ мегӯяд, нависед, сипас нақшаи амалиётро тартиб диҳед.

АЗ БАЙН БУРДАНИ КРИПТОНИТ

# ФАСЛИ 4

22

# РӮ БА РӮ

Биёед, пеш аз он ки роҳамонро барои бартараф кардани криптонит, ҳам дар ҳаёти шахсӣ, ва ҳам дар ҷамоат оғоз кунем, дар аввал бодиққат, рӯ ба рӯ оқибатҳои муносибати беаҳамиятона ва таҳаммулкоронаро ба ин моддаи марговар дида мебароем.

Вақте ки ман дар синфи болоӣ таҳсил мекардам, аз мо гузаштани курси дурӯзаи тадбирҳои пешгирикунандаро аз истеъмоли маводи ғайриқонунии нашъадор талаб карда мешуд, ки оқибатҳои даҳшатноки нашъамандиро ба мо ошкор менамуд. Ҳатто дар шабнишиниҳои хеле айёшона то вохӯрии ман бо Масеҳ ман ҳеҷ гоҳ маводи нашъадорро истеъмол накарда будам, тарс аз оқибати нохуши он маро аз ин кор нигоҳ медошт.

Албатта, тарси носолим низ мавҷуд мебошад, вале Исо моро аз он халос кардааст. Аммо тарси парҳезгорона низ ҳаст, чуноне ки ман дар мактаб ҳангоми гузаштани дарсҳои профилактикӣ бар зидди маводи мухаддир эҳсос мекардам. Ин дарсҳо моро аз он чизе, ки мехост ҳаёти моро ба зери таъсири худ гирад, нигоҳ медоштанд. Навиштаҷот мегӯяд: “Пас, дар сурате ки ваъдаи дохилшавӣ ба оромии Ӯ ҳанӯз боқист, мо *хавотир хоҳем дошт*, мабодо маълум гардад, ки касе аз шумо муваффақ нашудааст” (Ибриён 4:1). “... Бо худотарсӣ кас аз бадӣ дур мешавад” (Масалҳо 16:6).

Дар ин боб ман боз ба роҳбарони масеҳӣ муроҷиат мекунам. Аммо ин паём ҳар яки моро огоҳ мекунад, чунки имондор “сар мебошад, на дум” (ниг. Такрори Шариат 28:13). Мо ҳама даъват шудаем, ки фиристодагони Малакути Ӯ бошем , ин мавқеи муҳими роҳбарӣ мебошад.

Дар партави Навиштаҷот оё шумо дар бораи стратегияи хидматгузорӣ фикр кардаед? Чаро мо барои мубориза бурдан бар зидди гуноҳ азм намекунем? Одамоне, ки Худоро шинохтан мехоҳанд, бовар доранд, ки мо ба онҳо ҳақиқатро мегӯем. Вале мо аз онҳо он чизҳоеро, ки барои сохтани муносибатҳои ҳақиқӣ халал мерасонад, пинҳон медорем. Оё мо онҳоро ҳимоя мекунем? Оё дар бораи он фикр кардаед, ки аз гуфтани ҳақиқат худдорӣ карда, мо одамонро ба хатар меандозем. Чаро одамонеро, ки барои шунидан дар бораи ҳаёти абадӣ меоянд, ранҷонем?

Анжеларо ба хотир меорем, ки ба вай пешакӣ дар бораи никоҳ нафаҳмониданд, ва ӯ никоҳи худро ба ҳолати хатарноку мушкил гузошт. Барои чӣ мо ба одамон имкон медиҳем, ки дар баробари муносибат доштан бо Исо, фикр кунанд, ки дар гуноҳи такроршавандаи одатшуда ҳеҷ бадие нест. Зеро ин ғайриимикон аст. Оё мо муносибатҳои номавҷудро пешниҳод намекунем? Оё мо онҳоро аз наҷот маҳрум намесозем?

Биёед ин масъаларо аз ҳар тараф дида мебароем. Натиҷаро барои ҳамаи тарафҳо, барои одамоне, ки Худоро меҷӯянд, барои роҳбароне, ки аз эътироф кардани таъсири криптонит худдорӣ мекунанд, ва ниҳоят, барои тамоми калисо оқибатҳои минбаъдаи ҳалокатоварро муайян менамоем.

## Ҷӯяндагон

Мо бояд дар хотир дошта бошем, ки дар рӯзи Доварӣ на танҳо баъзеҳо ё фақат камтар одамон бо бовари пурра ба назди Исо меоянд, ки ба Подшоҳии Худо дохил мешаванд, балки *бисёриҳо* меоянд ва чунин суханонро мешунаванд: “... аз Ман дур шавед, эй бадкорон” (Матто 7:23).

Кистанд ин одамон? Спиритуалистҳо (пайравони таълимоти идеалистии фалсафӣ, ки мабдаи рӯҳониро ва тамоми моддиётро зодаи Худо мешуморад – шарҳи тарҷ.)? Мӯътақидони дину мазҳабҳои дигар? Одамоне, ки гирифтори симиё ҳастанд? Агар мо суханони Исоро тадқиқ

созем, мушоҳида мекунем, ки онҳо дар байни мо мебошанд, онҳо ба калисоҳои мо равубиё мекунанд ва масеҳиятро эътироф менамоянд. Ӯ бо чунин суханон оғоз мекунад: “На ҳар касе ки ба Ман “Худовандо! Худовандо!” мегӯяд, ба Малакути Осмон дохил хоҳад шуд, балки он касе ки иродаи Падари Маро, ки дар осмон аст, ба ҷо меоварад” (Матто 7:21). Исо одамонеро, ки Ӯро Худованд мехонанд, муайян мекунад. Ӯ на дар бораи Ҷозеф Смит, Муҳаммад, Буддо, Ҳари Кришна, Конфутсий, Ра, Сикх ва ким-кадом паёмбар ё худои бардурӯғ мегӯяд. Не, одамоне, ки аз даромадан ба Подшоҳии Осмон маҳрум мебошанд, Исои Масеҳро “Худованди” худ мехонанд ва инро бо иштиёқ мегӯянд.

Барои чӣ калимаи “Худованд” дар ин оят такрор карда шудааст? Чуноне ки қаблан қайд гардид, боз ба ҳамон сабаб такрор карда шудааст, ки дар Навиштаҷот калима ё ҷумла беҳуда ба кор бурда намешавад. Муаллиф ба таври мақсаднок ишора мекунад. Аммо дар ин ҳолатҳо ин на танҳо ишора, балки таъсирнок кардани эҳсосот мебошад.

Масалан, вақте ки подшоҳ Довуд хабардор шуд, ки писари ӯ аз тарафи сарбози лашкари Юоб кушта шуд, дили ӯ шикаста гардид. Мана Навиштаҷот дар бораи аксуламаи вай ба ин ҳодиса чӣ мегӯяд: “Ва подшоҳ рӯи худро пӯшонида буд, ва подшоҳ бо овози баланд фарёд мезад: “Вой писарам Абшолӯм! Вой Абшолӯм писарам, писарам!” (2 Подшоҳон 19:4). Аниқтараш, Довуд калимаи “писарам”-ро ду бор такрор накардааст, дурусттар аз ҳама, ӯ аз ғам навҳа кард. Дард аз ҳалокати писар он қадар пуразоб буд, ки муаллиф ин суханонро такрор намуд, то ки хонанда мусибати бузурги вайро эҳсос кунад.

Бо ҳамин тарз Худованд эҳсоси пурқуввати ин одамонро нисбат ба Ӯ баён менамояд. Онҳо на танҳо ба таълимоти Исои Масеҳ оид ба Писари Худо будани Ӯ розианд, балки онҳо имони худро аз таҳти дил ва гарму ҷӯшон ифода ифода мекунад. Мо дар бораи одамоне гап мезанем, ки аз масеҳӣ будан хушҳоланд, аниқтараш, онҳо ғайратмандона дар бораи имони худ сухан меронанд.

Онҳо на танҳо амиқ ба Исо Имон доранд, балки дар хизмати Ӯ иштирок мекунанд:

> “Ман ҳоло мебинам, ки дар рӯзи Доварӣ ҳазорҳо одамон дар назди Ман фахр карда, мегӯянд: “Худовандо, мо Паёми Туро мавъиза кардем, мо девҳоро ихроҷ намудем, дар бораи

лоиҳаҳоямон, ки ба нафъи Худо буд, ҳама дар гирду атроф гап мезаданд” (Матто 7:22, тарҷума аз англисӣ, MSG).

Тарҷумаи тафсирии The Message беҳтар аз ҳама нишон медиҳад, ки ин одамон мушоҳидакорони бегона набуданд. Онҳо кори калисоро дастгирӣ мекарданд ва худи онҳо дар он бевосита иштирок менамуданд. Онҳо бо овози баланд дар бораи имони худ, ки ба Инҷил доранд, шаҳодат дода, мегуфтанд:“мо Паёмро мавъиза мекардем”. Моҳиятан, онҳо барои дигар кардани ҳаёти одамон меҳнат мекарданд.

Ин тарҷумаи ба тарзи дигар ифода кардашуда калимаи “ҳазорҳо”-ро истифода мебарад. Аммо дар бештари тарҷумаҳо калимаи “бисёриҳо”истифода бурда шудааст. Ин калимаи юнонӣ polus маънои “ба миқдори зиёд, ҷамъулҷамъ, шумораи зиёд”-ро дорад. Аксар вақт ин калима бо маънои “аксарият” истифода бурда мешавад. Ба ҳар ҳол Исо на дар бораи миқдори ками одамон , балки дар бораи бештари онҳо, шояд ба куллӣ, дар бораи аксарият аз миқдори умумӣ сухан рондааст.

Инак, хулоса мекунем: Исо дар бораи одамоне гуфтааст, ки ба таълимоти Инҷил бовар доранд, онҳо Ӯро Худованд мехонанд, онҳо пур аз эҳсосот мебошанд, Инҷилро ҷонибдорӣ мекунанд, фаъолона дар чорабиниҳои масеҳӣ иштирок мекунанд. Мо ба таври осон гуфта метавонем, ки онҳо масеҳиёни ҳақиқӣ мебошанд. Пас, фарқият дар чист? Онҳо аз имондорони ҳақиқӣ бо чӣ фарқ мекунанд? Исо ба мо мегӯяд: «“Он гоҳ дар ҷавоби онҳо хоҳам гуфт: “Ман ҳаргиз шуморо намешинохтам; аз Ман дур шавед, эй бадкорон!”» (Матто 7:23).

Маълум аст, ки дар ин суханон калимаи асосӣ “бадкорон” мебошад. Аввалан, бадкорӣ чӣ маъно дорад? Ин калимаи юнонии anomia мебошад. Аз рӯи луғати Тэйер ин “ҳолати берун аз қонун, дар намуди ҷаҳолат, ё вайрон кардани қонун” мебошад. Бо ибораи дигар, одами бадкор ба ҳукми Каломи Худо итоат намекунад. Вай бе тавбаи самимона доимо гуноҳ содир мекунад. Ин одам бутпарасти ҳозиразамон мебошад.

Ҳамин тариқ, бадкорӣ як намуди *криптонит* мебошад.

Ин мардон ва занон *мунтазам* дакка намехӯранд. Аниқтараш, онҳо доимо аз Каломи Худоро канораҷӯӣ мекунанд, ба он беаҳамиятӣ ва беитоатӣ зоҳир менамоянд. Онҳо дар шарорат зиндагӣ мекунанд, чунки баъзеҳо аз онҳо бо сабаби мӯътақид будан ба он, ки ин ё он порчаи Каломи Худо маънои дар он навишташударо ифода намекунанд,

дигарон бар он ақидаанд, ки ин суханон аз Навиштаҷот ба мо имрӯз дахл надоранд, бисёр одамон бошанд, фикр мекунанд, ки ин порчаҳо бо файзе, ки на аз Китоби Муқаддас аст, пӯшонида шудаанд.

Мутассифона, ба назари ман, яке аз сабабҳои дар гуноҳ зиндагӣ кардани одамон аз он иборат аст, ки роҳбарони онҳо пайравони худро ислоҳ намекунанд ва ба тавбаи ҳаққонӣ даъват намесозанд. Ба ин одамон ҳеҷ касе намегӯяд, ки баъди ворид шудан ба аҳди Исои Масеҳ ба ишқварзиҳои бутпарастона роҳ додан мумкин нест. Агар онҳо дар ҳақиқат аз рӯи файз наҷот ёфта мебуданд, на танҳо аз фикри содир кардани гуноҳ нафрат медоштанд, балки ҳама гуна амалро барои дур шудан аз гуноҳи такроршаванда анҷом медоданд. Онҳо ҷисми худро бо ҳама гуна ҳавою ҳавасҳояш маслуб менамуданд ва барои соҳиб шудан ба хислати парҳезгорона ва самарот саъй мекарданд. Ин хислати фарққунандаи имондори ҳақиқӣ мебошад.

Қайд кардан аҷиб аст, ки Исо гуфт: “Ман ҳеҷ гоҳ шуморо намешинохтам”. Дар забони юнонӣ “намешинохтам” ginosko мебошад, яъне маънояш “аз наздик намешинохтам” аст. Онҳо ҳеҷ гоҳ бо Ӯ муносибатҳои ҳақиқӣ надоштанд. Новобаста ба он ки онҳо Ӯро “Хоҷа” ва “Худованд” меноманд, ин танҳо унвон аст, ва онҳо ба Ӯ итоат намекунанд. Нишонаи муносибатҳои ҳақиқӣ бо Худо риоя кардани Каломи Худо мебошад:

> «Аз ин медонем, ки Ӯро мешиносем, ки аҳкоми Ӯро риоят мекунем. Касе ки гӯяд: “Ман Ӯро мешиносам”, аммо аҳкоми Ӯро риоят накунад, вай дурӯғгӯй аст, ва дар вай ростӣ нест» (1 Юҳанно 2:3, 4).

Ин суханон он матлаби Исоро пурра дар худ акс мекунанд, ки бо он гуфтугӯро оғоз менамояд: “Пас, онҳоро аз меваҳошон хоҳед шинохт” (Матто 7:20). Меваҳое, ки Исо дар бораашон дар ин ҷо мегӯяд, хидматгузории масеҳӣ намебошад. Ӯ дар бораи паём, дар бораи ташриф ба калисо сухан нагуфтааст, чунки ин амалҳо ба одамоне, ки аз осмон рӯ гардонидаанд, бегона нестанд. Имрӯз аксарияти одамон онҳоеро фарзанди Худо меноманд, ки Исоро Худованди худ мехонад, ба таълимоти Ӯ бовар дорад, ғайратмандона ва фаъолона дар хизматгузории масеҳӣ иштирок мекунад. Бо вуҷуди ин мо аз суханони

Исо равшан мебинем, ки барои муайян кардани имондори ҳақиқӣ ин сифатҳо нишонаҳои ҳалкунанда намебошанд.

Лутфан, барои баён кардани чунин фикр ба ман иҷозат диҳед: бешубҳа, ин хислатҳоро дар имондори ҳақиқӣ пайдо карда метавонед. Зиёда аз ин, бидуни онҳо имондорони ҳақиқӣ будан ғайриимкон аст. Аммо дорои чунин хислатҳо гардида, одам ба таври автоматӣ фарзанди Худо намегардад. Саволи ҳалкунанда ин аст: оё вай аз гуноҳи такроршавандаи худ тавба кардааст ва оё бо шавқу рағбат барои итоат кардан ба Худо саъю кӯшиш менамояд? *Оё вай суханони Исо “бирав ва дигар гуноҳ накун”-ро ҳатмӣ меҳисобад ё ғайриҳатмӣ*? Ин аст саволи озмоишӣ (ниг. Юҳанно 5:14).

## Башоратдиҳандагон

Биёед оқибатҳои дарозмӯҳлатро барои роҳбарон ва башоратдиҳандагони Инҷил дида мебароем. Навиштаҷот дар бораи доварӣ карда шудани одаме гап мезанад, ки эълон кардани Каломи Худо ба зиммаи вай гузошта шудааст, вале ӯ онро боздошта, тарафҳои мазамматкунандаи ростиро ба одамон нагуфтааст. Огоҳиеро, ки Худо ба фиристодагон додааст, бодиққат хонед:

> “Ҳангоме ки Ман ба шарире бигӯям: “Албатта хоҳӣ мурд!” – вале ту ӯро *огоҳ накунӣ*, ва сухане нагӯӣ барои он ки шарирро аз роҳи шарионаи ӯ огоҳ намоӣ, то ки ӯ зинда монад, он шарир дар гуноҳи худ хоҳад мурд, аммо хуни ӯро *Ман аз дасти ту талаб хоҳам кард*. Валекин агар ту шариреро *огоҳ намоӣ*, ва аз шарорати худ ва аз роҳи шариронаи худ тавба накунад, ӯ дар гуноҳи худ хоҳад мурд, ва ту ҷони худро *наҷот додаӣ*. Ва агар одиле аз адолати худ даст кашида, ноинсофона амал намояд, Ман санги пешпое пеши ӯ бигузорам, то ки ӯ бимирад, – азбаски ту ӯро *огоҳ нанамудаӣ*, ӯ дар гуноҳи худ хоҳад мурд, ва аъмоли одилонае, ки ӯ ба ҷо овардааст, ба ёд оварда нахоҳад шуд, валекин хуни ӯро *Ман аз дасти ту талаб хоҳам кард.* Ва агар ту одилеро *огоҳ намоӣ,* то ки он одил гуноҳ накунад, ва ӯ гуноҳ накарда бошад, ӯ албатта зинда хоҳад монд, чунки *огоҳиро қабул кардааст*, ва ту ҷони худро *наҷот додаӣ*” (Хизқиёл 3:18-21).

Бубинед, ки дар оятҳои дар боло овардашудаи Китоби Муқаддас ибораи “огоҳ кардан” чӣ қадар бисёр истифода бурда шудааст. Лутфан, ба ман иҷозат диҳед, ки ба шубонҳо, роҳбарон ва ба ҳамаи имондорон , яъне ба ҳама касоне, ки фармони ба наҷот даъват кардани гумшудагон ва бо муҳаббат ислоҳ кардани содиркунандагони гуноҳро доранд, саволи софдилона диҳам. Оё барои он одамоне, ки аз рӯи маслиҳати шумо фикр карданд, ки онҳо дар назди Худо ҳақ мебошанд, гарчанде дар асл ноҳақ буданд, ҷавоб медиҳед? Чунки шумо онҳоро *огоҳ накардед*, ки аз гуноҳи такроршаванда рӯ гардонанд. Онҳо дар дурӯғ ва риёкорӣ зиндагӣ мекунанд, гӯё ки онҳо наҷот ёфтаанд, гарчанде ки дар асл, аз сабаби он ки онҳоро ҳеҷ кас огоҳ накардааст, дар гуноҳ зиндагӣ мекунанд, ва дар рӯзи доварӣ ба онҳо гуфта мешавад: “Аз Ман дур шавед”.

Бинобар ин мавъиза кардани Инҷил зарур аст: “...ба ҳар кас *мефаҳмонем* ва ба ҳар кас ҳар ҳикматро ёд медиҳем, то ки ҳар касро дар Исои Масеҳ комил гардонда ҳозир кунем” (Қӯлассиён 1:28). Мо на танҳо меомӯзонем, балки ҳамчунин огоҳ мекунем ва мефаҳмонем.

Бубинед, чӣ тавр Худо ба таври возеҳ дар Каломи Худ ба воситаи Ҳизқиёли набӣ гуфтааст: “Ман хуни ӯро аз дасти ту талаб хоҳам кард”. Оё шумо боре дар бораи он фикр кардаед, ки дар тамоми абадият мо хатои худро хоҳем донист? Ишаъёи набӣ гуфтааст, ки дар замини нав ва осмони нав:

> “Ва воқеъ хоҳад шуд, ки дар ҳар навмоҳ, ва дар ҳар шанбе ҳар башар хоҳад омад, то ки ба ҳузури Ман саҷда кунад, – мегӯяд Худованд. Ва чун берун оянд ҷасадҳои мардуми ба Ман осишударо хоҳад дид: зеро кирми онҳо намемирад ва оташи онҳо хомӯш намешавад, ва онҳо барои ҳар башар зишт хоҳанд буд” (Ишаъё 66:23, 24).

Наход шумо фикр кунед, ки одамоне, ки аз онҳо “ҷавоб талаб карда мешавад”, онҳоеро, ки ба сабаби огоҳ накардан дар кӯли оташ месӯзанд, осонакак фаромӯш мекунанд?

Агар мо одамонро чуноне ки ҳастанд, ҳамон тавр қабул кунем, бе тавба бо хондани “дуои наҷот” ба онҳо наҷотро пешниҳод намоем, ва ба ин восита ба онҳо оид ба Подшоҳии Худо умеди бардурӯғ диҳем, оқибаташ чӣ гуна хоҳад буд? Мо ба шунавандагони худ бехатарии қалбакиро тӯҳфа

кардаем ва онҳоро аз шавқи ҳаққонии тавба кардан аз гуноҳҳояшон маҳрум сохтаем. Албатта, мо он гоҳ мебинем, ки чӣ тавр ин одамоне, ки мо онҳоро ба гумроҳӣ бурдаем, “ба назар кароҳатангез” менамоянд.

Суханони ҳушдоркунандаи Павлусро ба хотир оред: “Бинобар ин имрӯз ба шумо шаҳодат медиҳам, ки ман аз хуни ҳамаатон *мубарро* ҳастам, зеро ки ҳеҷ як фурсатро аз даст надодаам, ки ба шумо тамоми иродаи Худоро бифаҳмонам” (Аъмол 29:26, 27). Павлус хуб медонист, ки Худо ба воситаи Хизқиёли набӣ ба ҳар як башоратдиҳандаи Каломи Ӯ чӣ гуфтааст. Агар мо аз эълон кардани роҳҳои Ӯ рӯ гардонем, мо ҷавоб хоҳем дод, ин айби мо хоҳад буд. Шояд, аз ҳамин сабаб ҳаввории Яъқуб ба мо менависад:

> “Эй бародарони ман! Бисёре аз шумо муаллим нашавед, чун медонед, ки ба маҳкумияти бештаре дучор хоҳем шуд (Яъқуб 3:1).

Ин суханон дар Китоби Муқаддас на барои он навишта шудаанд, ки мо аз онҳо канораҷӯӣ кунем ва ба таври ҷиддӣ аҳамият надиҳем. Худо аз мо илтимос мекунад, ки ба огоҳиҳои пешакии Худо беэътиборӣ накунем ва даъвати Ӯро барои тавба кардан аз гуноҳи такроршаванда ногуфта намонем. Ӯ инро ба хотири манфиати роҳбарон, ва ҳамчунин ҷӯяндагони Худо гуфтааст. Ӯ моро дӯст медорад, вале Ӯ Худои қуддус аст, Ӯ аз гуноҳ нафрат дорад. Ӯ бо нархи гарон моро наҷот додааст, то ки мо раҳоӣ ёбем ва барои аз гуноҳ озодона зиндагӣ кардан қувват пайдо кунем. Чӣ тавр мо аз доварӣ гурехта метавонем, агар аз таълимот ё аз қабул кардани наҷоти бузург канораҷӯӣ кунем.

Оё ин шоиста аст, ки ба даъвати Инҷил, ки Аҳди Ҷадид ин қадар баланд эълон медорад, беэътиноӣ кунем? Суханони ҷамъбасткунандаи китоби охирини Аҳди Ҷадид ба тариқи зайл ифода ёфтаанд: “Ва агар касе аз суханони ин китоби нубувват чизе кам кунад, Худо насиби Ӯро аз дарахти ҳаёт ва аз шаҳри муқаддас ва аз ҳар чизе ки дар ин китоб навишта шудааст, кам хоҳад кард” (Ваҳй 22:19). Мо чӣ тавр ба ин суханони огоҳкунанда беэътиноӣ карда метавонем? Чӣ тавр мо метавонем ба одамоне, ки барои шунидани ҳақиқат ташна мебошанд, дар бораи қадами аввалине, ки ба наҷоти ҳақиқӣ мебарад, яъне роҷеъ ба тавба кардан аз гуноҳ нагӯем?

Наход мо фикр мекунем, ки аз Худо бисёртар медонем? Наход мо фикр кунем, ки муҳимтар аз ҳама аввал одамро ба калисо овардан асту баъдтар дар оянда кӯшиш намуда, ӯро аз гуноҳ халос кардан мумкин мебошад? Дар асл ҳама чиз дигар хел аст. Агар ин одам аллакай шунидааст, ки вай наҷот ёфтааст, чунки дуо кардааст ва як қисми "оила" шудааст, баъдтар вайро чӣ водор карда метавонад, ки зарурияти тавбаро фаҳмида, ба он хоҳиш пайдо кунад? Вай аллакай "наҷот ёфтааст" ва "бо файз пӯшонида шудааст".

Чарлз Г. Финней башоратдиҳандаи бузург буд. Хидматгузории ӯ ончунон пурқувват буд, ки ба туфайли таъсири пурзӯри ҷамъомадҳои ӯ чандин маротиба шаҳрҳои бисёр (аз ҷумла, боре шаҳри Рочестер, аёлати Ню-Йорк) корҳҳои ҳаррӯзаро қатъ карда буданд. Вақтҳое буданд, ки ӯ дар бораи тавба мавъиза мекард ва шунавандагони худро ҳар бегоҳӣ рӯз ба рӯз, то он дам, ки ҷӯяндагони Худо дар гӯшаи курсиҳои худ ба ҳайрат афтода мемонданд, ба наҷот даъват менамуд. Вале ӯ барои одамонро ба тавба даъват кардан шитоб намекард. Ниҳоят, пас аз чанд ҷамъомади бегоҳӣ, ӯ гуфт: "Агар шумо дар бораи масеҳӣ шудан фикр карда истода бошед, баъд аз ҷамъомад ба ин гӯша омада ва пурсида метавонед, ки чӣ тавр ин корро кардан мумин аст".

Ҳазорҳо одамон дар ҷамъомадҳои ӯ наҷотро қабул мекарданд, таърих гувоҳ аст, ки бештар аз навад фоизи имоновардагон ба имони худ содиқ мондаанд. Имрӯзҳо шумораи наҷотёфтагон хеле кам ба назар мерасад. Муваффақияти ӯ бузург буд, чунки вай аз таълимоти Аҳди Ҷадид берун намешуд: ӯ медонист, ки дар он аз ҳама усулҳои беҳтарин мавҷуд аст!

## Ҷамоат

Инак, шумо акнун мебинед, ки чизҳои дар аввали китоб навиштаи мо чӣ қадар муҳим мебошанд. Агар мо ба одамоне, ки гуноҳ содир карданро давом медиҳанд, наҷотро пешниҳод кунем, дар ҷамоатҳои худ барои хамиртуруши гуноҳ дар мекушоем.Чуноне ки криптонит ба Супермен таъсир мерасонад, гуноҳи дидаю дониста зуд паҳн мешавад ва ба ҳар шахси алоҳида ва дар якҷоягӣ ба ҷамоат осеб мерасонад.

Агар мо аз гуноҳ даст накашем, калисо ва ҷамоатҳои худро камқувват мегардонем, ва дар натиҷа, деҳаҳо, шаҳрҳо ва мамлакатҳо

ҷалоли Худоро намебинанд. Калисои аввала шаҳрҳои бисёр ва ҳатто минтақаҳоро ба туфайли қуввати пурҷалоли Худо дигар мекард. Барои чӣ дар асри бисту як мо то ҳол минтақаҳои худро дигар накардаем? Дар муқоиса бо Калисои аввала, технологияҳое, ки барои ба наҷот овардани одамон дастраси мо ҳастанд, хеле мукаммалтар ва ҳозиразамон мебошанд.

Барои чӣ дар Амрико ва мамлакатҳои дигари Ғарб исқоти ҳамл, зино, бадахлоқии шаҳвонӣ, ҳамҷинсгароӣ ва бесомонӣ дар масъалаи ҷинсӣ авҷ мегиранд? Ҳаргиз на барои он, ки ҷамъияти мо пешқадамтар шудааст. Ана ҳамин гуна тамоюли афзоиши шарорат дар асрҳои чор ва панҷ, вақте ки калисо суст шуд, мушоҳида карда шуда буд. Ба қадре ки дар ҷамъияти Рум масеҳият оммавӣ мегардид, калисо бо тӯда омехта гардида, таъсири худро гум кард, ва дар натиҷа ба даврае, ки бо номи Асрҳои миёна маълум аст, ғарқ шуд.

Ман, аз тарафи худам, шоҳиди чунин як давраи навбатӣ шудан намехоҳам, ва медонам, ки бисёр роҳбарон бо ман розӣ мешаванд. Мо бо муҳаббат ва шафқат эълон кардани тамоми ҳақиқатро бас намекунем.

Шумо низ, агар азм кардаед, ки ҳақиқатро, новобаста он ки мавриди таваҷҷӯҳи ҳамагон аст ё не, дилкаш аст ё не, эълон медоред, бо мо ҳамроҳ мешавед. Каломи Худоро, ки қудрати дигар кардани ҳаёти одамон, калисо, шаҳрҳо ва мамлакатҳоро дорад, мавъиза кунед. Дигар хел рафтор кардан маънои онро дорад, ки аз дӯст доштани наздикони худ рӯ гардондаем.

## АМАЛ КУНЕД

Дар Бадани Масеҳ чунин нақше нест, ки шумо метавонистед оқибаҳои нохуши гуноҳро пинҳон доред. Он на танҳо ба роҳбарон зарар меоварад, балки аз як шахсе, ки гуноҳро ба ҳаёти худ роҳ додааст, ба тамоми калисо паҳн мегардад. Агар мо алоқамандона ба гуноҳ хомӯширо ихтиёр кунем, одамон осеб дида метавонанд, ва мо барои ҳалокати онҳо ҷавоб медиҳем. Ин суханонро шахсан ба худатон нигаронида, аз нав хонед: агар ман алоқамандона ба гуноҳ хомӯш монам, одамон осеб мебинанд, ва ман барои ҳалокати онҳо ҷавоб медиҳам. Ин суханонро чандин маротиба бо овози баланд такрор кунед,

то ки онҳо дар қалби шумо реша давонанд. Бигзор ин ҳақиқат бо тамоми вазнинӣ ба ҷисму ҷони шумо фуруд ояд.

Худо оид ба ин масъала шуморо ба ҷавобгарӣ мекашад. Алоқамандона ба гуноҳ хомӯш будан дуруст нест. Дар партави ин ҳақиқат ҳаёти худро дида мебароем. Оё дар издивоҷи шумо ва тарбияи фарзандон чизе дигар мешавад? Оё шумо акнун бо одамон дар калисо бо тарзи дигар гап мезанед? Барои ҳамаи ин саволҳо то лаҳзаи пайдо кардани фаҳмиши пурра оид ба он ки чӣ тавр ин ҳақиқатро дар ҳаёт татбиқ карда метавонед, аз Худо ҷавоб талаб кунед. Сипас ба назди рафиқи боваринокатон оед, ва дар бораи он сӯҳбат кунед, ки барои дар ҳаёт ҷорӣ кардани ин дигаргуниҳо кадом нақшаҳоро тартиб дода метавонед.

23

# ТАҲАММУЛ

Биёед ба суханони бевосита гуфташудаи Подшоҳи эҳёгаштаамон диққат мекунем.

Дар китоби Ваҳй Исо ба ҳафт калисои Осиё ҳафт паём медиҳад. Агар суханони Ӯ фақат ба ҳамон калисоҳои таърихӣ дахл медоштанд, онҳо дар Навиштаҷот сабт карда намешуданд. Азбаски онҳо ба Китоби Муқаддас шомил карда шудаанд, пас, онҳо вазифаи нубуввати доранд. Бо ибораи дигар, чӣ тавре ки онҳо ба одамоне, ки аввалин шуда онҳоро шунида буданд, дахл доштанд, айнан ҳамон тавр онҳо ба мо низ имрӯз дахл доранд.

Каломи Худо зинда аст, аз ин рӯ биёед ба суханони Исо чунон нигоҳ мекунем, ки гӯё онҳо ба ҳамаи мо дар замони ҳозира гуфта шуда бошанд. Ба қавле, гар пояфзол мувофиқ бошад, биёед, ё аз таҳсини Ӯ рӯҳбаланд шуда, ё ба воситаи ислоҳи пурмуҳаббати Ӯ тоза шуда, онро истифода мебарем.

## Изобал кист?

Мо диққатамонро ба калисои Тиётиро равона мекунем. Исо худро “Писари Худо, ки чашмонаш мисли шӯълаи оташ аст, ва пойҳояш мисли барроқ аст” (Ваҳй 2:18) номида, ба вай муроҷиат мекунад. Ин суханонро

чунин тафсир кардан мумкин аст, ки чашмони Ӯ нурҳои лазерии ба ҷавҳари ашёҳо воридшаванда монананд, ва пойҳои Ӯ ба барроқ, ки рамзи қуввати бузурги Ӯ мебошад.

Хушбахтона, Ӯ моро ба таҳсин кардан сар мекунад: “Аъмоли туро медонам, ва муҳаббати туро, ва хизмати туро, ва сабри туро, ва ин ки аъмоли охиринат аз аввалинат бештар аст” (Ваҳй 2:19). Ҳамааш пурра фаҳмо аст: Ӯ на калисои мурда, балки ба калисои зинда ва афзуншаванда мурочит мекунад.

Ӯ аз он оғоз мекунад, ки муҳаббати моро эътироф ва ситоиш менамояд. Сабаби мамоти калисо ё хизматгузорӣ аввалан, чун қоида, сардшавии муҳаббат ба Худо ва ба одамон мебошад. Аз сабаби ин ҳолати фоҷиабор самароти дигари адолат низ пайиҳам нобуд мешаванд.

Ҳайратовар нест, ки пеш аз ҳама Худованд дар бораи калисои Эфсӯс, ки дар рӯихат аввалин мебошад, сухан ронда мегӯяд, ки дар он муҳаббат сард гардидааст. Аммо дар бораи калисои Тиётиро дигар чиз мегӯяд. Исо онро барои муҳаббат таҳсин мекунад. Ҷамоати имондорон гуфта, Ӯ он одамонеро меномад, ки ба ҳамдигар ғамхорӣ зоҳир мекунанд, – ин дар назари Худо хеле муҳим аст. Ман шахсан бовар дорам, ки аз ҳамин сабаб Исо дар аввал барои муҳаббат таҳсин мекунад, ва фақат баъд аз он дигар масъалаҳоро, ба монанди имон, хидмат, сабр зикр мекунад.

Дар идома суханони аҷоибе дар бораи он садо медиҳанд, ки калисо дар муҳаббат, имон, хидмат ва сабр *рушд* мекунад. Аҷоиб! Бадани имондорон, яъне калисо бо суханони “нигоҳ доштан ва дастгирӣ кардан” тавсиф карда намешавад, не, онҳо дар як ҷо намеистанд, онҳо дар масъалаҳои муҳим рушд меёбанд. Суханони зеборо дар тарҷумаи The Message бихонед: “Ман ҳама чизе, ки шумо барои Ман кардед, мебинам. Аҷоиб. Муҳаббат, ва имон, хидмат ва исроркорӣ. Бале, хеле аҷоиб! Шумо рӯз аз рӯз беҳтар шуда истодаед”. Ба ҳама гуна роҳбар ва узви калисо шунидани ин суханон, ки Худи Худованд гуфтааст, писанд омада метавонист.

Вале якбора ситоиш ба ислоҳкунӣ мегузарад:

> “Аммо иддаои каме бар ту дорам, зеро ба зане Изобал ном, ки худро набия меномад, роҳ медиҳӣ; вай бандагони Маро таълим дода, дар иштибоҳ меандозад, то ки онҳо зино кунанд ва қурбониҳои бутҳоро бихӯранд” (Ваҳй 2:20).

Аз ин суханон бисёр чиз фаҳмидан мумкин аст. Аввалан, биёед ба номи *Изобал* нигоҳ мекунем. Оё ин ҷо дар бораи зани аниқе бо чунин ном сухан рафтааст? Аксари шарҳу тафсирҳо бар он ақидаанд, ки на. Дар "Тафсири нави амрикоӣ. Ваҳй" навишта шудааст: "Дар адабиёти юнонӣ-румии ҳамон давра номи Изобал ёдоварӣ карда намешавад... Эҳтимолияти он, ки ким-кадом ибрӣ духтари худашро Изобал номида бошад, ончунон ночиз аст, ки масеҳиён фарзанди худро Яҳудо ё ибриён солҳои минбаъдаи асри якум фарзанди худро Исо ном ниҳода бошанд". Тарҷумонҳои "Тарҷумаи нави зинда" яқинан бо ин фикр розианд, чунки онҳо дар ин маврид суханони Исоро "ин Изобал" тарҷума кардаанд.

Ба чунин тарз мо дар бораи одаме гап мезанем, ки ҳама дар бораи вай ҳамчун "ҳамон масхарабоз" ёдоварӣ карда, вайро хандаовар меҳисобанд. Ин на ном, балки рафтори доимии ӯ мебошад.

Гуфтан кофист, ки мо бо персонажи таърихии ҷинси зан бо номи "Изобал" сару кор дорем, вале ин номи ҳаққонии ӯ намебошад. Ӯ таъсири қавие дошт, ва оқибат гурӯҳи роҳбарон паёми ӯро маҳкам нигоҳ доштанд. Дар замони ҳозира ин як мард, як зан ё гурӯҳи калони роҳбарон буда метавонанд, ки ҳамон як таълимотро таблиғ мекунанд. Чуноне ки набошад, муҳим он аст, ки ин гуна фалсафа ба калисо таъсир мерасонад.

Барои чӣ Худованд ба мо ин каломро дод? Яқинан, самари ӯ ба самари Изобал, зани подшоҳ Аҳъоб дар Исроили қадим , ки дар борааш дар китобҳои Подшоҳон навишта шудааст, монанд мебошад. Дар бораи ин маликаи таърихӣ бисёр сухан гуфтан мумкин аст, вале биёед таъсири вайро ба Исроил дида мебароем. Вай бутпараситро ташвиқ мекард, ки дар натиҷа шунидани Каломи Худованд дар тамоми Исроил қатъ гардид. Роҳбарон лаб фурӯ бастанд, ва тамоми қавм аз сухан гуфтан тарсида, ба карахтӣ афтоданд. Танҳо як мард, Илёс, барои садо баровардан бар зидди вай ҷуръат кард.

Вақте ки Илёс қавмро мазаммат кард, ва талаб кард, ки аз байни итоаткорӣ ба Худо ва гуноҳи такроршаванда якеро интихоб кунанд, таъсири Изобал хуб аён мегардад. Вай ин корро дар ҳузури "ходимоне" мекунад, ки дар зери таъминоти вай мебошанд, яъне анбиёи Баал ва Ашераҳо. Дар рӯзҳои Илёс инҳо кормандони шӯъбаҳои васоити ахбори умум, гурӯҳҳои махсус барои ҳалли мушкилот, қонунгузорон, ҳуқуқшиносон, ва ҳоказо мебошанд. Тамоми қавм дар ҳузури ин

”зимомдорон” ҷамъ омаданд, ва Илёс аз онҳо майдонталабӣ кард:

> “То ба кай шумо дар миёни ду ақида мекалавед? Агар Худованд аст Худо, – Ӯро пайравӣ намоед, ва агар Баал (*гуноҳи такроршаванда*) аст, – варо пайравӣ намоед” (3 Подшоҳон 18:21).

Пайравӣ кардани Худо – ин хомӯшона имон овардан нест. Мо бояд Каломи ӯро гӯем, мо ҳамчун фиристодагон даъват шудаем. Чӣ тавр инро ба амал орем? Павлус ба таври возеҳ ба мо мефаҳмонад:

> “Каломро мавъиза кунӣ ва дар вақти муносиб ё номуносиб омода бошӣ, бо тамоми пурсабрӣ омӯзгорӣ ва мазаммат, манъ ва насиҳат кунӣ” (2 Тимотиюс 4:2).

Илёс ягона шахсе дар Исроил буд, ки одамонро ба қадри кифоя дӯст медошт, то ба онҳо нишон диҳад, ки дар чӣ онҳо гумроҳ шудаанд.

Таъсири Изобал тамоми қавм ва роҳбаронро ба ларза овард. Хама хомӯш монданд, тарсиданд ва номи Yahweh-ро ба забон оварда натавониста, гӯё ба хоби чуқур фурӯ рафтанд. Гуноҳи такроршаванда онҳоро ба коми худ кашид, ва Каломи Худо аз эътибор бозмонд. Дар Аҳди Ҷадид чунин таъсир ба калисо ворид шуданро сар мекунад. Исо ба ин роҳ намедиҳад, бинобар ин Ӯ хидматгори худ, ҳавворӣ Юҳанноро пайдо мекунад, ки чун Илёс хомӯш намемонад.

## Саволҳои ҷиддӣ

Акнун мо бояд савол диҳем: наход ки Исо, ба калисои Тиётиро муроҷиат карда, дар бораи он сухан меронад, ки аъзоёни ин калисо ба бадахлоқии шаҳвонӣ машғул мебошанд ва ғизоеро мехуранд, ки ба бутҳо қурбонӣ карда шудаанд? Шояд чунин бошад, вале ман аз чунин шарҳ худдорӣ мекунам,чунки Павлус дар номаҳои худ ба Рум ва Қӯринт онҳоро айбдор намекунад ва намегӯяд, ки онҳо хӯроки ба бутҳо қурбонӣ кардашударо мехӯранд (Румиён 14 ва 1 Қӯринтиён 10). Барои чӣ Исо он чизеро, ки Павлус аз рӯи илҳоми Рӯҳулқудс дуруст мешуморад, бадӣ меномад? Як тафсири боэътимод мегӯяд: “Дар бораи фирефта шудани одамон бо гуноҳи бадахлоқии шаҳвонӣ шумораи зиёди тарҷумонҳо шубҳаовар медонанд, ки сухан дар бораи алоқаҳои рӯирости

ҷинсӣ меравад, чунки дар калисо инро тоқат када наметавонистанд. Аниқтараш, сухан дар бораи хиёнати рӯҳонӣ ва/ё таълимотӣ рафтааст" ("Тафсири нави амрикоӣ. Ваҳй").

Чи хеле ки набошад, диққати Исо ба ислоҳ кардани тамоман дигар масъалаҳо равона карда шудааст. Ӯ дар ин ҷо на ба амал, балки аниқтараш ба беамалӣ ишора мекунад. Ӯ диққати моро ба *таҳаммулгароӣ* равона мекунад ва мегӯяд: "ту *таҳаммул* карда истодаӣ". Дар забони юнонӣ ин калима еао мебошад. Ин калимаро "Роҳнамо барои китоби Ваҳйи Юҳанно" (Handbook on the Revelation of John) чунин шарҳ медиҳад: «маънои он мумкин аст мусбӣ бошад: "ту иҷозат медиҳӣ", "ту роҳ медиҳӣ", ё манфӣ: "ту манъ намекунӣ", "ту қатъ намегардонӣ", "ту пешгирӣ намекунӣ"».

Дар бораи ин суханон андеша кунед, онҳо бе ҳеҷ ваҷҳ дар майна намеғунҷанд. Исо шахси айбдорро ном мегирад, ва дар ҳолати мо имрӯз айбдорҳо касоне мебошанд, ки бо таълимоти фиребанда одамонро ба бутпарастӣ (гуноҳи такроршаванда) мебаранд. Ӯ ба таври возеҳ мегӯяд : "Ман ба вай фурсат додам, ки аз зинокории худ тавба кунад, валекин вай тавба накард" (Ваҳй 2:21). Маълум аст, ки огоҳиҳо пештар ҳам дода шуда буданд, вале, мутаассифона, ба онҳо гӯш надоданд.

Исо онҳоеро, ки ба идома ёфтани бадахлоқӣ роҳ медиҳанд, бо ибораи дигар, онҳоеро, ки гуноҳро мазаммат намекунанд, сахт сарзаниш мекунад. Мо баръакс, танҳо таълим додани паёмҳои хуб, рӯҳбаландкунанда ва илҳомбахши Аҳди Ҷадидро бас намекунем. Дар асл, мо лаб фурӯ бастаем, аз қавми Исроил, ки дар ҳамон давра чунин рафтор мекард, ҳеҷ фарқе надорем. Инро бо чунин ҳолат муқоиса кардан мумкин аст: мо ҳама дар бинои оташгирифта қарор дорем, вале ягон кас коре намекунад, ки худаш барояд ё ба дигаре кӯмак кунад, то ки аз оташ раҳо шавад. Мо танҳо ба рӯҳбаланд кардани якдигар машғул мебошем, ки чӣ гуна баракат ёфтаем, ва муҳаббати худро ба якдигар изҳор менамоем, дар ҳоле ки бому деворҳо аз оташ фурӯ меғалтанд.

## Муаммоҳои монанд

Ҳаворӣ Яҳудо ба муаммои монанд ба ин дучор шуд. Ӯ хост ба бародарон-масеҳиён номаи рӯҳбаландкунандаеро дар бораи мӯъҷизаи наҷот бинависад, вале натавонист. Хона ба оташ фурӯ рафта буд. Ӯ лозим

донист, то криптонитро, ки ба калисо ворид шуда буд, мазаммат кунад. Суханони Ӯро бихонед:

> “Эй маҳбубон! Азбаски ҷидду ҷаҳди комил дорам ба шумо дар бораи наҷоти муштараки мо бинависам, зарур донистам ба шумо насиҳате нависам, то шумо дар роҳи имоне, ки як бор ба муқаддасон супурда шуд, ҷадал намоед. Зеро баъзе касон пинҳонӣ даромадаанд, ки аз қадим ба ин маҳкумият таъин шуда буданд, ва ин осиён файзи Худои моро ба фисқу фуҷур табдил медиҳанд ва Парвардигори ягона ва Исои Масеҳи Худованди моро инкор мекунанд” (Яҳудо 3, 4).

Ин марди Худо ғайратмандона ба одамони азизи худ дар бораи афзалиятҳо, баракатҳо ва ваъдаҳои ҳаёти мо дар Исои Масеҳ навиштан мехоҳад. Ӯ ба мисли ҳар яки мо лаҳн ва оҳанги рӯҳбаландкунанда ва илҳомбахшандаро нигоҳ доштан мехоҳад.

Ман ҳолати душвор ва изтироби ӯро мефаҳмам. Ба ман бисёр вақт лозим мешавад, ки дар вақти навиштан ё таълим додан, бо хоҳиши интихоб кардани танҳо як “рӯҳбаландкунӣ”, ба ҷанги сахти пурэҳсос дохил шавам. Ба ман рӯҳбаланд кардан маъқул аст, ба кӣ маъқул нест? Аммо Рӯҳулқудс моро водор менамояд, то ба он диққатамонро равона кунем, ки фарзандони азизи Худоро бо марг таҳдид мекунад.

Бинобар ин муҳаббати самимии Яҳудо ӯро водор мекунад, ки суханони муҳофизакоронаи огоҳкунандаро бинависад. Чӣ воқеа рӯй дода истодааст? Ҳолат аз Тиётиро камтар фарқ мекунад. Ин ташвиқгарони шарир, ки дар зери ниқоби шабонҳо, роҳбарон ва имондорон пинҳон шудаанд, ба ҷои “файзи қувватбахши” ҳақиқӣ “файзи иҷозатдиҳанда”-ро таълим медиҳанд, ё аксар вақт онро бо тарзи ҳаёти худ нишон медиҳанд. Бо суханони дигар, файзи иҷозатдиҳанда моро аз криптонит нигоҳ намедорад ва қуввати аз он дур буданро намедиҳад, ӯ иҷозат медиҳад, ки ё аз рӯи расму қоидаҳои рӯякӣ, ё тамоман бе онҳо зиндагӣ кунем. Бинобар ин ҷамъият ба мо тарзи зиндагиро мувофиқи файзе талқин мекунад, ки рӯякӣ аст, вале қуввате надорад. Бо ҳамин тариқ, имондорони суст барои пайравӣ кардани ҳавасҳои табиати гуноҳкори худ озоданд, чунки арзишҳои фарҳангии ҷамъият, дар зери таъсири криптонит монда, инро талқин мекунанд. Мақсади файзи Худо на ин аст.

Яҳудо ният надорад, ки хамиртуршеро, ки дар калисоҳо роиҷ

гардидааст, тоқат кунад. Ӯ падари ҳақиқӣ аст, ӯ фарзандони худро аз тарзи ҳаёти фосиқона, ки онҳоро аз ҳаёти илоҳӣ дур мебарад, ҳимоя мекунад. Исо ӯро ислоҳ намекунад, чуноне ки Ӯ роҳбарони калисои Тиётироро ислоҳ мекунад, баръакс Ӯ инро ба Яҳудо фармоиш медиҳад.

Павлус низ намунаи падари ғамхорро дар худ нишон медиҳад. Ӯ ҳангоми дар калисо рӯй додани ҷанҷол, бадахлоқӣ, муҳокимаҳои судӣ ва рафторҳои дигари бешармона хомӯш намемонад. Ӯ он қадар онҳоро дӯст медошт, ки аз муҳокимаи масъалаҳои оид ба хамиртурш, ки зуд дар тамоми Бадан паҳн шуда метавонист, худдорӣ намекард. Петрус ва Яъқуб низ ҳамин гуна шахсон буданд.

Агар шумо номаҳои падарони калисои аввaларо хонед, мебинед, ки онҳо аз аслиҳае, ки дар Каломи Худо навишта ва гуфта шудааст, истифода бурда, ин намунаро пайравӣ кардаанд, то ки дар байни қавми Худо гуноҳи такроршавандаро ислоҳ кунанд. Онҳо ақидаҳо ва баҳонаҳоро, ки қоидаҳои ҷамъият ташаккул додаанду ба таълимоти солим муқобил мебошанд,бо номи аслиашон ном мегиранд. Вақте ки ин роҳбарон бутҳоро ба хок яксон мекарданд, каллабурҳои Изобал онҳоро тарсонида натавонистанд.

## Хомӯшӣ – аломати ризо

Дар роҳбарӣ хомӯшӣ воситаи ғайришифоҳии гуфтугӯро дар худ ифода мекунад. Он розигиро мефаҳмонад ё иҷозат медиҳад, ба қавле, ки мегӯянд: “Он коре, ки ту мекунӣ, ҳеҷ бадие надорад”. Як зарбулмасали қадими лотинӣ мавҷуд мебошад: “Хомӯшӣ – аломати ризо; гап задан лозим буд, вақте ки фурсат доштӣ”. Ҳеҷ яке аз падарони Калисои аввала, вақте ки криптонит барои ворид шудан ба ҳаёти одамоне, ки онҳо дӯст медоштанд ва барояшон масъулиятро ба ӯҳда доштанд, барои худ роҳ муҳайё мекард, хомӯш намемонданд. Онҳо овози худро баланд мекарданд, чунки дар он қувваи харобиовар, заҳрнок ва марговареро медиданд, ки қодир аст чун хамиртурш паҳн шавад.

Ҳаворӣ Юҳанно менависад: “... тамоми ҷаҳон дар зери ҳукумати иблис аст” (1 Юҳанно 5:19). Дар ҷамъият ҷараёни бадӣ қатъ намегардад, аз ҳама қувваи харобиовар *бадии ниҳонӣ* аст. Бале, он ниқоби *некиро* ба худ гирифтааст. Ин раванди пурфиреб “давраи ин олам” ном дорад (ниг. Эфсӯсиён 2:2).

Чунин фарзияро ба худ тасаввур кунед: шумо бояд бар зидди маҷро

шино кунед, то ки ба болооби дарё бирасед. Мо дар дунёе зиндагӣ мекунем, ки маҷро дорад, ва он бар самти муқобили Подшоҳии Худо ҳаракат мекунад, вале макри он аз ҳама хавфноктар аст – маҷро ниқоби некӣ ба худ гирифтааст. Агар мо овози худро баланд накунем, ин маънои онро дошта метавонад, ки мо белҳои шиновариро як сӯ монда, ба самти маҷро шино мекунем. Мо ҳатто вонамуд карда метавонем, ки ба болооб шино карда истодаем, худро масеҳӣ вонамуд мекунем, ва чун масеҳӣ гап мезанем, вале мо мувофиқи расму таомули замони худ рафтор менамоем ва самаранокии худро аз даст медиҳем.

Белҳои шиновариро як сӯ гузошта, мо аз азоби тақобул (конфронтация – шарҳи тарҷ.) канораҷӯӣ мекунем, гарчанде агар мо муқобилият нишон надиҳем, дигаргуниҳоро намебинем. Эдмунд Берк навиштааст: "Ҳама он чизе, ки барои тантанаи бадӣ лозим мебошад, он аст, ки одамони некӯкор ҳеҷ коре накунанд". Вақте ки роҳбарон хомӯширо ихтиёр мекунанд, бутҳое, ки дар пушти арзишҳои фарҳангӣ меистанд, қалбу афкори имондоронро ғасб мекунанд.

Ба қадре ки фиреб пурзӯртар мегардад, мо ба фиреби ҳамон чизҳое, ки таҳаммул менамоем, дода мешавем. Мо ба он чизе, ки аз мо қуввати фавқуттабииро ҷабида мегирад, ҳамдардӣ мекунем ва ҳатто розӣ мешавем. Ба ҷои он ки ба одатҳои пургуноҳи замони худ муқобил бароем, мо дар зери таъсири он қарор мегирем. Мо ба худ тамғаи "масеҳӣ" овехтаем, вале ба ҷои он ки *фиристодагони қувват* бошем, *паҳнкунандагони изтироб* гардидаем. Олами атроф ба мо саволҳо медиҳад: "Мо калисои шуморо мебинем, мусиқӣ ва таълимоти шуморо оид ба муҳаббат ва файз мешунавем, вале куҷост шаҳодат дар бораи Худои Пурқудрати шумо?

Павлус ҷасурона мегӯяд, ки одамоне, ки худро масеҳӣ меноманд, вале замонасозӣ мекунанд, дар асл душманони салиб мебошанд. Бале, душманон!

> "Зеро бисёр касон, ки дар бораи онҳо ба шумо гуфтаам, ва ҳоло низ бо гиря мегӯям, ҳамчун душманони салиби Масеҳ рафтор мекунанд. Фарҷоми онҳо ҳалокат аст, худои онҳо шикам аст, ва ҷалоли онҳо дар нанг аст: онҳо дар бораи чизҳои заминӣ фикр мекунанд. Лекин иқоматгоҳи мо акнун дар осмон аст, ки аз он ҷо Исои Масеҳи Худовандро, ҳамчун Наҷотбахш, интизорем" (Филиппиён 3:18-20).

Ояти аввалро бодиққат хонед: аввалан, “бисёриҳо” гуфта шудааст. Дуюм, суханони онҳо нишон намедиҳанд, ки онҳо душманонанд, чунки бо суханони худ онҳо эътироф мекунанд, ки Исо Худованд аст. “Онҳо мегӯянд, ки Худоро мешиносанд, лекин бо аъмолашон Ӯро инкор менамоянд, дар ҳолате ки зишткор ва беитоат буда, ба ҳеҷ амали нек қобил нестанд” (Тит 1:16). Онҳо зоҳиран худро парҳезгор вонамуд мекунанд, вале бо рафтори худ нишон медиҳанд, ки душманонанд; гирифтори ҳавасҳои ҷисмонӣ, ба монанди нафси бад, ҳаловат, мақом, маъруфият, иллатҳои шаҳвонӣ, ғайбат ва дигар гуноҳҳо мебошанд.

Павлус хомӯш намеистад, таҳаммул намекунад, балки муқобил мебарояд. Номаҳои ӯро бихонед, ва мебинед, ки бисёр вақт ӯ моро аз рафтори шарирона ва дунявӣ огоҳ ва ислоҳ мекунад. Зинҳор фаромӯш накунед, ки бо қалами Павлус ба мо Каломи Худо навишта шудааст.

Муқобилияти рӯирост бо воситаи эълон кардани Каломи Худо ягона роҳи шикастани қалъаҳо мебошад. Агар мо обрӯи Каломи Худоро баланд набардорем, ин қалъаҳои фалсафӣ дар қалбу афкори имондорон ва ҳам гуноҳкорон боз ҳам сахттар шудан мегиранд. Аз баланд кардани овоз худдорӣ карда, мо ба ворид шудани таъсири криптонит дар боз мекунем.

## Натиҷаҳои мутақобила

Суханони ҷамъбасткунандаи Исо барои калисои мо чӣ гуна мебошанд? Онҳо на барои тарсуҳо гуфта шудаанд. Масеҳ возеҳона мегӯяд, ки Ӯ одамонеро, ки таълимоти дурӯғро пайравӣ мекунанд, агар тавба накунанд, гирифтори “андӯҳи азиме” мегардонад. Ин нишона хоҳад буд, ва ҳама калисоҳо хоҳанд донист, ки Ӯ фикру нияти моро месанҷад, ба ҳар яки мо мувофиқи аъмоламон подош медиҳад. (ниг. Ваҳй 2:22, 23).

Вале хабари хуше ҳаст: Ӯ мегӯяд, ки ба он касоне, ки ба криптонит таслим намешаванд, ба онҳое, ки Рӯҳ ва Каломи Ӯро маҳкам нигоҳ медоранд, қудрат медиҳад, ки бар халқҳо ҳукмронӣ кунанд... ҳамон қудрат, ки Падар ба Исои Масеҳ додааст.

Натиҷаҳо сахт мухолифи ҳамдигар мебошанд. Яке – оқибатҳои пурандӯҳ, дигар – мукофотҳои тасаввурнопазир. Мо чӣ тавр ба худ иҷозат медиҳем, ки ба панду насиҳатҳо диққати ҷиддӣ надиҳем, хусусан дар ҳоле ки онҳо бевосита аз тарафи Подшоҳи эҳёгардидаи мо гуфта шудаанд?

## АМАЛ КУНЕД

Изобал анбиёи Худоро водор кард, ки хомӯш бошанд ва ҳатто бисёре аз онҳоро кушт. Танҳо як нафар ҷуръат карда, аз номи Худо гап зад, аммо бингаред, ки Худо ба ин пайғамбар чӣ қадар ғамхорӣ зоҳир кард. Ӯ вайро муҳофизат кард, бо мӯъҷизаҳо ва аломатҳои осмонӣ, ки имрӯз боиси ваҷду шодии мо мебошанд, вайро таъмин ва дастгирӣ намуд.

Худо алҳол низ, одамонеро меҷӯяд, ки далерона бархоста, ҳақиқатро эълон мекунанд. Ин маънои онро надорад, ки ба танқид кардани ҳама шурӯъ кардан лозим аст. Мо шикорчиёне нестем, ки аз паи гуноҳ давутоз кунем. Вале дар айни замон, аз тарси он ки одамон моро қафомонда, таҳаммулнопазир фикр мекунанд ё ягон тамғаи дигарро ба мо меовезанд, ба ваҳм афтода, хомӯш монданро ба худ раво дида наметавонем.

Дар навбати аввал мо бояд дар ҳаёти худ ба ин суханони ҳушдоркунанда гӯш андозем. Бо ҳар илоҷ аз гуноҳҳое, ки пештар содир мекардед, озод шавед. Ҳамон лаҳза ки шумо озод мешавед, дигаронро аз хатари гуноҳ огоҳ карда, ба озод кардани онҳо шурӯъ кунед. Павлус менависад, ки мо “тайёр ҳастем ҳар беитоатиро ҷазо диҳем, вақте ки итоати шумо комил гардад” (2 Қӯринтиён 10:6).

Агар ба шумо фикр дар бораи зарурияти ислоҳ кардани дигарон писанд наояд, аз Худо дархост кунед, ки ба шумо барои дӯст доштани одамони дигар мадад кунад, то ки ба ин восита шумо онҳоро ислоҳ карда тавонед. Бигзор ин қадам мақсади навбатии шумо гардад. Он гоҳ, аз рӯи файзи Худо, шумо ба одамон барои расидан ба ин мақсад кӯмак карда метавонед.

24

# МУҲАББАТ ВА РОСТӢ

Акнун мо ба ҷиҳати аз ҳама муҳими бартараф кардани криптонит, яъне мақсади маҳв кардани онро баррасӣ мекунем. Норасоӣ ва набудани қуввати пуриқтидор, ки ба маҳв кардани криптонит қодир аст, яқинан, ба он вобаста аст, ки мо дар байни усули эълон кардани Инҷил ва фалсафаи хизматгузории худамон монда, дудила мешавем. Қуввате, ки ман дар бораaш мегӯям, муҳаббати Худо мебошад. Павлус ба мо суханони пурқувват мегӯяд:

> “То ки мо дигар кӯдаконе набошем, ки бо боди ҳар таълим калавонида ва ронда мешаванд, аз найрангбозии одамон, ки бо талбис дар иштибоҳ андохта, гумроҳ мекунанд. Балки *дар муҳаббат роситро баён намуда*, мо дар ҳар чиз ба он ки Сар аст, яъне ба Масеҳ нумӯъ меёбем” (Эфсӯсиён 4:14, 15).

Таълимотҳои бардурӯғ, ки дар бораашон Исо дар Тиётиро сухан рондааст, ва ҳамчунин дар номаҳои Яҳудо, Петрус, Юҳанно ва Павлус навишта шудаанд, чунон боварибахш мебошанд, ки онҳоро осонакак ростӣ пиндоштан мумкин аст. Душман аз он дараҷае, ки мо фикр мекунем, донотар аст. Агар ӯ тавонист Ҳавворо, ки бо муҳити олӣ ва пур аз ҳузури Худо фаро гирифта шуда буд, фиреб диҳад, фирефтани мо, ки дар ҷаҳони фосид аз гуноҳ зиндагӣ мекунем, ба вай чӣ қадар осонтар

хоҳад буд? Чӣ моро аз фиреби таълимотҳои бардурӯғ муҳофизат карда метавонад?

Ҷавоби ин савол ростӣ аст, аммо на танҳо ростӣ, балки *ростие, ки бо муҳаббат гуфта мешавад*. Ростӣ бидуни муҳаббат моро ба сӯи "ҳарфи шариат", яъне ба *расмиятпарастӣ* мебарад, ки ҳалоккунанда аст. Дар натиҷа он фирефта карда, ба канораҷӯӣ кардан аз суханони огоҳкунанда ва барои солимии калисо хеле муҳими Китоби Муқаддас оварда мерасонад ва ҳатто ба бурида партофтани онҳо сабаб мешавад.

Моро расмиятпарастӣ мекӯбад, чунки он бераҳм, манфур ва бадхоҳ аст. Барои бартараф кардани ваҳшигарии он, мо муҳаббатро боло мебардорем. Вале муҳаббат бидуни ростӣ – ин тамоман муҳаббат нест, ин қалбакӣ аст. Ин як намуди некӯӣ, хайрхоҳӣ, мулоимӣ ва таҳаммул мебошад, яъне ҳар чизе ки намуди муҳаббати парҳезгорона дорад. Вале агар ин ҳама некӯкориро бе ростӣ ба кор барем, ба таври ногузир ба роҳи фиреб мегардем.

Биёед аз рӯи виҷдон рафтор мекунем: мо барои гуфтани баъзе ҳақиқатҳои каломи Худо шитоб намекунем, чунки ба фикри мо дар он муҳаббат, ки он қадар муштоқаш ҳастем, мавҷуд нест. Ҳақиқатҳое, ки мо сарфи назар мекунем, одамонро даъват мекунанд, ки бархезанд ва тарзи ҳаёти худро дигар кунанд. Ба назари мо чунин менамояд, ки мардону занонро ба тавба даъват карда, мо норасоии раҳмдилӣ, мулоимӣ, некӯӣ ва муҳаббатро нишон медиҳем. Вале тасаввур кунед, ман мебинам, ки одами нобино рост ба ҷар меравад, агар ӯ ба пастӣ афтад, ӯро ҳалокати ногузир интизор аст. Агар ман хомӯш истам, ба марги ӯ роҳ медиҳам, зеро мумкин аст, ки дахолати ман нисбат ба интихоби ин шахс чун чизи манфӣ ва бидуни таҳаммул фаҳмда шавад. Агар ман ӯро бознадорам ва ба роҳи дуруст роҳнамоӣ накунам, ӯ ҳалок мешавад. Агар ман ӯро бо суханони мусбӣ ва илҳомбахш рӯҳбаланд намоям, вале нагӯям, ки ба тарафи дигар тоб хурад, ман қадамҳои охирини ӯро хеле дилпазир мегардонам, вале ба ҳар ҳол ӯ ба чуқурии дара меафтад ва мемирад. Наход ин ҳамон муҳаббати ҳақиқӣ бошад?

Дар дунё ва дар бисёр калисоҳо муҳаббати ҳақиқӣ манфур ва мутаассибона ҳисобида мешавад. Ин қалъа дар бисёр имондорони масеҳӣ бузургтар мегардад, чунки онҳо ба ҳаёт мувофиқи дурнамои ҳафтод ё ҳаштод сол нигоҳ мекунанд, на аз нуқтаи назари абадият. Чунин як мисолро тасаввур кунед: агар нигоҳи ман ба хушбахтӣ танҳо

як рӯзро дар бар гирад, пас дар зиёфати тӯёна, ки дастархон пур аз нозу неъмат аст, ман ҳамаашро мечашам. Он рӯз барои ман рӯзи аз ҳама хурсандибахш ва хушбахттарин мегардад. Вале агар нигоҳи ман ба хушбахтӣ барои ним сол тӯл кашад, пас ман ба дастархон ба таври дигар нигоҳ мекунам. Ман, шояд танҳо як намуди десертро истеъмол мекунам, вале аз ҳама аниқтараш, ягонтоашро истеъмол намекунам. Ман тамоман намехоҳам, ки рӯзи дигар аз дарди меъда азоб кашам, рӯзҳои минбаъда бошад, аз сабаби пурхӯрӣ боз 3 килограмми вазн гирам, ва оқибат саломатиамро ба хатар андозам.

Барои дарк кардани муҳаббати ҳақиқӣ ба ҳаёт бояд аз нуқтаи назари абадият нигоҳ кард. Муҳаббат аз рӯи дурнамои ҳаёти заминӣ одамонро, чуноне ки ҳастанд, қабул мекунад, ва онҳоро бо иддаоҳои дигар кардани одатҳо нороҳат намесозад. Ба мо дигар ҳеҷ чиз аҳамият надорад, бигзор фақат аз қадамҳои охирин лаззат баранд, пеш аз он ки ба вартаи абадӣ фурӯ раванд. Муҳаббати ҳақиқӣ аз нуқтаи назари абадият мегӯяд: “Ман нисбат ба ту бепарвоӣ зоҳир намекунам, бинобар ин ман тайёрам, ки туро ба хотири наҷоти абадӣ аз азобу машаққат ва шиканҷаҳо чанд лаҳзае нороҳат кунам”.

Дӯзахи ҳаққонӣ вуҷуд дорад. Ин на маҷоз, на ифодаи рамзӣ ва на макони ҷазои муваққатӣ аст. Одамоне, ки ба он ҷо мераванд “... шабу рӯз то абад азоб хоҳанд кашид” (Ваҳй 20:10). Наход суханони Исоро сарфи назар кардан мумкин бошад: “Ва онҳо ба азоби ҷовидонӣ хоҳанд рафт, вале одилон – ба ҳаёти ҷовидонӣ» (Матто 25:46), ё суханони Павлусро “Онҳо гирифтори ҷазои абадӣ гардида, аз ҳузури Худованд ва қудрати ҷалоли Ӯ маҳрум хоҳанд шуд” (2 Таслӯникиён 1:9).

*Абадӣ* маънои *ҳамешагиро* дорад, тафсири дигари ин калима мавҷуд нест. Он ҳама азобҳо, дард ва ҷазоро бо сухан ифода кардан амри маҳол аст, ва онҳо интиҳо надоранд. Вале боз аз ҳама даҳшатноктараш он аст, ки ин одамон аз ҳузури Худо маҳрум мегарданд. Онҳо на танҳо дар ҳаёти оянда, балки дар ҳаёти имрӯза низ дар ҳузури Ӯ ҳаққи истодан надоранд. Ман дар ин бора ба таври мухтасар менависам.

Худо дӯзахро барои одамон бино накардааст. Ӯ онро барои “шайтон ва фариштаҳои ӯ” офаридааст (ниг. Матто 25:41). Шайтон одамизодро фиреб дод ва асири худ гардонид. Исо бо муҳаббати бузурги Худ, омад, то ки моро аз ҷазое, ки ба он худамонро гирифтор кардаем, халос кунад. Агар Ӯ азобҳои тоқатфарсоро аз сар гузаронида, бо қудрати бузург моро аз онҳо

раҳо карда бошад, пас оё мо нисбат ба корнамоии Ӯ барои халос кардани мо аз тақдири пурдаҳшат сабукфикрона рафтор карда метавонем?

Биёед ба мисоли зиёфтаи тӯёна бармегардем. Агар ман танҳо барои истеъмол кардани як намуди десерт қарор кунам ё тамоман аз хӯрдан худдорӣ намоям, одамон ба ман шилқиниро сар карда метавонанд. Касе мегӯяд: "Биё, Ҷон, десертҳо бомазаанд, ҳеҷ чизи баде рӯй намедиҳад, ба ту писанд меояд, биё аз ҳаёт лаззат мебарем".

Вале на, ин суханон аз ҳақиқат дур мебошанд, онҳо маро гумроҳ мекунанд. Ин "аз ҳаёт лаззат бурдан" нест, балки "лаззати якрӯза" мебошад. Воқеият чунин аст, ки ман бо дурнамои дарозмуддат аз ҳаёт хеле бештар лаззат бурда метавонам. Зеро ин ба Подшоҳии Худо тааллуқ дорад.

Шумо чӣ фикр доред, барои чӣ ҳаворӣ Павлус ба сангсор шудан, ба панҷ маротиба як кам чилтагӣ тозиёна хӯрдан, ба се бор калтаккорӣ шудан, ба хатарҳо, аксар вақт ба бехобӣ ва азобҳои дигар тоқат кард? Наход шумо гумон кунед, ки вай ҳамаи ин азобҳоро ба хотири обрӯ ва номи пуршарафи худ, ба хотири он ки сухангӯи машҳур дар конфронсҳо гардад, одамони зиёдро аз паси худ барад ва муаллифи машҳур шавад, аз сар гузаронид? Не, муҳаббати Худо ӯро ба пеш мебурд, яъне муҳаббат қувваи пешбарандаи ӯ буд. Ӯ ба ҳаёт аз нуқтаи назари абадият нигоҳ мекард ва муҳаббати бузург дошт. Ӯ ростиро ба маъруфият иваз накард, зеро одамонеро, ки ба сӯяшон ӯ фиристода шуда буд, дӯст медошт, то ки барои ба Масеҳ омадани онҳо мадад кунад.

## Муҳаббати ҳақиқӣ чӣ гуна аст?

"...Худо муҳаббат аст" (1 Юҳанно 4:8). Ӯ на танҳо муҳаббат дорад, балки Худ Ӯ ҷавҳари муҳаббат мебошад. Чӣ тавр муҳаббатро шинохта метавонем?

Чанд вақт пештар ҳангоми дуо Худо ба қалби ман гап зад: "Писарам, қавми Ман ба тарафҳои дуюмдараҷаи мафҳуми муҳаббат тамаркуз кардааст, на ба ҷавҳари он".

Он гоҳ дар майнаи ман фикре пайдо шуд: "Муҳаббат пуртоқат ва бошафқат аст, муҳаббат ҳасад намебарад, бо худ намеболад, мағрур намешавад, бадкирдорӣ намекунад, нафъи худро толиб нест" ва тавсифи минбаъда аз номаи Якум ба Қӯринтиён (13:4) ва ҷойҳои дигари Китоби

Муқаддас ба хотирам расид. Сипас Рӯҳулқудс ба ман дар бораи он ки мо чӣ тавр ба кӯдак фарқи байни марду занро меомӯзонем, рӯъё нишонд дод. Мо чӣ тавр ин корро мекунем? Агар мо ба вай гӯем: "Зан ду по , ду чашм, бинӣ, даҳон, ду даст, ду кафи даст ва ду пошнаи пой дорад", магар ин тасвири аниқ мебошад?

Охир, кӯдак, танҳо тасвири умумиро фаҳмида, ба мард нигоҳ мекунад ва мегӯяд: " Ин зан аст". Ин дар ҳамон ҳолат рӯй медиҳад, ки агар шумо ба вай тасвири дуруст намедиҳед ва намефаҳмонед, ки фарқи мушаххаси мард ва зан дар чӣ аст. Агар шумо намегӯед: "Зан аз мард бо он фарқ мекунад, ки ..."

Муҳаббате вуҷуд дорад, ки тамоми олам аз он лаззат мебарад: он ҳам пуртоқат ва бошафқат аст, мағрур намешавад ва бисёр ҷиҳатҳои ба муҳаббати Худо монандро дорад. Бо вуҷуди ин фарқияти муҳаббати Худо аз муҳаббати дунявӣ бо суханони зайл нишон дода шудааст: "Зеро муҳаббат ба Худо ҳамин аст, ки мо аҳкоми Ӯро риоя мекунем ..." (1 Юҳанно 5:3).

Агар мо ин тавсифи муҳимро дар номаи якуми Юҳанно, ки ҳамчун ҳаввории муҳаббат машҳур аст, нафаҳмида бошем, пас ӯ дар номаи дуюмаш такрор мекунад:

> "Ва муҳаббат аз он иборат аст, ки мо бар тибқи аҳкоми Ӯ рафтор кунем ..." (2 Юҳанно 6).

Ҳавворӣ Павлус дар номаи Якум ба Қӯринтиён чӣ будани муҳаббатро ба таври дигар баён мекунад. Юҳанно бошад, сифатҳои муҳаббатро тавсиф намекунад, вале худи моҳияти асосии онро, яъне он чиро ки муҳаббати Худоро аз ҳамаи намудҳои дигар фарқ мекунонад, пешниҳод мекунад. Муҳаббат ин риоя кардани фармудаҳои Исо мебошад. Худованд дар ин бора ба таври возеҳ дар маросими Таоми Шом мегӯяд:

> "Ҳар кӣ аҳкоми Маро дорад ва риоят кунад, вай касест, ки Маро дӯст медорад ...! (Юҳанно 14:21).

Инак, агар ман нек, таҳаммулкор бошам, ҳасад набарам, дағалӣ накунам, худписанд набошам ва ба хашм наоям, вале ҳамеша ҳамсарамро фиреб диҳам ва аз супоридани андоз саркашӣ кунам, пас ман дар муҳаббати Худо қоим нестам.

Агар ман нек, таҳаммулкор бошам, ҳасад набарам, дағалӣ накунам, худписанд набошам ва хашгин нестам, вале бадахлоқии ҷинсӣ, масалан ҳамҷинсгароиро, ки аксар вақт ҳатто аз тарафи ҳукумати бисёр давлатҳо дастгирӣ ва таҳсин карда мешавад, дастгирӣ ва таҳсин намоям, пас, ман дар муҳаббати Худо қоим нестам.

Зиёда аз ин, ман фирефта шудаам ва дар хатари бузургтар аз одами дағал, бахил, худписанд ва хашмгин қарор дорам, чунки эҳтимол вай медонад, ки аз Худо дур аст. Ман аз рӯи иштибоҳ гумон карда метавонам, ки бо такрор кардани дуои тавба дар пеши Худо ҳақ ҳастам, вале аз гуноҳи такроршавандаи худ пушаймон нестам. Бо ибораи дигар, ман фармудаҳои Исор риоя намекунам.

Акнун ба ман иҷозат диҳед, ки фикри муҳимеро қайд кунам: ман фармудаҳои Худоро бо мақсади наҷот ёфтан риоя намекунам. Яқинан ман онҳоро барои он риоя мекунам, ки ман наҷот дорам ва дар ман муҳаббати Ӯ сокин аст. Итоат исботи он аст, ки ман дар ҳақиқат қалбу зиндагии худро ба Ӯ супоридаам.

Боз такрор мекунем, ки ҳама гуна намуди муҳаббат, ки мухолифи Каломи Худо ва роҳҳои Ӯ аст, муҳаббате нест, ки ҷовидон боқӣ бимонад. Он муваққатӣ аст. Одамон бо он худро хуб эҳсос мекунанд, ҳатто агар фикр кунанд, ки онҳо ба фидокорӣ тайёранд, ин муҳаббат ҷолиб ва писандида менамояд, вале он абадӣ нест. Он ба ҳаёти абадӣ намебарад. Рӯзе он аз ҷар ба вартаи абадии кӯли оташ сарозер мешавад.

Барои чӣ муҳаббате, ки чунин дуруст ба назар мерасад, дар асли кор муваққатӣ аст? Одам ва Ҳавво фикр карданд, ки меваи дарахти маърифати неку бад дилписанд аст ва онҳоро донишманд мегардонад.

> “Ва зан дид, ки он дарахт *барои хӯрок хуб* аст, ва назаррабост, ва дарахти дилпазири *донишафзост* ...” (Ҳастӣ 3:6)

Дурусттар аз ҳама, Ҳавво ба ин тарз фикр кард: “Чаро Худои дӯстдоранда хӯрдани чизи барои мо хубро манъ кардааст? Дар ин ҳеҷ гуна маънои мантиқӣ мавҷуд намебошад”. Вай бе маслиҳати Худо донишро интихоб кард ва он чизеро, ки хуб аст. Мо ба саволи “барои чӣ” ҷавоб пайдо кардан мехоҳем, вале биёед рӯирост рафтор мекунем: чизҳое ҳастанд, ки алоқамандона ба онҳо Исо аз мо итоаткорӣ талаб мекунад, ҳатто агар мо намефаҳмем, ки барои чӣ Ӯ чунин мекунад. Оё

ба муҳаббати Ӯ бовар кардан мумкин аст, дар ҳоле ки ӯ амр мефармояд, ки ба он чизе, ки дар назари мо хуб аст, даст нарасонем? Оё ба хислати Ӯ бовар кардан мумкин аст? Ё мо ба доварone табдил меёбем, ки кадом чиз барои мо хуб буданро ба Ӯ нишон медиҳем, ва ҳеҷ фарқе аз он ҷуфти боғи Адан надорем?

Дар бораи асрори Худо ё саволҳои "барои чӣ", ки дар пушти нишондодҳои Худо пинҳон мебошанд, бисёр мисолҳо овардан мумкин аст, вале иҷозат диҳед, танҳо дар бораи як чиз гап занам. Дар давоми чиҳил сол ҳоло ман одамеро вонахӯрдаам, ки ба ин савол ҷавоб дода бошад, ки барои чӣ Худо ба набӣ гуфт: "Нон нахӯр, ва об нанӯш, ва бо роҳе, ки омадаӣ барнагард" (3 Подшоҳон 13:9). Набӣ ба ин амри *зоҳиран бемаънӣ* гӯш накард, вале дар ниҳояти кор ба ивази беитоатии худ ҷони худро бохт.

Бояд самимона эътироф кард, ки муҳаббати ҳақиқӣ баъзе вақт ба ҳиссиёти муҳаббат мухолифат мекунад. Барои чӣ Павлус ба калисои Қӯринт мегӯяд: "Ман бо майли тамом барои ҷонҳои шумо моли худро сарф намуда, ҷони худро хоҳам дод, қатъи назар аз он ки ба бадали муҳаббати зиёде, ки ба шумо дорам, аз ҷониби шумо ба худам муҳаббати камтаре мебинам" (2 Қӯринтиён 12:15)? Аҷиб аст, ки ин ҷамоати имондорон дар симои Павлус шахси дӯстдорандаро надид! Ба фикрам, яқинан онҳо дар симои ӯ расмиятпарасти якравро медиданд, ки онҳоро ба қоидаҳои муайян тобеъ кардан мехоҳад. Шояд, онҳо ӯро риёкор медонистанд. Вале онҳо хато мекарданд. Ӯ онҳоро бо муҳаббати абадӣ дӯст медошт, на бо муҳаббати дунявӣ. Ӯ бо ростӣ онҳоро мазаммат мекард, огоҳ менамуд ва ба тавба даъват мекард. Шояд, барои ҳамин шунавандагон фикр мекарданд, ки ӯ онҳоро дӯст намедорад, дар ҳоле ки суханони Ӯ саршор аз ростии муҳаббати Худо буданд.

## Ростиро бо муҳаббат баён кунед

Дар партави суханони қаблан гуфташуда биёед дар бораи аҳамияти муҳаббати ҳақиқӣ андеша мекунем. Аз тавсифи муҳаббат сар мекунем:

Муҳаббат пуртоқат аст.

Муҳаббат бошафқат аст.

Муҳаббат ҳасад намебарад.

Муҳаббат бо худ намеболад.

Муҳаббат мағрур намешавад.

Муҳаббат бадкирдорӣ намекунад.

Муҳаббат нафъи худро толиб нест.

Муҳаббат ба хашм намеояд.

Муҳаббат ба дил кина намегирад.

Муҳаббат аз зулм шод намешавад.

Муҳаббат ҳаргиз хотима намеёбад.

*Муҳаббат аз он иборат аст, ки мо мувофиқи фармудаҳои Ӯ рафтор кунем.*

Агар мо ростиро баён кунем, вале некӯ ва собир нестем, балки баръакс бахил, худписанд, мағрур, ҳавобаланд ҳастем, нафъи худро толибем, ба хашм меоем, дар фикри бадӣ ҳастем, намебахшем, аз зулм шод мешавем ва дӯст доштани одамонро бас мекунем, пас мо фармудаҳои Ӯро риоя намекунем. Бинобар ин мо тавба ва имон ба Масеҳро мавъиза карда метавонем – дар бораи ҳамаи ин дар Навиштаҷот навишта шудааст, аммо бо муҳаббати ҳақиқӣ зиндагӣ намекунем. Мо ба роҳи расмиятпарастӣ равона мешавем, Ба ҷои он ки одамонро ба назди Худо биёрем, мо онҳоро маҷрӯҳ мекунем.

Боре ба назди ман як ҷавон омад ва гуфт: "Ман ба он хидмат, ки шумо ба ҷо меоред, даъват карда шудаам. Ман барои ислоҳ кардани Бадани Масеҳ даъват карда шудаам!"

Вақте ки ман ин суханонро шунидам, дар дил эҳсос кардам, ки ҳадафи ӯ бад аст. Рӯҳулқудс барои ӯ ба ман калом дод: "Ту фаҳмидан мехоҳӣ, ки дар кори нубувватдиҳӣ чӣ гуна бояд рафтор кард?"

Чеҳраи ӯ шукуфон шуда, зуд ҷавоб дод: "Бале, ман донистан мехоҳам".

"Ҳар бор, вақте ки ту бо ягон тарз одамонро огоҳ ё ислоҳ мекунӣ, қалби ту аз муҳаббат ба онҳо бояд аланга занад", – гуфтам ба вай.

Ӯ чанд лаҳза хомӯш монд ва баъд гуфт: "Худо бояд ба таври аниқ ҳоло бо худи ман кор кунад".

Ман ба ӯ ҷавоб додам: "Ман бо ту фахр мекунам. Танҳо одами фурӯтан чунин суханонро гуфта метавонад. Ту ба хидматгузории худ, беш аз он ки фикр мекунӣ, наздиктар ҳастӣ. Қалби ту мулоим аст".

Муҳаббат, назар ба худаш, дар ҳаққи дигар одам бештар ғамхорӣ мекунад. Вай фориғбол нест ва намегузорад, ки одам ба чоҳ биафтад. Он тамоми хислатҳои навозишкоронаро, ки дар боби 13-уми номаи Якум ба Қӯринтиён тасвир карда шудааст, доро мебошад, вале дар баробари ин ҳеҷ гоҳ аз фармудаҳои Наҷотбахши мо Исо дур намешавад. Муҳаббат хеле муҳим, хеле зарур аст, он моҳияти зиндагӣ аст. Дуо кунед, ки Худо қалби шуморо бо муҳаббати Худ, бо Худ пур кунад, то ки дар ҳақиқат, аз ҳаёти шахсии худ дида, ба дигарон бештар ғамхорӣ зоҳир кунед. Навишта шудааст, ки Рӯҳулқудс муҳаббати Худро ба қалбҳои мо мерезад. Мо онро талаб карда метавонем, умқ, арзу тӯл ва баландии муҳаббати Ӯро, ки ҳаётбахш аст, талаб карда метавонем.

Бинобар ин талаб кунед, бори дигар талаб кунед, талаб карданро бас накунед, то ки Ӯ қалби шуморо бо муҳаббати абадии илоҳӣ пур созад.

## АМАЛ КУНЕД

Вақте мебинем, ки чӣ тавр гуноҳ ба калисо ворид мешавад, мо набояд хомӯширо ихтиёр кунем, лекин дар бораи он танҳо бо муҳаббат сухан рондан лозим аст, дар акси ҳол огоҳиҳои мо натиҷаи дилхоҳ намеорад. Огоҳиҳои Худо дар Китоби Муқаддас бисёр маротиба оварда шудаанд, вале муҳаббати ҷовидонааш Ӯро ба рафтори боз ҳам бузургтар ҳидоят кард. Ӯ Писари Худро дод, то ки нархи гуноҳҳои моро, ки дар бораашон моро пешакӣ огоҳӣ дода буд, пардозад.

Вақте ки одамонро аз гуноҳ огоҳ мекунем, мо бояд бо ин гуна муҳаббат шӯълавар гардем. Танҳо як сарчашмаи муҳаббат мавҷуд аст ва он Худо мебошад. Худо муҳаббат аст. Агар мо хоҳем, ки дар он ба камол расем, муносибатҳоямонро бо Худо бояд равнақ диҳем. Бо суханон ифода кардан ғайриимкон аст, ки бо Худо вақт гузаронидан ва боз ҳам бештар пур гардидан аз муҳаббати Ӯ чӣ қадар муҳим ва зарур мебошад. Вақте ки муҳаббат моро пур мекунад, тарс меравад, ва мо рӯирост гуноҳро фош карда метавонем. Муҳаббат моро водор мекунад, ки ба манфиати одамони гирду атрофамон чораандешӣ намоем, ва на фақат бо мақсадҳои инсонпарварона, балки дар вақти

зарурӣ огоҳ кунем. Муҳаббати Худо моро озод мекунад ва барои озод кардани дигарон қувват мебахшад. Имрӯз ба дуои ғайратмандона вақт ҷудо кунед, ба таслим шудан шитоб накунед, то ки Худо шуморо аз муҳаббати худ саршор гардонад.

25

# МАҲВ КАРДАНИ КРИПТОНИТ

Вақте ки гап дар бораи гуноҳ меравад, дар ҳаёти одами имондор се ҳолат ба вуҷуд меояд.

Аввалан, одамоне ҳастанд, ки ба сабаби дилсахтиашон гуноҳи худро ба назар гирифтан намехоҳанд. Дили Худо барои онҳо месӯзад, лекин онҳо ба он беэътиноӣ зоҳир мекунанд. Худованд барои онҳо ашк мерезад: “Оё онҳо шарм медоранд, вақте ки корҳои зишт мекунанд? Не, шарм ҳам намедоранд, аз ҳаё бехабаранд ...” (Ирмиё 8:12). Онҳо бо виҷдони худ, ҳатто баъзан то пурра сӯхтан, созиш мекунанд.

Ҳолати дуюм, на камтар хавфнок аст. Одамон бо он дурӯғ розӣ мешаванд, ки мо ҳама аз рӯи табиатамон гуноҳкорем, ва хуни Исо қудрати кифоя дорад, ки моро аз ҷазо халос кунад, вале на аз бандагии гуноҳ. Ин одамон ба он ҳақиқат, ки мо ҳама муқаддасонем, сахт бовар мекунанд, вале бо он дуруғ, ки бо ҳаёти поку тоза зиндагӣ кардан зарур нест, фирефта шудаанд. Ин таълимот дар калисои Тиётиро роиҷ буд. Павлус, вақте ки оятҳои зеринро менависад, моҳияти ин мафкураро таъкид мекунад:

> “Пас чӣ гӯем? Оё дар гуноҳ бимонем, то ки файз зиёд шавад? Бе ҳеҷ ваҷҳ. Мо, ки нисбат ба гуноҳ мурдаем, чӣ гуна метавонем дар он боз зиндагӣ кунем?” (Румиён 6:1, 2)

Ду ҳолати аввал – криптонит дар намуди аслиаш, гуноҳи маълуми такроршаванда мебошад, ки одами имондорро, ва ҳамчунин тамоми ҷамоати масеҳиро заиф мегардонад. Ин ду гурӯҳи одамон, ки гуноҳ содир мекунанд, *ба гуноҳ дода шудаанд.* Инҳо касоне мебошанд, ки Исо дар рӯзи Доварӣ мегӯяд: “ Аз Ман дур шавед” (ниг. Матто 7:20-23).

Гурӯҳи сеюми одамон касонеанд, ки барои озод шудан аз гуноҳ мубориза мебаранд. Онҳо озод шудан мехоҳанд, лекин гуноҳ ба онҳо сахт часпидааст. Онҳо то ҳол дар Каломи Худо қувватеро, ки ба воситаи имон озодӣ мебахшад, барои худ ошкор накардаанд. Гуноҳ карда, пушаймон мешаванд, чунки Худоро дӯст медоранд. Онҳо самимона тавба мекунад, вале баъд аз муддате боз гуноҳ мекунанд. Мутаассифона, онҳо бо ҳисси гуноҳкорӣ ва маломат гирифтор шудаанд, аз ин сабаб аз занҷири гуноҳ раҳо шудани онҳо мушкил аст. Эҳсоси хиҷолатзадагӣ аз гуноҳи худ онҳоро дар гуноҳ нигоҳ медорад.

Агар шумо ба гурӯҳи сеюм мансуб бошед, бодиққат гӯш кунед. Исо ба мо мегӯяд: «Ба худ назорат кунед. Агар бародарат ба ту гуноҳ кунад, ба ӯ гап зада, фаҳмон, ва агар тавба кунад, ӯро авф намо. Ва агар рӯзе ҳафт карат ба ту гуноҳ кунад, ва рӯзе ҳафт карат бу ту руҷӯъ намуда гӯяд: “Тавба кардам, – ӯро авф намо”» (Луқо 17:3, 4). Барои чӣ Устод ба мо мегӯяд, ки гуноҳкорро авф намоем, вале он гуноҳкореро, ки самимона дар як рӯз бисёр маротиба тавба мекунад? Чунки мо бояд бибахшем, чуноне ки Падари Осмонӣ мебахшад (ниг. Эфсӯсиён 4:32). Бифаҳмед, агар шумо бисёр маротиба гуноҳ содир кардаед, вале ҳар дафъа бо дили шикаста аз тавбаи ҳақиқӣ, бо тавбаи самимона ба Худо муроҷиат карда бошед, пас шумо бо хуни Исои Масеҳ чунон шуста шудаед, ки гӯё ҳеҷ гоҳ гуноҳе накарда бошед. Худро ҷазо надиҳед, дар акси ҳол шумо бузургии хуни Исоро паст мезанед ва аз нав бо корҳои худ пок шудан мехоҳед. Бо ин шумо наҷот ва омурзишро қабул карда наметавонед. Омурзиш тӯҳфаи пурқиммати Худо мебошад.

Дар ин боб ман мехостам, ки ҳолати сеюмро баррасӣ кунам. Ман дар бораи саргузашти худам, ки чӣ тавр Каломи Худо маро озод кард, нақл кардан мехоҳам.

## Ман озод шудан наметавонистам

Вақте ки ман бистсола будам, дӯстонам маҷаллаҳои порнографиро ба ман нишон доданд. Мо байни ҳамдигар ба додугирифт кардани онҳо

сар кардем, ва намедонам, ки гуфтан ҷоиз аст ё не, ман зуд тобеи ин гуноҳ шудам. Ҳамааш аввал аз порнографияи сабук сар шуд, вале зуд ба маводҳое, ки дорои мӯҳтавои вазнинтарро доштанд, гузашта рафт. Дар натиҷа дар ман фикру хаёлоти шаҳватпарастона зиёд шудан гирифтанд, ки ман бо ақли худ онҳоро идора карда наметавонистам. Дар вақти дарсҳо дар синфҳои болоӣ ман нишаста, ба духтарон назар меандохтам ва дар хаёлам бо онҳо алоқаи ҷинсӣ мекардам. Маро ҳаваси шаҳват фаро гирифт.

Дар нуздаҳсолагӣ ҳангоми ҷамъомад дар хобгоҳ ман ҳаётамро ба Исои Масеҳ супоридам. Бисёр гуноҳҳо зуд қудрати худро бар ҳаёти ман гум карданд: машруботи спиртӣ, қабеҳсуханӣ, рафтори ношоиста бо духтарон, дағалӣ ва бисёр дигар хислатҳои бад дар рафтору кирдори ман худ ба худ нест шуданд. Аммо порнография ва шаҳват аз ман дур нашуданд. Ман чун пештара бандӣ будам ва озод шуда наметавонистам. Ҳар дафъа, вақте ки ман ба озмоиш дода шуда, гуноҳ мекардам, ман зуд тавба карда, аз Худо омурзиш талаб мекардам.

То наҷот ёфтанам ман ду бор фикр намекардам, ҳамон замон, ки хоҳиш пайдо мешуд, ман зуд ба вай дода мешудам. Баъд аз наҷот ёфтанам ба муҳити бадахлоқона афтода мондам. Ман порнографияро тамошо кардан намехостам, зеро медонистам, ки ин гуноҳ аст, вале ҳаваси шаҳвонӣ аз иродаи ман қавитар мебаромад.

Соли 1982, вақте ки ман бисту се сола будам, бо Лиза хонадор шудам. Ман фикр мекардам, ки акнун, вақте ки ба духтари орзуи худ хонадор шудам, шаҳват худаш аз ман меравад. Вале он на танҳо нарафт, балки боз ҳам пузӯртар шуд. Агар ман дар ягон ҷои наздик маводҳои порнографиро медидам, онҳо ба монанди оҳанрабо маро ба худ ҷалб мекарданд. Гирифтории ман ба муносибатҳои ману Лиза дар бистар ва дигар соҳаҳои муносибатҳои маҳрамона таъсир мерасонданд.

Дар соли 1983 ман дар калисо ба хидмат шурӯъ кардам, вале то ҳол бо порнография мубориза мебурдам. Дар хидматгузорӣ ман бояд ба шубон, оилаи ӯ ва ҳамаи меҳмонон-воизон ёрдам мекардам. Калисои мо дар Амрико яке аз калонтарин ва машҳуртарин калисоҳо буд, мо бисёр шабонҳои машҳур ва суханваронро қабул мекардем. Яке аз онҳо бо хидмати озодибахшандаи худ шӯҳрат дошт. Ӯ чандин сол дар Осиё кор кард, хидматгузории ӯ дар бобати озод кардани одамон аз иллатҳо ва рӯҳҳои палид беназир, ва ҳатто баъзан аз ақл боло буд. Худо Ӯро

қудратмандона истифода мебурд. Ӯро Лестер Самралл меномиданд.

Тирамоҳи 1984 ӯ барои гузаронидани семинари серӯза ба калисои мо омад, ва ман чун ҳарвақта бояд ӯро пешвоз мегирифтам ва ҳамроҳаш мегаштам. Ман ӯро аз ташрифҳои пештарааш ба назди мо хуб мешинохтам. Ин дафъа, вақте ки ман ӯро бо мошини худ мебурдам ва мо танҳо будем, ба назарам чунин намуд, ки барои ошкоро сӯҳбат кардан дар бораи муборизаи ман бо ҳавасҳои шаҳвонӣ лаҳзаи қулай фаро расид. Ман бо фурӯтанӣ хеле самимона бо ихтиёри худам ҳама чизро ба ӯ нақл кардам. Лестер хеле қатъӣ ҷавоб гардонд, чуноне ки бояд падари ҳақиқӣ дар имон ин гуна рафтор мекард. Ман ҳар як сухани ӯро бодиққат гӯш кардам, баъд бо рӯҳафтодагӣ аз ӯ илтимос кардам: “Илтимос, барои озодии ман дуо кунед”.

Ӯ сахт дуо кард, аммо, афсӯс, ки дар давоми ҳафтаҳо ва моҳҳои минбаъда ҳеҷ чизе рӯй надод. Ман бар зидди шаҳват муборизаро давом медодам. Тақрибан нӯҳ моҳ баъдтар ба ман биноеро пешниҳод карданд, ки дар онҷо ман метавонистам ба рӯзадорӣ ва дуо машғул шавам. Дар рӯзи чоруми рӯзадорӣ (ин санаро ҳеҷ фаромӯш намекунам – 6 майи 1985), ба дуои чуқур машғул шуда, ман пурра аз рӯҳи шаҳват халос шудам. Рӯҳулқудс ба ман нишон дод, ки ҷуръатмандона ба шаҳват фармон диҳам, ки аз ҳаёти ман дур шавад. Ман чунин кардам ва қудрате, ки маро пур кард, беқиёс буд. Ҷалол ба Худо, ман то ҳол озодам!

## Барои чӣ на якбора?

Дар озодӣ наздики ду сол зиндагӣ карда, ман ба саволи мушкиле дучор шудам ва бо он ба назди Худо барои дуо кардан ҳозир шудам. “Падар, – гуфтам ман ба Ӯ, – ман намефаҳмам. Ман дар назди Лестер, ин марди бузурги Худо, фурӯтан шудам. Бисёр одамон ба воситаи хидматгузории вай озодӣ гирифтаанд, барои чӣ ҳамон вақте ки ӯ бароям дуо кард, ман озод нашудам. Барои чӣ ман танҳо баъд аз нӯҳ моҳ озод шудам?”

Худованд ба ман нишон додани ҳамон давраи ҳаётамро сар кард. Тирамоҳи соли 1984, вақте ки Лестер барои мавъиза кардан омад, ман ҳар саҳар на камтар аз яку ним соат дуо мекардам. Ин ду сол давом кард. Ман соати 5-и субҳ аз хоб хеста, то 5.30 ба корҳои саҳарӣ машғул мешудам ва сипас то соати 7 дуо мекардам. Дар он вақт дуои аз ҳама пурҳарорати ман чунин буд: “Худо, маро истифода бар, то ки бисёр

одамонро ба назди Исо биёрам, маро истифода бар, то ки беморонро шифо диҳам, маро истифода бар, то ки одамонро озод кунам. Падар, маро истифода бар, барои Масеҳ ба халқҳо таъсир гузорам!" Ман дар ин бора ҳамеша, рӯз ба рӯз дуо мекардам, аз Худо илтимос мекардам, ки маро ба хидмат раҳнамун кунад ва он дарҳои имконият ро бароям боз намояд, ки ҳеҷ кас пӯшида натавонад. Ман бо ҷӯшу хурӯш дуо мекардам!

Боре ҳамон тирамоҳ вақти саҳар ман аз рӯи одати худ ба сӯи Худо бо ҳамон дархосте, ки бисёр моҳҳо ва ҳатто солҳо дуо мекардам, овоз баланд кардам. Ногаҳон, дар байни суханони пурҳарорати ман, Рӯҳулқудс ба ман гап зад: "Писарам, ту метавонӣ бисёр одамонро ба назди Исо биёрӣ, бисёриҳоро озод кунӣ ва беморонро шифо диҳӣ, ва ба дӯзах андохта шавӣ".

Ман карахт шудам. *Ин чи хел мумкин аст? Оё ман садои Рӯҳулқудсро гӯш карда истодаам?* Ман ба шубҳа афтода, хомӯш мондам то даме ки Ӯ боз хомӯширо халалдор намуда гуфт: "Писарам, Яҳудо кори худро тарк кард, то ки Исоро пайравӣ кунад, Яҳудо Инҷилро мавъиза мекард, бо номи Ман беморонро шифо медод, бо номи Ман одамонро озод мекард, ва акнун вай дар дӯзах аст".

Ман дар оилаи католикҳо калон шудаам ва ман ҳамагӣ панҷ сол боз имондори аз боло таваллудшуда будам, бинобар ин воқеае, ки бо ман рӯй дод, барои ман ғайриоддӣ буд. Вақте ки ман ин суханонро шунидам, маро тарсу ларз фаро гирифт. Ман ба ларза афтодам, ва гап зада наметавонистам. Дар он лаҳза ман тамоман гаранг шуда мондам, вале аниқ медонистам, ки ин Худо бо ман гап зада истодааст. Ҳузури Ӯ маро аз ҳаяҷон ва тарси Худо пур мекард.

Ниҳоят, ман тамоми қувватамро ҷамъ карда, боэҳтиром пурсидам: "Пас ман пеш аз ҳама барои кадом чиз саъй кунам? Чӣ аз ҳама асоситарин аст?"

Ҷавоб хеле возеҳ омад: "Шинохтани Ман".

Баъд аз ин вохӯрӣ, ба омӯзиши Китоби Муқаддас машғул шуда, ман фаҳмидам, ки хоҳиши аз ҳама калони Довуд, Мӯсо ва ҳамаи шахсони боқимонда, ки роҳи зиндагии худро бомуваффақиятона гузаштаанд, чӣ аст. Павлус мегӯяд:

> "Ва ҳанӯз ҳамаашро ба хотири афзалияти дониши Худованди ман Исои Масеҳ нуқсон медонам, ки барои Ӯ ман аз ҳамааш

даст кашидаам ва ҳамаашро ахлот медонам, то ки Масеҳро пайдо кунам" (Филиппиён 3:8).

Онҳо саъй карданд, ки Исоро шахсан шиносанд, бинобар ин хидматгузории онҳо хеле пурқувват буд. Ман аз паси хидматгузорӣ медавидам, на аз паи шахсан донистани Исои Масеҳ. Он рӯз ҳама чиз дигар шуд.

Акнун мавзӯи дуоҳои саҳарии ман дигар шуданд, ман бо чунин суханон дуо карданро сар кардам: "Худованд, ман Туро аз наздик шинохтан мехоҳам, ба он дараҷае ки инсон шинохта метавонад. Ман сахт ба Ту писанд омадан мехоҳам, ба он дараҷае ки инсон ба Ту писанд омада метавонад. Қалби худро бароям боз кун, он чиро ки барои Ту муҳим аст, ба ман фаҳмо гардон, ва нишон деҳ, ки барои Ту чӣ муҳим аст. Роҳҳои Худро ба ман таълим деҳ, ва бигзор ҳаёти ман ба Ту шодӣ биёрад ..."

Ман саҳархезиро давом медодам, вале дуоҳои пурҳарорати ман ба самти дигар равона карда шуда буданд. Ман намефаҳмидам, ки чӣ шуда истодааст, вале Худо баъдтар ба ман нишон дод.

Инак, саволи "Вақте ки Лестер Самралл барои ман дуо кард, барои чӣ ман озод нашудам?", равшан шудан гирифт. Сипас Худо ба ман гуфт: "Вақте ки ту ба башоратдиҳанда қалбатро кушодӣ, ту метарсидӣ, ки гуноҳи шаҳват туро аз хидмате, ки Ман барои он туро даъват кардаам, бозмедорад. Ту метарсидӣ, ки он туро аз хидматгузорӣ маҳрум месозад. Маркази ғамхӯрии ту худи ту будӣ, ин ғами дунявӣ мебошад".

Дар идомаи суханаш Ӯ гуфт: "Пас аз нӯҳ моҳ, азбаски ту ба сӯи ман хондӣ, то ки маро шахсан бишносӣ, қалби ту шикаста шуд, чунки ту бо гуноҳи худ қалби Маро маҷрӯҳ карда будӣ. Ту аз ширкат кардан дар он чизе, ки сабаби ба салиб мехкӯб гардидани Ман буд, нафрат кардӣ. Маркази андӯҳи ту дар Ман буд, ин ғамхӯрӣ ба хотири Ман буд.

Павлус ба калисои Қӯринтиён мегӯяд:

"Алҳол ман шодам на аз он ки шумо ғамгин шудаед, балки аз он ки ғами шумо боиси тавба гардидааст, зеро ки ғами шумо аз тарафи Худо буд, ба тавре ки мо аз он ҳеҷ зиёне надидаем. Зеро *ғаме ки Худо додааст*, тавбаро дар роҳи наҷот ба амал меоварад, ки аз он пушаймонӣ нест, лекин *ғами дунявӣ* мамотро ба амал меоварад" (2 Қӯринтиён 7:9, 10).

Калимаи юнонии “наҷот” дар ин оят шарт нест, ки маънои таваллуд шудан аз олами болоро дошта бошад. Ин калима soteria маънои “бехатарӣ, озодшавӣ, нигаҳдорӣ аз хатар ва харобӣ”-ро дорад (WSNT-DICT). Биёед калимаи “озодшавӣ”-родар ин тавсиф ҷудо мекунем ва онро ба ояти боло гузошта, мехонем: “Зеро ғаме ки Худо додааст, тавбаро дар роҳи озодшавӣ ба амал меоварад”. Ман раҳо карда шуда будам, озод карда шуда будам, ва маҳз ғаме, ки Худо дода буд, дарро барои озодӣ кушод.

## Ду намуди ғам

Ду намуди ғам мавҷуд аст, яке – ба хотири Худо, дигаре – дунявӣ. Фарқи онҳо дар чист? Ҳаёти подшоҳ Шоул ва подшоҳ Довуд фарқиятро хуб нишон медиҳад. Чӣ тавре ки пештар гуфта шуд, дар воқеа, ки бо амолеқиён рӯй дод, Шоул ба Худо итоат накард. Вақте ки Самуили набӣ аз вай ҷавоб пурсид, ӯ айби худро инкор кард, вале Самуил бо ҳамин бас накард. Он гоҳ Шоул ба айбдор кардани қавм сар кард, вале азбаски набӣ ақибнишинӣ накард, вай эътироф намуд: “Ман гуноҳ кардам”. Вале зуд баъди ин суханон ӯ ба Самуил мегӯяд: “Гуноҳ кардам; алҳол, лутфан, маро ба ҳузури пирони қавм ва ба ҳузри Исроил иззат намо ...” (1 Подшоҳон 15:30). Ғами Шоул ба худи ӯ нигаронида шудааст. Самуил вайро дар назди пирон ва қавм мазаммат намуда, ошуфта кард. Бинобар ин Шоул мехост, ки обрӯяш аз нав барқарор карда шавад.

Подшоҳ Довуд, дар навбати худ, гуноҳи вазнин содир мекунад. Ӯ бо зани бегона зино карда, куштори шавҳари ӯро ба амал меорад, то ки гуноҳи худро пинҳон кунад. Нотони набӣ дар ҳузури роҳбарон ва қавм ӯро мазаммат мекунад. Ҳангоме ки гуноҳи Довуд ошкор мегардад, ӯ ба замин афтода мегӯяд: “Ман пеши Худованд гуноҳ кардаам” (ниг. 2 Подшоҳон 12:13).

Шоул гуфт: *“ман гуноҳ кардам”*. Довуд гуфт: *“ман пеши Худованд гуноҳ кардаам”.* Дар байни онҳо фарқ ҳаст. Довуд шикаста шудааст, чунки қалби Ҳамонро, ки вай дӯст медорад, маҷрӯҳ кард. Ғами вай ба худаш нигаронида нашудааст, чуноне ки дар рафтори Шоул дидем. Мо исботи инро дар он мебинем, ки Довуд дар назди Худо тамоми шаб тавба карда, ҳафт рӯз рӯза мегирад. Ӯ аз он амале, бар зидди Худо содир кард, хеле пушаймон мешавад. Мо инро возеҳ дида метавонем, вақте ки ӯ овоз баланд мекунад:

> “Ба Ту ва танҳо ба Ту хато кардаам, ва пеши назари Ту бадӣ кардаам, бинобар ин Ту бар ҳукми Худ барҳақ ҳастӣ ва дар доварии Худ пок” (Забур 50:6).

Ғами дунявӣ ба мо нигаронида шудааст. Оқибатҳои он чӣ гунаанд? Оё маро маҳкум мекунанд? Оё ман аз хидматгузорӣ маҳрум мегардам? Ба хотири гуноҳи худ оё ман ҷафо мекашам? Ва ғайра. Ғаме, ки ба хотири Худо аст, ба Исо нигаронида шудааст: ман қалби Касеро маҷрӯҳ кардаам, ки дӯсташ медорам, ва муҳим нест, ки Ӯ чӣ гуна ҳукм мекунад: *Доварии Ӯ одилона ва рост аст, ва ман дар назди марҳамати Ӯ сар хам мекунам*.

## Чӣ тавр баромадан мумкин аст?

Инак, ман озод шудам, вале ақли ман то ҳол ба нав шудан эҳтиёҷ дошт, ва ин ду ё се сол давом кард. То моҳи майи соли 1985, агар ман дар ягон ҷо маводҳои порнографиро медидам, ба шавқи дидани он муқобилият карда наметавонистам. Бо мурури вақт ман муқобилият карданро ёд гирифтам ва қобилияти аз он рӯ гардонданро пайдо кардам. Вале агар зане бо либоси зебо ва шинам аз наздам мегузашт, ман нигоҳамро ба дигар сӯ мегардондам, то ки фикрҳоям ба тарафи каҷ нараванд. Ин на он озодии пурра аст, ки Исо ба мо додааст. Озодшавӣ пурра набуд.

Дар байни мафҳумҳои *озод шудан* ва *озод будан* фарқ ҳаст. Ман 6-уми май озодӣ пайдо кардам, вале Исо мегӯяд: “ва ростиро хоҳед шинохт ва ростӣ шуморо озод *хоҳад кард*” (Юҳанно 8:32). Ба мо лозим аст, ки ростӣ моро озод *кунад*, барои ин зарур аст, ки он ба қалби мо чуқур ворид шавад.

Рӯзҳо паси сар мешуданд, ман дар Каломи Ӯ ва дуо вақт мегузаронидам, ва ақли ман занҳоро тавре ба қабул кардан сар кард, ки Худо ҳамон тавр онҳоро мебинад. Аввалин таҳаввули фикр дар ман баъди фаҳмидани он ҳақиқат рӯй дод, ки ҳамаи занҳо *духтарон* мебошанд. Ман медонам, на ҳар кас дар ин ошкоршавӣ ҳақиқати амиқро мебинад, вале барои ман ба ростӣ як чизи наве кушода шуд. Рӯҳулқудс ба ман нишон дод, ки ҳар як зан ин духтари хурдакаки касе мебошад. Ин як пораи ҷисм намебошад, чуноне ки ман то озодшавӣ фикр мекардам.

Пас аз чанде вақт кушоиши боз ҳам бузургтар қалби маро пур кард. Ба ман фаҳмо шуд, ки ҳамаи занҳо бо шабоҳати Худо офарида шудаанд, ва Худо онҳоро тоҷи ҷалол ва шавкат пӯшонидааст (ниг. Ҳастӣ 1:26, 27 ва Забур 8:6). Шояд, ин он қадар амиқ садо намедиҳад, вале барои ман ин кушоиши бузурге буд, ки ба қалби ман ворид шуда, ҳаёти маро дигар гардонид.

Акнун агар дар ягон ҷо назди ман расмҳои порнографӣ намоён мешуданд, ман аз онҳо нафрат мекардам! Бале, он чизе, ки маро пештар ба худ мекашид, акнун маро нороҳат мекардагӣ шуд. Агар зани зебое аз назди ман гузарад, ман рӯямро ба дигар тараф намегардонидам, чуноне ки пештар дар давоми чандин соли баъд аз озодшавӣ мекардам. Акнун ман метавонистам, ки ба чашми вай нигоҳ карда, бе ягон фикри бад, самимона “Салом” гӯям.

Ман қуввати файзи Исои Масеҳро барои худ ошкор кардам. Ман фаҳмидам, ки аксарияти масеҳиён дар файз наҷот, омурзиши гуноҳҳо ва тӯҳфаи ройгонро мебинанд. Ва бисёриҳо бо ҳамин бас мекунанд. Ман фаҳмидам, ки файзи Худо дар ҳақиқат ҳамаи ин хислатҳои наҷибро дар бар мегирад, вале он ҳамчунин барои дигаргун кардани ҳаётамон ва барои иҷро кардани коре, ки ростӣ ба он моро даъват мекунад, қувват мебахшад.

Оё мо бовар карда метавонем, ки тӯҳфаи муфти Исо на танҳо моро аз *ҷазоби абадӣ барои гуноҳ* халос мекунад, балки ҳамчунин қуввати басанда дорад, ки моро аз *занҷирҳои гуноҳ* озод намояд? Ва шумо ҳаргиз наметавонед, ки ба баръакси ин ҳақиқат маро бовар кунонед.

Ман медонам! Ман файзи Ӯро, ки ҳаётро дигаргун месозад, аз сар гузаронидам, ва акнун ман озод ҳастам. Ман хеле сипосгузорам барои он коре, ки Ӯ ба хотири ман амалӣ намуд, ва хеле сипосгузорам барои ҳамон коре, ки барои шумо карда метавонад! Ин сайри гулу лола набуда, балки мубориза буд, он исроркорӣ ва дуои пурҳароратро талаб мекард. Яқинан, аз шумо низ ҳамонро талаб мекунад. Хабари хуш дар он аст, ки шумо намеафтед, чунки файз ва муҳаббати Худо ҳеҷ гоҳ хиҷил шудан намемонанд. Бинобар ин бо он бимонед ва озод бошед.

## АМАЛ КУНЕД

Худо Наҷотбахши шумост, танҳо Ягона Ӯ. На барномаҳои панҷзинагӣ, на кӯшишҳои одамӣ, на рӯйхати қоидаҳо қудрат надоранд, ки шуморо аз банди гуноҳ озод кунанд. Ин маънои онро надорад, ки агар мо ҳеҷ коре накунем ҳам, Худо моро аз гуноҳ наҷот медиҳад. Худо моро раҳо мекунад, вале ҷаҳду кӯшиши мо ба сӯи Ӯ иҷрои амалҳоро талаб мекунад. Саъю кӯшиш ба сӯи Худо бо ҳадафҳои дуруст ин шинохтани Ӯ аст, на аз Ӯ чизе гирифтан. Маҳз ҳамин моро ба раҳоӣ мебарад.

Савол ин аст, ки озод шудан барои шумо то кадом дараҷа муҳим мебошад? Оё барои ҷустуҷӯи Худо вақт ҷудо мекунед? Оё ҳангоми зарурат омодаед, ки барои вохӯрдан бо Ӯ ба сафари рӯҳонӣ равед? Оё бас накарда, то ба ҳузури ӯ мушарраф гардидан ва аз Ӯ баракат гирифтан, дар дуо овоз баланд мекунед? Оё ба Ӯ наздиктар мешавад ва иҷозат медиҳед, ки муносибатҳои шуморо бо Худ барқарор кунад? Оё ба хотири муносибатҳо бо Ӯ барои аз гуноҳо зод шудан ҷаҳду талош мекунед, ё фақат ба хотири раҳо шудан аз мушкилиҳои зиндагӣ? Оё фурӯтан мешавед, то ки роҳбарони парҳезгор дар ҳаққи шумо дуо кунад ва алоқамандона ба ҳаёти шумо гап зананд?

Нархи занҷирҳои худро бифаҳмед, вале ҳамчунин нархи озодии худро ба назар гиред. Сипас бо ҷону дил Худоро пайравӣ кунед. Ӯ шуморо интизор аст, то ки шумо Ӯро шахсан бишносед!

26

# ГУНОҲЕ, КИ ГУНОҲ НЕСТ

Вақте ки сарлавҳаи ин бобро хондед, аз ҳайрат абрӯ ба ҳам накашидед?

Мо ҳоло боз як ҷиҳати бутпарастиро бо номи *гуноҳе, ки гуноҳ нест*, баррасӣ накардем. Барои анҷом додани раванди маҳв кардани криптонит мо ин ҷиҳатро сарфи назар карда наметавонем, чунки кори аз ҳама мушкилтарин пай бурдани он мебошад. Биёед аз масал сар мекунем.

Боре як раҳгузари тасодуфӣ ба Исо гуфт, ки дар зиёфати Подшоҳии Худо ширкат кардан кори хубе мебуд. Исо шарҳи ӯро истифода бурд, то ки бо мисоле ҳақиқати амиқро маънидод кунад. Ӯ мегӯяд: «Шахсе зиёфати калонеро ташкил карда, бисёр касонро даъват намуд. Чун вақти зиёфат расид, ғуломи худро фиристод, то ки ба даъватшудагон гӯяд: “Биёед зеро ки ҳама чиз тайёр аст”. Ва ҳама гӯё ки забон як карда бошанд, ба *узрхоҳӣ* сар карданд...» (Луқо 14:16-18). Калимаи асосӣ дар ин масал “узрхоҳӣ” мебошад.

Оё бо шумо чунин воқеа рӯй дода буд? Шумо касеро дар бораи чизе мепурсед, шояд, ёрӣ металабед, шояд, ба ҷашн ё ба меҳмонӣ даъват мекунед, ё анҷом додани ягон кори зарур ё иҷро кардани супориш, ё боз ягон чизи дигарро дархост менамоед, дар ҷавоб бошад, баҳонаи ахмақонаеро мешунавед. Дар ин масал “узрхоҳӣ кардан” чӣ маъно

дорад? Он маъноро дорад, ки одамон корҳои худро аз дархости шумо муҳимтар меҳисобанд. Дар асл онҳо мегӯянд: “Афзалиятҳоро дар рӯйхати худ аз они ту дида болотар мегузорам”.

Аз рӯи суханони Исо, ин шахс фақат як барбекю бо ҳамбургер ва ҳотдог бо картошкақоқ ташкил накард. Ӯ як ҷашни калон ороста кард, ин тадбири муҳим буд. Ӯ хост, ки даъватшудагонро баракат диҳад. Даъватномаҳо чоп карда шуда, ба лифофаҳо андохта ва ба ҳар як шахсе, ки хоҳиши ба зиёфат омадан дошт, фиристода шуда буданд, вале дар ҷавоб баҳонаҳо шунид: «Аввалин ба вай гуфт: “Ман замин харидаам, ва рафта онро диданам лозим аст; аз ту хоҳишмандам, ки маро маъзур дорӣ”» (Луқо 14:18).

Саволи муҳим пайдо мешавад: магар замин харидан гуноҳ аст? Албатта не. Агар ин гуноҳ бошад, пас ман бояд тавба кунам, чунки дар ҳаёт ба ман лозим шудааст, ки қитъаҳои замин харам. Аммо агар харидани замин назар ба Каломи Худо муҳимтар гардад, пас ин гуноҳ гуноҳест, ки гуноҳ нест. Агар мушаххас карда гӯем, пас ин бутпарастӣ, ё криптонит аст.

Биёед ба шахси дигар нигоҳ мекунем: «Дигаре гуфт: “Ман панҷ ҷуфт барзагов харидаам, ва меравам, ки онҳоро имтиҳон намоям; аз ту хоҳишмандам, ки маро маъзур дорӣ”» (Луқо 14:19).

Боз мепурсем, харидани барзагов ё бо забони ҳозира гӯем, харидани таҷҳизот барои тиҷорат гуноҳ аст? Албатта не, ман дар ҳаёти худ таҷҳизот барои дафтари корӣ харидаам. Аммо харидани ягон чиз назар ба Каломи Худо муҳимтар гардад, он гуноҳ аст. Ва боз ин гуноҳест, ки гуноҳ нест, аниқтараш ин бутпарастӣ, ё криптонит аст.

Биёед ҷавоби шахси охиринро, ки даъват шуда буд, мехонем.

> «Дигаре гуфт: “Мн зан гирифтаам ва ба ии сабаб наметавонам биёям”» (Луқо 14:20).

Иҷозат диҳед, ки бори охирин ба шумо ҳамон як саволро диҳам: оё зан гирифтан гуноҳ аст? Агар гуноҳ бошад, пас ҳамаи мардон, аз ҷумла маро, бало интизор аст. Албатта, ин гуноҳ нест. Аммо вақте ки зан аз Каломи Худо дида муҳимтар гардад, ин гуноҳ аст. Ва боз ин гуноҳест, ки гуноҳ нест, аниқтараш, ин бутпарастӣ, ё криптонит мебошад.

Гумон дорам, ки фикр фаҳмост: агар мо ягон чизеро ё ягон касеро, ва

ҳамчунин ҳама гуна машғулиятро аз Каломи Худо болотар гузорем, пас он чизе, ки гуноҳ нест, ба гуноҳ табдил меёбад.

## Криптонити ман худашро ошкор кард

Ман пештар ёдрас кардам, ки ҳангоми дар соли дуюми таҳсил дар донишгоҳи Предю, ман Исоро дӯст доштам. Ман Ӯро дар хобгоҳ соли 1981 ҳамчун Худованд қабул кардам. Муҳаббати Ӯ дар қалбам аланга мезад!

Чанд моҳе баъдтар дар Предю мавсими футбол фаро расид. Ман дар соли сеюм мехондам, ва ҳамчун донишҷӯ, ба ҳамаи бозиҳои хонагӣ варақаи обуна мегирифтам. Дар давоми ду соли охир ягон бозие набуд, ки ман тамошо накарда бошам. Вале акнун ман ончунон бо муҳаббати Исо фаро гирифта шуда будам, ки ба тамошои футбол нарафта, ба омӯзиши Китоби Муқаддас машғул мешудам. Дар хобгоҳ оромӣ ҳукмфармо мешуд, чунки ҳамаи бачаҳо ба тамошои футбол мерафтанд. Ин барои ман имкони хуби дуо кардан буд. Ман назар ба тамошои футбол аз сӯҳбат бо Худо бештар лаззат мебурдам.

Ҳеҷ кас ба ман намегуфт: “Ту набояд ба тамошои футбол равӣ” . Ман ҳеҷ гумон намекардам, ки ба тамошои футбол рафтан кори бад аст. Зиёда аз ин, дар соли охирини таҳсил дар донишгоҳ ман дар бисёр бозиҳо ширкат доштам.

Ман баъд аз хатми донишгоҳи Предю зуд ба Даллас кӯчидам ва чанд моҳ пас дар калисо ба кор сар кардам. Дар аёлат бештар аз чаҳор сад кормандон ба кор машғул буданд, чунки хидматгузорӣ серпаҳно ва пуртаъсир буд.

Дар он вақт дастаи “Чавандозҳои Даллас” дар лигаи миллии футбол яке аз беҳтаринҳо буд. Ман он қадар ҳам мухлиси “Чавандозҳо” набудам, чунки дар Мичиган ба воя расидаам, вале бисёр вақт бачаҳо дар дафтари корӣ ҳар рӯзи душанбе дар бораи ин даста гап мезаданд. Онҳо бо ҷӯшу хурӯш бозии як рӯз пеш доиршударо бо тамоми ҷузъиёташ, натиҷаи бозиҳо, лаҳзаҳои хотирмон ва, албатта, ҷадвали потентсиалии бозиҳои ҳалкунандаро муҳокима мекарданд.

Ман аз рӯи кунҷковӣ ба тамошои бозии “Чавандозҳо” сар кардам. Дар аввал ман чоряк ё ду қисми бозиро тамошо мекадам. Онҳоро тамошо

кардан ба ман маъқул буд, чунки онҳо хеле хуб бозӣ мекарданд. Ғайр аз ин боз як афзалияти дигар мавҷуд буд, ман барои бурдани муҳокимрониҳои закиёна оид ба бозиҳо бо бачаҳо дар ҷои кор имконият пайдо мекардам.

Вале бо гузашти вақт шавқи ман нисбат ба ин даста пурзӯртар шудан мегирифт, ва ман ба тамошои пурраи бозиҳо сар кардам. Ман мушоҳида намудам, ки ҳангоми тамошои бозӣ аз эҳсосот пур шуда, бо телевизор гап мезанам, ба варзишгарон ҳаводорӣ карда ва баъзан ба онҳо дод мезанам. Ниҳоят, ман аз тамошои ягон бозӣ барканор намемондагӣ шудам, аз экран дур нашуда, ман ҳамаи бозиҳоро тамошо мекардам. Ҳатто дар вақтҳое ки мусобиқаҳои даврӣ доир намегардиданд, мо бо ҳамкорон дар бораи он гуфтугӯ мекардем, ки мавсими оянда чӣ гуна ҷараён мегирифта бошад ва чӣ тавр “Чавандозҳо” худро ба таври олӣ нишон медода бошанд. Ман пурра ба мухлиси ашаддӣ табдил ёфтам!

Он замон ки мавсим сар мешуд, маро хурсандӣ фаро мегирифт. Ҳар рӯзи якшанбе баъд аз ҷамъомад ман зуд ба хона медавидам, телевизорро монда ва ҳатто либосамро иваз намекардам ( он вақтҳо мо костюм мепӯшидем). Баъзан ман дар назди телевизор часпида мондагӣ барин менишастам, гарчанде бо ин гуна либос худро ноқулай ҳис мекардам ва ба шустушӯи бадан эҳтиёҷ доштам. Ман намехостам, ки аз тамошои бозӣ бебаҳра монам. Ҳангоми танаффус ман либосамро иваз мекардам. Дар бораи ёрдам кардан ба Лиза ҳоҷати гап ҳам набуд. “Азизам, “Чавандозҳо” бозӣ карда истодаанд, – мегуфтам ман. Мо ҳангоми танаффус ё баъд аз тамошои бозӣ хӯроки нисфирӯзӣ мехӯрдем, аммо на дар вақти худаш.

Он вақтҳо ман ҳамаи натиҷа ва феҳрасти мусобиқаи дастаро медонистам. Ман онро бодиққатона аз худ мекардам ва доимо фикр мекардам, ки чӣ тавр бозингарон метавонанд натиҷаҳои хуб нишон диҳанд. Дар ҷои кор ман дар ҳама сӯҳбатҳо пешрав будам. Дар калисои мо одамоне буданд, ки барои тамошои бозиҳо дар варзишгоҳ варақаи обуна доштанд ва, агар маро ба он ҷо таклиф мекарданд, ман розӣ мешудам. Ман боре ҳам барои нарафтан *баҳонаҳои ахмақона* фикр карда намебаромадам.

Ва инак мавсими навбатӣ фаро мерасад. Каме пештар аз ин ман бо дуои хеле оддӣ, ба назари ман, ҳатто ночизона дуо кардам. Аммо ман тасввур накарда будам, ки он ҳаёти маро дигар карда метавонад. Ман чунин дуо кардам: “Худовандо, қалби маро пок гардон, ман муқаддас

ва шахси барои Ту ҷудо кардашуда будан мехоҳам, бинобар ин, агар дар ҳаёти ман ягон чизи ба Ту номаъқул ва ё ягон чизи барои ман аз Ту муҳимтар бошад, ба ман ошкор кун ва мадад кун, ки аз он халос шавам".

Мавсими футбол зуд ба анҷом мерасид, ва бозиҳои ҳалкунанда наздик мешуданд. Рӯзи доир шудани бозии муҳиме фаро расид. "Чавандозҳо" бо "Уқобҳои Филаделфия" бозӣ мекарданд, ғолиби вохӯрӣ ба бозиҳои ниҳоӣ роҳхат мегирад, ва дастае, ки мағлуб мешавад, мусобиқаро тарк мекунад. Ман ба телевизор часпида будам, ман дар ҷои худ истода наметавонисам ва дар назди экран бо тамоми қад рост меистодам. Чоряки охирини бозӣ идома дошт, то анҷоми бозӣ ҳашт дақиқа боқӣ монда буд. "Чавандозҳо" ба миқдори чор хол дар қафо буданд, вале ҳамлагари машҳури даста онро ба ҷониби дарвозаи рақиб мебурд. Ман дар ҷои худ истода такопӯ мезадам ва ба хатоҳои онҳо дод зада, эрод мегирифтам, ё аз муваффақияти онҳо сахт ба ҳаяҷон меомадам. Бозӣ пуршиддат давом меёфт.

Ногаҳон бе огоҳии пешакӣ Рӯҳулқудс маро ба дуо кардан водор кард. Шиддати ногаҳонӣ маро фаро гирифт – *дуо кун, дуо кун, дуо кун!* Як бори вазнине қалбамро пур кард. То ин дам вақте Рӯҳулқудс маро пур карда, ба дуо роҳнамоӣ кардан мехост, ин ҳиссиёт ба ман шинос буд.

Ман бо овози баланд гуфтам: "Худованд, то охир бозӣ ҳамагӣ ҳашт дақиқа боқӣ мондааст. Вақте ки тамом мешавад, дуо мекунам".

Ҳиссиёт маро тарк намекард ва сар намедод. Ба замми он ин ҳиссиёт қавитар мешуд.

Чанд дақиқаи дигар гузашт. Бо умеди сабукӣ ёфтан аз ҳиссиёти вазнин ман хитоб кардам: "Худовандо, баъди анҷом ёфтани бозӣ ман панҷ соат дуо мекунам. Ҳамагӣ шаш дақиқа боқӣ мондааст!"

"Чавандозҳо" ба тӯб соҳиб шуда, ба сӯи дарвозаи рақибон медавиданд. Ман медонистам, ки онҳо дар ин вохӯрии муҳим ба ҳар ҳол ғолиб мешаванд. Аммо ҳиссиёти дуо кардан маро тарк намекард. Ман безобита шудам, ман намехостам, ки аз телевизор дур шавам.

Он гоҳ ман бо овози баланд гуфтам: "Худовандо, ман тамоми вақти боқимондаи рӯз, ҳатто тамоми шаб дуо мекунам, агар Ту хоҳӣ!

Ман давоми бозиро то охир тамошо кардам. "Чавандозҳо" ғолиб омаданд, ва, азбаски ман ба Худо ваъда дода будам, зуд телевизорро хомӯш карда, бо зинапоя ба ҳуҷраи кориам баромадам, дарро пӯшидам

ва ба рӯи гилем зону задам, то ки дуо кунам. Вале дар ман дигар хоҳиши дуо кардан намонда буд. Ягон вазниниеро ҳис намекардам, ягон ҳиссиёте боқӣ намонда буд. Ҳеҷ чиз.

Ман саъй кардам, ки ҳиссиётамро аз нав ба кор андозам. Ман бо суханон дуо кардан хостам, вале гӯё онҳо аз даҳонам баромада, ба мисли нахӯд ба девор зада меафтиданд. Вақти бисёр нагузашта, ман фаҳмидам, ки чӣ ҳодиса рӯй дод. Ман бозиро аз даъвати Худо афзалтар донистам. Барои аз хоҳиши Ӯ рӯй гардондан, ман баҳонаи ахмақонаеро фикр карда баромадам.

Ман ба рӯи гилем рӯйнокӣ афтода, нола кардам: «Худо, агар маро ягон кас мепурсид, ки барои ман чӣ муҳимтар аст, Худо ё “Чавандозҳои Даллас”, ман бе дудилагӣ ҷавоб медодам: “Албатта, Худо!” Лекин ҳозиракак ман нишон додам, ки барои ман кӣ муҳим будааст. Ман ба ту лозим будам, вале ман футболро аз Ту афзалтар донистам. Илтимос, маро бубахш!»

Ман зуд дар қалби худ шунидам: “Писарам, Ман намехоҳам, ки Ту панҷ соатро барои дуо қурбонӣ кунӣ, ман итоатро хоҳонам”.

## Тамоми соҳаҳои ҳаёт

Чунин намуди бутпарастӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёт пайдо шуда метавонад. Ман дар ёд дорам, дар ҳамон вақт боре вақти саҳар ман барои тайёр кардани наҳорӣ омодагӣ медидам. Ман вақти саҳар аз патароқи ҷуворимакка хӯрок тайёр карда хӯрданро дӯст медорам! Вале ҳамон саҳар ман шунидам, ки Худо гуфт: “Ман мехоҳам, ки ту аз наҳорӣ худдорӣ кунӣ ва рӯза дорӣ”.

Ёд дорам, ман ба наҳорӣ нигоҳ кардам ва сахт онро хӯрдан хостам. Ман гуфтам: “Худовандо, ман ҳафтаи оянда се рӯз рӯза мегирам”. Ин боз як баҳонаи ахмақонае буд барои рад кардани хоҳиши Ӯ. Он гоҳ Ӯ ба ман нишон дод, ки хӯрок дар ҳаёти ман ба бут табдил ёфтааст. Ман имкониятҳои пурқимматеро, ки бо Ӯ дошта метавонистам, аз даст додам, чунки назар ба хоҳиши вақт гузаронидан дар ҳузури Ӯ ва Калом хоҳиши хӯрок хӯрдан дар ман пурқувваттар буд.

Ба ҳамин монанд, баъдтар, вақте ки муҳабати ман ба бозии голф дар ҳаёти ман ҷои бисёртарро ишғол кард, Рӯҳулқудс маро водор кард, ки тамоми лавозимоти бозии голфро ба як шубон тақдим кунам (маҳз ба ӯ тақдим карданам беҳуда набуд).

Баъд аз якуним сол, ки дар давоми он ман боре ҳам бозӣ накардам, Худованд ба дили як голфбози касбӣ хоҳиш гузошт, ки ба ман лавозимоти бозии голфро, ки чанд ҳазор доллар нарх дорад, тӯҳфа кунад. Ман ҳайрон шудам. Сипас пас аз чанд моҳи дигар як шубон ба ман гуфт, ки Худо ба дили вай хоҳиш гузошт, то ки як даста чавгонҳоро ба ман тӯҳфа кунад. Ман боз ҳам зиёдтар ҳайрон шудам!

Баъдтар, вақте ки ман танҳо мондам, аз Худованд пурсидам: "Ман ин ҳама лавозимоти бозии голфро чи кор кунам?"

"Рав голфбозӣ кун", - шунидам ман дар дили худ.

"Вале якуним сол пеш аз ин Ту талаб кардӣ, ки варзишро тарк карда, чавгонҳоямро ба каси дигар диҳам".

"Дигар голф ба ту халал намерасонад", – гуфт Худо. – Акнун он барои ту истироҳат ва вақтгузаронии гуворо мегардад".

Аз ҳамон вақт инҷониб ман голфбозӣ мекунам, ва Худо онро барои истироҳат ва бардамии ман истифода мебарад. Ҳамчунин он барои ба наҷот овардани гумгаштагон, ва ҳам барои вақт гузаронидан бо писаронам, роҳбарони калисо ва ҳамкоронам ба ман азиз гардид. Ғайр аз ин, ба воситаи мусобиқаи голфбозӣ оид ба ҷоми Messenger дӯстон ва шарикони мо ба ташкилоти "Messenger International" барои хидматгузорӣ беш аз панҷ миллион доллар ҳадя карданд. Агар ман барои умри боқимондаи худ аз бозии голф даст мекашидам, чунин намешуд. Голф дигар криптонит набуд.

Мана он соҳаҳое, ки дар он чизе, ки гуноҳ нест, гуноҳ мебошад. Онҳо дар кори тиҷорат, хидмат, варзиш, муносибатҳо, ҳаловатҳо, ҳатто дар чизҳои муҳими зиндагӣ пайдо мешаванд. Ин рӯйхат ба мисли чизҳо, корҳо, муносибатҳо ва мавқеҳо беохир аст.

Худо мехоҳад, ки мо ҳама аз ҳаёт лаззат барем. Ғайр аз ин, маро суханони Павлус ҳайрон мекунад:

> "... Худои Ҳай, ки ҳама чизро барои маишати мо ба фаровонӣ медиҳад" (1 Тимотиюс 6:17).

Ӯ мехоҳад, ки мо ҳама баракатҳои аҷоиберо, ки Ӯ медиҳад, қабул кунем. Ӯ мехоҳад, ки мо аз ҳаёт лаззат барем. Ӯ танҳо талаб мекунад, ки дар зиндагии худ Ӯро дар ҷои аввал гузорем, яъне ин чунин маъно дорад, ки Ӯ ва хоҳишҳои Ӯ дар ҳама вақт, дар ҳама ҷо ва дар байни ҳама

гуна корҳо барои мо бояд чизи асосӣ бошад.

*Барои баҳонаҳои ахмақона ва ҳатто асоснок ҷой нест!*

## Аз зиёфат бебаҳра намонед!

Биёед ба қисми ҷамъбастии масали Исо рӯ мебиёрем. Мо дар бораи се шахсе хондем, ки ба зиёфат даъват карда шуда буданд, вале онҳо баҳонаҳо фикр карда баромаданд. Давомашро мехонем:

> «Ва он ғулом омада, инро ба оғои худ хабар дод. Он гоҳ соҳиби хона дарғазаб шуда, ба ғуломи худ гуфт: “Зуд ба кӯчаву паскӯчаҳои шаҳр баро, ва мискинон, маъюбон, шалон ва кӯронро ба ин ҷо биёр”. Ва ғулом гуфт: “Эй оғо! Он чи гуфтӣ иҷро шуд, ва боз ҷой ҳаст”. Ва оғо ба ғулом гуфт: “Ба сари роҳҳо ва кӯчабоғҳо баромада, мардумро ба омадан ризо кун, то ки хонаи ман пур шавад. Зеро ба шумо мегӯям, ки ҳеҷ яке аз он шахсони даъватшуда хӯроки маро нахоҳанд чашид”» (Луқо 14:21-24).

Ин масал, бешубҳа, дар бораи ҷашни никоҳ бо Барра, яъне ҷашне, ки Худои Падар барои Писари Худ дар замони охир ороста мекунад, нақл менамояд. Мо ҳама ба он даъват карда шудаем. Аммо ин ҷо усуле тасвир карда мешавад, ки он дар ин ҷо ва ҳоло ба кор бурда мешавад. Вақте ки Худо моро ба чизе даъват менамояд, ки нақшаи ҳаррӯзаи моро вайрон мекунад, ё дар вақти машғулияте, ки писанди мо аст, моро бозмедорад, пас ин чунин маъно дорад, ки дар Ӯ барои мо чизи бузургтаре ҳаст. Ин вохӯрие бо Ӯ мебошад, ки бо зиёфат, бо ҷашни Каломи Ӯ, хирад, ҳузури Ӯ, таъминот, роҳнамоӣ, қувват ва бисёр дигар баракатҳое, ки ба мо танҳо Ӯ дода метавонад, анҷом меёбад.

Ӯ барои ман дар вақти бозии “Чавандозҳои Даллас” чизе муҳайё карда буд. Рӯзе ман мефаҳмам, ки ин чӣ буд, вале ман аминам, ки Ӯ дигареро “дар кӯчаву паскӯчаҳо” пайдо кард ва баракати махсуси маҳз барои ман муҳайёшударо ба вай дод. Ман онро аз даст додам.

Ман маҳкумиятро ҳист намекунам, чунки ман бахшиш пурсидам, ва раҳмати Ӯ хеле бузург аст, вале ман аз ин ва дигар хатоҳое, ки содир кардам, сабақ гирифтам. Ман ба криптонит часпида, аз ҳеҷ як тӯҳфае, ки Ӯ барои ман муҳайё кардааст, маҳрум мондан намехоҳам.

Вақте ки Ӯ моро барои қабул кардани Калом ва хиради Худ ногаҳон даъват мекунад, ва мо ҳама гуна баҳонаҳою сабабҳоро як сӯ мемонем, қавитар мегардем. Фаромӯш накунед, криптонит моро танҳо заиф мегардонад.

Мутаассифона, баъзе одамон такрор ба такрор баҳонаҳо пеш меоранд. Онҳо бо ин рафторашон дар ҳаёти худ Ӯро дар ҷои аввал намегузоранд ва аз зиёфат бебаҳра мемонанд. Вале ман умед дорам, ки шумо ба ин ҳаргиз роҳ намедиҳед, чунки дар хонаи Ӯ ҷой ҳаст ва ҳамаи мо даъват шудаем.

Лутфан, бо ин дуои оддӣ, ки ман бисёр сол пеш аз ин дуо кардаам, дуо кунед: “Падар, ман ба номи Исои Масеҳ, Худованди ман илтиҷо мекунам, ки қалби маро пок гардонӣ. Ман муқаддас ва шахси барои Ту ҷудо кардашуда будан мехоҳам, бинобар ин, агар дар ҳаёти ман ягон чизи ба Ту номаъқул ва ё ягон чизи барои ман аз Ту муҳимтар бошад, ба ман ошкор кун ва мадад кун, ки аз он халос шавам. Ман аз ҳеҷ як зиёфатҳои Ту бебаҳра мондан намехоҳам!

## АМАЛ КУНЕД

Умедворам, ки шумо аллакай бо дуое, ки дар охири ин боб оварда шуда, дуо кардед. Агар дуо карда бошед, пас Худо дар давоми рӯзҳо, ҳафтаҳо ва моҳҳо дар ҳаёти шумо кор хоҳад кард, то ки шуморо ба Худ наздиктар созад, ва дар раванди он Ӯ он чизеро, ки шуморо аз Ӯ дур нигоҳ медошт, ошкор мекунад. Ба Ӯ қалби худро бикушоед ва аз Ӯ хоҳиш кунед, ки алоқамандона ба ҳаёти шумо гап занад, то шумо фаҳмида тавонед, ки кадом чиз баҳона шуда, шуморо аз розигӣ додан ба хоҳишҳои Ӯ нигоҳ медорад. Ҳамаи он чизҳоеро, ки Ӯ ошкор мекунад, бинависед, ва чанд лаҳзаеро барои дуо кардан дар ин бора ҷудо кунед. Аз Худо талаб кунед, ки нигоҳи Худро алоқамандона ба ин чизҳо нишон диҳад ва он чиро ки Ӯ мегӯяд, бинависед.

Агар шумо бо дуое, ки дар охири ин боб оварда шуд, дуо накарда бошед, худи ҳозир вақт ҷудо карда, бо дуои дигар дуо кунед. Аз Худо талаб кунед, ки ба шумо дили кушод ва пурҷасорат ато кунад, то ки шумо бо ин тарз дуо карда тавонед. Ҳар он чиро ки Ӯ дар вақти дуо ба қалби шумо мениҳад, бинависед.

27

# ДАРИ ЗИЁФАТХОНА

Исо дар китоби Ваҳй ба калисои дигар суханони аз ҳама аҷиберо таъкид менамояд. Суханони Ӯ хеле шабеҳи онанд, ки мо дар боби гузашта муҳокима кардем:

> “Инак, назди дар истода, тақ-тақ мекунам: агар касе овози Маро шунида, дарро воз кунад, назди ӯ даромада, бо ӯ таоми шом хоҳам хӯрд, ва ӯ бо Ман” (Ваҳй 3:20).

Зиёфат бо Исо! Ҷашни умумӣ – сӯҳбат бо Устод. Дар он ҷо мо Калом, хирад, роҳнамоӣ, қувват ва тамоми баракатҳои дигари Ӯро дар ҳузураш қабул мекунем. Умед дорам, ки чунин ғизо дар мо иштиҳоро бедор мекунад, умедворӣ ва фараҳ мебахшад, то ки аз Ӯ онро қабул кунем. Мана чӣ ба мо қувват мебахшад, ғизое, ки Исо ба мо медиҳад, ба криптонит пурра муқобил мебошад. Инро ба Супермен монанд кардан мумкин аст, ки аз офтоб тозагӣ ва қувват мегирад. Ҳузури Ӯ барои муқобилият нишон додан ба ҳама гуна намуди криптонит ба мо қувват мебахшад.

Саволе пайдо мешавад: “Кадом дарро Ӯ тақ-тақ мекунад?” Бисёр ходимон ин ҷои Навиштаҷотро барои одамонро ба наҷот даъват кардан истифода мебаранд, ва ин бисёр хуб аст. Вале мо бояд дар ёд дошта бошем, ки Ӯ ба калисо, ба пайравони Худ муроҷиат мекунад, на ба онҳое,

ки Ӯ намешинохт. Аммо Исо дар ин ҷо пеш аз ҳама на дар бораи дар гап задааст. Ӯ диққати моро ба чизи дигар равона кардан мехоҳад: “Агар касе овози Маро шунавад”.

Агар дар хонаи ман мусиқии баландовоз садо дода истода бошад, ва ягон меҳмони гиромиқадр дарро тақ-тақ кунад ва номи маро ҷеғ занад, ман вайро намешунавам. Ӯ андаке истода, баргашта меравад.

Дар ин ҳолат саволи боз ҳам муҳимтаре пайдо мешавад: “Чӣ барои шунидан халал мерасонад? Агар мо нашунавем, аз зиёфат маҳрум мемонем, бинобар ин биёед фикр карда, ба ин саволи муҳим ҷавоб медиҳем.

## Қудсият

Агар шумо дар калисои муосир калимаи “қудсият”-ро ба забон оред, одамон, яқинан, нороҳат шуда, мавзӯъро дигар мекунанд. Барои касе, ки дар ҳаёт “пешқадамона” роҳ меравад, ин мафҳум қафомонда аст, он нороҳатиро ба вуҷуд меорад. Аксар вақт қудсиятро ба расмиятпарастӣ, ё ба зарурати наҷот аз рӯи аъмол баробар мекунанд.

Аммо дар Аҳди Ҷадид чунин тарзи тасвир ба калисое дода мешавад, ки барояш Исои Масеҳ меояд. Навишта шудааст, ки Ӯ барои калисое намеояд, ки “ба роҳбарӣ нигаронида шудааст”, ё ба калисое, ки “машҳур”, “дорои алоқаҳо” ё “боиттифоқ” аст. Ҳамаи ин барои рушд ва муваффақияти калисо аҳамиятнок мебошанд, вале ҳеҷ як аз ин сифатҳо хислати асосии арӯси Масеҳ намебошад.

Мутаассифона, дар гузашта аз сабаби мавъизаҳои оммавие, ки бо рӯҳияи расмиятпарастӣ гуфта мешуданд, бисёр одамон аз мавзӯи қудсият худро дур кашиданд. Имрӯз ақидае мавҷуд аст, ки баҳри рушди калисо аз ин мавзӯъ бояд канора ҷуст. Дар баробари ин роҳбарони мушоҳидакор медонанд, ки тамоми Аҳди Ҷадид дар бораи қудсият сухан меронад, аз ин рӯ онро аз мадди назар берун мондан мумкин нест. Бо ин тарз воизон ва устодони Каломи Худо, ба қудсият мазаи хуштаре илова карда, дар боби он таълимеро фикр карда баромаданд, ки чунин садо медиҳад: “Алоқамандона ба қудсият оид ба масъулияти шахсӣ ташвиш кашидан лозим нест, чунки Исо қудсияти мост, он дар Масеҳ ниҳон аст”. Ин таълим дуруст аст, вале на куллан, чунки Аҳди Ҷадид дар бораи ду ҷиҳати қудсият маълумот додааст. Мавъиза ва таълимоти ҳозиразамон онҳоро ба як ҷо тӯда мекунанд.

Алоқамандона ба ҷиҳати якуми қудсият ба мо гуфта шудааст:

> “Чунон ки моро пеш аз таъсиси ҷаҳон дар Ӯ баргузидааст, то ки ба ҳузури Ӯ дар муҳаббат *муқаддас* ва *беайб* бошем” (Эфсӯсиён 1:4).

Пеш аз он ки мо барои абадан қимматнок будани худ кори шоистае кунем, Худо қарор қабул кард. Ӯ моро интихоб намуда, бо ин моро муқаддас эълон кард. Мо дар нигоҳи Ӯ беайбем. Ин *“қудсиятест, ки ба мақом вобастагӣ дорад”.* Ҳамон рӯз, ки мо Исоро қабул кардем, дар нигоҳи Худо мо муқаддас шудем, ва ҳеҷ гоҳ бештар аз ин муқаддас намешавем. Бисту панҷ миллион сол пас ҳамон қадар муқаддас мешавем, ки дар рӯзи Исоро қабул кардан он қадар шуда будем.

Мисол меорам: Ман бо Лиза Тоскано дар моҳи июни соли 1981 шинос шудам. Андаке баъд аз шиносоӣ ман ӯро дӯст доштам ва пешниҳод кардам, ки бо ман издивоҷ кунад. Дуюми октябри 1982 вай ҳамсари ман шуд. Имрӯз, пас аз сию панҷ сол, вай аз ҳамон рӯзе, ки ман вайро ба занӣ гирифта будам, зиёдтар ҳамсари ман нашуд. Ва дар ҷашни ҳафтодсолагии издивоҷи мо вай назар ба ҳамон рӯз зиёдтар ҳамсари ман намешавад. Вай *мақоми* зани Ҷон Биверро дорад. Ба вай лозим нест, ки онро кор карда гирад, бо амали худ соф кунад ё бихарад. Ӯ ҳамсари ман аст, чунки ман вайро интихоб кардаам.

Дар бораи чунин қудсият баъзе роҳбарон таълим медиҳанд, ва ин дар ҳақиқат вуҷуд дорад. Акнун ман боз издивоҷи худамро мисол гирифта, ҷиҳати дигари қудсиятро нишон медиҳам. То шиносоӣ бо ман Лиза ба ҷавонони дигар нозу карашма мекард, рақами телефони худро ба онҳо медод ва бо ҳар касе, ки шавқ дошт, ба вохӯрӣ мерафт. Баъди он ки мо хонадор шудем, вай нозу карашмаро ба мардони дигар бас кард. Вай чунон *рафтор* мекардагӣ шуд, ки ба *мақоми* ҳамсар мувофиқ аст.

Суханони ҳавворӣ Павлусро хонед:

> “Шумо бояд ҳамчун бачагони фармонбардор зиндагӣ кунед. Ба хотири қонеъ гардонидани ҳавасҳои худ ба роҳҳои кӯҳнаи ҳаёт барнагардед. Он вақт шумо ҳеҷ чизи хубро намедонистед. Вале акнун шумо дар ҳама рафторатон муқаддас бошед, чунон ки даъваткунандаи шумо муқаддас аст” (1 Петрус 1:14, 15, тарҷума аз англисӣ).

Ман ду калимаро қайд кардам. Аввалан, ба калимаи “бояд” диққат диҳед. Петрус ба рафтори мо ба таври мушаххас ва ҳатмӣ шарт мегузорад. Дуюм, Петрус на дар бораи мақоми мо дар Масеҳ, балки дар бораи *аъмоли мо* гап мезанад. Тарҷумаи муфассали Китоби Муқаддас хуб шарҳ медиҳад: “Шумо худатон дар рафтор ва тарзи ҳаёти худ муқаддас мешавед”. Ин қудсият на аз *мақом,* балки аз *рафтор* аст. Ин ба дигаргуншавии рафтори Лиза баъд аз тӯйи хонадоршавии мо монанд аст. Рафтори мо бояд мавқеи моро нишон диҳад.

Мана дар куҷо муноқиша сар мезанад. Ман дар оғози ҳаёти имондориам ҳамеша пок зиндагӣ кардан мехостам ва ҳамеша шикаст мехӯрдам. Мулоим карда гӯям, ман аз ин хеле ғамгин мешудам. Баъдтар ман фаҳмидам, ки дар Худо файз мавҷуд аст. Ман фаҳмидам, ки файз ин қуввати ройгон аз Худост ва он барои иҷрои он коре, ки бо қуввати худамон карда наметавонем, қобилият мебахшад. Ман аз асорати порнография ва дигар одатҳои гуноҳкорона халос шуда наметавонистам, вале, дар бораи файз фаҳмида, ман дар озодӣ зиндагӣ карданро ёд гирифтам, ман ба он бовар кардан ва бо он ҳамкорӣ карданро омӯхтам.

Ман ба як ҳақиқати ғамангез диққати шуморо ҷалб кардан мехоҳам. Хидматгузории мо ду сол пеш аз ин тадқиқот гузаронид. Мо ба чанде аз калисоҳои равияҳои гуногун муроҷиат кардем. Мо дар байни панҷ ҳазор масеҳиёни аз олами боло таваллудшуда дар саросари кишвар раъйпурсӣ гузаронидем. Мо аз иштирокчиён хоҳиш намудем, ки дар бораи файз се ва ё зиёдтар нуқтаи назари худро баён кунанд. Чуноне ки натиҷаҳои пурсиш нишон доданд, қариб ҳар як шахс чунин меҳисобид, ки ба воситаи файзи Худо мо наҷот ва омурзиши гуноҳҳои худро пайдо мекунем, ва он тӯҳфа ва нишони муҳаббати Худо мебошад. Натиҷаи фоҷианок дар он буд, ки танҳо камтар аз ду фоизи имондорон медонистанд, ки файз *қуввати* Худост. Зиёда аз ин Худи Худо мегӯяд: “Барои ту *файзи* Ман басанда аст, зеро *қуввати* Ман дар заъф комил мешавад” (ниг. 2 Қӯринтиён 12:9). Ӯ дар бораи файзи Худ гап зада, онро қуввати Худ номидааст.

Петрус менависад:

“Файз ва осоиштагӣ ... бар шумо фаровон бод... . қуввати илоҳии Ӯ ҳама чизҳои барои ҳаёт ва парҳезгорӣ зарурро ба мо бахшидааст ...” (2 Петрус 1:2, 3). Петрус дар бораи файзи Худо ёдовар шуда, онро қуввати илоҳии Ӯ номидааст, ки ба мо қобилияти парҳезгорона, яъне бо ҳаёти муқаддас зиндагӣ карданро медиҳад.

Воқеият чунон аст, ки то бовар накунем, аз Худо ҳама чизро қабул карда наметавонем. Ва он чиро ки намедонем, ба он бовар карда наметавонем. Тақрибан фақат ду фоизи масеҳиёни амрикоӣ медонанд, ки файз ба мо қувват медиҳад, ин чунин маъно дорад, ки наваду ҳашт фоизи онҳо бо қуввати худ пок зиндагӣ кардан мехоҳанд, вале ин ғайриимкон аст. Дар ин сурат онҳо ба таври ногузир ба ноумедӣ, мағлубият, асабоният, таънаю маломат ва ҳисси айбдорӣ гирифтор мешаванд.

Акнун фаҳмо аст, ки чаро воизони масеҳӣ ҳамаи ҷиҳатҳои қудсиятро ба як категория, яъне *мақом* рабт медиҳанд. Хеле зиёд масеҳиён аз норасоии қобилият барои зиндагии парҳезгорона азоб мекашанд, чунки барои ин қуввати худашон намерасад. Файз на танҳо ҷавоби Худо ба наҷот ва бахшиши гуноҳҳо аст, балки кафолати боэътимод барои зиндагӣ кардан бо ҳаёти муқаддас мебошад! Муаллифи Нома ба Ибриён мегӯяд:

> "Осоиштагиро ... ва қудсиятро толиб бошед, ки бе он ҳеҷ кас Худовандро нахоҳад дид. Бохабар бошед, ки касе аз файзи Худо маҳрум нашавад ..." (Ибриён 12:14, 15).

Дар ин оятҳо маънои ҷуқур ниҳон аст. Дар матни аслӣ калимаи юнонии "толиб будан" – ин dioko аст. Маънои он "пайгирӣ кардан, сахт фишор додан, барои ягон чиз бо ҷидду ҷаҳд саъй кардан" мебошад (WSNDICT). Дар луғати дигар навишта шудааст: дорои мақсад ва вазифаи муайян буда, барои иҷро кардани ягон амал кӯшиш ба харҷ додан" (LOUW-NIDA).

Акнун, вақте ки мо ду таърифро хондем, бояд аввал пурсем, ки ин қудсият аз рӯи *мақом* аст ё *аз рӯи рафтор*? Ҷавоб оддӣ аст: қудсият *аз рӯи рафтор*. Биёед тасаввур мекунем, ки касе ба назди ҳамсари ман омада мегӯяд: "Лиза Бивер, ба ту лозим аст, ки мақоми зани Ҷон Биверро ба даст дарорӣ"

Вай механдад ва мегӯяд: "Ман аллакай ҳамсари Ӯ ҳастам".

Аз рӯи мақоми худ мо муқаддасем ва ба мо лозим нест, ки кӯшиши иловагӣ ба харҷ диҳем, то ки муқаддас шавем. Бинобар ин муаллифи Нома ба Ибриён, яқинан, дар бораи *рафтор* гап мезанад.

Мо бояд ғайратмандона кӯшиш кунем, то ки қудсиятро *дар рафторамон* пайдо кунем. Агар мо ин корро накунем, аз "файзи Худо

маҳрум мемонем". Чӣ тавр аз файзи ҳама чизро рӯпӯшкунанда, ки имрӯзҳо дар ҳар ҷо мавъиза мекунанд, маҳрум шудан мумкин аст? Ин ғайриимкон аст. Зиёда аз ин, вақте мо дарк мекунем, ки файз ин қуввати аз Худо нозилшаванда аст, ки ба мо қобилияти ҳаракат карданро ба сӯи қудсият дар рафтор медиҳад, мо мефаҳмем, ки чӣ тавр аз он маҳрум шуда метавонем.

Муаллифи Нома ба Ибриён ин бобро бо чунин суханон ҷамъбаст мекунад: "... файзро маҳфуз хоҳем дошт ва бо он Худоро ба таври писандида бо таъзиму такрим ва тарс ибодат хоҳем кард" (Ибриён 12:28). Файз ба мо барои ба Худо ба таври писандида хидмат кардан ва пок зиндагӣ намудан қувват мебахшад.

Акнун қисми муҳим сар мешавад. Навишта шудааст: "... қудсиятро толиб бошед, ки бе он кас ҳеҷ кас *Худовандро нахоҳад дид*" (Ибриён 12:14). Муаллиф дар бораи чӣ сухан рондааст? Магар на ҳама кас Исоро мебинанд? Охир ба таври фаҳмо навишта шудаас: "Инак, Ӯ бо абрҳо меояд, ва *Ӯро ҳар чашм хоҳад дид*, ва онҳое низ, ки Ӯро найза заданд ..." (Ваҳй 1:7). Пас барои чӣ дар ҳамон Китоби Муқаддас навишта шудааст, ки "бе қудсият ҳеҷ кас Худовандро нахоҳад дид"? Ин чӣ маъно дорад?

## Исоро дидан

Лутфан ба ман иҷозат диҳед, ки маънои "Худовандро дидан"-ро, чуноне ки дар ваъдаи оид ба қудсият гуфта шудааст, бо мисол фаҳмонам. Дар давоми панҷоҳу ҳафт соле, ки ман дар Амрико зиндагӣ мекунам, дар Иёлоти Муттаҳида нуздаҳ маротиба президент иваз шуд. Ман таҳти қудрат ва давлатдории ҳар яке аз онҳо будам, ва ҳама қарорҳои онҳо ба ман таъсир мерасонд. Ҳар яке аз онҳоро аксар вақт ман "президенти мо" меномидам. Аммо ҳеҷ яке аз онҳоро ман шахсан *надидаам*. Шаҳрвандони дигари ИМА ҳастанд, ки онҳо президентро доимо аз рӯи вазифаи хидматӣ ё ба туфайли дӯстӣ бо Ӯ *мебинанд*. Ин одамони имтиёзнок ӯро доимо мебинанд ва бисёр вақт дар *ҳузури* ӯ меистанд.

Ба ҳамин монанд, на аз сӯҳбатҳои шахсӣ, дар давоми ин солҳо ман дар бораи президентҳо бисёр далелҳоро фаҳмидам, яъне баҳри чӣ онҳо баромад мекунанд, кадом қарорҳоро қабул мекунанд, саргузашти зиндагии онҳо ва дигар маълумотҳоеро фаҳмидам, ки ба оммаи васеъ ошкор аст. Вале чизе ки ман ба он муваффақ нашудам, ин сӯҳбати шахсӣ

бо ин роҳбарон буд. Бинобар ин ман бо ҷузъиётҳои ҳаёти шахсии онҳо, ки ба аҳли ҷамъият дастрас намебошад, шинос нестам. Ва, албатта, ман шарафи дӯстӣ бо ҳеҷ яке аз онҳо надоштам.

Ба ҳамин монанд масеҳиёне ҳастанд, ки дар сояи қудрати Исо зиндагӣ мекунанд. Чунки Ӯ роҳбари онҳост. Қарорҳои Ӯ ба зиндагии онҳо таъсир мерасонанд, онҳо Ӯро "Худованд" мехонанд, вале Ӯро намебинанд ва дар ҳузури Ӯ қарор намегиранд. Агар ба ин гуфтаҳо шубҳа дошта бошед, суханони Исо ҳақиқатро ба шумо мекушоянд.

> "Ҳар кӣ аҳкоми Маро дорад ва риоят кунад, вай касест, ки Маро дӯст медорад; ва ҳар кӣ Маро дӯст дорад Падари Ман вайро дӯст хоҳад дошт, ва Ман вайро дӯст хоҳам дошт ва Худро ба ба вай зоҳир хоҳам сохт" (Юҳанно 14: 21).

Ба суханони Ӯ нигоҳ кунед: "*Ман худро ба вай зоҳир хоҳам сохт*". Нигоҳ доштан ва риоят кардани *фармудаҳои* Исо ин ҳаракат кардан ба қудсият дар рафтор мебошад. Касоне, ки чунин рафтор мекунанд, *Худовандро мебинанд;* Ӯ Худро ба онҳо зоҳир месозад. Ӯ барои онҳо роҳро ба *ҳузури* Худ мекушояд. Муносибатҳо аз тобеияти оддӣ ба ҳукми Ӯ ба дараҷаи дӯстӣ бо Подшоҳи мо мегузарад. Ва боз Ӯ мегӯяд:

> "Шумо дӯстони Ман ҳастед, *агар* аҳкоми Маро ба ҷо оваред" (Юҳанно 15:14).

Дар байни ин суханон ба калимаи "агар" диққат диҳед. Мо сурудҳо мехонем, китобҳо менависем ва дар бораи Исо ҳамчун Дӯсти мо таълим медиҳем. Вале калимаи "агар" маънои онро дорад, ки дӯстии Ӯ *шарт* дорад. Дӯстии мо бо Исо дар қудсияти ҳаққонии мо асос меёбад, ва касе, ки онро дар ҷои аввал мегузорад, аз мақоми *банда* ба мақоми *дӯст* мегузарад. Исо ба шахсони содиқи худ мегӯяд: "Дигар шуморо банда намехонам ..." (Юҳанно 15:15). "Дигар намехонам" чунин маъно дорад, ки пештар онҳоро бандагон меҳисобид, на дӯстон.

Воқеан, бандаи Худо будан он қадар мақоми бад нест, он, албатта, беҳтар аз набудани ҳама гуна муносибатҳо мебошад. Аммо банда намедонад, ки дар пушти ҳар як "чӣ" кадом "барои чӣ" меистад, вале дӯст медонад.

Шумо эътироз баён карда, гуфта метавонед: "Вале мо ҳама писарон

ва духтарони Худоем”. Бале, аммо мо ҳақиқатеро, ки Павлус навиштааст, набояд фаромӯш кунем: “... ворис то даме ки кӯдак аст, аз *ғулом* ҳеҷ фарқе надорад” (Галотиён 4:1). Калимаи юнонии “ғулом” дар ин ҷо ҳамон калимаест, ки Исо бо маънои “банда” дар ояти қаблан зикршуда истифода бурдааст. То вақте ки писар ва духтар кӯдак ҳастанд, одатан ба онҳо ҷавобҳоро ба саволҳои “барои чӣ” бовар намекунанд, онҳо танҳо ба саволи “Худо *чӣ* кор мекунад?” ҷавоб медонанд.

Вале чун писар ё духтар ба давраи нави ҳаёти худ мегузарад ва ба дӯст табдил мешавад, пас онҳо, ва волидайн воқеаи бузургро ҷашн мегиранд. Ин ба оилаи Худо низ дахл дорад. Дигаргуниҳо дар раванди муносибатҳо ба амал меоянд, он гоҳ Падар ба мо сирри бештарро ошкор мекунад. Вале дар ин сурат барои мо низ дигаргуниҳо ба амал меоянд. Акнун мо боз ҳам бештар мекӯшем, ки Ӯро бо ҳаёти худ ғамгин насозем, ин қавитар аст аз он ки танҳо барои итоаткорӣ саъй кунем. Мо чун пештара ва то охир кӯшиш мекунем, ки ба Ӯ итоаткор бимонем, вале дар қалби мо қуввати дигари ҳаракаткунанда ҷо мешавад. Ва ин қувват маҳз ғамгин накардани Ӯ мебошад.

## Дар

Бинобар ин қудсият ҳоло охири кор нест, чуноне ки қонунпарастон тасвир мекунанд. Ин дохилшавӣ ба қудсияти ҳақиқӣ бо Исо мебошад. Акнун мо мефаҳмем, ки “дар”, ки Исо дар борааш ба мо гуфтааст, чӣ қадар муҳим аст: ин қалби имондор мебошад. Вақте ки мо ба кӯшишҳои соҳиб шудан ба қудсият беэътиноӣ мекунем, мо худро аз имкони гӯш кардан ва ҷавоб додан маҳрум месозем. Бо ин восита мо аз иштирок дар зиёфати Ӯ маҳрум мемонем. Ин ба монанди хонаи пурғавғоест, ки дар вақти омадани меҳмони азиз тақ-тақи дарро намешунавем.

Меҳмони гиромӣ дуру дароз тақ-тақ мекунад ва ҳатто моро бо номамон ҷеғ мезанад, вале ниҳоят меравад.

Мо аз таълим додан дар бораи қулсият худдорӣ мекунем ва бо ин восита роҳеро маҳкам месозем, ки ба сӯи муносибатҳои наздик бо Подшоҳ мебарад, ва ҳар як имондори ҳақиқӣ ин гуна муносибатҳоро бо Худо бештар аз ҳама чиз хоҳон аст! Усуле, ки мо интихоб кардаем, яъне таълим додан дар бораи файзи *рӯпӯшкунада*, ки файзи *қувватбахшандаро* танг карда меабарорад, дар асл, дарро пӯшонид

ва қулф зад. Мо ба файз баҳои даркорӣ намедиҳем, зеро он на танҳо *рӯпӯш мекунад*, балки *қувват низ мебахшад*! Зиёда аз ин, барои нигоҳ доштани мақоме, ки дар он аз сӯҳбати Худованд лаззат бурда метавонем, ба мо қувват хеле зарур аст.

Мо бо Лиза дар бораи қайди никоҳамон аз аёлати Индиана шаҳодатнома дорем, бинобар ин мо дар асоси қонун зану шавҳар шудаем. Оё шумо тасаввур карда метавонед, ки ман чӣ тавр ин шаҳодатномаро дар пеши чашмаш алвонҷ дода, мегӯям: “Медонӣ, азизам, мо бо пайванди қонунии никоҳ ба якдигар баста шудаем, вале ман бо занҳои дигар низ алоқа дорам”. Шояд, аз рӯи қоида мо бо Лиза чун пештара зану шавҳар мемонем, вале ӯ бешубҳа дигар чун пештара хоҳишҳои ниҳонӣ ва асрори қалби худро ба ман ошкор намекунад. Ғайр аз ин дар байни мо наздикӣ барҳам мехурад. Муносибатҳои дӯстонаи мо канда мешаванд, зеро ман чунин имтиёзро аз даст медиҳам. Наход ҳаёти хушбахтонаи оилавӣ чунин бошад? Наход мо барои ҳамин издивоҷ кардем? Агар ман дар ақидаи худам истоданро давом диҳам, никоҳи худро пурра барбод медиҳам.

Оё мо бо таълимоти худ одамонро дар калисо ба ин гуна рафтор даъват наменамоем? Оё мо аз Навиштаҷот оятҳои алоҳидаро, ки аз матн канда гирифта шудааст, интихоб намекунем, то нишон диҳем, ки новобаста ба рафторамон ҳама чиз дар ҳаёти мо хуб аст? Магар дуруст аст, ки ба бистари пур аз атри гуворо ҷаҳида, ба Исо гӯем: “*Мо дуои тавбаро такрор кардаем, аз рӯи файз наҷот ёфтаем ва ба Ту мансуб мебошем*”? Наход мо фикр кунем, ки Ӯ моро ба гӯшаи ниҳонии қалби Худ роҳ медиҳад?

Ман бар зидди Лиза хиёнат намекунам, чунки ман бе ҳеҷ ваҷҳ аз лаҳзаҳои пурэъҷозе, ки бо ӯ дошта метавонам, яъне аз он хушбахтие, ки ӯ дар паҳлӯям ба болин сар монда, ба ман пичирросзанон суханоне мегӯяд, ки ба ҳеҷ каси дигар ҳаргиз онро намегӯяд, маҳрум мондан намехоҳам. Ман намехоҳам аз он лаззате, ки дар сӯҳбат бо ин зани ҳайратангез, ҳамсарами ман, дошта метавонам, бебаҳра монам.

Бо Исо низ айнан чунин аст. Ман бар зидди Ӯ хиёнат намекунам, чунки наздикиро бо Ӯ аз даст додан ва дӯстиамонро поймол кардан намехоҳам. Ҳеҷ чиз беҳтар аз он нест. Ҳеҷ як мақом, сарват, лаззат, кор, маъруфият, мавқеъ ё гуноҳ аз муносибатҳои наздике, ки бо Исо дошта метавонем, беҳтар нест.

Ман ҳаёти худамро бе ваъдаҳои Ӯ тасаввур карда наметавонам. Ӯ мегӯяд: “... ба ту чизҳои бузург ва ниҳониеро, ки намедонӣ, баён хоҳам кард” (Ирмиё 33:3). Ва аз воқеияти пуршукӯҳе, ки Ӯ “чизҳои амиқ ва ниҳонро ошкор мекунад” (Ирмиё 2:22), ҷудо будан намехоҳам. Ҳамчунин ман ҳаётамро бе пешниҳодоти Исо тасаввур карда наметавонам. Ӯ гуфтааст: “... соате мерасад, ки дигар ба шумо бо масалҳо ҳарф намезанам, балки ... кушоду равшан хабар хоҳам дод” (Юҳанно 16:25). Ва, албатта бе ваъдаи Ӯ дар бораи он ки Рӯҳ аз воқеоти оянда хабар хоҳад дод, низ ҳаётамро тасаввур карда наметавонам (ниг. Юҳанно 16:13).

Қудсият тобиши манфӣ надорад, баръакс, ин яке аз ҳақиқатҳои мусбитарин дар Аҳди Ҷадид мебошад. Вақте ки мо ба таври ҳаққонӣ имкониятҳои онро дарк мекунем, дар ҳама ҷо дар бораи он карнай мекашем!

## АМАЛ КУНЕД

Қудсият – ин сухани бад нест: ин калид аст. Ин усулест, ки барои кушодани дари қалбатон, то ки овози Худоро шунида тавонед. Бе қудсият шумо ҳатто шунида наметавонед, ки Ӯ ба шумо чӣ мегӯяд. Қудсият фақат на он чизест, ки ба туфайли қурбонии Исо ба шумо дода мешавад, ин чизест, ки шумо бояд, маҳз *бояд* дар ҳаёти худ, дар афкоратон, дар суханонатон ва корҳоятон зоҳир кунед.

Худо намегузорад, ки шумо ба танҳоӣ мубориза баред. Маҳз барои ҳамин Ӯ ба мо файз медиҳад. Файз на фақат наҷот медиҳад, гарчанде ки ин ҳам ба ростӣ ҳайратовар аст, он бештар аз ин ҳам карда метавонад. Файзи Худо ба мо қувват мебахшад, то ки зоҳиран ва ботинан бо ҳаёти муқаддас зиндагӣ кунем ва ба Худо писанд оем!

Айни ҳозир ҷӯёи Худо шавед. Интизор нашавед, вале маҳз ҳозир аз фурсат истифода баред ва ба Худо овоз баланд кунед ва аз Ӯ файз талаб намоед. Он соҳаи ҳаётатонро номбар кунед, ки дар он бештар аз ҳама ба файзи Худо ниёз доред, ва дуо кунед, ки Худо бо файзи Худ шуморо пур гардонад ва барои бартараф кардани монеае, ки барои шунидани овози Ӯ ба шумо халал мерасонад, ёрдам кунад.

28

# БАРХЕЗ

Барои чӣ филмҳое, ки дар бораи суперқаҳрамонҳо ба навор гирифта шудаанд, машҳур ҳастанд? Фақат тасаввур кунед: Ин гуна филмҳои Ҳолливуд назар ба филмҳое, ки дар бораи ҷанг, чавандозҳо, ҷосусон ва ҳатто оид ба саргузаштҳои ишқӣ гирифта шудаанд, дар кинотеатрҳо бештар тамошобинонро ба худ ҷалб мекунанд. Ин гуна филмҳо на танҳо ба мардон писанд аст, зеро доимо мешунавам, ки ба занҳо низ блокбастерҳо хуш меоянд. Ин ба чӣ алоқанда аст? Мо медонем, ки барои чизҳои бузург офарида шудаем, ва суперқаҳрамонҳои мо орзуҳои қалби моро ифода мекунанд.

Суперменро тасаввур мекунем. Вақте ки вазъият илоҷнопазир менамояд, вақте ки хатари даҳшатнок наздик мешавад ва ҳама чиз таассуфовар ба назар мерасад, зуд Кларк Кент аз Daily Planet шитобон баромада, ба дӯкончаи телефон медарояд ва пас аз чанд лаҳза ба кӯмак мешитобад. Ба мо ҳиссиёти ҳаяҷонбахши ягон чизи сенсатсионӣ писанд меояд, яъне вақте ки ӯ душманонро, ки мағлубнопазир менамоянд, шикаст медиҳад. Вақте ки адолат барқарор мегардад, гаравгонҳо ба озодӣ мебароянд ва дар ҷамъият тартибот барқарор карда мешавад, мо аз фараҳ пур мешавем. Мо аз болои бадӣ ғолиб омадани Суперменро дида, лаззат мебарем, чунки ин хоҳишҳои дарунии моро қонеъ мегардонад. Мо медонем, ки аз азал Худо одамро “бо шабоҳати Худо”

офарид ва ӯ дар худ “табиати илоҳиро инъикос мекард” (Ҳастӣ 1:27, тарҷума аз англисӣ, MSG). Боз навишта шудааст, ки “Худованд марди ҷангист” (ниг. Хуруҷ 15:3). Оё шумо дар ин бора фикр кардаед? Дар бораи ин тарафи табиати Ӯ кам ёдовар мешаванд. Мо гӯё бо ин ҳақиқат чӣ кор карданамонро намедонем. Ва боз Ишаъё эълон медорад:

> “Худованд мисли ҷаббор берун хоҳад омад, мисли марди майдон рашки Худро хоҳад барангехт, ҷор хоҳад зад ва наъра хоҳад кашид, бар душмани Худ музаффар хоҳад шуд” (Ишаъё 42:13).

Ҷанговароне, ки зидди беадолатӣ меҷанганд, онҳо қаҳрамон ҳастанд. Дар мисоли Исо, Ӯ Суперқаҳрамони ҳақиқӣ аст. Ӯ Музаффар ва Фотеҳ аст.

Қабл аз он ки Ишаъё ин суханонро навишт, Еҳушаъ ибни Нун Ӯро дида буд. Подшоҳи мо на барра, балки шамшер дар даст дошт, ва Ӯ худро “пешвои лашкари Худованд” номид (ниг. Еҳушаъ ибни Нун 5:14).

Хеле баъдтар ҳаворӣ Юҳанно низ Худовандро дид ва Ӯро боз ҳам ҷолибтар тасвир кард: “Чашмони Ӯ мисли шӯъла оташ аст” ва “Аз даҳони Ӯ шамшери тез берун меояд” (ниг. Ваҳй 19:12, 15).

Ӯ марди ҷангӣ аст! Аксарияти мо медонанд, ки марди ҷангӣ сустирода, рӯҳафтода ва маҳзун намебошад. Не, марди ҷангӣ дар моварои муҳориба, мутамарказ, қавиирода ва пурғазаб аст.

Биёед акнун ба худамон диққат мекунем. Оё шумо боре фикр кардаед, ки Исо ба ҳафт калисо дар китоби Ваҳй гуфтааст: “Касе, ки ғолибояд ...” Чӣ тавр мо ғолиб омада метавонем, агар касе нест, ки ба ҷанги вай бароем? Чӣ тавр мо ғолиб омада метавонем, агар муҳориба нест?

Имрӯз бисёр одамон ин даъватро паст мезананд ва мегӯянд, ки айнияти мо дар Масеҳ моро ғолиб месозад. Бо ибораи дигар, азбаски Ӯ Ғолиб аст, мо ба таври автоматӣ дар Масеҳ ғолиб мешавем. Алоқамандона ба мақоми мо ин гап дуруст аст, вале ин ҳақиқати пурра намебошад. Агар ғалаба ба таври автоматӣ якҷоя бо наҷотамон ба мо дода мешуда бошад, барои чӣ Исо ба одамони ҳафт калисо “касе, ки ғолиб ояд”мегӯяд?

Дар ҷаҳон бадкори ашаддӣ Лекс Лютор мавҷуд мебошад, ва номи ӯ шайтон аст. Ӯ як тӯдаи калони ёрдамчиёни худро дорад, ки нодон нестанд, ва мақсади аввалини онҳо – боздоштан , асир кардан ва ба зери итоати худ даровардани шумо аст. То худи охир шайтон 24 соат 7 рӯз дар ҳафта меҳнат мекунад. Вале ӯ беяроқ гардонида шудааст. Ӯ аз ҳама

қудрат ва қувват, ки бар мо дошта метавонист, маҳрум гардидааст!

Ба ҳамин монанд Лекс Лютор аз сабаби пӯлод дар назди одам оҷиз буд. Аммо бо ёрии ақли расои шайтонии худ ӯ криптонитро пайдо кард ва онро истифода бурд, то ки ҳукмронӣ кунад. Криптонит ба ӯ баҳри асир гардондан ва идора кардани Суперқаҳрамони мо қобилият бахшид. Ба ҳамин монанд шайтон он чизро истифода мебарад, ки худи ӯро ба ҳалоқат расонида буд, яъне криптонити рӯҳониро, то ки дар майдони муҳориба ғолибояд. Ӯ дар вақти фариштаи тадҳиншуда буданаш аслиҳаи худро ихтироъ кард (ниг. Ҳизқиёл 28:14-16). Ӯ яқинан медонад, ки қуввати Подшоҳии моро чӣ суст ва бекора мегардонад.

Шайтон (Лекс Лютори ҳаққонӣ) медонад, ки агар мо таъсири воқеии криптонити рӯҳониро дида тавонем, мо аз он канораҷӯӣ мекунем, бинобар ин ӯ онро бо ҷидду ҷаҳд пардапӯш менамояд. Оё шумо ягон бор мушоҳида кардаед, ки дар даруни шумо чӣ рӯй медиҳад, агар ба зери таъсири ӯ афтода монед? Шояд мо лаззат ё ҳаловати кӯтоҳ мебарем, вале на танҳо заифтар мегардем, боз ҳамчунин қонеъ нашуда мемонем. Шумо аз табиати ғалабаовари худ ҷудо шуда, ба алафе монанд мешавед, ки бе нури офтоб ва бе об мондааст. Шумо ҳис мекунед, ки рӯз аз рӯз аз дарун пажмурда шуда истодаед.

## Ҷилоҳо

Фарзанди азизи Худо, ба айнияти аслии худ баргард. Ту даъват шудаӣ, ки дар байни ин насл дар ҳаёти воқеӣ суперқаҳрамон бошӣ. Дар даруни ту чизе мавҷуд аст, ки барои ғалаба зарур мебошад. Ин афсона нест. Ман худамро аз он пурбаракат ҳисоб мекунам, ки ба тамоми ҷаҳон сафар мекунам ва бисёр калисоҳоро мебинам. Ман ҷилоҳои онро мебинем, ки дар байни ҷамоатҳои калисо ва имондорони алоҳида рӯй дода метавонанд.

Ман метавонистам бисёр мисолҳо биёрам, вале, барои шуморо завқманд кардан, танҳо чанд аз онҳоро нақл мекунам. Ман дар як мамлакати сераҳолитарини исломӣ будам ва чанд маротиба дар калисое мавъиза кардам, ки беш аз саду чил ҳазор аъзо дошта, нисфи он дар гузашта мусулмон буданд. Бинои асосии калисо ҳамагӣ сию панҷ ҳазор одамро ғунҷонда метавонад, бо вуҷуди ин ба онҳо лозим мешавад, ки чанд маротиба ибодатҳои якшанбегӣ доир намоянд. Агар худи ман шахсан дар он ҷо намебудам ва бо чашмонам намедидам, шояд ба

ин бовар намекардам. Калисо дар ҳақиқат, новобаста ба шароитҳои душвор, пурсамар хидмат мекунад ва рушд меёбад. Имондорони ин калисо қаҳрамон ва ғолиб мебошанд.

Писари дуюми шубони ин калисо ҳангоми таваллуд ҷароҳати майнаи сар бардошт, ва табибон гуфтанд, ки вай гап задан ва роҳ гаштан наметавонад. Мутахассисон ба шубон ва зани ӯ хабар доданд, ки писари онҳо тамоми умри боқимондаи худ, чӣ қадаре ки он давом накунад, карахту берӯҳ хоҳад буд.

Худо ба ин шабон гап зад: “Ман дар куҷо ҳастам?”

“Дар осмон дар тахти Худ”, – ҷавоб дод шабон.

“Не, ман дар ту зиндагӣ дорам”, – гуфт Худованд. – Бинобар ин ман мехоҳам, ки ту ба майнаи сари писарат рӯ оварда, навашро биофарӣ, айнан чуноне ки ман кайҳо пеш бо каломи Худ ҳама он чизҳоеро офаридам, ки ту мебинӣ”.

Шубон, итоат карда, ба майнаи сари писари худ ба номи Исои Масеҳ гап зад. Оҳиста-оҳиста бача ба гап шурӯъ кард. Он гоҳ фармуд, ки бо пойҳои вай низ ҳамон тавр кунад. Дар шашсолагӣ бача ба роҳ рафтан сар кард. Ман бо ин ҷавон голфбозӣ кардам, акнун ӯ оиладор аст, ва се фарзанд дорад.

Ин шубон ғолибест, ки ба криптонит сар хам накардааст.

Ба наздикӣ маро ба як кишвар барои мавъиза кардан ба шубонҳо ва роҳбарони ҷунбиши масеҳӣ даъват карданд. Онҳо маро ба варзишгоҳ бурданд, ман бо ҳайрат дидам, ки он ҷо аз роҳбарон пур шуда буд, он рӯз 12 500 нафар ҷамъ омада буданд. Қалби онҳо аланга мезад, ҷӯшу хурӯши имони онҳо хеле таъсирбахш буд.

Рӯзе баъд мо ҳангоми хӯроки нисфирӯзӣ бо се роҳбарон вохӯрдем. Ман фаҳмидам, ки халқаи калисоҳои онҳо сесад ҳазор одамонро дар бар мегирад. Ман аз онҳо хоҳиш кардам, ки дар бораи кай тавлид шудани ин ҷунбиш нақл кунанд ва ман худ фикр мекардам, ки он як ё ду насл пештар сар шудааст. Онҳо гуфтанд, ки ҳамаи ин аз як нафар одам шонздаҳ сол пеш оғоз гардидааст.

Ман ҳайрон шудам. “Дар кишвари мутараққӣ ин чӣ хел мумкин аст?” – пурсидам ман.

Ин одам бо забони тозаи англисӣ бе дудилагӣ ҷавоб дод: “Мо одамони худро таълим медиҳем, ки ба хотири абадият зиндагӣ кунанд”

Ман оромона ба вай нигоҳ кардам.

“Ман дар бисёр калисоҳо амрикоӣ ҳузур доштам”, – ба сухани худ идома дод ин роҳбар, – ва мушоҳида кардам, ки масеҳиён дар Амрико бо дурнамои ҳафтод ё ҳаштод сол зиндагӣ мекунанд. Одамони мо бо дурнамои абадият зиндагӣ мекунанд.

Чунин муносибат ба онҳо идроку ҳушёрӣ медиҳад, ки хатари афтода мондан ба зери таъсири криптонит вуҷуд дорад.

Мо бо Лиза дар Ереван, пойтахти Арманистон, дар конфронсе, ки 3500 шубонҳо ва роҳбарон ҷамъ омада буданд, мавъиза кардем. Бисёр роҳбарон аз Эрон омада буданд. Дар байни ҷамъомадҳо як ҷавондухтаре ба назди мо омада гуфт, ки аллакай полиси Ирон дар вақти кӯтоҳи берун аз кишвар будани Ӯ ба телефони мобилии вай занг задааст, то ки дар куҷо будани вайро аниқ кунад.

Ман фавран гуфтам: “Барои чӣ ту ба он ҷо багаштан мехоҳӣ, агар ҳаёти ту дар хатар аст?”

“Агар ман баргашта наравам, ба полиси Эрон дар бораи Исо кӣ башорат медиҳад?” – фикр накарда ҷавоб дод ӯ. Маълум аст, ки вай худро аз криптонит хеле дур нигоҳ медорад.

Чанд сол пеш аз ин як калисо дар давоми ду моҳ ҷамъомадҳои ҳаррӯза доир мекард, ва ҳар бегоҳӣ чор ҳазор нафарӣ дар он иштирок мекарданд. Ҳазорҳо одамон наҷот, шифо ва озодиро қабул карданд. Боре дар он ҷо Исо зоҳир шуд. Бисёр одамон Ӯро диданд ва фарёд заданд. Ӯ танҳо барои як лаҳзаи кӯтоҳ намудор шуд, вале вақте ки нопадид шуд, Ӯ аз ҳузури Худ далел гузошт. Дар девори толор ба андозаи тақрибан дуним метр акси рӯи Ӯ падидор шуд. Он акс симои чодири Туринро хотиррасон мекард. Дар давоми ҳаждаҳ моҳи минбаъда ин акс дар девор боқӣ монд, сипас оҳиста хира шуда, оқибат нопадид гашт.

Шоми дигар ба назди яке аз даромадгоҳҳои паҳлӯии толор мошини “ёрии таъҷилӣ” омад. Ходимони тиббӣ ба толор аробачаеро бо одами мафлуҷ оварда монданд. То марги вай ҳамагӣ бисту сор соат боқӣ монда буд. Қуввати Худо ончунон бузург буд, ки ин одам баъд аз чанд лаҳзае пурра сиҳат шуда, аз ҷояш бархост, ва худаш шахсан аробачаро аз толор гирифта бурд.

Ман инро комилан аниқ медонам, чунки дар ҷамъомадҳо на танҳо иштирок доштам, балки ёрдамчии асосии шубонҳои ҳамон калисоҳо будам.

Ман дидам, ки чӣ хел ба таври мӯъҷиза сӯхтори беамон, ки рост ба дафтари хидматгузории мо ҳаракат мекард, хомӯш мешуданд.

Ман дидам, ки чӣ тавр тӯфонҳо ором мешуданд ё роҳи худро дигар мекарданд ва мӯъҷизаҳое рӯй медоданд, ки сухан аз баёнашон оҷиз аст. Ман дидам, ки чӣ тавр карҳо ба шунидан сар карданд, кӯрон бино шуданд, шалҳо роҳ гаштанд. Ман як рафиқе дорам, ки дар Мексико ва Амрикои марказӣ бисёр мурдагонро зинда кардааст. Ман дар он ҷое будам, ки Худо ончунон бо қудрати бузург намоён шуд, ки дар варзишгоҳ беш аз ҳашт ҳазор одам рост истода наметавонистанд, дар ҳоле ки мӯъҷизаҳо рӯй медоданд ва ҳаёти одамон дигар мешуд.

Гарчанде ки худи ман шахсан надидам, вале як-ду саргузашти воқеиро медонам, ки қабилаҳо ва минтақаҳои зиёд дар ҷамъиятҳои пур аз фисқу фасод наҷот меёфтанд. Дар вақтҳои ҳозира ба ин монанд воқеаҳо хеле кам рӯй дода истодаанд, вале ман бовар дорам, ки мо ба сӯи ин гуна воқеият, ки дар калисои аввала мавҷуд буд, ҳаракат карда истодаем, вале фақат дар масштаби калонтар.

## Бо Исо будан

Ҳамаи одамон медонанд, ки Калисои аввала ба чӣ қодир буд. Дар ин бора дар Инҷилҳо ва китоби Аъмол нақл карда ва мисолҳо оварда шудааст, ва мо ҳамаи инро дошта метавонем. Ҳамаи инро бо се калима ҷамъбаст мекунем: *қудрат*, *қувват* ва *ҷасорат.*

Мо мебинем, ки чӣ тавр Исо шаҳрҳо ва деҳаҳои зиёдро дигар мекунад, аз як зоҳир шудани Ӯ дар он ҷойҳо муҳит пурра дигар мешавад. Ман аз Инҷил дар бораи он мисол меорам, ки чӣ тавр Исо ба куништ даромад ва одамон зуд "ҳама аз таълими Ӯ дар ҳайрат монданд, зеро ки онҳоро ҳамчун *соҳибқудрат* таълим медод, на ҳамчун китобдонон"(Марқӯс 1:22).

Сипас воқеаи ногаҳонӣ рӯй дод: "Дар куништи онҳо касе буд, ки рӯҳи палид дошт, ва якбора фарёд зада гуфт: "Туро бо мо чӣ кор аст, эй Исои Носирӣ? Ту барои нест кардани мо омадаӣ! Ман медонам, ки Ту кистӣ, эй Қуддуси Худо!" (Марқӯс 1:23, 24). Вале Исо вайро манъ карда, гуфт: "Хомӯш шав ва аз вай берун ой". Рӯҳи палид вайро ба ларза андохта, фарёд заду аз вай берун шуд. Ҳама ба воҳима афтоданд, онҳо қудрат, қувват ва ҷасорати Ӯро дида, ба ларза афтоданд. Ин воқеа он қадар ғайриоддӣ буд, ки рӯзи дигар тамоми шаҳр Исоро ҷустуҷӯ карданд (ниг. оятҳои 21-38). Шумо медонед, ки чунин мисолҳо дар Инҷил бисёранд.

Исо дар охири зиндагии Худ дар замин суханони ҳайратангезе

гуфт: “Салом бар шумо бод! Чуноне ки Падар маро фиристод, Ман низ шуморо мефиристам” (Юҳанно 20:21). Агар ин боварибахш ба назар наменамояд, ба таври хеле возеҳ дар ҷои дигар мегӯяд: “Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳар кӣ ба Ман имон оварад, аъмолеро, ки Ман мекунам, вай низ хоҳад кард ва ҳатто бузургтар аз он хоҳад кард ...” (Юҳанно 14:12). Ҳамаи он амалҳо, ва ҳатто базургтар аз он! Магар ин имконпазир аст? Агар Ӯ гуфта бошад, пас, аниқ имконпазир аст! Калисои аввала ба андозаи бузург шоҳиди чунин воқеият гардид. Онҳо аз чунин қудрат, қувват ва ҷасорат ончунон пур шуда мегаштанд, ки тамоми деҳаҳо ва шаҳрҳои зиёд дар давоми чанд рӯз ба Исо рӯ меоварданд. Ман дар замони мо низ шоҳиди чунин воқеаҳо шуда будам.

Агар боз ба Калисои аввала нигоҳ кунем ва танҳо Ерусалимро дида бароем, пас мушоҳида мекунем, ки ягон касе дар ин шаҳр бефарқ намонд. Дар давоми чанд рӯз аҳолӣ ба се гурӯҳ ҷудо шуд: сокиноне, ки аз қувваи гӯшношунид ба ҳайрат афтода буданд, касоне, ки аз мавъизаҳо Исо ба хашм омада буданд ё касоне, ки ба Подшоҳӣ дил баста буданд. Калисо зуд афзоиш меёфт, бо қуввати бузург амал мекард ва шоҳиди мӯъҷизаҳои бузург мегардид. Масалан, як шахсеро, ки ланги модарзод буду ҳар рӯз ба ҷамъомад меоварданд, шифо ёфт. Ӯ ҳамон замон ба ҷаҳидану дод задан сар кард, ва қисми зиёди аҳоли шаҳр ҷамъ шуда, бо ҳайрат ба вай нигоҳ мекарданд.

Ҳукуматдорон бо мақсади боздоштани ин ҷунбиш Петрус ва Юҳанноро ба ҳабс гирифтанд. Ҳаввориёнро ба назди аъзоёни шӯрои пирон оварда, дар миёнҷо ба по хезониданд ва хулосабарорӣ карданд:

> “Вақте ки *ҷасорати* Петрус ва Юҳанноро диданд ва пай бурданд, ки одамони нозонда ва оддӣ ҳастанд, мутааҷҷиб шуданд ва онҳоро шинохтанд, ки *аз ҳамроҳони Исо буданд*” (Аъмол 4:13).

Ҷасорати онҳо диққати шӯрои пиронро ба худ ҷалб кард. Ба Петрус ва Юҳанно осонтар буд, ки лаб фурӯ банданд ва сиёсати сулҳҷӯёнаро дар назди одамони бонуфузи шаҳр пеш гиранд. Онҳо аз мухолифат худдорӣ карда метавонистанд. Аммо онҳо дар рӯ бар рӯи хатари бузург вафодор монданд.

Чӣ гуна ҷасорат ва чӣ гуна қувват – онҳо аз куҷо пайдо шуданд? Решаи онҳо дар ин суханон аст: “онҳо ҳамроҳони Исо буданд”. Ин

одамон, чун пештара, дар ҳузури Худо роҳ мерафтанд. Онҳо он аъмолеро ба ҷо меоварданд, ки Ӯ содир мекард, ва дар натиҷа шаҳрҳои зиёд дигаргун мешуданд. Инҳо одамони муқаддас буданд. Калисои аввала худро аз криптонит дар канор мегирифт ва ба Писар наздик истода, аз Ӯ қувват мегирифтанд. Бинобар ин онҳо бо қудрат, қувват ва ҷасорати бузург роҳ мерафтанд.

Мутаассифона, таърих нишон медиҳад, ки ба мисли шогирдон дар Ерусалим ва баъдтар дар Сомария, Ёфо, Лидия, Шорӯн, Антиёхия ва минтақаҳои дигари Яҳудо ва Осиё, калисои Қӯринт ба шаҳри худ чунин таъсир нагузошт. Калисои Қӯринт баръакси онҳо буд. Воқеияти ҳайратбахш: калисои Қӯринт ба бахшоишҳои Рӯҳулқудс бовар мекарданд ва дар он амал менамуданд. Новобаста ба он ки дар байни имондорон мӯъҷизаҳо ба амал меомаданд, ба онҳо чизи заруртаре намерасид, ки ба шаҳри худ таъсир расонанд.

Мо ба насли замони худ чиро хоҳонем? Оё имкон дорад, ки бори дигар бубинем, ки чӣ тавр шаҳрҳои зиёд дигар мешаванд ва таҳаввул меёбанд? Маро ба бисёр калисоҳо дар шаҳрҳои гуногун барои мавъиза кардан дар назди ҷамъомадҳои калони одамон даъват мекунанд, вале дар он ҷо истода, барои миллионҳо дигар одамоне, ки дар бораи Подшоҳии Худо намедонанд, дилшикаста мешавам. Барои чӣ мо ба шаҳру деҳот ва минтақаҳо таъсир намерасонем? Шояд моро криптонит дар зери таъсири худ нигоҳ медорад?

Худо ба мо таъиноти азалии Худро барои ҳаёти мо ба воситаи зиндагии доварон дар Аҳди Қадим нишон додааст. Ӯро Шимшӯн меномиданд. Бо беитоатӣ то он лаҳза бозӣ кард, ки дар натиҷа он ба тарзи ҳаёти ӯ мубаддал шуд. Дар охир, вақте ки криптонит қуввати ӯро дуздид, Шимшӯн нархи бузургеро пардохт кард. Ӯ дигар бо қуввати фавқуттабиӣ амал карда наметавонист. Ӯ дар охири умри худ, бо қуввате, ки дошт, назар ба солҳои аввал кори бузургтаре кард.

Дониёли набӣ дар бораи зоҳир шудани насле пешгӯӣ мекунад, ки дар рӯ ба рӯи мусибатҳои замони охир ақибнишинӣ намекунанд. Ӯ нубувват мекунад:

> “Одамоне, ки *Худои худро мешиносанд*, исбот мекунанд, ки онҳо пурқувватанд, онҳо мустаҳкам истода, корнамоиҳо ба амал меоранд” (Дониёл 11:32, тарҷума аз англисӣ, AMPC).

Сирри қувват ва қудрати ин одамон дар он аст, ки онҳо “Худои худро мешиносанд”. Калиди ин наздикӣ аз кӯшиши онҳо ба сӯи қудсияти ҳаққонӣ иборат мебошад.

## Суханони хулосавӣ

Ва чунин ҳам ҳаст. Шумо аз тарафи Худо барои он даъват шудаед, ки қаҳрамон, чемпион, дар ҳаёт ғолиб ва бо таъсири худ дигаркунандаи ин ҷаҳон бошед. Қавӣ ва далер бошед, ба Подшоҳ наздик бошед, чунки Ӯ шуморо хоҳон аст. Ӯ муштоқи шумост, Ӯ муштоқи он аст, ки шуморо аз қувват пур кунад. Ӯ ба шумо бовар дорад, ва аз ҳама муҳимаш, Ӯ шуморо бо муҳаббати абадӣ дӯст доштааст.

Шумо дар рӯи ин замин яке аз суперқаҳрамонҳо мебошед. Чемпионе, ки дар даруни шумост, аз Лекс Лютори ин дунё бузургтар аст. Аз Ӯ қувват ёбед, то ки ҳаёти одамонро дигар гардонед. Шумо то он лаҳза, ки дар назди тахти Подшоҳ намеистед, пурра донista наметавонед, ки ба ин дунё чӣ гуна таъсир расонида метавонед. Аз қарори итоат накардан ба криптонит шумо имрӯз ва ҳамон рӯз хеле хурсанд хоҳед буд.

Бинобар ин криптонитро маҳв кунед, ӯро бикушед, аз он халос шавед, ҳатто ҷои майдатаринро дар ҳаёти худро ба вай надиҳед. Шумо барои қувват ва ҷалоли бузург офарида шудаед. Шумо тавоно ҳастед, шумо таъиноти азалӣ доред, ва шумо ба дунё даркор ҳастед, то ки онро ба амал оваред.

## АМАЛ КУНЕД

Худо марди ҷангӣ аст, ва мо барои ба Ӯ монанд шудан офарида шудаем. Ана дар ҳамин аст сабаб, ки барои чӣ филмҳо дар бораи суперқаҳмаронҳо диққати моро он қадар амиқ ба худ ҷалб мекунад. Диламон гувоҳӣ медиҳад, ки мо барои шавкати бузург офарида шудаем!

Барои ана ҳамин Худо моро офаридааст. Ва дар давоми тамоми таърих мо шаҳодатҳоро дар бораи одамоне мебинем, ки дар роҳи Худо корҳои бузург кардаанд, дар ҳоле ки дар ҳаёти худ ба криптонити гуноҳи такроршаванда ягон зарра имконияте надоданд. Шаҳрҳои бисёр дар давоми чанд рӯз аз таъсири қуввати Худо ва ҷасорати қавми Ӯ дигаргун

мешуданд. Худо шуморо даъват мекунад, ки ба пеш баромада, дар кори Ӯ иштирок кунед.

Аз Худо пурсед, ки Ӯ шуморо ба кадом муҳориба даъват мекунад. Кадом шаҳр, минтақа, ҳудуд ё кишварро Ӯ мехоҳад, ки шумо дастрас намоед? Он чиро ки Ӯ мегӯяд, бинависед, ва дуо кунед, ки барои иҷро кардани мақсади Худо дар ин дунё Ӯ ба шумо файзи Худро бирезад. Сипас ба мукофоти абадӣ, яъне ба ваъдаи ҳама он чизе, ки дар зиндагӣ ба туфайли хидмати ғолибона ва содиқона мушарраф мегардед, диққати худро равона кунед, ва ба пеш равед. Худо шуморо даъват кардааст, ки қаҳрамон бошед!

# САВОЛҲО БАРОИ МУҲОКИМА

Агар шумо ин китобро ҳамчун қисми курси таълимии “Маҳв кардани криптонит” хонда истода бошед (фикри олӣ!), ман тавсия мекунам, ки ҳар ҳафта дарси видеоӣ тамошо кунед ва барои муҳокима дар гурӯҳ ба саволҳои мувофиқаткунанда ҷавоб диҳед. Дарсҳои видеоӣ ба таври параллелӣ сабт карда шуданд, онҳо мавзӯъҳои асосии китоби мазкурро қувват медиҳанд. Бинобар ин, агар ҳамаи иштирокчиён дарсҳоро тамошо кунанд ва китобро мутолиа намоянд, хеле хуб мешавад.

Лаззат баред!

## Дарси 1. Потенсиали мо

*Мавзӯъҳои бобҳои 1-3-ро равшан месозад*

1. Агар шумо потенсиали худро надонед, барои ошкор кардани он мақсад пайдо карда наметавонед. Шумо чӣ тавр фаҳмидед, ки ин принсип дар ҳаёт кор мекунад? Шумо кадом маҳсулот, технология ва ақидаҳои навро, баъд аз он ки таъсири мусбии онҳоро дар ҳаёти худ ҳис кардед, барои истифода бурдан сар кардед? Ин ба он чизе, ки аз ин дарс фаҳмидед, чӣ монандие дорад?

2. Потенсиали мо дар Худо имкониятҳои қариб тасаввурнашавандаро дар бар мегирад. Чӣ тавр ин дарс ба шумо илҳом мебахшад, ки потенсиали айнияти худро дар Масеҳ тадқиқ намоед? Дар кадом соҳаҳо шумо хеле майда фикр кардаед?
3. Шумо чӣ фикр доред, барои чӣ дар калисоҳои муосир дар бораи потенсиали мо, ки дар Масеҳ дорем, хеле кам таълим медиҳанд? Ба назари шумо, агар моро таълим медоданд, ки ҳамаи ин имконпазир аст, калисо чӣ гуна таъғир меёфт? Акнун, вақте ки шумо дар бораи ин имкониятҳо фикр карданро сар кардед, чӣ тавр онҳо ба дигар кардани шумо шурӯъ мекунанд?
4. Агар мо он гуна масеҳиёне шудан натавонем, ки бояд бошем, ин ба тасаввуроти ин дунё оид ба масеҳият ва Худо чӣ гуна таъсир мегузорад. Агар мо потенсиали худро пурра истифода мебурдем, то кадом дараҷа ҷаҳон ба таври дигар ба мо нигоҳ мекард? То кадом андоза ҷаҳон ба Худо ба таври дигар нигоҳ мекард, агар мо потенсиали худро дастрас мекардем.

## Дарси 2. Қуввати як нафар

*Мавзӯъҳои бобҳои 4-7-ро равшан месозад*

1. Павлус менависад, ки азбаски масеҳиён Бадани Масеҳро эҳтиром намекунанд, бисёре аз онҳо заифу беморанд ва ҳатто бармаҳал мемиранд. Ин суханон ба мо низ дахл дошта метавонанд, ғайр аз ин, навишта шудааст, ки *бисёриҳо* азоб мекашанд. Оё ин аз он чизе, ки шумо аллакай дар бораи калисо ҳамчун Бадани Масеҳ медонед, фарқ мекунад? Барои чӣ зарур аст, ки ҳамаи имондорон имрӯз инро фаҳманд?
2. Бисёр одамон дар бадани Масеҳ аз сабаби гуноҳи маълум дар калисо қобилияти дастрас кардани потенсиали худро надоранд, вале ин на сабаби ягонаест, ки ба туфайли он масеҳиён бемор мешаванд ва бармаҳал мемиранд. Барои чӣ донистани ин фарқият ин қадар зарур аст? Боз кадом сабабҳои азоб дар даруни калисо мавҷуданд?
3. Ба одамон дар дунё тарзи тафаккури индивидуалӣ хос аст, валекин мо мебинем, ки да натиҷаи гуноҳи Оҳон бар зидди Худо

тамоми Исроил зарар дид, чунки онҳо як Бадан буданд. Чӣ гуна ин ҳақиқат нигоҳи шуморо нисбат ба нақши шумо дар дохили Бадани Масеҳ дигаргун месозад?

4. Криптонити рӯҳонӣ ин гуноҳи маълум мебошад. Оҳон медонист, ки аз ғанимат чизеро гирифтан мумкин нест, ва қӯринтиён медонистанд, ки майпарастӣ, шикампарастӣ ва худпарастӣ дар вақти маросими таоми шом гуноҳи вазнин аст. дар ҳар ду ҳолат одамони беайб, ки ягон кори баде накарда буданд, зарар дидан, ҳатто баъзеҳо мурданд. Шумо чӣ фикр доред, барои чӣ Худо нисбат ба гуноҳе, ки дар Бадани Ӯ содир мегардад, ин қадар ҷиддӣ муносибат мекунад? Шумо чӣ фикр доред, барои чӣ ӯ мехоҳад, ки мо на фақат ҳар як имондори алоҳидаро, балки тамоми Баданро бо пуррагӣ зиёд қадр кунем?

## Дарси 3. Криптонит

*Мавзӯҳои бобҳои 8-10 –ро равшан месозад*

1. Шумо ҳолатеро монанд ба саргузашти Ҷастин ва Анжела тасаввур карда метавонед? Албатта не. Валекин дар он, ба муносибати баъзе масеҳиён оид ба аҳде, ки бо Худо доранд, нигоҳ карда, чӣ гуна шабоҳатеро мебинед? Шумо ба шахсе, ки ба шавҳар/ ҳамсари худ чунин муносибат мекунад, чӣ гуфта метавонистед? Шумо ба шахсе, ки ба Худо чунин муносибат дорад, чӣ гуфта метавонистед?
2. Гуноҳи маълум ин криптонити рӯҳонӣ мебошад, криптонити рӯҳонӣ бошад, ин бутпарастӣ аст. Шумо чунин фикрро, ки бисёр аъзоёни калисо ба бутҳо саҷда мекунанд, чӣ хел мефаҳмед? Бутпарастӣ дар кишваре, ки ба муҷассамаҳо ва санамҳо саҷда намекунанд, чӣ гуна ба назар мерасад?
3. Бутпарастӣ дар бисёр калисоҳо мавзӯи на аз ҳама машҳури мавъизаҳо мебошад. Аз он чизҳое, ки аз ин дарси оид ба бутпарастӣ омӯхтед, шуморо чӣ аз ҳама бештар ҳайрон кард? Шумо чӣ фикр доред, барои чӣ ин шуморо аз ҳама бештар ҳайрон кард?
4. Дар саросари Китоби Муқаддас Худо бутпарастиро ба зинокорӣ

баробар мекунад. Бо суханони худ фаҳмонед, ки ба назари шумо барои чӣ Худо ин тавр мекунад? Мо аз ин ҷо дар бораи муносибатҳое, ки Ӯ худ пешниҳод мекунад, чиро фаҳмида метавонем?

5. Бутпарастӣ аз саҷда кардан ба махлуқ сар мешавад, на ба Холиқ. Худо ба ин рафтор чӣ гуна муносибат мекунад? Барои чӣ Худо аз онҳое, ки Ӯро интихоб намекунанд, ҷудо мешавад? Шумо чӣ фикр доред, барои чӣ тағофул ба ҳамҷинсгароӣ нишонаи хоси майл кардани ҷамъият ба бутпарастӣ аст?
6. Агар мо бутпарастиро эътироф карданӣ бошем, бояд моҳияти аслии парастишро бифаҳмем. Парастиши ҳақиқӣ ин итоат ба фармудаҳои Худо мебошад, на сароидани суруди пурэҳсос. Чӣ тавр дарки парастиш тарзи тафаккури шуморо оид ба масеҳият дигаргун месозад? Оё шумо касеро мешиносед, ки доир ба парастиши Худо ибрати олӣ нишон медиҳад?

## Дарси 4. Бутпарастии муосир

*Мавзӯъҳои бобҳои 11-14 –ро равшан месозад*

1. Саргузашти беитоатии Шоул, вақте ки чанде аз асирони амолеқиро зинда гузошт, решаи бутпарастиро дар калисо ба мо нишон медиҳад. Аз кадом ҷиҳат тамаъкории Шоул ба бутпарастӣ баробар аст?
2. Самуил ба Шоул гуфт, ки саркашӣ ин айни ҳамон бутпарастӣ аст. Ин тавр мо ба он чизе мечаспем, ки онро аз иҷро кардани иродаи Худо бештар хоҳонем.Чуноне ки аз саргузашти Шоул мебинем, ин дар ҳаёти ӯ ба гуноҳи боз ҳам калонтар роҳ кушод. Дар ин ҷо бутпарастӣ дар чӣ ифода меёбад?
3. Тамаъкорӣ ин гуноҳест, ки моро ба бутпарастӣ мебарад, зиёда аз ин он худ бутпарастӣ аст. Агар шумо ба мақсадҳо, афзалиятҳо ва одатҳои худ назар кунед, чӣ аз ҳама пурзӯртар менамояд: тамаъкорӣ ё қаноатмандӣ? Шумо чӣ тавр дар ҳаёти худ бештар барои бо қаноатмандӣ зиндагӣ кардан саъй карда метавонед?
4. Қаноатмандӣ дар ҳаёт ба ҳар як масеҳӣ зарур аст, бо вуҷуди ин мо онро набояд бо худписандӣ аралаш кунем. Бо суханони

худ шарҳ диҳед, фарқи онҳо дар чист? Чӣ тавр шумо одами қаноатманд, вале худписандро баҳогузорӣ карда метавонед?

5. Боз як эъзоҳи муҳиме мавҷуд аст, ки дар хотир доштан зарур аст: бутпарастӣ ин на он аст, ки одам гуноҳ мекунад, балки худро ба гуноҳ месупорад. Алоқамандона ба он ки аз ин дарсҳо ёд гирифтед, чӣ тавр шумо фарқи байни ин ду ҳолатро тавзеҳ карда метавонед?
6. Агар мо фаҳмидан хоҳем, ки гуноҳи дидаю дониста ин криптонит аст, ҳамчунин мо бояд фаҳмем, ки Худо ба мо комилан ҳаёти навро бо табиати нав, яъне табиати Ӯ пешниҳод мекунад. Шумо оё дарк карда истодаед, ки майл на ба гуноҳ, балки ба қудсият доштан мумкин аст? Шумо чӣ гуна эҳсос мекунед, ки чунин дигаргуншавӣ имконпазир аст ва ҳатто дар ҳаёти мо барои он интизорӣ меравад?

## Дарси 5. Исои қалбакӣ

*Мавзӯъҳои бобҳои 15-18 –ро равшан месозад*

1. Худо шуморо, бо мақсади он ки ба назди Худ биёрад, наҷот дод. Ӯ мехоҳад бо шумо муносибати наздик доша бошад. Барои ин шуморо лозим аст, ки аз ҳамаи хоҳишҳои дунявӣ тоза шавед, чунки Ӯ бо шумо муносибатҳои ҳақиқӣ доштан мехоҳад. Ин чӣ маъно дорад? Чӣ тавр фаҳмида метавонед, ки шумо онро доред?
2. Маҳзунии Худоро ба худ тасаввур кунед, агар одамоне, ки Худо онҳоро барои ба назди Худ овардан иштиёқманд буд, ба назди Ӯ омаданро рад кунанд, ҳатто ки агар эътироф кардаанд, ки Ӯ онҳоро наҷот додааст. Шумо худро чӣ хел ҳис мекардед, агар шахсе, ки бо вай шумо аҳди никоҳ бастаед, дар як ҳуҷра бо шумо буданро рад кунад? Агар вай бо шумо бо телефон гап задан нахоҳад-чӣ? Агар вай бо шумо танҳо бо ёрии миёнрав сӯҳбат кардан хоҳад-чӣ? Дар ниҳояти кор муносибатҳои шумо бо ӯ чӣ гуна шуда метавонад?
3. Ҳорун дар ӯрдугоҳ монд, бинобар ин мо тахмин карда метавонем, ки дар он ҷо бо одамон истодан барои вай бароҳаттар буд, назар ба он ки дар ҳузури Худо дар болои кӯҳ

бошад. Вақте ки шумо ҳузури Худоро эҳсос мекунед, ба он чӣ гуна муносибат мекунед?

4. Исроил саркоҳин дошт, ӯ эълон кард, ки Яҳве онҳоро аз Миср баровардааст, ва ба Яҳве ибодат карда ва қурбониҳои сӯхтанӣ баровард, вале ҳамаи ин вақт вай ба қавм гӯсолаи тиллоиро нишон дод, то хоҳиши онҳоро қонеъ гардонад. Агар Исроил ба чунин қабоҳат роҳ дода бошад, яъне номи Худоро хонда, вале дар баробари ин парастиши бардурӯғ, зиштро ба ҷо оварда бошад, оё мо низ дар калисо айни ҳамон корро карда наметавонем? Дар он сурат ибодати мо чӣ гуна ба назар мерасад?
5. Исроил баъзе аз фармудаҳои Худоро иҷро кард, лекин дигаронашро сарфи назар намуд. Калисоҳо низ дар тамоми ҷаҳон, оятҳои ба худашон маъқулро гирифта, вале он оятҳоеро, ки ба қудисят ва сарсупурдагии комил ба Худо даъват мекунанд, аз эътибор соқит карда, айни ҳамин корро мекунанд. Чӣ тавр induced дониста метавонем, ки мо Исои ҳақиқиро парастиш мекунем, ё Исои қалбакиро?

## Дарси 6. Нуқтаи ҳаракат кардан

*Мавзӯъҳои бобҳои 19-21 –ро равшан месозад*

Бо кадом тарз дар Исроил Яҳвеи сохта пайдо шуд, ва чӣ тавр имрӯз дар калисо Исои қалбакӣ зоҳир шуд? Ҳар ду натиҷаи сахтдилӣ мебошад, ки аз сабаби набудани тавбаи ҳаққонӣ ба вуҷуд омадааст.

1. Ин дарс мавзӯи тавба, зарурияти он, нақши он дар Инҷил ва моҳияти онро баррасӣ мекунад. Шабоҳат ё фарқи тарзи тавбаи пештараи шумо дар чист? Оё он тасаввуроти шуморо дар бораи Инҷил иваз намекунад? Агар ҳа, пас чӣ гуна?
2. Ҳар як Инҷил аз саргузашти Яҳёи таъмиддиҳанда, ки дар бораи гуноҳ мавъиза мекард, сар мешавад. Ин маънои онро дорад, ки Инҷили Исо ҳамеша аз тавба сар мешавад. Шумо дар ин бора чӣ фикр доред? Барои чӣ тавба барои Инҷил ин қадар зарур аст?
3. Бе тавба кардан аз гуноҳ имони ҳақиқӣ ба Масеҳ мавҷуд

намебошад. Агар мо ба гуноҳ часпида, худро масеҳӣ ном гирем, пас, мо худамонро фиреб мекунем. Чӣ фикр доред, барои чӣ Худо ба ба ҳаёти мо диққати ҷиддӣ медиҳад?

4. Саргузашти Ҷастин ва Анжеларо дар бораи он, ки Анжела ба шавҳар баромада истода, ҳатто гумон намекард, ки вай бояд бо ошиқони пештараи худ муносибатҳои худро қатъ гардонад, дар ёд доред? Агар мо ба ин одамон, ки Исоро намедонанд, дар бораи тавба нагӯем, онҳо чӣ тавр донista метавонанд, ки бояд тавба кунанд? Бо мо чӣ ҳодиса рӯй дода метавонад, агар мо ба одамон гӯем, ки онҳо бояд гуноҳ карданро бас кунанд? Барои чӣ бояд дар хотир дошт, ки башоратдиҳӣ аз мо супоридани нархро талаб мекунад?
5. Моро амалҳои мо муаайян мекунанд, на ниятҳои мо. Ин қудрати Инҷилро намоён мекунад, ки қодир аст моро пурра дигар кунад. Чӣ тавр инро нишон медиҳад, ки тавба ин ягон чизи мусбӣ ё хуб аст? Бо суханони худ фаҳмонед, ки чӣ тавр тавба карданро талаб намудани Худо ин раҳмати Ӯ ба мо буда метавонад?

## Дарси 7. Ростӣ, таҳаммул ва муҳаббат

*Мавзӯҳои бобҳои 22-24-ро равшан мекунад*

1. Яҳудо дар бораи мӯъҷизаи наҷоти мо, оид ба зебоиҳои ҳаёт навиштан хост, вале маҷбур буд шунавандагони худро огоҳ кунад, ки одамоне ҳастанд, ки файзи Худоро ба рухсатномае барои гуноҳ табдил додаанд. Оё шумо дар ҳаёт ба худ раво донистаед, ки суханони огоҳкунандаи Худоро аз эътибор соқит карда, танҳо суханони дилхушкунанда гӯед? Барои чӣ онҳоро дар хотир нигоҳ доштан ва гуфтан дар бораи онҳо ин қадар зарур аст?
2. Сабаби ба гуноҳ таҳаммулпазир гардидани калисо аз он иборат аст, ки мо барои худ тасаввуроти нодурустро оид ба муҳаббати ҳақиқӣ фикр карда баромадаем. Муҳаббати ҳақиқӣ ростиро талаб мекунад, ростӣ бошад аз нуқтаи назари абадият нишон дода шудааст. Чӣ тавр нуқтаи назари абадият тасаввуроти шуморо оид ба чизҳои дар ҳаёт муҳим иваз месозад?
3. Муҳаббат ба Худо итоаткорӣ ба фармудаҳои Худоро мефаҳмонад.

Маҳз ана ҳамин фаҳмиш муҳаббати масеҳиро аз муҳаббати дунявӣ фарқ мекунонад. Фармудаҳои Худоро ба назар нагирифта, шумо фарқи муҳаббати Худо ва муҳаббати дунявиро чӣ тавр тасвир мекунед?

4. Муҳаббат бе ростии Худо муҳаббати ҳақиқӣ намебошад, он қалбакӣ аст. Маданияти мо аз ин муҳаббат дур шуда истодааст, маҳз аз ҳамин сабаб калисо ба Исои қалбакӣ таъзим мекунад. Шумо дар бораи ростиро бо муҳаббат гуфтан чиро эҳсос мекунед? Шумо чӣ фикр доред? Барои чӣ бисёр одамон дар ростӣ худро нороҳат ҳис мекунанд?

## Дарси 8. Маҳв намудани криптонит

*Мавзӯъҳои бобҳои 25-28-ро равшан месозад*

1. Баъзе имондорон ба гуноҳ таҳаммулкорона муносибат мекунанд, зеро намедонанд, ки гуноҳи онҳо қалби Худоро маҷрӯҳ мекунад. Дигар масеҳиён ба чунин дурӯғ бовар мекунанд, ки мо аз рӯи табиатамон гуноҳкор мебошем, ва хуни Масеҳ ба таври кофӣ қудрат дорад, ки моро аз ҷазо барои гуноҳ озод кунад, вале аз занҷири гуноҳ озод карда наметавонад. Чӣ гуна ин гуна ақидаҳо ба ҳаёти шумо таъсир расониданд? Таъсири онҳоро ба ҳаёти одамони дигар, ки худро масеҳӣ меноманд, дар чӣ мебинед?
2. Гурӯҳи сеюми имондорон ин масеҳиёни самимӣ мебошанд, ки гуноҳои содиршавандаро дарк мекунанд, вале ин барои онҳо муборизаи доимӣ мебошад. Онҳо озод шудан мехоҳанд, вале то ҳол аз Каломи Худо қувватро барои аз гуноҳ зиндагӣ карданро пайдо накардаанд. Шарм аз гуноҳашон онҳоро дар банди гуноҳ нигоҳ медорад. Кадом ҳақиқатро аз ин дарс шумо бо имондороне, ки дар ин гуна ҳолат қарор доранд, тақсим кардан мехоҳед?
3. Дар ин дарс ман шаҳодати худро дар бораи он ки чӣ тавр Худо маро аз ҳаваси ҷисм ва порнография озод кард, нақл мекунам. Чӣ аз ҳама бештар шуморо дар ин шаҳодат рӯҳбаланд кард? Барои чӣ? Чӣ бештар аз ҳама ба шумо таъсир кард? Барои чӣ?
4. Ғами Худо озодиро аз гуноҳ ба вуҷуд меорад, на ғами дунявӣ. Ғами Худо эътироф мекунад, ки гуноҳи мо ба Худо дард меорад,

дар ҳоле ки ғами дунявӣ танҳо дар бораи он ташвиш мекашад, ки гуноҳи мо чӣ гуна ба мо ва ояндаи мо таъсир мерасонад. Шумо чӣ фикр доред, Барои чӣ Худо барои озод шудан файз мебахшад, фақат агар мо ғами Худоро дошта бошем, на ғами дунявиро? Чӣ тавр шумо фарқияти ин ду намуди ғамро дар ҳаётатон шарҳ медиҳед?

5. Бисёр қиссаҳо дар бораи суперқаҳрамонҳо тахайюлоти моро ба худ ҷалб мекунанд, чунки онҳо хоҳишҳои ниҳонии қалби ҳар як одамро ифода менамоянд. Имондорони аввалин қаҳрамонони замони худ буданд. Чӣ тавр мо қаҳрамонони замони худ шуда метавонем? Ин чӣ тавр тасаввуроти дунёро дар бораи Худо дигар карда метавонад?
6. Худо марди ҷангӣ аст, ва мо барои ба Ӯ монанд шудан офарида шудаем. Исо дар китоби Ваҳй ҳафт калисоро ба ғолиб будан даъват кард, ва ин маъно дорад, ки мо бояд ғолиб бошем. Акнун мавзӯи тамоми китобро тасаввур кунед ва ҷавоб диҳед, ки чӣ тавр он тасаввуроти шуморо оид ба он ки Худо шуморо ба ғалаба кардан даъват кардааст, дигар намуд? Чӣ тавр нигоҳи шумо ба худатон, ба имондорон ва ба калисо дар пуррагӣ дигар шуд?

# ЗАМИМА

## НАҶОТ БАРОИ ҲАМА ДАСТРАС АСТ

*“Зеро агар бо даҳони худ эътироф кунӣ, ки Исо Худованд аст, ва бо дили худ имон оварӣ, ки Худо Ӯро аз мурдагон эҳё кард, наҷот хоҳӣ ёфт. Чунки одам бо дили худ имон меоварад, ки ин барои адолати ӯст, ва бо даҳони худ эътироф мекунад, ки ин барои наҷоти ӯст”*

Румиён 10:9, 10

Худо мехоҳад, ки дар ҳаёти шумо муваффақияти абадӣ бинад. Ӯ шуморо дӯст медорад ва барои ҳаёти шумо нақша дорад. Вале танҳо як усули интихоби роҳ ба сӯи тақдири худ мавҷуд аст ва ин роҳ қабул кардани наҷот ба воситаи Исои Масеҳ, Писари Худо мебошад.

Ба воситаи марг ва эҳёи Исои Масеҳ Худо барои шумо, писар ё духтари маҳбуби Худ, ба Подшоҳии Худ роҳ муҳайё кард. Ба туфайли қурбонии Масеҳ дар салиб ба шумо ҳаёти абадии фаровон дастрас аст. Наҷот барои шумо тӯҳфаи Худост, онро кор карда гирифтан ё ба он сазовор шудан ғайриимкон аст.

Барои соҳиб шудан ба ин тӯҳфаи пурқиммат ба гуноҳи худ иқрор шудан лозим аст, ки шумо новобаста аз Офаридгори ҳаёти худ зиндагӣ кардед (чунки ин решаи ҳамаи гуноҳҳое мебошад, ки ким-кай содир

намудаед). Тавба қисми муҳими қабул кардани наҷот мебошад. Чуноне ки дар китоби Аъмол баён карда шудааст, ҳамон рӯз, ки панҷ ҳазор кас наҷот ёфтанд, Петрус дар ин бора равшан гуфтааст: “Пас, тавба кунед ва руҷӯъ намоед, то ки гуноҳҳои шумо маҳв гардад” (Аъмол 3:19). Навиштаҷот мегӯяд, ки ҳар яке аз мо чун бандаи гуноҳ таваллуд шудаем. Решаи ин бандагӣ дар гуноҳи Одам мебошад , ки ба худхоҳӣ ва беитоатӣ оварда расондааст. Тавба ин интихоб аст ва он маънои онро дорад, ки шумо ба худ ва ба шайтон, падари дурӯғ, тобеъ буданро бас мекунед, ва аз ҳамон лаҳза сар карда, ба Хӯҷаини нави худ, Исои Масеҳ, ки Худашро бароятон фидо кардааст, итоат менамоед.

Шумо бояд худро ба Масеҳ тобеъ созед, Ӯро Ҳокими худ эълон кунед, зиндагии худатонро (рӯҳ, ҷон ва ҷисми худро ба Ӯ тобеъ кунед) ва ҳар он чизе ки доред, ба ҳукми Ӯ супоред. Қудрати Ӯ бар ҳаёти шумо комил мегардад. Ҳамон лаҳза, ки тавба мекунед, Худо шуморо аз зулмат озод мекунад ва ба нур ва ҷалоли Подшоҳии Худ мебарад. Шумо аз марг ба ҳаёт мегузаред ва фарзанди Худо мегардед!

Агар шумо хоҳед, ки ба воситаи Исо наҷотро қабул кунед, бо ин суханон дуо кунед:

*Падари осмонӣ, ман эътироф мекунам, ки гуноҳкор ҳастам ва мутобиқ ба стандартҳои адолати Ту зиндагӣ карда наметавонам. Ман барои гуноҳҳои худ ба ҷазои абадӣ сазовор мебошам. Раҳмат, ки Ту маро дар ин ҳолат намегузорӣ, чунки ман бовар дорам, ки Ту Исои Масеҳ, Писари ягонаи Худро, ки аз Марями бокира таваллуд шудааст, фиристодӣ, то ки барои ман қурбон шуда, ҷазои маро дар салиб ба Худ гирад. Ман бовар дорам, ки рӯзи сеюм Ӯ эҳё шуд ва акнун дар дасти рости Падар нишастааст. Ӯ Худованд ва Наҷотбахши ман аст. Ман имрӯз барои худсариам тавба мекунам ва ҳаётамро пурра ба Исои Масеҳ мебахшам.*

*Исо, ман Туро ҳамчун Худованд ва Наҷотбахши худ эътироф мекунам. Ба ҳаёти ман бо Рӯҳи Худ дохил шав ва маро дигар кун, ва фарзанди Худ гардон. Ман аз зулмат, ки то ин лаҳза банда он будам, рӯ мегардонам, ва аз ҳамин вақт сар карда, дигар барои худам зиндагӣ намекунам, балки бо файзи Ту барои Ту зиндагӣ мекунам, чунки Ту Худро барои ман қурбон*

*кардӣ, то ки ман абадан зиндагӣ кунам. Раҳмат ба Ту, Худованд. Акнун ҳаёти ман дар дасти Туст,ва, чуноне ки дар Каломи Ту гуфта шудааст, ман хиҷил нахоҳам шуд.*

Ба оилаи Худо Хуш омадед! Шуморо даъват мекунам, ки он чиро ки бо шумо айни ҳозир рӯй дод, ба имондорони дигар нақл кунед. Зарур аст, ки ба ягон калисои маҳаллӣ, ки ба Китоби Муқаддас бовар дорад, ташриф биёред ва бо имондороне, ки шуморо дар имон рӯҳбаланд карда метавонанд, сӯҳбат кунед.

Шумо саёҳати аз ҳама аҷиберо сар кардед. Бигзор Худо шуморо баракат диҳад, то ки шумо ҳар рӯз дар шинохтани Ӯ, дар файз ва дӯстӣ бо Ӯ ба камол расед!



“Мессенҷер Интренэшнл”- ба хотири кӯмак кардан ба одамон, оилаҳо, калисоҳо ва миллатҳо ва зиндагони кардани онҳо бо қуввати тағир диҳандаи Каломи Худо фаъолият мекунад.

Ин тағиротҳо ба он меовард, ки ҳаёти одамон бо қувват пур мешавад, ҷамъият дигаргун мегардад ва ба беадолатии ин ҷаҳон ҷавоби пурсадо дода мешавад.

**Cloud Library** ин саҳнаи онлайн мебошад, ки дар он ҷо, хизматгузорон аз тамоми ҷаҳон ба маводҳои электроникӣ ройгон ва ба забони худ дастарси пайдо карда метавонанд.

Дар саҳифаи **CloudLibrary.org** шумо маводҳои Ҷон ва Лиза Биверро ба зиёда аз 80 забони дунё озодона дастрас карда метавонед.

**Ин китобҳо тасвири (видео) ва савти (аудио) ва Китоби Муқаддас мебошад....**

**Бисёртар мехоҳед? Дар инҷо скан кунед:**

CLOUD LIBRARY




***Ҳаёте, ки имрӯз ва дар тамоми абадият аҳамият дорад***

Рӯзе мерасад, ки шумо дар назди Худо истода, барои ҳаёти худ ба Ӯ ҳисобот медиҳед. Аз ҳама саволи муҳимтарине, ки ҳоло ба худ дода метавонед, ин аст: “Оё ман тайёр ҳастам?”
Худо мехоҳад, ки шумо даъвати худро донед, Ӯ намехоҳад, ки шумо дар нодонӣ бимонед, зиёдтар аз ин, Ӯ мехоҳад, ки шумо, ҳадафи зиндагии худро дар замин дарк карда, мақсад ва моҳияти ҳаёти худро пайдо кунед. Баъд аз нафаси вопасин на танҳо ба манзили мақсуд мерасед, балки ба абадият дохил мешавед, кӯшиш кунед, ки дер нашавад. Рисолатеро, ки Худо барои шумо муқаррар кардааст, бифаҳмед, то ки ҳаёт дар рӯи замин ва дар абадият аҳамияти бузург дошта бошад.

Маводҳои дигари Ҷон ва Лиза Бивер ба забони тоҷикӣ барои шумо дар ин сайт дастрас мебошанд:

CloudLibrary.org

Маводҳои иловагӣ ба забонҳои бисёр барои дидан ва сабт кардан дар сайтҳои Youtube.com, Yuku.com дастрас мебошанд.

**ҲАМЧУН СУПЕРМЕН**, ки барои бартараф кардани монеаҳо ва нобуд кардани ҳама гуна душман қодир аст, пайравони Масеҳ дорои қобилиятҳои фавқуттабиие мебошанд, ки ба воситаи он ҳар гуна душвориҳоро паси сар карда метавонанд.

Бешубҳа, Супермен ва криптонит – инҳо самараи тахайюлот мебошанд. Вале криптонити рӯҳонӣ ҳақиқатан ҳам вуҷуд дорад. Дар ин китоб шумо ба чунин савол ҷавоб пайдо мекунед, ки чаро бисёриҳо аз қувваи илоҳӣ, ки масеҳиёни қарни якумро, бешубҳа, фаро гирифта буд, бенасибанд.

Дар китоби “Маҳв кардани криптонит” Ҷон Бивер дар бораи он нақл мекунад, ки криптонити рӯҳонӣ чӣ аст, то кадом андоза он ба ҷамъияти мо хатарнок мебошад ва чӣ тавр аз асорати он халос шудан мумкин аст.



Ҷон Бивер ва ҳамсари ӯ Лиза асосгузорони хидматгузории “Мессеннҷер Интернешнл” мебошанд. Ходими Худо ва муаллифи шоҳасарҳо Ҷон ҳақиқати бесозишро бо ҷасорат ва иштиёқ мавъиза мекунад. Ӯ шавқи зиёд дорад, ки калисоҳои маҳаллиро дастгирӣ кунад ва ба роҳбарон новобаста ба мавқеи ҷуғрофӣ, забон ва аҳволи молиявӣ кӯмак намояд. Дар айни вақт асарҳои ӯ ба зиёда аз 100 забонҳои дунё тарҷума карда шудаанд, миллионҳо нусха дар байни шубонҳо ва хидматгузорони бисёр кишварҳо паҳн карда шудаанд.

Ин ва дигар маводҳоро дар сайти зерин сабт кунед:
**CloudLibrary.org**

MESSENGER INTERNATIONAL
MessengerInternational.org

Ин китоб аз ҷониби муаллиф тӯҳфа аст.
Барои фурӯш пешбинӣ нашудааст.

Бештар мехоҳед?
Сканироват кунед